пешбинишударо қабул намуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро татбиқ менамояд, ки дар доираи он ба муносибатҳои ба вуқӯъомада таъсир расонида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад [7]. Гуфтаҳои мазкур ба мо имкон медиҳанд, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда хусусиятҳои хоси ҳокимияти судиро ошкор намуда, ба таври зерин гурӯҳбандӣ намоем:

Аввало, тибқи Қонуни конституционӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба суд дар симои судяҳо ва машваратчиёни халқӣ, ки дар ҳолати муқарраркардаи қонун барои ба амал баровардани адолати судӣ ҷалб шудаанд, тааллуқ дорад. Ягон мақомоти дигар ва ё шахсон ҳуқуқи ба зиммаи худ гирифтани адолати судиро надоранд. Ин ишора ба он менамояд, ки ба амал бароварда шудани адолати судӣ яке аз ваколатҳои асосии суд буда, ба зиммаи мақомот ва ё шахсони дигари алоҳида вогузор шудани он ғайриимкон аст.

Сониян, адолати судӣ танҳо тавассути суди дорои ҳокимияти мустақили судибуда ба амал бароварда мешавад. Адолати судӣ бо роҳи баррасии парвандаҳои конституционӣ, граждани, оилавӣ, ҷиноятӣ, иқтисодӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ба амал бароварда мешавад. Аз ин ҷо, қайд кардан ҷоиз аст, ки ба амал бароварда шудани адолати судӣ танҳо яке аз ваколати судӣ ба шумор рафта, ҳаммаъно эътироф гардидани он бо мафҳуми ҳокимияти судӣ дуруст нест [8, с. 47-49]. Зеро мафҳуми ҳокимияти судӣ нисбат ба мафҳуми адолати судӣ васеътар буда, дар ҳамон як вақт фарогирандаи мафҳуми адолати судӣ ба шумор меравад. Адолати судӣ бошад мафҳуми нисбатан маҳдудтар буда, яке аз зуҳуроти ба амал баровардани ҳокимияти судӣ мебошад.

Азбаски суд баёнгари ҳокимияти судӣ мебошад, аз ин рӯ, ваколатҳои он танҳо бо ба амал бароварда шудани адолати судӣ хотима намеёбад. Суд инчунин аз нуқтаи назари мурофиавӣ ваколати таъмини иҷро намудани санадҳои судӣ (ҳукм, ҳалнома, таъинот, қарор, фармон)-ро низ дорад [9, с. 25-26]. Судҳои зинаи болоӣ - Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ оид ба масъалаҳои амалияи судӣ дар доираи салоҳияти худ тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд.

Давлат ба сохтори ҷамъиятӣ одатан бо сиёсати худ таъсир мерасонад, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт дар фаъолияти мақсаднок ва ташкилии мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва шахсони мансабдори давлатӣ ифода меёбад, ки ин самти фаъолият пеш аз ҳама бо талаботи худи ҷамъият муайян карда мешавад. Масалан, бо паёми ҳарсолаи президент ҳамчун сардори давлат муайян карда шудани самти фаъолияти давлат дар як ё якчанд соли наздиктарин. Аз ин ҷо, шакли сохтори ҷамъиятӣ аксар вақт аз тарафи давлат, бо омилҳои субъективӣ муайян карда мешавад. Масалан, дар асоси конституцияи аксари давлатҳои ҷаҳонӣ ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ эълон шудани онҳо. Чӣ хеле ки олими немис Хессе К. қайд мекунад, дар шароити ҳозира нисбати дуализм (муқобилгузорӣ) ягон ҷой боқӣ намондааст. Зеро асоси онро муқобилгузории ҷомеа ва давлат ташкил медиҳад, ки ин барои афкори сиёсии либералии то давраҳои ба охир расидани ҷанги якуми ҷаҳон арзи ҳастинамуда, хос буд. Ҳаёти ҷамъиятӣ, - қайд мекунад Хессе К., - бе офариниши пурмасъули давлатӣ ҷой дошта наметавонад. Баръакс, давлати демократӣ танҳо дар ҳамкории ҷамъиятӣ вуҷуд дораду халос. Аз ин рӯ, ҳаёти ҷамъиятӣ дар раванди ба вуҷуд овардани вахдати сиёсӣ дар ин ё он дараҷа дар ҳамкории зич бо ҳаёти давлатӣ қарор дорад [10]. Ин маънои онро дорад, ки судяҳо ҳамчун баёнгари ҳокимияти судӣ дорои ваколати ҳокимиятӣ буда, дар доираи салоҳияти худ санадҳои татбиқи ҳуқуқиро қабул менамоянд, ки мутобиқи Қонуни конституционӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъинотҳо ва қарорҳои қабулкардаи судҳо, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, барои иҷро ҳатмӣ мебошанд. Ин талаботи қонун дар қонунгузории мурофиавӣ вобаста ба амалиёти мушаххаси суд ва дар вазъияти мушаххас саҳеҳ нишон дода шудааст. Дар сурати иҷро накардани санадҳои зикргардидаи суд, судя нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда чораҳои маҷбуркунии давлатиро татбиқ менамояд. Масалан, мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва граждани, ҳангоми бе сабабҳои узрнок ба суд ҳозир нашудани шоҳид, суд нисбати ин шоҳид чораи маҷбуран ба суд оварданро татбиқ мекунад.

Мутобиқ ба гуфтаҳои боло, яке аз хусусиятҳое, ки танҳо ба ҳокимияти судӣ хос аст, шакли мурофиавии иҷро намудани ваколати он мебошад. Масалан, судя, суд танҳо пас аз

баровардани қарор (таъинот) дар бораи ба суд додани айбдоршаванда ҳуқуқи дар мурофиаи судӣ баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятиро пайдо мекунад. Суд, судя ҳуқуқи вайрон кардани ин тартиби дар қонунгузории мурофиавии ҷиноӣ муайяншударо надорад. Дар ҳолати аз тарафи суд, судя вайрон кардани ин тартиби мурофиавӣ қарорҳои минбаъд қабулкардаи онҳо асоси қонунӣ пайдо намекунанд ва суд ҳуқуқи иҷрои ваколатҳои худро надорад.

Қобили қайд аст, ки асосҳои сохтори конституцсионии ҷамъият ва давлат ҳамчун падидаи ҳуқуқию конституцсионӣ дар қонунгузории амалкунанда ба таври гуногун муқаррар ва танзим карда шудааст, ки аз рӯи он чанде аз давлатҳои дуру наздики хориҷӣ низ фасл ва боби алоҳидаи конституцсияи худро асосҳои сохтори конституцсионӣ номидаанд, ки дар он масъалаҳои гуногуни ба сохтори ҷамъият алоқамандбуда, мавриди танзим қарор дода шудааст. Масалан, Конституцсияи Федератсияи Россия [11]. Давлатҳои наве, ки баъди пош хӯрдани ИҶШС ташкил ёфтаанд, (ба монанди Чехия, Словакия, Полша, Украина, Молдова), аз асосҳои пешинаи давлатдории худ даст кашидаанд ва дар назди онҳо вазифаи умумии муайян намудани асосҳои нави сохтори конституцсионӣ ба вуҷуд омад. Дар ин фасли (дар назар дошта шудааст фасли алоҳидае, ки ба асосҳои сохти конституцсионӣ бахшида шудааст) конституцсияи онҳо шаклу мазмуни сохти давлатӣ ва ҷамъиятиашонро инъикос карданд, ки дар байни онҳо умумият нисбат ба хусусиятҳо зиёданд.

Оғози фаъолияти мақомоти судӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои аввали баъди инқилоб яъне ибтидои ҳокимияти шӯравӣ сарчашма мегирад. Он давраҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ вазъи сиёсию иқтисодӣ вазнин буд ва маҳз ин ҳолат пайдо шудани судҳоро тақозо менамуд. Аввалан судҳои қозигӣ пайдо шуданд, ки онҳо аз рӯи қоидаҳои шариатӣ амал намуда, ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳимоя менамуданд. Баъдан бо қарори махсуси ҳукумати ҶХШС Бухоро судҳои қозигӣ (шариатӣ) барҳам дода шуда, судҳои советии халқӣ таъсис гардид. Соли 1924 аз рӯи намунаи судҳои Россияи советӣ суди округи Бухорои шарқӣ барпо гардиданд, ки аввалин судҳои советӣ ба ҳисоб мерафт. Ин судҳо аз нахустин рӯзҳои таъсисёбиашон зери таваҷҷуҳи Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон қарор доштанд. 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии адлия таъсис дода шуд, ки он яке аз мақоми олии он замон ба шумор мерафт.

Дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон дар давоми солҳои 1925-1926 судҳои халқӣ, округӣ ва шуъбаи тоҷикистонии Суди Олӣ амал мекард. Соли 1927 Сарсуди ҶМШС Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ин низоми фаъолият то соли 1929 давом намуда, сентябри ҳамон сол Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ташкил ёфт.

Бояд қайд намуд, ки мақомоти судии кишвар дар тӯли солҳои зиёд рушду нумӯъ ёфта, чандин маротиба ба тағйиротҳои сохторӣ рӯ ба рӯ шудааст, аммо моҳият ва муҳтавои фаъолияташ, ки аз таъмини адолати судӣ, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа иборат буд, тағйирнопазир боқӣ мондааст. Аз ин ҷо, асосҳои сохтори конституцсионӣ дар як вақт узвҳои муҳимтарини таркиби ҷамъият ва давлат, алоқаи муайянкунандаи байни инсон, ҷамъият ва давлатро муқаррар ва муайян мекунад. Меъёрҳои конституцсионӣ-ҳуқуқӣ ба воситаи муайян кардани ин алоқамандӣ сифатҳои иҷтимоию сиёсии ҷамъият, асосҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиро танзим менамоянд, ки ин меъёрҳо падидаи мустақили конституцсионӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Мазмуни асосии боби алоҳидаи конституцсияҳое, ки ба асосҳои сохти конституцсионии давлат бахшида шудааст, давоми мантиқии ҳолатҳои матни муқаддимаи конституцсия мебошанд. Агар матни муқаддимаи конституцсия ба таври умумигардонидашуда арзишҳои муҳимтарини конституцсиониро эълон намояд, пас меъёрҳои конституцсионӣ-ҳуқуқии боби аввали он ин арзишҳоро ба қоидаҳои ҳатмии субъектони муносибатҳои конституцсионӣ-ҳуқуқӣ табдил медиҳад. Вобаста ба ин хусусияти дигаре, ки ба ҳокимияти судӣ хос аст, аз тарафи судҳо, судяҳо татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Ҳама паҳлуҳои фаъолияти судҳо мутобиқи талаботи Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешавад.

Тазаккур бояд дод, ки дар баробари ҳокимияти судӣ тартиби ташкили судҳо низ хусусияти ба худ хосро дорад, ки вобаста ба он судҳо аз рукнҳои дигари давлатӣ на танҳо бо ваколатҳои худ, инчунин бо тартиби ташкилёбии худ низ фарқ мекунанд. Аз ин ҷо, тибқи талаботи

моддаи 57 Конституцсия таъсиси судҳо ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон шомил карда шудааст.

Дар ҳар як шаҳру ноҳия судҳои шаҳр ва ноҳия ва дар шаҳри Душанбе Суди шаҳри Душанбе, дар вилоятҳо судҳои вилоятӣ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, Суди иқтисодии шаҳри Душанбе, судҳои ҳарбӣ, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ташкил шудаанд, ки ин судҳо бо тартиби муайянкардаи Конституцсия ва қонунҳои конституцсионӣ фаъолият мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки аксарияти меъёрҳои конституцсионӣ-ҳуқуқӣ хусусияти ҳуқуқтаъсис-кунӣ дорад. Хусусан меъёрҳои ба асосҳои сохтори конституцсионӣ бахшидашуда на танҳо дар қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ, инчунин дар меъёрҳои бобҳои дигари он низ ривоҷ меёбанд [12]. Бо ба инобат гирифтани ҳолати мазкур Имомов А.И. қайд мекунад, ки конституцсия ба сифати асосҳои сохтори конституцсионии ҷамъият ва давлат усулҳо ва заминаҳоеро муқаррар кардааст, ки онҳо таҳкурсии ҳуқуқии давлатҳоро муайян ва мустаҳкам менамоянд. Онҳо дар бораи моҳият, шакл, тартиб ва мақсаду вазифаҳои давлат маълумот медиҳанд. Баробари ин, дар меъёрҳои бобҳои алоҳидаи асосҳои сохтори конституцсиониро фарогиранда хусусиятҳои давлатҳои алоҳида ва баъзе аз асосҳои ҷамъият инъикос карда мешаванд [12, с. 70].

Яке аз хусусиятҳои муҳими асосҳои сохтори конституцсионии давлатҳо дар бекор нашаванда ва тағйирнопазирии онҳо зоҳир мегардад, ки кафолати конституцсионии ин ҳолат дар моддаҳои гуногуни худи конституцсия нишон дода мешавад, ки мувофиқи он шакли идоракунии давлатӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. Айнан ҳамин хусусиятҳои давлат қисми таркибии меъёрҳои асосҳои сохтори конституцсионӣ мебошад. Ғайр аз ин, дар боби алоҳидаи конституцсия асосҳои зерини сохтори конституцсионӣ: а) дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон; б) соҳибихтиёрии халқ; в) тақсимнашаванда ва дахлнопазирии марзи давлатӣ; г) дар асоси равияҳои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъият; д) таҷзияи ҳокимияти давлатӣ; е) эътибори олии ҳуқуқӣ ва мустақиман амал намудани конституцсия; ж) сиёсати сулҳҷӯёнаи хориҷии давлат ва гуногуншаклии моликият муқаррар карда шудааст.

Бо назардошти он, ки ҳокимияти судӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона карда шудааст, нисбати судяҳое, ки ба мансаби судягӣ пешбарӣ карда мешаванд, аз тарафи Конституцсия ва Қонуни конституцсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» як қатор талаботҳои тахассусӣ пешбинӣ карда шудаанд, ки ба ҷумлаи онҳо шомил мешаванд: доштани таҳсилоти олии ҳуқуқӣ, собиқаи муайяни касбӣ, синну соли муайян ва монанди инҳо. Дар баробари ин номзад ба мансаби судягӣ бояд аз нигоҳи маънавӣ пок буда, адолати судиро беғаразона ба амал барорад. Шахсоне, ки бори аввал ба мансаби судягӣ таъин шудаанд, дар ҷамъомади судяҳо, ба таври ботантана, дар назди Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунанд, ки моҳияти онро одилона анҷом додани адолати судӣ ташкил медиҳад. Ба истиснои ин ҳар як номзад ба мансаби судягӣ пеш аз шурӯъ кардан ба фаъолияти худ имтиҳони тахассусӣ месупорад, ки ин барои ошкор намудани мутобиқатии номзад ба мансаби ишғолмекардааш равона карда шудааст.

Имрӯз ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон дар асоси Конституцсия қисми таркибии хокимияти давлатӣ дониста шуда, дар қатори ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд. Ҳокимияти судӣ дар таносуби ба худ хос ва дар асоси қонунҳои ҷорӣ адолати судиро амалӣ намуда истода, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Тоҷикистон ҳифз менамояд. Аз ин ҷо, мутобиқи моддаи 84 Конституцсия ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, ҷиҳати асосие, ки амалишавии озодонаи адолати судиро таъмин менамояд, мустақилияти судҳо мебошад, ки мустақилияти онҳо аз тарафи Конституцсия ва қонунгузории амалкунанда, дар доираи манъ будани дахолат ба фаъолияти судӣ муқаррар карда шудааст. Бо

дарназардошти ин бо он розӣ шудан мумкин аст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конституцсионии инсон ва шаҳрванд, риояи қонун ва таъмини адолат вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад. Дар амалӣ намудани ин ҳадафҳои олӣ ва рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ низоми дақиқан муайяншудаи мустақил ва беғарази судӣ ҳамчун як шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим дорад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И.

СУДЕБНАЯ ВЛАСТЬ КАК ВЕТВЬ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ: ПОНЯТИЕ И ЕЕ СУЩНОСТЬ

Ключевые слова: власть; разделение властей; судебная власть; государственное управление; государственные органы; судебные органы; судебная справедливость.

Аннотация: Деятельность судебной власти в целях повышения эффективности защиты прав человека, доступа всех граждан к правовой справедливости, формирования соответствующей структуры органов судебной власти направлена на обеспечение соответствия судебной системы Республики Таджикистан стандартам правовой системы и обусловлена необходимостью ее соответствия международным правовым стандартам. Законодательные акты Республики Таджикистан, относящиеся к правовому регулированию судебной власти, создали основу для осуществления полномочий своей власти в рамках обеспечения конституционного строя страны, прав и свобод граждан и юридических лиц, законности в целях восстановления и защиты прав и законных интересов человека, гражданского общества.

Фаттоев Масрур Саймуродович - начальник сектора кадров и делопроизводства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: fattoev.masrur@mail.ru, Тел.: (+992) 935-00-60-02.

JUDICIAL POWER AS A BRANCH OF STATE POWER: THE CONCEPT AND ITS ESSENCE

Fattoev Masrur Saymurodovich - head of the personnel and records management sector of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: fattoev.masrur@mail.ru, Tel.: (+992) 935-00-60-02.

Keywords: power; separation of powers; judicial branch; public administration; state bodies; judicial authorities; judicial justice.

Annotation: The activities of the judiciary in order to improve the effectiveness of human rights protection, access of all citizens to legal justice, and the formation of an appropriate structure of judicial authorities are aimed at ensuring that the judicial system of the Republic of Tajikistan complies with the standards of the legal system and is conditioned by the need for its compliance with international legal standards. The legislative acts of the Republic of Tajikistan relating to the legal regulation of the judiciary have created the basis for the exercise of the powers of their authorities within the framework of ensuring the constitutional order of the country, the rights and freedoms of citizens and legal entities, the rule of law in order to restore and protect the rights and legitimate interests of a person, civil society.

Рӯйхати адабиёт:

1. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Ҳуқуқи конституцсионии России. – М.: Юристь, 2000. – С. 488.
2. Хартияи Аврупо дар бораи худидораи маҳаллӣ. - Страсбург, 15 октябри соли 1985, моддаи 3
3. Зокиров Н. Сиёсатшиносӣ. - Душанбе, 2011. – С. 112.
4. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон. – №16. 1990, мод. 236.
5. Лебедев В.М. Ҳокимияти судӣ дар Русияи муосир: мушкилоти ташаккул ва рушд. -Санкт-Петербург: Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург, «Ланӣ», 2001. - С.12.
6. Иванов В.Д. Дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва системаи судии Федератсияи Россия. - М.: ПЕШ, 1999. - С. 164.

7. Жилин Г.А. Суди марҳилаи якум дар мурофиаи гражданӣ. Дастури таълимӣ ва амалӣ. – М.: Юрайт-М, 2001. – С.14.
8. Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Органхои хифзи хукук. Китоби дарсӣ. – М., 1995. – С.47-49.
9. Гессе К. Асосҳои ҳуқуқи конституцсионии Олмон. - М., 1981. - С.25 – 26. Конституцсияи Федератсияи Россия. - М., 1998.
10. Имомов А.И. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Д., 2004. - С. 70.

Список литературы:

1. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России. – М.: Юристь, 2000. – С. 488.
2. Европейская Хартия о местной самоуправлении – Страсбург, 15 октябри соли 1985, моддаи 3.
3. Зокиров Н. Политология. - Душанбе, 2011. – С. 112.
4. Ведомости Верховного Совета ССР Таджикистана. – №16. 1990, ст. 236.
5. Лебедев В.М. Судебная власть в современной России: проблемы становления и развития. - СПб.: Санкт-Петербургский госуниверситет, «Ланы», 2001. - С. 12.
6. Иванов В.Д. и др. Правоохранительные органы и судебная система в РФ. - М.: ПРИОР, 1999. - С. 164.
7. Жилин Г.А. Суд первой инстанции в гражданском процессе. Учебно-практическое пособие. - М.: Юрайт-М, 2001. - С. 14.
8. Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Правоохранительные органы. Учебник. - М., 1995. - С. 47-49.
9. Хессе К. Основы конституционного права ФРГ. - М., 1981. - С. 25 – 26.
10. Имомов А.И. Конституционное право Республики Таджикистан. - Д., 2004. - С. 70.

List of literature:

1. Kozlova E.I., Kutafin O.E. Constitutional law of Russia. – M.: Yurist, 2000. – P. 488.
2. Charteri Avrupo dar borai khudidorai mahalli. – Strasbourg, 15 October 1985, moddai 3.
3. Zokirov N. Political science. - Dushanbe, 2011. – P. 112.
4. Gazette of the Supreme Soviet of the SSR of Tajikistan. – No. 16. 1990, Art. 236.
5. Lebedev V.M. Judicial power in modern Russia: problems of formation and development. - St. Petersburg: St. Petersburg State University, “Lany”, 2001. - P. 12.
6. Ivanov V.D. and others. Law enforcement agencies and the judicial system in the Russian Federation. - M.: PRIOR, 1999. - P. 164.
7. Zhilin G.A. Court of first instance in civil proceedings. Educational and practical manual. - M.: Yurayt-M, 2001. - P. 14.
8. Gutsenko K.F., Kovalev M.A. Law enforcement agencies. Textbook. - M., 1995. - P. 47-49.
9. Hesse K. Fundamentals of constitutional law of Germany. - M., 1981. - P. 25 – 26.
10. Imomov A.I. Constitutional law of the Republic of Tajikistan. - D., 2004. - P. 70.

12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)
12.00.02 – CONSTITUTIONAL LAW; CONSTITUTIONAL PROCESS; MUNICIPAL LAW (REPRESENTATIVE SYSTEM)

УДК: 342.553
Олимзода Давлатмурод Абдулхайр,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru
Тел.: (992) 939-37-77-72.

ШАКЛҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГИИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ

Калидвожаҳо: шаклҳо; фаъолият; ҳуқуқ; конституцсия; давлат; низом; шаҳрвандон; намояндагӣ; масъала; озодӣ; худидоракунии маҳаллӣ; ҷомеаи ҷаҳонӣ; замонӣ муосир; интихоби озод; маҳаллӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои шаклҳои фаъолияти намояндагии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таҳлил гардидааст. Чи тавре, ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Мавриди зикр аст, ки муҳимтарин ҳадафи демократияи мустақим ва худидораи маҳаллӣ рушди ҳокимияти халқ, густариши васеи иқдомоти шаҳрвандон, ба раванди идоракунии корҳои маҳаллӣ ҷалб намудани аҳолии маҳаллӣ мебошад.

Дигаргунсозиҳои демократии ҷомеаи муосир, созмон додани давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон ба такмили шаклҳои ҳокимияти халқӣ, рушд ёфтани воситаҳои иштироки халқ дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мусоидат намуданд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи шаклҳои гуногуни иштироки аҳолӣ дар низоми худидоракунии маҳаллӣ аҳамияти илмӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки муҳимтарин ҳадафи демократияи мустақим ва худидораи маҳаллӣ рушди ҳокимияти халқ, густариши васеи иқдомоти шаҳрвандон, ба раванди идоракунии корҳои маҳаллӣ ҷалб намудани аҳолии маҳаллӣ мебошад. Дар ҳаёт татбиқ намудани ин ҳадафҳо аксаран аз низоми худидораи маҳаллӣ, таъмини амалии иштироки доимии шаҳрвандон дар таҳия ва иҷрои қарорҳо вобаста аст. Ҳама гуна низоми идоракунӣ мавҷудияти якчанд ҷузъиёти муносибатҳои байни онҳоро пешбинӣ менамояд.

Низоми худидораи маҳаллӣ маҷмӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии худидораи маҳаллиро ифода менамояд, ки аз ҷониби шаҳрвандон дар доираи ҳудуди дахлдори маъмурӣ - ҳудудӣ мавриди татбиқ қарор мегирад. Ҳар як низоми идоракунӣ дорои меъёрҳои хос мебошад, ки ҷузъиёти мавҷудаи онро ба таври яклухт муттаҳид мегардонад ва барои фарқияти он аз дигар низоми идоракунӣ имкон фароҳам меоварад. Чунин маҳак ё сифати низоми идоракунӣ маҳдудияти мавзӯъҳои тобеият ва ваколатҳои байни шаклҳои мухталифи бавҷудоии идоракунӣ ба шумор меравад.

Шаклҳои бевоситаи иштироки аҳолӣ дар амалинамоии худидораи маҳаллӣ, ки низоми худидораи маҳаллиро ташкил медиҳад, дар амалияи ҳуқуқтатбиққунии давлатҳои хориҷа ба таври гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон аз 12 январи соли 2002 «Дар бораи худидоракунии маҳаллӣ ва маъмурияти давлатии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон» рӯйхати васеи шаклҳои иштироки мустақими аҳолии воҳиди

мунисипалиро дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ муқаррар кардааст.

Дар он шаклҳои зерин пешниҳод мешаванд: «раъйпурсии маҳаллӣ; интихоботи мунисипалӣ; қурултойи халқӣ; овоздиҳӣ дар бораи бозхонди вакил, аъзои мақомоти интихобшудаи мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, мансабдори интихобшудаи худидоракунии маҳаллӣ, овоздиҳӣ дар бораи азнавтаъсисёбӣ ё тағйир додани ҳудуди воҳиди мунисипалӣ; ҷамъомадҳои шаҳрвандон; ташаббуси қонунгузории шаҳрвандон; худидоракунии ҷамъиятии ҳудудӣ; маҷлисҳои шаҳрвандон; мурочиати шаҳрвандон ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ»[5].

Шаклҳои бевоситаи иштироки аҳолии дар амалинамоии худидораи маҳаллӣ дар Федератсияи Россия чунинанд: «раъйпурсии маҳаллӣ; интихоботи вакилон, аъзои мақомоти интихобии худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори интихобшудаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ; овоздиҳӣ дар бораи бозхонди вакилон, аъзои мақоми интихобии худидоракунии маҳаллӣ, шахсони интихобшудаи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ; овоздиҳӣ дар масъалаҳои тағйир додани ҳудуди воҳиди мунисипалӣ, азнавтаъсисёбии воҳиди мунисипалӣ; ҷамъомадҳои шаҳрвандон; ташаббуси қонунгузории шаҳрвандон; худидоракунии ҷамъиятии ҳудудӣ; муҳокимаҳои ҷамъиятӣ; ҷамъомадҳои шаҳрвандон; конфронси шаҳрвандон (мулоқоти вакилон); пурсиши шаҳрвандон; мурочиати шаҳрвандон ба мақомоти худидоракунии маҳаллии воҳиди мунисипалӣ; шаклҳои дигаре, ки ба Конституцияи Федератсияи Русия, қонунҳои федералӣ, қонунҳои субъектҳои Федератсия мухолифат намекунанд»[9].

Қонунгузорӣ ва таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки аҳолиро дар амалинамоии худидораи маҳаллӣ нисбат ба дигар давлатҳои хорича каме маҳдуд кардааст. Бо дарназардошти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои иштироки аҳолиро дар низоми худидоракунии маҳаллӣ шартан ба чунин намудҳо ҷудо кардан мумкин аст:

а) овоздиҳӣ аз ҷониби аҳолӣ (шартан онро раъйпурсии маҳаллӣ ҳисобидан мумкин аст);

б) интихоботи вакилони ҷамоат (сухан дар бораи татбиқи ҳуқуқҳои ҳам фаъол ва ҳам ғайрифаъоли интихоботӣ меравад);

в) худидоракунии ҷамъиятӣ (мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ танзим мешавад);

г) мурочиат ба мақомоти худидораи маҳаллӣ (бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танзим мешавад).

Масъалаҳои мухталифи инкишофи тамаддуни муосир, аз ҷумла овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар шароити имрӯза ба яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ, бахусус ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ гардидааст. Омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи он ба зарурати воқеӣ табдил ёфтааст.

Аз сабабе, ки масъалаҳои овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ муҳим ва доғи рӯз ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқони ҷомеашиносро ба худ ҷалб намудааст. Паҳлӯҳои гуногуни масъалаи овоздиҳӣ аз ҷиҳати назариявию методологӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар дараҷаҳои гуногун мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Пӯшида нест, ки овоздиҳӣ ҳамчун падидаи муҳимтарин дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, аз арзишҳои маъмулгаштаи ҷомеаи демократӣ маҳсуб мегардад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқи назариявии масъалаи овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ таърихи тӯлонӣ надорад. Ҳарчанд овоздиҳӣ ва масъалаҳои ба он алоқаманд ҳанӯз дар аҳди қадим низ мавриди истифодаи васеъ қарор доштанд, лекин таҳқиқи илмии масъала танҳо дар садсолаи гузашта, яъне дар асри ХХ аз ҷониби муҳаққиқони ҷомеашинос сурат гирифтааст.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи овоздиҳӣ ҳамчун мураккабтарин ва печидатарин масъала ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва баррасии илмӣ-тадқиқотӣ қарор дорад. Ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ ва баробар чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи шаҳрвандони ба синни муқарраркардаи қонун расида бояд ҳуқуқи овоздиҳӣ дошта бошанд.

Тибқи қонунгузории Федератсияи Россия, овоздиҳии шаҳрвандон барои бозхонди вакил, мансабдори интихобшудаи худидоракунии маҳаллӣ ва тағйир додани ҳудуди мунисипалитет гузаронида мешавад. Тартиби таъин ва ташкили овоздиҳӣ ба гузаронидани интихобот ва раъйпурсӣ монанд аст.

Асос барои бозхонди вакил ё мансабдори интихобшудаи худидоракунии маҳаллӣ танҳо қарорҳои мушаххаси зиддиҳуқуқӣ ва амалҳои ғайриоинномавии ӯ, ки бо қарори суд тасдиқ шудаанд, буда метавонанд. Вакил ё шахси мансабдори интихобшуда бозхондашуда ҳисобида мешавад, агар ҳадди ақал нисфи овоздиҳандагони дар мунисипалитет (ҳавзаи интихоботӣ) ба қайд гирифташуда ба тарафдории он овоз дода бошанд.

Овоздиҳӣ дар бораи тағирёбии ҳудуд ё тағирёбии мунисипалитет дар сурате эътиборнок ҳисобида мешавад, ки агар дар он зиёда аз нисфи сокинони мунисипалитет (ё қисми он), ки ҳуқуқи овоздиҳӣ доранд, ширкат дошта бошанд. Қарор оид ба ин масъалаҳо қабулшуда ҳисобида мешавад, агар зиёда аз нисфи сокинони дар овоздиҳӣ иштирокдошта ба он овоз дода бошанд. Натиҷаҳои овоздиҳии шаҳрвандон ва қарорҳои қабулшуда бояд расман нашр карда шаванд [9].

Овоздиҳии аҳолӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ тавассути шаҳрвандон ба воситаи раъйпурсӣ, интихобот ва дигар шаклҳои ифодаи бевоситаи ирода амалӣ карда мешавад. Овоздиҳии аҳолӣ ин иродаи озод ва ихтиёрии хар як шахс мебошад, ки дар доираи он овози худро бо тариқи пинҳонӣ ё ошкоро дар раъйпурсӣ изҳор менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои 90-уми асри гузашта дар миқёси ИҶШС ва Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳое қабул гардиданд, ки дар бораи овоздиҳии умумихалқӣ [2] ва овоздиҳии халқӣ [1] ном доштанд ва онҳо асосан масъалаҳои марбут ба раъйпурсиро ба танзим медаровардаанд. Ин меъёри ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот” [3] пешбинӣ шудааст. Масалан, дар моддаи 10-и Қонуни мазкур, ки ба ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он бахшида шудааст, он таъйин ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидоштаро пешбинӣ менамояд.

Муҳаққиқони тоҷик Имомов А.И. ва Гадоев Б.С. мазмуни ин меъёри қонунро таҳлил карда, онро як навъ раъйпурсии маҳаллӣ номидаанд[8].

Дар фазои (гардиши) илми ҳуқуқи конституционӣ истилоҳоти овоздиҳии халқӣ, овоздиҳии аҳолӣ, пурсиши аҳолӣ, муайян кардани афкори аҳолӣ ва ё халқ ва ғ. мавриди таҳқиқот қарор гирифтаанд, вале дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истилоҳоти овоздиҳии аҳолӣ пешбинӣ шуданаш ба мазмуни раъйпурсии маҳаллӣ ва ё раъйпурсии худидораи маҳаллӣ бояд дониста шавад, раъйпурсии сатҳи худидораи маҳаллӣ яке аз унсурҳои муҳими низоми худидораи маҳаллӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди таҳқиқи ин масъала мо бештар ба таҳқиқи раъйпурсии маҳаллӣ аҳамият медиҳем.

Бояд гуфт, ки дар тули таърих инсон ҳамазамон кӯшидааст, то низомеро барқарор намояд, ки ҷавобгӯи ормонҳои ӯ бошад ва адолати иҷтимоӣ дар он таъмин гардад. Аз ин рӯ, инсон барои худ унсурҳои сиёсиеро кашф кард, ки онҳо то ҳадди зарурӣ таъминкунандаи манофеъи инфиродӣ ва дастҷамъии он бошанд. Дар миёни ин аносир нақш ва мавқеи раъйпурсӣ ба сифати падидаи муҳими ҳуқуқи конституционӣ мавқеи хоса дорад, зеро маҳз ба василаи он шаҳрвандони кишвар имконияти изҳори андешаи худро оид ба масъалаи мавриди назар пайдо намуда, дар ҳалли сарнавишти хеш ва умури давлат мустқиман ширкат меварзанд.

Раъйпурсӣ ҳамчун чорабинии муҳими демократияи мустақим барои низоми давлатдории муосири тоҷик, ошкор намудани самтҳои рушди ҷамъият ва давлат аҳамияти хосса дошта, ба таъмини озодии иродаи шаҳрвандон оид ба муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти давлатӣ ва маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Мавриди зикр аст, ки ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ ҳангоми мавҷудияти ниҳодҳои рушдёфтаи демократияи мустақим ба таври устувор ва самаранок фаъолият менамоянд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки доираи иштироки аҳолӣ дар корҳои худидораи маҳаллӣ тавассути раъйпурсӣ мунтазам васеъ карда шавад.

Олими рус А. Н. Нифанов бар он назар аст, ки раъйпурсии маҳаллӣ воситаи муҳими батанзимдарории масъалаҳои душвор, баҳсталаб ба шумор меравад, ки ин масъалаҳоро тавассути мақомоти маҳаллии ҳокимият баррасӣ намудан душвор аст. Дар ин маврид мушкилоти асосӣ аз он иборат аст, ки раъйпурсӣ аз рӯи кадом масъалаҳо гузаронида мешавад.

Ҳокимиятҳои маҳаллӣ бояд тасаввуроти касбӣ дошта бошанд, ки сухан дар кадом хусус меравад ва бояд онҳо аҳолиро ба бозпурсиҳо ҳамаҷониба омода созанд. Муҳим он аст, ки сокинони маҳаллӣ тавассути радио, шабакаҳои телевизиони маҳаллӣ бо афкори мухталиф, ислоҳот шинос шаванд, яъне гап дар сари он аст, ки раъйпурсиро аз рӯи ин ё он андоза ҳамчун яке

аз шаклҳои муборизаи сиёсӣ баррасӣ намудан мумкин аст[12].

Дар марҳилаи кунунӣ таҷрибаи гузаронидани раъйпурсӣ аз раванди тадқиқоти илмӣ дар ин соҳа қафо мемонад. Аз як ҷониб, ҳолати мазкур, ки тайи солҳои охир афзудани таваҷҷуҳ ба тадқиқоти ин мавзуъ ва аз дигар ҷониб, теъдоди зиёди мушкилоти мавҷуда ва мухолифатҳоро дар қонунгузорӣ оид ба раъйпурсӣ собит месозад. Дар мадди аввал вазифаи ташкили механизми ҳуқуқие ба миён меояд, ки бояд имконияти шаҳрвандонро барои ҳалли мустақилонаи муҳимтарин масъалаҳои идораи давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, новобаста аз майлу рағбати сарварони сиёсӣ, кафолат диҳад.

Ба ақидаи В.В. Комарова раъйпурсиро дар ду шакл истифода бурдан мумкин аст:

1). «Ҳамчун воситаи қабули қарорҳое, ки бевосита иродаи аксарияти шаҳрвандонро талаб менамояд, ё ҳамчун воситаи қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои хеле муҳим, ё барои ошкор намудани ақидаҳои ҷамъиятӣ. Дар ин маврид раъйпурсӣ аз рӯи зарурат гузаронида мешавад ва ин воситаи қабули қарорҳо дар баробари қабули доимии қарорҳо тавассути мақомоти интихобии худидоракунии маҳаллӣ истифода бурда мешавад»[11];

2). «Раъйпурсии маҳаллиро ҳамчун шакли аз ҷониби аҳолӣ интихобкардашудаи худидоракунӣ истифода бурдан мумкин аст, ки он ҷойи мақомоти намояндагиро пурра иваз мекунад ва дар ин маврид эҳтиёҷ ба ташкили мақомоти намояндагӣ нахоҳад монд. Шакли номбурдаи худидоракуниро бо иштироки шумораи на он қадар зиёди намояндагони ҷомеаи маҳаллӣ бо мавҷуд будани сатҳи комилан баланди маърифатнокӣ ва фарҳанги сиёсии аҳолӣ ташкил кардан мумкин аст. Дар чунин маврид раъйпурсӣ бояд мунтазам гузаронида шавад»[11].

Вобаста аз ҳудуде, ки раъйпурсӣ гузаронида мешавад, «раъйпурсӣ метавонанд умумихалқӣ (умумидавлатӣ) ва дорои хусусияти маҳаллӣ бошанд, бо назардошти тақсимоти маъмурӣ - ҳудудӣ бошад, гузаронидани раъйпурсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудӣ) ба мақсад мувофиқ аст»[7].

Раъйпурсии маҳаллӣ, қайд мекунад олими шӯравӣ В.Ф. Коток, барои ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти муҳими маҳаллӣ дар ҳудуди ин ё он ҳудуди давлат мутобиқ ба тақсимоти маъмурӣ - ҳудудии он доир карда мешаванд[10].

Қонуни ИҶШС «Дар бораи овозиҳии умумихалқӣ (раъйпурсии ИҶШС)» аз 24 декабри соли 1990 тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллиро пешбинӣ накарда буд, балки фақат дар банди 2 моддаи 8-и он қайд шуда буд, ки тартиби гузаронидани раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тибқи қонунҳои ИҶШС ва қонунҳои ҷумҳуриҳо муайян карда мешавад»[4].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи овозиҳии халқӣ (раъйпурсӣ) аз 25-уми декабри соли 1991 мафҳуми раъйпурсиро чунин пешбинӣ намуда буд: «Раъйпурсӣ - ин воситаи аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути овозиҳии умумихалқӣ қабул гардидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои хеле муҳими давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ ва аҳамияти маҳаллидошта мебошад»[1].

Дар асоси ҳамин қонун муайян карда шуд, ки дар Тоҷикистон раъйпурсии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ (дар ҳудуди воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудӣ) гузаронида мешавад[4].

Дар асоси Қонуни мазкур мавзуи раъйпурсии маҳаллӣ метавонад он масъалаҳое бошад, ки қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтиёри худидораи маҳаллии дахлдори воҳидҳои маъмурӣ - ҳудудӣ вогузор намудаанд.

Бо ҳамин Қонун муайян карда шуд, ки номгӯи масъалаҳое, ки ба раъйпурсии маҳаллӣ гузошта намешаванд, аз ҷумла, инҳоанд:

- «дар бораи бекор кардани қарорҳои қонунии мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;

- масъалаҳое, ки ба ихтиёри мақомоти судӣ ва прокуратура вогузор карда шудаанд;

- масъалаҳои марбут ба интихоби шахсоне, ки ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои маҳаллии вакилони халқ, мақомоти иҷроия ва мақомоти амрдиҳандаи он мансуб мебошанд[1].

Ба ақидаи И.А. Старостина, «мавзуи раъйпурсӣ метавонад масъалаҳое бошанд, ки тибқи қонунгузорӣ ба салоҳияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ дар мавриде вогузор карда шудаанд, ки худи мақомоти мазкур имкон надоранд, оид ба масъалаҳои марбута қарор қабул намоянд»[13].

Ҳуқуқи таъйин намудани раъйпурсии маҳаллиро Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқ, ҳуқуқи ташаббуси гузаронидани раъйпурсии маҳаллиро бошад, он шумораи вакилони халқ доштанд, ки на камтар аз нисфи ҳайати умумии Шӯрои дахлдори вакилони халқро ташкил медоданд ё раъйпурсӣ аз рӯи талаботе гузаронида мешуд, ки ба ҷонибдории гузаронидани он на камтар аз даҳяки он шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббус нишон дода бошанд, ки муқими доимии воҳидҳои ҳудудӣ - маъмурии марбута буда ва дорои ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ бошанд[1].

Бояд гуфт, ки дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон раъйпурсии маҳаллӣ мавриди истифода қарор дода шудаст. Чунончи, дар иҷлосияи IV-и Шӯрои вакилони халқии шаҳри Ленинобод аз 26-27-уми сентябри соли 1990 дастурамал оид ба тартиби гузаронидани раъйпурсӣ дар шаҳри мазкур «Оид ба иваз намудани номи шаҳр бо номи шаҳри таърихии Хуҷанд» тасдиқ карда шуд. Бо дастурамали мазкур муайян гардид, ки қарор оид ба гузаронидани раъйпурсӣ аз ҷониби Шӯрои шаҳрии вакилони халқи шаҳри Ленинобод қабул карда мешавад[6].

Зикр кардан ба маврид аст, ки санади номбурда фақат бо мақсади ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ оид ба масъалаи табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд тасдиқ гардид.

Моҳияти мавзуи раъйпурсӣ дар суоли зерин ифода меёфт: «Оё Шумо тағйири номи шаҳри Ленинободро ба шаҳри Хуҷанд ҷонибдорӣ менамоед?». Дар варақаҳои овоздиҳӣ, тибқи дастурамал, ду намунаи ҳалли мавзуъ ворид карда шуда буд: «Барои Ленинобод» ва «Барои Хуҷанд»[6].

Мавриди зикр аст, ки «таҳиягарони ин дастурамал нисбат ба ворид намудани ду намунаи ҳалли мавзӯъ дар варақаҳои овоздиҳӣ нодуруст муносибат намуданд. Беҳтар он буд, ки аз рӯи масъалаи ба миён гузошташуда посухҳои овоздиҳандагон –«ҳа» ё «не» (муқобил) баррасӣ карда мешуд, чуноне ки маъмулан дар рафти аксар раъйпурсиҳо ҳамин тавр амал менамоянд.

Дар баробари мавзуи раъйпурсӣ дар дастурамал ҷанбаҳои дигари марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ муайян карда шуд, аз ҷумла:

- «талаботи умумии гузаронидани раъйпурсӣ;
- тарғибот оид ба гузаронидани раъйпурсӣ;
- омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- баргузории овоздиҳӣ ва муайян кардани натиҷаҳои раъйпурсӣ;
- баҳсҳо ва арзу шикоятҳои марбут ба ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ;
- иҷрои қарорҳои раъйпурсӣ»[6].

Дар банди 4-и қисми 4-и ин дастурамал зикр ёфта буд, ки «қарор ба манфиати тағйири номи шаҳр дар раъйпурсӣ қабулгардида ҳисобида мешавад, агар ба ҷонибдории он аксарияти шумораи иштирокдорони овоздиҳӣ раъй дода бошанд» ва ҷумлаи дувуми банди мазкур бошад, барои баргузоршуда эълон кардани раъйпурсӣ чунин меъёр пешбинӣ мекард: «нисфи овоздиҳандагон ва ҷамъ як овоз аз ҳисоби шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи иштирок кардан дар раъйпурсиро доранд»[6].

Мавриди зикр аст, ки «мантиқан дар ҳамаи раъйпурсиҳо барои эълон доштани он ки раъйпурсӣ доир мегардад, сараввал ҳиссаи аниқи (50%+1) иштирокдорон (кворум) муқаррар карда мешавад ва баъдан овозҳо барои қабули қарорҳо дар раъйпурсӣ. Тибқи ҳамин дастурамал низ муқаррар карда шуда буд: қарори раъйпурсӣ, ки майлу рағбати шаҳрвандони шаҳри Ленинободро инъикос менамояд, барои Шӯрои шаҳрии вакилони халқи Ленинобод хусусияти ҳатмиро дорост. Дар мавриди қабули қарор ба нафъи табдили номгузорӣ, Шӯрои шаҳрӣ ин масъаларо ба Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд»[6].

Дар ҳамин асос дар моҳи январи соли 1991 раъйпурсии маҳаллӣ гузаронида шуд, ки дар он аксари шаҳриён ба ҷонибдории табдили номи Ленинобод ба Хуҷанд овоз доданд.

Дар Қонуни айни замон амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 1995 бо тағйиру иловаҳояш аз соли 2008, раванди ташкили баргузории раъйпурсии маҳаллӣ ба танзим даровардa нашудааст.

Субъектҳои раъйпурсии маҳаллӣ сокинони ҳудуди худидоракунӣ ба шумор мераванд, ки дар ҳудуди мазкур доимӣ ё зиёдтар истиқомат карда, ҳуқуқи интихоби фаъол доранд. Ҷойи баргузории раъйпурсии маҳаллӣ сарҳади ҳудуди як ҳудуди худидоракунӣ ё якчанд ҳудуди худидоракунӣ маҳсуб меёбанд.

Шакли гузаронидани раъйпурсӣ овоздиҳии мустақими иштирокдорони он ба шумор меравад. Масъалаи дар раъйпурсӣ пешниҳодшаванда бояд тавре ба миён гузошта шавад, ки имконияти шарҳу эзоҳи зиёдро истисно намояд ва ба он фақат посухҳои ҳаммаъно додан мумкин бошад. Воситаи мазкури овоздиҳӣ баъзе камбудиҳои раъйпурсиро ошкор месозанд, ки онҳоро ҳанӯз дар соли 1907 К. Тахтарев зикр намуда буд. Ба ин камбудиҳо шомил мешаванд: «дар аксар ҳолатҳо аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ нашудани муҳокимаи муштараки қарорҳои баррасишаванда, роҳ надодан ба ислоҳи лоиҳаи барои овоздиҳӣ пешниҳодгардида, имконнопазирии овоздиҳӣ аз рӯи қисматҳои масъала ва зарурати қабули яклухти он ё комилан рад кардани масъала»[14].

Ҳамин тариқ овоздиҳии аҳолӣ ин унсури асосӣ ва зарурии сиёсӣ аст, ки дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Овоздиҳӣ ин воситаест, ки тавассути он таҳкиму такмили сохторҳои сиёсии ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чи дар гузаштаи начандон дур ва чи дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш овоздиҳиро дар сатҳи гуногун истифода менамояд. Раванди овоздиҳӣ мураккабу пурҷараён аст, масъалаҳои мухталифро пеш мегузорад. Ҳал намудан ё ба инобат гирифтани онҳо талаби замон аст. Махсусан дар замони ҳозира, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро мақсади хеш қарор додааст, рӯ овардан ба овоздиҳӣ дар маъракаҳои сиёсӣ ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои бузург ва умуман инкишофи ҷомеа амри воқеӣ аст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ.

ФОРМЫ ПРЕДСТАВИТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

Ключевые слова: формы; деятельность; право; конституция; государство; система; граждане; представительство; проблема; свобода; местное самоуправление; международное сообщество; современность; свободный выбор; локальность.

Аннотация: В статье анализируются вопросы представительной деятельности органов местного самоуправления. Как известно, общественные отношения и практика правоприменения постоянно развиваются, и каждый период развития предъявляет свои требования и дополняется новыми конкретными ситуациями. Поэтому право, в свою очередь, должно улавливать пульс общественной жизни, выражать ее объективные запросы и служить этим задачам. Стоит отметить, что важнейшей целью непосредственной демократии и местного самоуправления является развитие власти народа, широкое расширение действий граждан, вовлечение местного населения в процесс управления местными делами.

Олимзода Давлатмурод Абдулхаир - кандидат юридических наук, доцент кафедры права и сравнительного правоведения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru, Тел.: (992) 939-37-77-72.

FORMS OF REPRESENTATIVE ACTIVITIES OF LOCAL SELF-GOVERNMENT

Keywords: forms; activity; law; constitution; state; system; citizens; representation; problem; freedom; local self-government; international community; modern times; free choice; locality.

Annotation: This article analyzes the issues of representative activity of local self-government bodies. As it is known, public relations and practice of law enforcement are constantly developing, and each period of development presents its own requirements and complements it with new specific situations. Therefore, the law, in turn, should capture the pulse of public life, express its objective requests and serve these tasks. It is worth noting that the most important goal of direct democracy and local self-government is the development of people's power, the wide expansion of citizens' actions, and the involvement of the local population in the process of managing local affairs.

Olimzoda Davlatmurod Abdulkhair **-** candidate of legal sciences, Associate Professor of the Department of Law and Comparative Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru, Tel.: (992) 939-37-77-72.

Руйхати адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи овоздиҳии халқӣ (референдум) Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 1992. - № 3. - Мод.34.
2. Закон СССР «О всенародном голосований (референдум)» // Известия. 1990.-Январ.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. -№7-8. -Мод.503; 2012. -№4. -Мод.277; -№8. -Мод.833; 2015. -№11. -Мод.964; 2017. -№5. -Мод.288.
4. Закон СССР «О всенародном голосовании (Референдуме СССР» //Известия. - 1991. - 25 ноября.
5. Закон Кыргызской Республики от 12 января 2002 г. «О местном самоуправлении и местной государственной администрации». Ст. 3. -Бишкек, 2002.
6. Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан.– Типография ТНУ. – Душанбе, 2014. – 222 с.
7. Гадоев Б.С. Особенности местного референдума в Республике Таджикистан. [Текст]: Материалы международной научной конференции. Москва, 7–9 апреля 2005 г. / Б.С. Гадоев // Централизм, демократия, децентрализация в современном государстве: конституционно-правовые вопросы / Под ред. С. А. Авакьяна. – М.: ТК Велби, 2006. –С.419- 421
8. Имомов А.И. Ҳуқуқи конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри чорум. Бо тағйироту иловаҳо. -Душанбе. 2017. –С.756.
9. Игнатюк Н.А., Павлушкин А.В. Муниципальное право. -М.: Юстицинформ, 2007. -С.34-36.
10. Коток В.Ф. Проблемы развития непосредственной демократии. –М., 1965. –С. 586.
11. Комарова В.В. Механизм непосредственной демократии современной России [Матн] / В.В. Комарова. – М., 2006. - С. 59.
12. Нифанов А.Н. Непосредственная демократия в системе местного самоуправления. Дис… канд. юрид. наук.–Ростов- на – Дону. 2003. – С.74.
13. Старостина И.А. Законодательные новеллы в регулировании вопросов референдума субъектами Российской Федерации. //Конституционное законодательство субъектов РФ: проблемы совершенствования и использование в преподавании: материалы научной конференции 25–27 марта 1999 г./Отв.ред. проф. С.А.Авакьян. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1999. – С.120.
14. Тахтарев К.М. От представительства к народовластию [Матн] / К.М. Тахтарев. – СПб., 1907.. – С. 171.

Список литературы:

1. Закон Республики Таджикистан «О всенародном голосовании (референдуме) Республики Таджикистан» //Вести Верховного Совета Республики Таджикистан.Душанбе, 1992. - № 3. Статья 34.
2. Закон СССР «О всенародном голосований (референдум)» // Известия. 1990.-Январ.
3. Закон Республики Таджикистан «Об органах самоуправления городов и сел» // Вести Верховного Собрания Республики Таджикистан. 2009. - №7-8. - Статья.503; 2012. - № 4. - Статья.277; - №8. - Статья.833; 2015. - № 11. - Статья.964; 2017. - №5. - Статья.288.
4. Закон СССР «О всенародном голосовании (Референдуме СССР» //Известия. - 1991. - 25 ноября.
5. Закон Кыргызской Республики от 12 января 2002 г. «О местном самоуправлении и местной государственной администрации». Ст. 3. -Бишкек, 2002.
6. Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан.– Типография ТНУ. – Душанбе, 2014. – 222 с.

7. Гадоев, Б.С. Особенности местного референдума в Республике Таджикистан. [Текст]: Материалы международной научной конференции. Москва, 7–9 апреля 2005 г. / Б.С. Гадоев // Централизм, демократия, децентрализация в современном государстве: конституционно-правовые вопросы / Под ред. С. А. Авакьяна. – М.: ТК Велби, 2006. –С.419- 421.

8. Имамов А.И. Конституционные права Республики Таджикистан. Учебник. Четвертое издание. С изменениями и дополнениями. - Понедельник. 2017. - С.756.

9. Игнатюк Н.А., Павлушкин А.В. Муниципальное право. -М.: Юстицинформ, 2007. -С.34-36.

10.Коток В.Ф. Проблемы развития непосредственной демократии. –М., 1965. –С. 586.

11.Комарова, В.В. Механизм непосредственной демократии современной России [Матн] / В.В. Комарова. – М., 2006. - С. 59.

12.Нифанов А.Н. Непосредственная демократия в системе местного самоуправления. Дис… канд. юрид. наук.–Ростов- на – Дону. 2003. – С.74.

13.Старостина И.А. Законодательные новеллы в регулировании вопросов референдума субъектами Российской Федерации. //Конституционное законодательство субъектов РФ: проблемы совершенствования и использование в преподавании: материалы научной конференции 25–27 марта 1999 г./Отв.ред. проф. С.А.Авакьян. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1999. – С.120.

14.Тахтарев, К.М. От представительства к народовластию [Матн] / К.М. Тахтарев. – СПб., 1907.. – С. 171.

List of literature:

1. Law of the Republic of Tajikistan “On the popular vote (referendum) of the Republic of Tajikistan” // Bulletin of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, 1992. - No. 3. - Article 34.

2. Law of the USSR “On the popular vote (referendum)” // Izvestia. 1990.-January.

3. Law of the Republic of Tajikistan “On self-government bodies of cities and villages” // Vesti of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. 2009. - No. 7-8. - Article.503; 2012. - No. 4. - Article.277; - No. 8. - Article.833; 2015. - No. 11. - Article.964; 2017. - No. 5. - Article.288.

4. Law of the USSR “On the popular vote (Referendum of the USSR” // Izvestiya. - 1991. November 25.

5. Law of the Kyrgyz Republic dated January 12, 2002 “On local self-government and local state administration”. Art. 3. -Bishkek, 2002.

6. Gadoev B.S. Constitutional and legal institutions of direct democracy in the Republic of Tajikistan. - TNU Printing House. - Dushanbe, 2014. - 222 p.

7. Gadoev, B.S. Features of the local referendum in the Republic of Tajikistan. [Text]: Materials of the international scientific conference. Moscow, April 7–9, 2005 / B.S. Gadoev // Centralism, Democracy, Decentralization in the Modern State: Constitutional and Legal Issues / Ed. S. A. Avak'yana. - M .: TK Velby, 2006. - P. 419-421.

8. Imamov A.I. Constitutional rights of the Republic of Tajikistan. Textbook. Fourth edition. With changes and additions. - Monday. 2017. - P.756.

9. Ignatyuk N.A., Pavlushkin A.V. Municipal law. -M.: Yustitsinform, 2007. -S.34-36.

10. Kotok V.F. Problems of development of direct democracy. -M., 1965. -S. 586.

11. Komarova, V.V. The mechanism of direct democracy in modern Russia [Matn] / V.V. Komarov. - M., 2006. - S. 59.

12. Nifanov A.N. Direct democracy in the system of local self-government. Dis... cand. legal Sciences.- Rostov-on-Don. 2003. - P.74.

13. Starostina I.A. Legislative novelties in the regulation of referendum issues by the constituent entities of the Russian Federation. // Constitutional legislation of the subjects of the Russian Federation: problems of improvement and use in teaching: materials of the scientific conference March 25–27, 1999 / Ed. prof. S.A. Avakyan. - M .: Publishing House of Moscow. un-ta, 1999. - P.120.

14. Takhtarev K.M. From representation to democracy [Matn] / K.M. Takhtarev. - SPb., 1907. - S. 171.

12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО
12.00.03 – CIVIL LAW; BUSINESS LAW; FAMILY LAW; INTERNATIONAL PRIVATE LAW

УДК: 347.61
Собирзода Исфандиёр Салом,
ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
E-mail: sis-tj85@mail.ru
Тел.: (+992) 908-08-22-66.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ОИЛА ҲАМЧУН НИҲОДИ ИҶТИМОӢ

Калидвожаҳо: оила; муносибатҳои оилавӣ; хусусият; аъзои оила; оилаи солим; омилҳои иқтисодиву иҷтимоӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои баъзе вижагиҳои оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар асоси қонунгузорӣ ва андешаи олимони соҳа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии орому осуда ва бартараф кардани мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта, яке аз талаботҳои асосии пешрафти ҷомеаи муосир буда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати оиладорӣ, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва пешгирии зӯроварӣ дар оила, инчунин вайроншавии онҳо чораҳои доимӣ бояд андешида шаванд.

Маълум аст, ки таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқҳои оилавӣ дар кишвари мо зери назорат ва диққати доимии Ҳукумати кишвар аст.

Дар тӯли солҳои истиқлолияти миллӣ пояҳои асосии давлати ҳуқуқию дунявӣ ва иҷтимоӣ гузошта шудааст. Тавассути парламенти касбӣ қабул ва амал намудани низоми ягонаи қонунгузории ватанӣ минбаъд ба рушди иқтисоди бозоргонӣ, инкишофи батадриҷи муҳимтарини соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию фарҳангӣ мусоидат намуда истодаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карданд, ки: «Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Аз ин рӯ, ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент зарур аст, ки сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил намуда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофикро таҳия намоянд»[1, с.585-586].

Ин аст, ки муътадил инкишоф ёфтани муносибатҳои оилавӣ, нигоҳ доштани оила ҳамчун рукни муҳими ҷамъият имрӯзҳо дар сатҳи давлатӣ қарор дошта, дар Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёрҳои алоҳида нисбати масъалаи ҳифзи оила бахшида шудааст [2]. Аз чунин муқаррароти конституцсионӣ бармеояд, ки оила аз ҳар ҷиҳат дар сатҳи давлатӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад.

Дар сатҳи байналмилалӣ бошад, дар моддаи 16 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст, ки: «Оила рукни табиӣ ва асосии ҷамъият аст, ҳақ дорад аз пуштибонии ҷомеаву давлат бархӯрдор бошад» [3].

Бояд тазаккур кард, ки барои ташаккули танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 калон аст. Аз муҳтавои Кодекси оила маълум мегардад, ки вазифаи муқарраротҳои он на фақат танзими муносибатҳои оилавӣ, балки дар як маврид, таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолатҳои ҳуқуқии баробарии тамоми иштирокчиёни раванди амалисозии манфиатҳои қонунии онҳо мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки оила ҳамчун унсури асосии сохтори иҷтимоӣ ҳамагуна тағйиротҳое, ки дар ҷомеа рӯй медиҳад дар, худ инъикос менамояд. Оила ягона институти иҷтимоӣ аст, ки дар он тавлиди фарзанд ба амал бароварда шуда, равандҳои интиқоли иттилооти анъанавӣ аз волидон ба фарзандон рӯй медиҳанд. Дар асоси таҳлилҳои сарчашмаҳои муътамади илмӣ доир ба ин мавзуъ бахшидашуда тамоюлҳои инкишофёбӣ ва тағйири нақшҳои оилаҳои тоҷикро дида мебароем.

Айни замон оилаи тоҷик дар зери таъсири модернизатсияи иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши иҷтимоияшро аз даст надода, инкишоф ёфта истодааст. Тағйирёбии нақши оилаҳои тоҷик пеш аз ҳама ба инкишофу пешрафти раванди таърихӣ ва дигар омилҳои ногузири объективӣ рӯй медиҳад. Ҳарчанд дар Ғарб институти оила ба буҳрони ҷиддӣ (зиёд шудани шумораи одамоне, ки дер оиладор мешаванд ё умуман оила барпо намекунанд, зиёд гаштани шумораи талоқ ва кам гаштани шумораи тавлид ва ғ.), аммо дар ҷомеаи тоҷик оила нақши пештараашро аз даст надодааст, ба истиснои таъсири пуравҷи равандҳои модернизатсионӣ ва глобализатсионӣ.

Имрӯз дар оилаҳои тоҷик низ баъзе тағйироти ҷиддӣ рӯй дода истодаанд. Муҳоҷирати корӣ асосан аз ҳисоби мардҳо ҳастанд, занҳо дар оила қисме аз нақшҳои онҳоро ба дӯши худ гирифтаанд. Муҳоҷират бо оилаи тоҷик таъсири манфӣ низ расонид. Шумораи оилаҳое, ки дар натиҷаи муҳоҷирати мардҳо ба хориҷ аз ҳам ҷудо мешаванд то рафт меафзоянд. Илова ба ин, бисёре аз ҷавонон дар Россия оиладор шуда дар ватани хеш дер оиладор мешаванд ё умуман оиладор намешаванд. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ 1992-1997 дар Тоҷикистон бисёре аз оилаҳои тоҷик зарар дида, ҷавонони зиёде ба ҳалокат расиданд ё ба хориҷи кишвар фирор карданд.

Қашшоқие, ки пас аз барҳам хӯрдани собиқ ИҶШС Тоҷикистонро фаро гирифт сатҳи муриши кӯдаконро зиёд карда саломатии аъзоёни оилаҳоро коста гардонид, саводи кӯдакон поён рафта шумораи ҳуқуқвайронкунандаҳо,ҷиноятқорон, нашъамандон ва оворагардонро ба маротиб зиёд гардонид. Дар деҳаҳо нисбат ба шаҳрҳо вазъ аз ин бадтар гардид. Бо вуҷуди қашшоқӣ ва вазъи бади иқтисодии оилаҳои тоҷик шумораи тавлиди кӯдакон ҳамон гунае, ки дар замони сиёсати шӯравӣ буд, ҳамон хел зиёд боқӣ монд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур шуд, ки сиёсати «танзими оила»-ро гузаронад, ки дар натиҷа вазъ каме ба эътидол омад. Зеро оилаи дар деҳа мавҷудбуда то 6-7 фарзанд таваллуд карда, аз уҳдаи тарбия, таълим ва таъминоти онҳо намебароянд. Дар натиҷа аз ин гуна кӯдакон шахсони саломатиашон бад, саводашон паст, ақлашон кам, маданияташон паст ва ғайра ба воя мерасад. Дар шароити имрӯзаи қашшоқии аксарияти аҳолӣ на танҳо оилаҳои серфарзанд, маъюб, балки оилаҳои дорои аъзои қобилияти меҳнатдошта низ ба аҳволи бад ва зиндагии дарднок гирифторанд.

Албатта, ҳолати мазкур барои рушди оила таъсири худро гузошта барои ташаккули минбаъдаи он монеаҳои муайянро ба вуҷуд меоварад.

Аз ҷониби намояндагони илми сотсиология таснифоти зерин пешкаш гардидааст:

- оилаи накуаҳвол - масъалаҳо ва мушкилотҳои хешро бо ёрии беруна ҳал карда метавонад, аммо ин оилаҳо қодир нестанд аз хизматҳои пуарзиш ва маҳсулоти қиммат истифода баранд;

- оилаи пешрафта - даромади калон дошта имконият дорад аз ҳама гуна хизматрасонии пуарзиш истифода барад;

- оилаҳои буҳронӣ - дар ҳолати қашшоқии мутлақ гирифтор буда, танҳо зиндагии ҷисмонӣ мекунанд;

- оилаи маргионалӣ - бо сабаҳои гуногун ниҳоят қашшоқ буда, дар он беморихо, оворагардӣ, бекорхӯҷагӣ, майхорагӣ авҷ

гирифтааст. Ин оила функсияи одитарини худ сотсиолизатсияи кӯдаконро ба амал бароварда наметавонад. Ин гуна оила ниҳоят даромади кам дошта, ҳамаи пули ночиз низ бо истеъмоли нӯшокиҳои сипиртӣ, маводи мухаддир ва ғайра сарф мешавад. Кӯдакони ин гуна оилаҳо ҳатто мактаб нарафта, рӯзи дароз ба оворагӣ, майдадуздӣ ва рафторҳои ноҷоиз машғуланд [4, с.32-33].

Қашшоқӣ – ин мафҳуми абстрактӣ нест. Ин мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодист, ки пеш аз ҳама ба оила таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар оилаҳои қашшоқ фарзандони зиёд низ тавлид мешаванд, ки аҳволи бе ин ҳам бади оиларо боз бадтар мегардонад. Инчунин оилаҳои нави қашшоқ пайдо шуда истодааст. Оилаҳое, ки қаблан накуаҳвол буданд аз сабаби буҳрони молиявии ҷаҳонӣ бекор монда истода ё аз хориҷи кишвар аз сабаби набудани кор дигар пул фиристода натавониста истодаанд. Дар натиҷа онҳо ба ҳоли қашшоқии пештара гирифтор мегарданд.

Дараҷаи ҳолати оилаҳоро индикатори «сабади истеъмолӣ» муайян менамояд. «Сабади истеъмолӣ» аз истеъмоли ҳар як шахс (неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ) бармеояд. Сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ истифода мешавад. «Бо ин методика нӯшокиҳои спиртӣ, курпа (бояд 20 сол хизмат кунад), сачоқи ҳамом (бояд 23 сол бардошт намояд) дохил намешавад». Ҳатто аз рӯйи хароҷоти оила ба хӯрокворӣ аҳволи оиларо муайян намудан мумкин аст. Масалан, дар Ҷопон ва ИМА барои хӯрока 10-15% ва хондану табобат 15-18% даромадашонро сарф мекунанд. Дар Россия хароҷот барои хӯрок 40-48% ва барои хондану табобат 1,6-3%-и даромадашонро сарф мекунанд [5, с.94].

Масъалаи омӯзиши оила имрӯз аҳамияти бештарро соҳиб мешавад. Имрӯз масъалаи таъмини иқтисодии оила бештар таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ҷалб намудааст. Ин бесабаб нест, зеро то масъалаҳои иқтисодии оила ҳалли худро наёбад, шаҳрвандонро масъалаҳои инкишофи маънавӣ, сиёсат, иқтисодиёти давлат, масъалаҳои умдатарини ҷаҳонӣ кам нороҳат менамояд. Маҳз аз буҳрони иқтисодӣ бароварданi оилаҳо имкон медиҳад, ки инкишофи ҷамъиятиро таъмин намуд.

Маврид ба зикр аст, ки оила яке аз шаклҳои қадимтарини муносибатҳои иҷтимоии одамон мебошад. Оила махсусан пештар аз синфҳои миллатҳо ва давлатҳо дар каъри форматсияҳои ибтидоӣ-ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст. Қисмати ҷамъиятии он ва таваҷҷуҳ ба он, пеш аз ҳама дар он аст, ки вай бо истеҳсол ва такрористеҳсолии бевоситаи ҳаёт – тавлиди инсоният, тарбияи кӯдакон, қаноатманд намудан дар шакли як қадар қабул шуда аз ҳама зиёдтарин талаботи инсон алоқаманд аст.

Оила ин институти иҷтимоӣ (аз нуқтаи назари ченаки ҷамъиятии баҳамтаъсиррасонӣ ба муносибатҳои никоҳи оилавӣ) ва дар як вақт дорои ташкили шартии таърихии гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, ки аъзоёни бо никоҳ ё муносибатҳои хешутаборӣ дошта, умумияти миллат, ҷавобгарии умумии ақидавӣ доранд, ки талаботи иҷтимоӣ дар такрористеҳсолии насли инсонӣ мебошад.

Асосан институти иҷтимоӣ маҷмуи фардҳо, гурӯҳҳо мебошад, ки аз воситаҳои муайяни моддӣ иборат буда, вазифаҳои муайянро иҷро менамоянд. Аз дигар тараф ин маҷмуи стандартҳоест, ки рафтори одамонро дар ҳолатҳои муайян ифода мекунад. Дар ҳолатҳои амалӣ гардонидани вазифаҳои худ, институтҳои иҷтимоӣ имкониятҳои худро васеъ мегардонад.

Бо дар назардошти зикркардаҳои боло профессор М.А. Маҳмудзода чунин зикр менамояд, ки «муносибатҳое, ки дар байни одамон ҳамчун аъзои оила пайдо мегарданд, танҳо бо муносибатҳои оилавӣ маҳдуд нагардида, берун аз он низ амал мекунанд ва онҳо на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд» [6, с.99].

Оила, ки ҳамсарон ва фарзандони онҳоро муттаҳид менамояд, яке аз шаклҳои аввалини умумияти иҷтимоии одамон, гурӯҳи хурдтарини он аст, ки дар ин ҷо вазифаҳои барои ҷамъият муҳимтарин, қабл аз ҳама вазифаҳои давом додани насли инсон иҷро мешавад.

Оила ва нақши он дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим, актуалӣ ва мураккаби илми

сотсиология ва махсусан соҳаи алоҳидаи он сотсиологияи оила ба шумор меравад.

Оила падидаи таърихист. Оила баробар бо ташаккули ҷамъияти инсонӣ пайдо шуда, инкишоф ёфт ва дар ҷараёни табдили форматсияҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва навъҳои маданият тағйир ёфт. Мо се шакли асоси никоҳро медонем, ки умуман ва асосан ба се давраи умдаи инкишофи инсоният мувофиқанд. Ин ҳам бошад никоҳҳои гурӯҳӣ, ҷуфтӣ ва якканикоҳӣ мебошад.

Муносиботҳои никоҳию оилавӣ дар навбати аввал вобастаи омилҳои иҷтимоию иқтисодиянд. Вале таъсири онҳо ба омилиҳои маданӣ, қабл аз ҳама ба омилҳои маънавӣ, эстетикӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, муносибатҳои никоҳию оилавӣ ҳатто дар ҳудуди як форматсия ҳам нисбатан мустақилона инкишоф ёфта, таъсири системаи иҷтимоию иқтисодӣ ин ё он ҷамъиятро ба тарзи гуногун эҳсос мекунад.

Оилаи устувор яке аз пояҳои муҳимтарини ҷамъияти мост. Оилаи ҳозира гурӯҳи хурди иҷтимоиест, ки аъзоёнаш на фақат зану шавҳар ва хешу таборанд, балки умумияти ба ҳам пайванданд.

Ҳамин тариқ маълум мегардад, ки оила муҳимтарин рукни ҷомеа ва давлат буда дар баробари ин дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- иттифоқи тӯлонии зану шавҳар;
- ба боварию садоқат асос ёфта;
- ба мақсади сохтани ояндаи солим ва насли ояндасоз;
- дастгирии байниҳамдигарӣ ва хешовандони наздик;
- дар ҷомеа ҳамчун инсони комил ба воя расонидани фарзандон;
- ба наслҳои минбаъда бурда расонидани арзишҳои куҳани оиладории гузаштагони худ.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирзода М.А.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ СЕМЬИ КАК СОЦИАЛЬНОГО ИНСТИТУТА

Ключевые слова: семья; семейные отношения; характеристика; члены семьи; здоровая семья;; экономические и социальные факторы.

Аннотация: В данной статье анализируются и исследуются проблемы некоторых особенностей семьи как социального института на основе законодательства и мнения ученых в данной области.

Собирзода Исфандиёр Салом - ректор Института повышения квалификации Министерства юстиции Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: sis-tj85@mail.ru, Тел.: (+992) 908-08-22-66.

SOME FEATURES OF THE FAMILY AS A SOCIAL INSTITUTION

Keywords: family; family relations; characteristics; family members; healthy family;; economic and social factors.

Annotation: This article analyzes and explores the problems of some features of the family as a social institution on the basis of legislation and the opinions of scientists in this field.

Sobirzoda Isfandiyor Salom - rector of the Institute of professional development of the Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, docent. E-mail: sis-tj85@mail.ru, Tel.: (+992) 908-08-22-66.

Рӯйхати адабиёт:

1. Муртазозода Ҷ.С., Санавваров Ғ.Б., Амонов А.Ҷ. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон (маҷмӯаи паёмҳо). – Хуҷанд: «Хуросон», 2019. – 604 с.

2. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 10.07.2023).

3. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_120805/ (санаи мурочиат: 26.07.2023).

4. Мацковский М.С. Российская семья в изменяющемся мире // Семья в России. – 1995. – №3 (4). – С. 32-34.

5. Резник С.Д., Бобров В.А. Управление семейной экономикой. – Москва: «Экономика», 2003. – 440 с.

6. Маҳмудзода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 492 с.

Список литературы:

1. Муртазозода Д.С., Санавваров Г.Б., Амонов А.Д. Послания Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона - укрепление внутренней и внешней политики Таджикистана (комплект посланий). – Худжанд: «Хурасон», 2019. – 604 с.

2. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.mmk.tj (дата обращения: 10.07.2023).

3. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_120805/ (дата обращения: 26.07.2023).

4. Мацковский М.С. Российская семья в изменяющемся мире // Семья в России. – 1995. – №3 (4). – С. 32-34.

5. Резник С.Д., Бобров В.А. Управление семейной экономикой. – Москва: «Экономика», 2003. – 440 с.

6. Махмудзода М., Худоёрзода Б. Семейное право Республики Таджикистан: учеб. – Душанбе: «ЭР-граф», 2015. – 492 с.

List of literature:

1. Murtazozoda J.S., Sanavvarov G.B., Amonov A.J. Messages of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon – strengthening the domestic and foreign policy of Tajikistan (set of messages). – Khujand: «Khorason», 2019. – 604 p.

2. The Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 with amendments dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.mmk.tj (access date: 10.07.2023).

3. Universal Declaration of Human Rights of December 10, 1948 // Electronic resource]. Access source: URL: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_120805/ (date of access: 07/26/2023).

4. Matskovsky M.S. Russian family in a changing world // Family in Russia. – 1995. – № 3 (4). – P. 32-34.

5. Reznik S.D., Bobrov V.A. Family economic management. – Moscow: «Economics», 2003. – 440 p.

6. Mahmudzoda M., Khudoyarzoda B. Family law of the Republic of Tajikistan: textbook. – Dushanbe: «ER-graf», 2015. – 492 p.

УДК: 347.515.1

Бобоев Джамрод Курбонович,
заведующий кафедрой экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета, кандидат юридических наук, доцент.
E-mail: jamrod@mail.ru
Тел.: (+992) 918-66-89-71.

К ВОПРОСУ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ЗА ВРЕД, ПРИЧИНЕННЫЙ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИМИ В ВОЗРАСТЕ ДО ЧЕТЫРНАДЦАТИ ЛЕТ

Ключевые слова: несовершеннолетний; родители; опекуны; ответственность; вина; возмещение; причинения вреда.

Аннотация: В данной статье рассматриваются правовые вопросы ответственности за вред причиненные малолетним гражданами. Детально рассматривается ответственность родителей, опекунов, воспитательного, лечебного учреждения и учреждений социальной защиты. Выявляется проблемы законодательного характера, проясняется теоретические взгляды. По итогам работы представляется авторские мнения и предложения по совершенствованию ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними в возрасте до четырнадцати лет.

Причинения вреда с участием несовершеннолетних граждан занимает особое место в системе обязательственного права. Издавна человечество выделяло среди субъектов частно – правовых отношений несовершеннолетних как особого субъекта общественных отношений.

Участие несовершеннолетних в гражданско – правовых отношениях имеет ряд особенностей, они отличаются от трудоспособных граждан уровнем социального и интеллектуального развития, а также своим психическим отношением к течениям, происходившим в государстве.

Стоит отметить, что сегодня, хотя государственная забота и поддержка молодежи и подростков значительна, но случаи преступления и правонарушение имеет динамику к увеличению[1, с.53]. Одним из самых распространенных нарушений норм объективного права это правонарушение в сфере гражданского права.

Если учитывать, что от 10 194 096 человек которое составляет население Таджикистана 3 419 133 [2] человек, это лица моложе 15-летнего возраста то процентная пропорция указывает, что треть население страны состоит из них.

В этом плане законодатель не случайно детализировал их в рамках обязательства вследствие причинения вреда в отдельные нормы.

Однако законодатель хотя и регулирует отношение в случаи причинения вреда несовершеннолетними, но в отдельный параграф их не включил. Он посвятил им всего лишь три статьи в рамках общего положения.

Хотя эти статьи объемные, но вопросов, которые нужно решить не полностью решены. Все еще встречается сложные и не от регулированные вопросы, которые имеет теоретическое и практическое значение.

Гражданское право, как и другие отрасли права оперирует термином «ребенок» и «несовершеннолетним» в случае причинения вреда. Однако большое предпочтение отдается категорию «несовершеннолетний». В названиях статьи 1198, 1199 и 1200 Гражданского кодекса Республики Таджикистан (далее - ГК РТ) используется термин несовершеннолетний.

Считать их однозначным можно, но так как в гражданском праве ответственность опирается на возрастные критерии законодатель использует категорию несовершеннолетний.

Именно исходя на возрастных критерий содержание ст.1198 и 1199 ГК РТ отличаются

друг от друга. Далее возрастные категории опираются на психически интеллектуальные особенности лиц причинявший вред.

В этой связи ГК РТ разделил ответственность за вред, причиненный несовершеннолетними на два вида: до 14-летнего возраста и вред, причиненный несовершеннолетним от 14 до 18-летнего возраста.

Если учесть, что по действующему законодательству несовершеннолетние делятся в зависимости от возраста на два вида то вполне объяснимо позиция законодателя в случае причинения вреда ими.

Итак, первое что нужно учесть при причинения вреда несовершеннолетними это возраст, а во - вторых вина. Вина в данном случае подразумевает вину лиц ответственных за воспитание несовершеннолетних. В этой связи ГК РТ предусматривает широкий круг лиц, которые в случае причинения вреда ответственны за ее возмещение.

При причинении вреда несовершеннолетними не может быть такого, чтобы никто не отвечал. Это, во–первых, противоречило бы Конституции РТ, а во - вторых самому существу гражданского общества.

Очертить круг лиц ответственных за причинения вреда несовершеннолетними является одним из важных вопросов. Поэтому поводу А.С. Шевченко и Г.Н. Шевченко отмечают, что важность вопроса заключается в возможности возмещения вреда и в целом эффективности имущественной ответственности[3,с.79].

По правилам главы 66 ГК РТ субъектом деликтных правоотношений является лицо, достигшее 14-летнего возраста. Несовершеннолетний в возрасте до 14 лет как отмечается в литературе «не способен в достаточной мере в силу умственной незрелости выразить свое психическое отношение к противоправному поведению, а также к тем неблагоприятным последствиям, которые стали следствием такого поведения»[4, с.16].

Результат действий несовершеннолетнего хотя и нарушает нормы объективного права, но не является виновными.

Виновным в случаи причинения вреда лицами не достигшее 14 -летнего возраста считаются его родители (усыновители), опекуны, если не докажут, что вред возник не по их вине. Такое требование вытекает из ч.4 ст.29 и ч.1 ст.1198 ГК РТ.

В общем за вред причиненных несовершеннолетним отвечают законные представители. Но в зависимости от ситуации вред может также возлагаться на иных лиц, указанных в законе. Так, например ч.2 и 3 ст.1198 ГК РТ в числе ответственных за причиненный вред указывает образовательное, воспитательное, лечебное или иное учреждения, обязанное осуществлять за малолетним надзор, а также лица, осуществлявшее надзор на основании договора.

Если обратиться к теоретической мысли круг лиц, на которых возлагается ответственность не может быть широким и произвольным. По этому поводу А.И. Загорулько отмечает, что перечень физических и юридических лиц, несущих ответственность за вред, причиненный несовершеннолетними в возрасте до 14 лет, является исчерпывающим и распространительному толкованию не подлежит[5, с.41].

С мнением автора можно согласится от части. Но упущение отдельных лиц в содержании статьи тоже на наш взгляд является спорным. Это мы походу еще раскроем.

По смыслу ч.1 ст.1198 ГК РТ за вред, причиненный несовершеннолетним, не достигшим четырнадцати лет (малолетним), отвечают его родители (усыновители), опекуны, если не докажут, что вред возник не по их вине.

Среди первых на кого возлагается ответственность закон предусматривает родителей. Логически это и правильно поскольку именно на них в первую очередь возлагается обязанность по воспитанию, обучению и подготовка с самостоятельной жизни детей.

Родительская обязанность в отношении своих детей предусмотрена Семейным кодексом Республики Таджикистан, Гражданским кодексом и Законом Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей».

Учитывая, что семейные отношение основываются на принципе равноправия супругов то в случае причинения вреда несовершеннолетними ответственным считаются обе родители.

В качестве основания родительской ответственности О.А. Рузакова видит в кровном родстве, которое определяется свидетельством о рождении ребенка[6, с. 87-88].

Далее она отмечает, что «ответственность возникает независимо от того, состоят ли родители ребенка в браке или ребенок родился вне брака, либо брак расторгнут или признан недействительным, независимо от места жительства родителей и ребенка, способа установления отцовства (добровольного или принудительного)»[6, с.88]. Мнение автора основывается на требованиях статьи 48 – 54 Семейного кодекса Республики Таджикистан (далее – СК РТ).

Если обратить внимание ч.1 ст.1198 ГК РТ наравне с родителями ответственным за причинения вреда считает и усыновителей. Такое законодательное закрепление весьма оправданно, если учесть, что усыновление представляет собой форму семейного воспитания детей, оставшихся без попечения родителей. Усыновляя ребенка, усыновители не только, по существу, но и по форме заменяют им родителей, а потому должны нести ответственность за причиненный ими вред.

В юридической литературе отмечается, что усыновление независимо от регистрации усыновителей в качестве родителей в записи о рождении ребенка, влечет за собой определенные идентичные правовые последствия. После вступления решения суда об усыновлении в законную силу усыновленные дети признаются полностью равными в правах и обязанностях с усыновленными детьми[7, с. 298].

Однако в отличие от родителей ответственность усыновителя в случае отмены усыновления ребенка не регламентировано в ГК РТ. Такое упущение нами оценивается как нонсенс. Ведь, по сути, усыновители заменяют ребенку родителей. Поэтому они, как и родители лишенных родительских прав должны нести ответственность после отмены усыновление. При этом необходимо учитывать причинную связь. Если действия причинителя вреда явилось следствием ненадлежащего осуществления своих прав и обязанностей усыновителя, то они должны тоже нести ответственность за причиненный вред.

Субъектный состав ч.1. ст.1198 ГК РТ предусматривает ответственным за вред, причиненный несовершеннолетними до 14 - лет опекунов. Практика свидетельствует, что обеспечения несовершеннолетних необходимым условиями жизни, питания, образования, воспитания можно путем установления опеки.

Опека по ГК РТ устанавливается над малолетними, а также над физическими лицами, признанными судом недееспособными вследствие душевной болезни или слабоумия. Однако опека устанавливается не над всеми малолетними и душевно больными. Оно устанавливается над детьми оставшимся без попечения родителей (ст.124 СК РТ).

Поэтому Л.Ю. Михеева справедливо считает опеку как вид социальной заботы[8, с.11].

Учитывая, что установление опеки имеет социальное значение, а лицо назначенные опекуном должен заботится о несовершеннолетнем ребёнке то причиненный вред последним рассматривается как отклонение о возложенных на опекунов обязанностей. Поэтому указание опекунов в качестве ответственных за причиненный вред весьма оправданно и логично.

Выше нами было поставлено под вопрос закрытый перечень лиц ответственных за вред. В действительности перечень лиц ответственным за причиненный вред должен быть закрытым. Но представленная в редакции ст.1198 ГК РТ нуждается в пересмотре и дополнении.

Дело в том, что дети, оставшиеся без попечения родителей по правилам ст.124 СК РТ подлежат передаче на воспитание в семью (на усыновление, удочерение), под опеку (попечительство), а при отсутствии такой возможности в соответствии с договором на воспитание в патронажные семьи.

Если ответственность усыновителя и опекуна регламентированы в ч.1. ст.1198 ГК РТ, то ответственность патронажной семьи не установлено. Само патронажная семья в законодательстве РТ является новым явлением и как всякое нововведение не до конца проработано в части законодательной базы. Можно было бы считать, что их ответственность строится на основании ч.3. ст.1198 ГК РТ, где указано «лица, осуществлявшее надзор на основании договора». Но лица в данном случае подразумевает физического лица который на основании договора на оказании услуг выполняет свои обязанности. Но семья, да и патронажная семья - это не лицо.

Статус патронажной семьи является непонятным. Их нельзя признавать организацией, так как таковой они не являются, они не регистрируются как организации. Признать их лицами тоже большой вопрос, так как лицо принято признавать физического и юридического лица. Поэтому их ответственность в случае причинения вреда нуждается в доработке.

В литературе отмечается, что соседка, бабушка, домработница, и другие лица, присматривающие за малолетним, не могут считаться субъектами ответственности. Такой подход оправдан так как свои непосредственные обязанности должны выполнять родители.

Также по действующему законодательству отчим и мачеха не являются субъектами ответственности, так как воспитание и содержание пасынка (падчерицы) не является обязанностью и осуществляется исключительно добровольно.

Такой вариант на наш взгляд нуждается в пересмотре. Вступая в брак лица осознано вступают в семейные отношения. А учитывая, что семейные отношения строятся на принципах приоритета семейного воспитания детей, заботы об их благосостоянии и развитии то установление субсидиарной ответственности на наш взгляд способствовало бы правильному воспитанию и всестороннему развитию ребенка.

Если учитывать статистику, то число расторжение браков имеет динамику в сторону увеличения. Такая ситуация вольно не вольно приводить к тому, что малолетний воспитывается с мачехой или отчимом. А равнодушное и безответственное поведение последних может серьезно отразится на психике детей, что не исключено к совершению противоправных действий.

В известной степени именно малолетние дети воспитывающее с отчимом в последующем присоединяются к различным религиозным течениям, вербуются экстремистскими и террористическими организациями.

Поэтому считаем необходимым в целях защиты малолетних детей, всестороннему их развитию включить в перечень лиц ответственных за их правильное воспитание отчима и мачехи.

Законодатель для уяснения ответственных лиц устанавливает требование - если не докажут, что вред возник не по их вине. Такая формулировка в ГК свидетельствует о том, что законодатель исходит из общей презумпции вины при возложении ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними.

Что же подразумевается под виной родителей, опекунов и иных лиц по вине которого был причинен вред. Ответ на этот вопрос заключается в неисполнение тех обязанностей которое возложены на них Семейным кодексом Республики Таджикистан, Законом Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» и другими нормативно - правовыми актами.

В общем их вина заключается в неосуществлении должного надзора, безответственное и равнодушие отношение к их воспитанию, а также злоупотребление правом повлекший за собой правонарушения.

Наряду с указанными лицами закон предусматривает также ответственность некоторых других лиц

Так по правилам ч.2 и 3. Ст.1198 ГК РТ ответственными могут быть воспитательное, лечебное учреждения, учреждение социальной защиты, образовательное, или иного учреждения, а также лица, осуществлявшее надзор на основании договора.

Главным критерием в случае определение ответственных за вред причиненный малолетними является вина. Но определить вину задача не из простых. Сложность вопроса А.М. Нечаева видит в том, что прорехи в воспитании проявляются не сразу. Само воспитание длящийся процесс[9, с.997].

В этой связи требование ч.2 и 3 ст.1198 ГК РТ не должны трактоваться в широком смысле. Если надзор и воспитание не входит в перечень уставных обязанностей организаций, а также при этом учреждение не злоупотребляло своими правами о никакой ответственности речи быть не может.

Если обратить внимание на ч.2 ст.1198 ГК РТ то данная статья гласить, что если малолетний, нуждающийся в опеке, находился в соответствующем воспитательном, лечебном учреждении, учреждении социальной защиты или другом аналогичном учреждении, которое в силу закона является его опекуном, это учреждение обязано возместить вред, причиненный малолетним, если не докажет, что вред возник не по его вине.

В содержании данной части есть оговорка «если не докажет, что вред возник не по его вине». Такая формулировка указывает на других лиц, которые могут быть причастны и ответственные за вред. Например, на первых порах нахождения в указанных учреждениях может проявляется агрессивность и невоспитанность малолетних, что не исключено и причинения вреда. Вряд ли можно было бы признать ответственным учреждение, где находится малолетний. Здесь причинная связь указывает на вину родителей лишенных родительских прав.

Бывают случаи, когда к ответственности привлекаются сразу и законный представитель, и указанные учреждения (в том числе лица, которые осуществляют контроль над ребенком по договору). Такая ситуация возможна, если будет доказано, что причиненный вред является следствием ненадлежащего исполнения по осуществлению надзора законных представителей ребенка и учреждения. Указанные лица несут ответственность в пределах своей доли в зависимости от степени своей вины[10,с. 43].

Названные лица несут ответственность не только за вину несовершеннолетних, но и за свои собственные. Так, например в соответствии с Закон Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей» родители обязаны воспитывать ребёнка в духе уважения к Родине, закону, национальным и общечеловеческим ценностям.

Отклонение от норм, по сути, и проявляется в не упречном исполнении родителем и заменяющих ими лицами своих обязанностей.

Нужно отметить, что обязанность лиц указанных в ч.1, 2 и 3 ст.1198 ГК не прекращается с достижением 18 – летнего возраста причинителя вреда или приобретения им имущества, достаточного для возмещения вреда. Такое положение основано на том, что вред является проявлением вины указанных лиц и именно они должны его возместить. Такая обязанность существовать до тех пор, пока исполнения обязанности не будет исполнено полностью в соответствии с решением суда.

Поэтому не взирая на то, что родительские права и обязанности носят срочный характер обязательство по возмещению вреда не прекращаются по достижению совершеннолетия причинителя вреда.

Однако благополучие причинителя вреда с достижением 18 – летнего возраста при определённых случаях может сказаться на возмещение вреда. Такое правило действует в том, случае когда:

А) если родители (усыновители), опекуны умерли;

Б) образовательное, воспитательное, лечебное или иное учреждения, обязанного осуществлять за ним надзор, а также лица, осуществлявшее надзор на основании договора не имеют достаточных средств для возмещения вреда, причиненного жизни и здоровью потерпевшего;

В) сам причинитель, ставший полностью дееспособным, располагает такими средствами.

С вышеизложенными случаями суд в праве с учетом имущественного положения потерпевшего и причинителя вреда, а также других обстоятельств, принять решение о

возмещении вреда полностью или частично за счет имущества самого причинителя вреда.

Эту норму О.А. Рузакова считает правило «о богатом ребенке», которое было известно и дореволюционному законодательству[6, с.95].

Возложение ответственности по принципу ответственность за чужую вину, т.е., ответственности за родителей Д.Е. Богданов считает «усилением начал справедливости в гражданско-правовом регулировании общественных отношений»[11, с.71].

С указанным мнением можно согласится в части. Дело в том, что вряд ли было бы справедливым нести бремя ответственности за вину родителей, тогда как их вина является проявлением правонарушений. О справедливости в таких случаях говорить было бы спорным. Но то, что причиненный вред жизни и здоровью потерпевшей должен быть возмещен за счет средств лица достигшее совершеннолетие оправдано исходя из следующих соображений.

Во – первых, жизнь и здоровье человека имеют высшею ценность, а потому они должны быть возмещены не взирая ни на что. Когда иного выхода для возмещения вреда не имеется, родителей и опекунов нет в живых, а учреждение не имеет средств то почему бы и не воспользоваться средствами самого причинителя вреда. Это было бы справедливым в отношении потерпевшего и восстановление ее прав. Во – вторых, возмещая вред реализуется конституционная гарантия право на возмещение вреда.

Но для того, чтобы возложить обязанность по возмещению вреда необходимо что бы вред был причинен жизни и здоровью потерпевшей стороны.

Так же наличие достаточных средств у причинителя вреда и имущественного положения потерпевшего должны свидетельствовать о возможности возмещение вреда.

Немаловажную роль для установления обязанности по возмещению вреда играет наличие «достаточных средств» для возмещения. При ее отсутствии у лиц указанных в ч.1 и 3 ст.1198 ГК РТ и ее наличие у причинителя вреда возможно возложение обязанности по возмещению вреда.

Понятие «достаточные средства» носит оценочный характер. Поэтому как правильно подчеркнула А.М. Нечаева «она не может быть стандартным и формализованным, поскольку в значительной мере зависит от уровня материальной обеспеченности причинителя вреда, пострадавшего и лица, обязанного возместить вред.»[9, с.1005].

При установлении факта «достаточные средства» берется в расчет уровень дохода и имущества находящееся в праве собственности. Такие факторы как положение в обществе, занимаемая должность, круг знакомых и родственников не охватываются понятием достаточные средства и не берутся в расчет при ее установлении.

Рассматривая вопрос ответственности, нужно отметит, некоторые и другие спорные моменты в содержание ст.1198 ГК РТ.

Во – первых, ч.4 ст. данной статьи предусматривает перенесение ответственности от родителей и опекунов к причинителю вреда только в случаи смерти первых.

Но как быть в случае, когда родители или опекуны пожилые люди или не имеют достаточных средств для возмещения вреда. В таких случаях интересы пострадавших могут быть ущемлены. О какой справедливости в таких случаях может идти речь.

Тоже самое можно сказать и о лицах, осуществляющих надзор на основании договора по правилам ч.3 данной статьи. Как быть в случае их смерти, так как ч.4 предусматривает смерть родителей и опекунов. В этой связи представляется обоснованным изложение текста ч.4. ст.1198 ГК РТ в новой редакции с указанием «Если родители (усыновители), опекуны либо другие граждане, указанные в пункте 3 настоящей статьи, умерли или не имеют достаточных средств для возмещения вреда…».

Такое содержание позволило бы возложить обязанность по возмещению вреда не только в случаи их смерти, но и в силу недостаточности средств для возмещения.

Также с точки зрения юридической техники было бы оправданным изменить

местоположение ч.4. ст.1198 ГК РТ на ч.5 данной статьи. Дело в том, что последовательность изложенного текста в действующей редакции не совсем оправданно.

Ответственность родителей, опекунов и других лиц регламентированы частями 1, 2, 3, и 5. На этом фоне ч.4 предусматривает обязанность самого причинителя вреда. Логически правильным было бы если обязанность причинителя вреда было бы последним, а не по середине текста статьи.

В общем произведённый анализ показывает, что в вопросах ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними в возрасте до четырнадцати лет, имеет как законодательные просчеты, так и теоретические нерешенные вопросы.

Рецензент: к.ю.н. Махмадшозода Ф.А.

БА МАСЪАЛАИ ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ЗАРАРЕ, КИ НОБОЛИҒОНИ ТО ЧОРДАҲСОЛА РАСОНДААНД

***Калидвожаҳо**:* ноболиғ; волидайн; васӣ; ҷавобгарӣ; гуноҳ; ҷуброн; расонидани зарар.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои зараре, ки хурдсолон расонидаанд баррасӣ мегардад. Дар он ба таври муфассал ҷавобгарии волидайн, васӣ, муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ дида мешавад. Проблемаҳои қонунгузорӣ ошкор гардида ба ақидаҳои назариявӣ равшанӣ андохта мешавад. Аз рӯи натиҷаи таҳқиқот ақидаҳои муаллифӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалсозии ҷавобгарӣ барои зараре ки аз ҷониби ноболиғони то синни 14- солагӣ расонида мешавад, пешниҳод мегардад.

Бобоев Ҷамрод Қурбонович - мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.E-mail: jamrod@mail.ru, Тел.: (+992) 918-66-89-71.

ON THE ISSUE OF LIABILITY FOR HARM CAUSED BY MINORS UNDER THE AGE OF FOURTEEN

***Keywords**:* minor; parents; guardians; liability; guilt; compensation; harm.

Annotation: This article discusses the legal issues of liability for harm caused by minors. The responsibility of parents, guardians, educational, medical institutions and social protection institutions is considered in detail. Problems of a legislative nature are revealed, theoretical views are clarified. Based on the results of the work, the author's opinions and proposals are presented to improve liability for harm caused by minors under the age of fourteen years.

Boboev Jamrod Qurbonovich - head of the department of economic, financial and anti-corruption law Tajik state financial and economic university, candidate of legal sciences, associate professor. E-mail: jamrod@mail.ru, Tel.: (+992) 918-66-89-71.

Список литературы:

1. Бахриддинов С.Е. Вопросы предупреждения преступности среди несовершеннолетних в Республике Таджикистан // материалы республиканской научно – практической конференции ответственность несовершеннолетних: вопросы и решения/ под руководством. Рахимов М.З. С. 53.
2. https://countrymeters.info/ru/Tajikistan
3. Шевченко А.С., Шевченко Г.Н. Деликтные обязательства в российском гражданском праве: Учебное пособие. — М.: Статут, 2013. 133с.
4. Беспалов Ю.Ф., Якушев П.А. Внедоговорные обязательства с участием ребенка: материально-правовые и процессуально-правовые аспекты: монография. —Москва: Проспект, 2015. 153с.

5. Загорулько А.И. Обязательства по возмещению вреда, причиненного субъектами гражданского права. - Харьков: «Консум», 1996. 112с.

6. Обязательства вследствие причинения вреда: Постатейный комментарий главы 59 Гражданского кодекса Российской Федерации / Под ред. П.В. Крашенинникова. – М.: Статут, 2009. 255с.

7. Махмудов М., Худоёров Б. Комментарии к Семейному кодексу Республики Таджикистан. Душанбе. ЭР – граф, 2011.432с.

8. Михеева Л.Ю. Опека и попечительство: теория и практика / Л.Ю. Михеева / Под ред. Р. П. Мананковой. - М.: Волтерс Клувер, 2004.368с.

9. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: В 3 Т. Т. 2. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, Части второй (постатейный) / Под ред. Т.Е. Абовой, А.Ю. Кабалкина. – М.: Юрайт-Издат, 2007. – 1192 с.

10. Рахимов М.З. Ответственность родителей и лиц, их заменяющих, за обучение и воспитание детей//Законодательство, №1, 2012. С.43.

11. Богданов Д. Е. Проблема ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними и недееспособными гражданами с позиции справедливости//Вестник Московского университета МВД России. №10. 2012-С.71.

Рӯйхати адабиёт:

1. Баҳриддинов С.Э. Масоили пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон//Маводҳои конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ Ҷавобгарии ноболиғон: масоил ва роҳҳои ҳалли он/ Зери таҳ. Раҳимов М.З. С. 53.

2. https://countrymeters.info/ru/Tajikistan

3. Шевченко А. С., Шевченко Г. Н. Уҳдадориҳои шиканҷа дар ҳуқуқи шаҳрвандии Россия: Дастури таълимӣ. —М.: Статут, 2013. 133 с.

4. Беспалов Ю.Ф., Якушев П.А. Уҳдадориҳои ғайришартномавии бо иштироки кӯдак: ҷанбаҳои моддӣ ва мурофиавӣ: монография. —Москва: Проспект, 2015. 153с.

5. Загорулко А. И. Уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зараре, ки субъектҳои ҳуқуқи гражданӣ расонидаанд. - Харьков: «Консум», 1996. 112с.

6. Уҳдадориҳо дар натиҷаи расонидани зарар: Шарҳи модда ба моддаи боби 59 Кодекси граждании Федератсияи Россия. / Зери таҳ. П.В. Крашенинникова. – М.: Статут, 2009. 255с.

7. Маҳмудов М, Худоёров Б. Тафсири Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. ЭР – граф, 2011. 432с.

8. Михеева Л. Ю. Васоят ва парасторӣ: назария ва амалия / Л.Ю. Михеева / таҳти таҳрири Р. П. Мананкова. М.: Волтерс Клувер, 2004.368 саҳ.

9. Шарҳи кодекси Граждании Федератсияи Русия: Дар 3 Т. Т. 2. Шарҳи кодекси Граждании Федератсияи Русия, Қисми дуюм (моддӣ) / таҳрири Т. Е. Абова, А. Ю. Кабалкин. М.: Юрайт-Нашриет, 2007. 1192 с.

10. Раҳимов М.З. Масъулияти падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда барои таълиму тарбияи фарзанд//Қонунгузорӣ, №1, 2012. С.43.

11. Богданов Д. Е. Проблема ответственности за вред, причиненный несовершеннолетними и недееспособными гражданами с позиции справедливости//Вестник Московского университета МВД России. №10. 2012-С.71.

List of literature:

1. Bakhriddinov S.E. Issues of juvenile delinquency prevention in the Republic of Tajikistan // Materials of the Republican scientific and practical conference responsibility of minors: issues and solutions/ under the guidance. Rakhimov M.Z. S. 53.

2. https://countrymeters.info/ru/Tajikistan

3. Shevchenko A.S., Shevchenko G.N. Tort obligations in Russian civil law: Textbook. — M.: Statute, 2013. 133s.

4. Bespalov Yu.F., Yakushev P.A. Non-contractual obligations involving a child: substantive and procedural aspects: monograph. —Moscow: Prospekt, 2015. 153c.

5. Zagorulko A.I. Obligations to compensate for damage caused by subjects of civil law. - Kharkiv: “Consum”, 1996. 112s.

6. Obligations due to harm: Article-by-article commentary of Chapter 59 of the Civil Code of the Russian Federation / Edited by P.V. Krasheninnikov. – M.: Statute, 2009. 255s.

7. Makhmudov M., Khudoerov B. Comments on the Family Code of the Republic of Tajikistan. Dushanbe. ER – graf, 2011.432p

8. Mikheeva L.Yu. Guardianship and guardianship: theory and practice / L.Yu. Mikheeva / Edited by R. P. Manankova. - M.: Volters Kluver, 2004.368 p

9. Commentary on the Civil Code of the Russian Federation: In 3 Vol. T. 2. Commentary on the Civil Code of the Russian Federation, Part Two (article–by-article) / Edited by T.E. Abova, A.Y. Kabalkin. - M.: Yurayt-Izdat, 2007. – 1192 p .

10. Rakhimov M.Z. Responsibility of parents and persons replacing them for the education and upbringing of children//Legislation, No. 1, 2012. p.43.

11. Bogdanov D. E. The problem of liability for harm caused by minors and incapacitated citizens from the standpoint of justice//Bulletin of the Moscow University of the Ministry of Internal Affairs of Russia. No. 10. 2012-p.71.

УДК: 347.451

Рачабзода Маҳмадёр Носир,
ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru
Тел.: (+992) 902-88-70-44.

Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,
унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: nasimjon19941994@mail.ru
Тел.: (+992) 933-88-88-44.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ОМӮЗИШИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

Калидвожаҳо: шартнома; харид; фурӯш; харидор; фурӯшанда; меъёр; Конвенсияи Вена; савдои хориҷӣ; қонунгузорӣ; муносибат.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур доир ба баъзе ҷанбаҳои омӯзиши шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол маълумот дода шудааст. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол шартномаи ба моликият додани намуди муайяни мол мебошад, ки дар байни тарафҳое, ки корхонаҳои тиҷоратиашон дар қаламрави давлатҳои гуногун воқеъ гардидаанд, баста мешавад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тадқиқоти нав ба ҳисоб меравад.

Имрӯз, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар субъектони байналмилалӣ, ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз ҷониби беш аз 180 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо риояи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳо ба роҳ мемонад. Профессор Д.Б. Левин қайд намудааст, ки “давлати соҳибихтиёр шакли асосии ташкили ҳаёти халқҳо ба шумор меравад” [10, с. 34]. Ба расмият шинохтани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, робитаҳои дӯстонаи байнидавлатӣ ва рушди муносибатҳои тиҷоратӣ заминаи асосӣ гузошт. Вобаста ба манфиатҳои миллии худ дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, муносибатҳои бозоргонӣ ва тараққиёти илму техника сиёсати дарҳои кушодро пеш гирифтан зарур аст, ки ин раванд ба рушди муносибатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ-хусусӣ, таҳқиқу омӯзиши аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ дорои аҳамияти хоса мебошад.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол шартномаест, ки аз лаҳзаи ба мувофиқа расидани тарафҳо оид ба шартҳои муҳими он эътибор пайдо мекунад ва дар айни замон ин лаҳза бо додани мол ба харидор алоқаманд нест.

Дар баробари ин, зарур аст, ки танзими шабеҳи худи мафҳуми хариду фурӯш дар ҳама системаҳои ҳуқуқии ҷаҳон, ки тибқи он як тараф (фурӯшанда ном дорад) уҳдадор мешавад, ки ҳуқуқи моликияти ин ё он маҳсулотро ба молу мулки муайян интиқол диҳад, тарафи дигар харидор уҳдадор мешавад, ки моли зикршударо қабул намуда, барои он ба фурӯшанда маблағи муайянеро диҳад.

Муайян кардани табаияти тарафҳои шартномаи хариду фурӯш ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам дар амалӣ яке аз масъалаи муҳим аст. Ҳамин тариқ, тибқи моддаи 1315 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни шахсии шахси воқеӣ чунин муайян шудааст, ки қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар зиндагӣ мекунад. Агар шахс шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [6].

Дар ин ҷо пешниҳод менамоем, ки шаҳрвандии соҳибкор тибқи қонунгузории давлате, ки шахс ба сифати соҳибкор ба қайд гирифта шудааст, ё қонунгузории кишваре, ки маҳали асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар он ҷо ҷойгир аст, муайян карда мешуд.

Объект. Объекти шартнома амволи манқулест, ки на барои истифодаи шахсӣ, оилавӣ ва хоҷагӣ ба даст оварда шудааст, яъне, барои мақсадҳои тиҷоратӣ нигаронида шудааст.

Предмет.Шартҳои хариду фурӯш моддаҳоеро дар бар мегирад, ки тарафҳо мувофиқа кардаанд ва дар ҳуҷҷат сабт шудааст, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро инъикос мекунанд. Тарафҳои шартнома бо назардошти вазъияти бозор, урфу одатҳои савдо ва эҳтиёҷоти тарафҳо истилоҳҳои алоҳидаи моддаҳои шартномаро мустақилона интихоб мекунанд. Ҳолатҳое истисно мебошанд, ки мазмуни шартҳои дахлдори шартномаро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд.

Яке аз маҳакҳои асосии шартнома ин мустақилияти иродаи тарафҳо мебошад. Тарафҳо озоданд, ки дар асоси шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои худро озодона муқаррар намоянд ва ҳамагуна шартҳои шартномаро, ки хилофи қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ нест, муайян намоянд [5, с. 96].

Шартҳои шартнома дар навбати худ ба ду қисм тасниф мешаванд:

- шартҳои асосӣ;
- шартҳои иловагӣ.

Шартҳои асосӣ ё муҳими шартнома шартҳое мебошанд, ки бидуни онҳо шартнома эътибори ҳуқуқӣ надорад (аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналмилалӣ ин шарт дар мавзуи шартнома аст; аз нуқтаи назари ҳуқуқи Тоҷикистон - шарт дар мавзуи шартнома ва муҳлати таҳвил аст).

Шартҳои асосӣ ё муҳими шартнома, ба ғайр аз мавзуъ, шартҳои зеринро дар бар мегирад: номи тарафҳо – иштирокчиёни аҳд, миқдор ва сифат, шартҳои асосии таҳвил, нарх, шартҳои пардохт, муҷозот ва шикоятҳо (ҷаримаҳо, даъвоҳо), суроғаҳои ҳуқуқӣ ва имзоҳои тарафҳо.

Шартҳои иловагии шартнома шартҳое, ки ба шартнома дохил нагардидани онҳо боиси беэътибор будани он намегардад. Яъне аз ҷониби яке аз тарафҳо вайрон кардани шартҳои иловагии шартнома барои тарафи дигар асос ҷиҳати қатъи шартнома намегардад, аммо тараф ҳуқуқ дорад иҷрои уҳдадориҳо ва ҷуброни зарарро талаб намояд.

Шартҳои иловагии шартнома, шартҳои зеринро дар бар мегирад: шартҳои таҳвил ва қабули мол, шартҳои суғурта, ҳуҷҷатҳои интиқол, кафолатҳо, бастабандӣ ва тамғагузорӣ, ҳолатҳои рафънопазир, даъвогар ва ҷавобгар будан дар судҳои ҳакамӣ ва ғайра.

Ҳамин тавр, шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол шартномаи ба моликият додани намуди муайяни мол мебошад, ки дар байни тарафҳое, ки корхонаҳои тиҷоратиашон дар қаламрави давлатҳои гуногун воқеъ гардидаанд, баста мешавад.

Вобаста аз принсипҳои таснифот шартномаи хариду фурӯши байналмилалии молро ба навъҳои зерин тақсим кардан мумкин аст.

Вобаста ба хусусияти таъминот ва хусусиятҳои муносибатҳои соҳибкорон инҳо ҳастанд:

- шартномаи таҳвили яквақтаи мол, ки баъди иҷрои он муносибатҳои ҳуқуқии байни тарафҳои аҳд қатъ мегардад;
- шартномаи аз фурӯшанда ба харидор давра ба давра мунтазам таъмин намудани мол дар муҳлати муайян.

Ҳар ду намуди шартнома метавонад ҳам кӯтоҳмуддат ва ҳам дарозмуддат буда, фарқияти асосӣ дар мушаххасоти муносибатҳои шарикони муомилот аст.

Вобаста ба шакли пардохти мол ба чунин намудҳо тақсим мешавад:

- шартнома бо пардохти пули нақд (ҳисоббаробаркуниро бо асъори муайяни аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда, бо усули пардохт ва шакли пардохти дар шартнома омора пешбинӣ менамояд);
- шартномаи пардохт дар шакли мол (фурӯши як ё якчанд мол дар як вақт бо харидани моли дигар алоқаманд буда, пардохт бо асъори хориҷӣ сурат намегирад). Чунин шартномаҳо шартномаҳои мубодила ва ҷубронро дар бар мегиранд;
- шартномаҳо бо пардохт дар шакли омехта (дар шароити муосир маъмултаранд). Чунин шартномаҳо одатан ба сохтмони корхонаҳои калидӣ бо шартҳои қарздиҳии мақсаднок ва пардохти хароҷот қисман бо пули нақд ва қисман дар шакли мол дахл доранд.

Вобаста ба хусусияти таъминот: шартномаҳои якдафъаина ва бо интиқоли давравӣ:

- шартномаи таҳвили якдафъаина (шартномаи яквақта, муомилоти якдафъаина) аз ҷониби як тараф ба тарафи дигар расонидани маблағи моли байни онҳо то санаи муайяни дар шартнома пешбинӣ гардида бошад. Баъди иҷрои уҳдадориҳои тарафҳо муносибатҳои ҳуқуқии байни онҳо қатъ мегардад.

Шартномаи якдафъаина ду намуд доранд: бо муҳлати кӯтоҳи таҳвил (барои ашёи хом) ва муҳлати дароз (барои таҷҳизот, киштиҳо ва ғайра);

- шартномаи таҳвили давравӣ муҳлати таҳвили мунтазами миқдори моли дар он мувофиқагардидаро дар муҳлати муайян пешбинӣ менамояд. Ин давра метавонад кӯтоҳ (одатан як сол) ва дароз бошад, ба ҳисоби миёна 5-10 ва баъзан 15-20 сол бошад. Шартномаҳои кӯтоҳмуддатро шартномаҳои яксола меноманд; шартномаҳои бо муҳлати дароз баста шударо шартномаҳои дарозмуддат мегӯянд [16].

Дар воқеияти муосири иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ хариду фурӯши байналмилалии мол барои тамоми давлатҳо муҳим аст. Дар даҳсолаи охир равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии бозорҳо ва фазоҳои иқтисодӣ боиси мутаносиби мураккабшавии воситаҳои ҳамкории иқтисодии байни иштирокчиён гаштааст.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол метавонад бо роҳи мубодилаи оферта ва аксепт баста шавад. Бархе аз муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки хусусияти ҳуқуқии оферта муомилоти яктарафа мебошад, ки ба бастани шартнома дар маҷмӯъ бо муомилоти якҷонибаи аксептӣ нигаронида шудааст, ки боиси ба вуҷуд омадани уҳдадориҳои шартномавии пешниҳодкунанда ва аксепткунанда мегардад [12, с. 25]. На ҳама муаллифон ба ин мавқеъ шариканд. Инак, Ф.И. Гавзе қайд мекунад, ки «ин амалҳо оферта ва аксепт танҳо ҷузъҳои муомилоти дутарафаи - шартнома мебошанд. Васияти яке аз шахсоне, ки иродаи худро баён кардааст (оффереткунанда) барои ба даст овардани ифодаи мутақобилаи иродаи шахси дигар (аксепткунанда) нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи он амали умумии васиятнома ба вуҷуд меояд, созишномае, ки боиси ба даст овардани натиҷаҳои муқобил, ки барои онҳо матлуб аст» [4, с. 87].

Лаҳзаи эътибор пайдо кардани пешниҳод аз ҳама муҳим аст. Тибқи Конвенсияи Вена, оферта пас аз гирифтани он аз ҷониби адресат эътибор пайдо мекунад. Аҳамияти эътибор пайдо кардани пешниҳод ба як қатор омилҳо вобаста аст. Аввалан, пеш аз эътибор пайдо кардани оферта барои тарафе ягон оқибати ҳуқуқӣ ба вуҷуд намеорад, муроҷиатро баста наметавонад ва мувофиқан қабул карда шавад, ҳатто агар пешниҳодкунанда аз мавҷудияти он бо ягон роҳ огоҳ шавад. Сониян, муҳим аст, ки ҳангоми эътибор пайдо кардани оферта танҳо дар лаҳзаи аз тарафи адресат гирифтани он, хатари таҳрифи мазмуни оферта ҳангоми расонидани он аз охирин дур карда мешавад [2, с. 123]. Сеюм, то эътибор пайдо кардани оферта мумкин аст бо роҳи огоҳ кардани адресат пеш аз гирифтани оферта ё дар як вақт бекор карда шавад. Конвенсияи Вена шакли бебозгашт ва озоди пешниҳодҳоро пешбинӣ мекунад. Пешниҳоди бебозгашт, дар акси ҳол як қатъӣ, чунон ки аз номаш бармеояд, бекор карда намешавад. Тибқи Конвенсияи Вена, пешниҳоди қатъӣ пешниҳодест, ки "бо муқаррар кардани муҳлати муайян ё ба тариқи дигар нишон медиҳад, ки он қатъӣ аст ё барои мухотиб қобили қабул буд, ки онро ҳамчун бебозгашт баррасӣ кунад." Чун қоидаи умумӣ, мувофиқи Конвенсия оферта шартӣ ҳисобида мешавад, ба шарте ки аз матни он ё амалияи муносибатҳои тарафҳо бар хилофи он барнаояд. Офертаи озод, бар хилофи пешниҳоди қатъӣ, метавонад бозхонд шавад, аммо танҳо то лаҳзае, ки ба оферта аксепт фиристода шавад. Бекор кардани офертаро аз бозхонди он фарқ кардан лозим аст - шумо танҳо метавонед пешниҳодеро, ки то ҳол эътибор пайдо накардааст, яъне пешниҳодеро, ки адресат нагирифтааст, аз ҷумла пешниҳоди бозхонданашавандаро бекор кунед. Бекор кардани оферта аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани он ва то эътибор пайдо кардани аксепт имконпазир аст.

Ҳангоми эътибор пайдо кардани аксепти саривақтии ба оферта мувофиқ шартнома басташуда ҳисобида мешавад. Аммо дар амал ба пуррагии аксепт ба оферта (ба истилоҳ «инъикоси оина») на ҳама вақт дучор мешавад. Дар баъзе қаламравҳо, аз ҷумла ба забонҳои

русӣ ва англисӣ [2, с. 143] қонун, ҳисоб карда мешавад, ки агар аксепт бечунучаро набошад, ин аксепт нест, балки рад кардани оферта ва дар айни замон муқобил оферта мебошад.

Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол басташуда ҳисобида шуда, ҳуқуқу ухдадориҳои тарафҳо пас аз қабули оферта ва гирифтани аксепти дахлдор аз ҷониби оферент ба миён меояд.

Конвенсияи Вена аз соли 1980 муқаррар мекунад, ки шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол метавонад дар ҳама шакл баста шавад ва бо ҳама гуна воситаҳо, аз ҷумла шаҳодати шоҳидҳо исбот карда шавад [7, с. 11]. Тағйир додан ва қатъи шартнома бо созиши оддии тарафҳо низ иҷозат дода мешавад. Дар қонунгузории миллии бисёр кишварҳо қоидаҳои ҳатмӣ мавҷуданд, ки ба ин муқаррароти Конвенсияи Вена мухолифанд. Барои ҳалли ин вазъият, Конвенсия қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки дар асоси онҳо давлате, ки қонунгузории миллии он қоидаҳои ҳатмии шакли хаттии шартномаро дар бар мегирад, ҳуқуқ дорад дар асоси моддаи мазкур изҳороти дахлдор диҳад. Моддаи 12 Конвенсияи Вена бастани шартномаро дар шакли ғайрихаттӣ имкон медиҳад ба шартномаҳое, ки бо иштироки шахсони ин давлат дахл доранд, истисно мекунад. Ҳамин тариқ, дар давлатҳое, ки изҳороти дахлдор додаанд, уҳдадории шакли хаттии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол пешбинӣ шудааст.

Конвенсияи Вена тавзеҳотҳоро дар бораи саволе дар бар мегирад, ки чӣ гуна навиштанро фаҳмидан мумкин аст, ин ҳолат дар моддаи 13 Конвенсия тасдиқ мекунад, ки хабарҳои телеграф ва телетайп ба ин консепсия мувофиқанд. Ин муқаррароти Конвенсия боиси ихтилофҳои зиёд дар байни муҳаққиқон гардид. Нуқтаи назари аввал аз он иборат аст, ки дигар навъҳои иртибототи хаттӣ, ба истиснои телеграф ва телетайп, ба иртиботи хаттӣ барои мақсадҳои моддаи 13 Конвенсия дахл надоранд. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки дар мавридҳое, ки зарурати риояи шакли хаттии шартнома бо талаботи қонунгузории миллие, ки нисбат ба муносибатҳои шартнома татбиқ мешаванд, навишта мешавад, пас талабот оид ба риояи шакли хаттӣ бояд бо ҳамин қоидаҳо муқаррар карда шаванд [3, с. 42-43]. Баъзе муҳаққиқон бар хилофи ин ақида ҳастанд. Аз нуқтаи назари Хоннолд Ҷ., далели он, ки Конвенсия танҳо алоқаҳои телеграфӣ ва телетайпиро ҳамчун алоқаи хаттӣ номбар кардааст, маънои онро надорад, ки шаклҳои дигари иртибототи хаттӣ номуносиб дониста шаванд [1, с. 189]. Ниҳоят, гурӯҳи сеюми муаллифон чунин мешуморанд, ки дар асоси таҳлили муқаррароти Конвенсияи Вена дар соли 1980 хулосаи оқилона баровардан мумкин нест, ки оё хабарҳои хаттӣ ба ҷуз телеграф ва телетайп, масалан, факс ё почтаи электронӣ, паёмҳо метавонанд барои риояи шакли хаттии шартнома истифода шаванд.

Дар ҳар сурат, барои ҳалли масъалаи мувофиқати кофии шакли хаттии шартнома, ки ба он Конвенсияи Вена татбиқ мешавад, на меъёрҳои ҳатмии ҳуқуқи миллӣ, ки тарафҳо мувофиқ интихоб кардаанд, зарур аст, балки муқаррароти моддаи 8 Конвенсияи Вена ба роҳ монда мешавад, ки мувофиқи он ҳангоми шарҳи рафтори тарафҳо ниятҳои он ба тарафи дигар маълуманд, бояд ба назар гирифта шаванд. Инчунин бояд ба назар гирифт амалияеро, ки тарафҳо дар муносибатҳои худ муқаррар кардаанд.

Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон бастани шартнома тавассути факс мувофиқ дониста мешавад. Риояи шакли хаттии бастани шартнома ҳатмӣ буда, зарур аст, ки боэътимод муайян карда шавад, ки факс аз ҷониби тарафи дахлдор фиристода шудааст ва ба мазмуни созишномаҳои байни ҳар ду тараф низ бояд мувофиқат кунад.

Инчунин, Конвенсия, ки ба принсипи озодии баёни тарафҳо асос ёфтааст, нишон медиҳад, ки тарафҳо метавонанд мустақилона шартҳоеро, ки бояд ба шартнома дохил карда шаванд, муайян кунанд. Дар айни замон «бо ҳар шарте, ки яке аз тарафҳо ба миён мегузорад, бояд бо тарафи дигар созиш ба даст оварда шавад. Дар сурати набудани чунин созиш шартнома басташуда ҳисоб намешавад» [15, с. 74]. Ҳамин тариқ, ба ғайр аз шартҳои созишномаи ҳатмӣ, ки мустақиман Конвенсияи Вена муқаррар кардааст, тарафҳо метавонанд ба шартнома шартҳои муҳими субъективиро дохил кунанд [9, с. 103].

Шарти аввале, ки Конвенсияи Вена барои эътирофи пешниҳод ҳамчун оферта ва мутаносибан дар оянда, дар сурати қабул, ҳамчун шартномаи басташуда эътироф карда

мешавад, нишон додани мол мебошад, ки объекти шартнома мебошад. Баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки предмет ва объекти шартнома якхелаанд. Пас, масалан, Д. Потяркин барои дарки мавзуи шартнома муносибати дугонаро пешниҳод мекунад. Вай, аз як тараф, объектҳои гуногуни ҳуқуқи гражданиро ҳамчун предмети шартнома мефаҳмад, аз тарафи дигар, маҷмӯи шартҳоеро мефаҳмад, ки моликияти додашуда, кори иҷрошаванда, хизматрасонӣ ё натиҷаи зарурии амалро тавсиф мекунанд [13, с. 114]. Е.В. Леонова қайд менамояд, ки предмети шартнома бояд амали тарафҳо барои ноил шудан ба мақсади шартнома фаҳмида шавад ва объекти шартнома бошад, молҳое мебошанд, ки қисми таркибии предмети шартнома мебошанд [11, с. 60].

Ҳоло дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеаро фаро гирифтааст, мазмуни савдои байналмилалӣ низ тағйир меёбад. Инкишофи босуръати савдои ҷаҳонӣ, мураккаб шудани мазмуни он аҳамияти қоидаҳои ягонаеро, ки шартномаи фурӯши байналмилалиро танзим мекунанд, зиёд мекунад. Тиҷорати байналмилалӣ аз набудани қоидаҳои ягона бештар зарар мебинад. Барои рафъи ин мушкилот воситае лозим аст, ки монеаҳои ҳуқуқии хусусиро бартараф карда, ба субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз тафовути миллӣ ва тафовути низоми ҳуқуқие, ки ба онҳо тааллуқ доранд, имкони бастан ва иҷрои шартномаҳои тиҷоратии байналмилалиро фароҳам оварад. Чунин ҳуҷҷат Конвенсияи СММ оид ба шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз соли 1980 мебошад, ки ҳадафи он таъмини низоми муосир, якхела ва одилонаи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол мебошад.

Воқеан, пешрафти давлатро бе савдои байналмилалӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст. Натиҷаи ҳамкории субъектҳои байналмилалӣ буд, ки савдои байналмилалӣ аз пайдоиши нахуст давлатҳо то ба ҳол рушд карда истодааст. Сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳдодат медиҳанд, ки ҳамкорӣ дар самти савдои байналмилалии мол дар байни давлатҳо ҷой дошт. Имрӯз низ ин муносибатҳо бо муваффақият идома дорад, ки ба пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатҳо мусоидат мекунад [14, с. 163].

Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад [8]. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қоидаҳои пешбининамудаи қонунгузории маданӣ қоидаҳои дигар пешбинӣ шуда бошанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мавриди татбиқ қарор дода мешаванд [6].

Дар асоси тадқиқоти мавзуи мазкур хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол имрӯз шартномаи асосии мутлақо тамоми шартномаҳои савдои берунӣ мебошад. Бо ёрии он яъне иҷрои шартномаи хариду фурӯш мубодилаи яклухти хориҷии мол ба амал бароварда мешавад, ки хаҷми асосии тамоми савдои беруниро ташкил медиҳад.

2. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол то ҳол дар танзими муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ нақши бартаридоштаро соҳиб аст. Нақши ин шартнома ба танзими ҳуқуқии он, ки ба рушди савдои байналмилалӣ мусоидат мекунад, таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳад.

3. Дар низомҳои ҳуқуқии миллӣ дар татбиқи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол меъёри танзимкунандаи муносибат мушаххас нест, ки дар тартиб додани шартҳои он душвориҳои муайян, инчунин оқибатҳои вайрон кардани онҳо ба миён меояд. Аз ҳамин сабаб, дар соҳаи ягонагии байналмилалӣ ихтилофот ва моҳияти танзими шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол барои ягонакунии ин намуди муомилоти иқтисодии хориҷӣ хуб мешуд дар қонунгузории маданӣ чораҳои зарурӣ андешида мешуд, ки натиҷаҳои назаррас ба даст орад.

4. Ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол тарафҳо бояд муайян намоянд, ки барои интихоби шакли бастани шартномаи савдои хориҷӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва ҳалли баҳс ҳуқуқи кадом давлат татбиқ карда мешавад. Интихоби қонуни кишвар хусусияти диспозитивӣ дорад ва имкони татбиқи Конвенсияи Вена дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии

молро истисно намекунад. Ба муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар байни фурӯшанда ва харидор ба миён омадаанд, танҳо дар сурате, ки дар шартнома истиснои ин ҳуҷҷат бевосита пешбинӣ шуда бошад. Инчунин, тарафҳо бо салоҳдиди худ метавонанд ба шартҳои таҳвил қоидаҳои Инкотермс ва дигар расму одатҳои тиҷоратиро дохил намоянд.

Қонуни татбиқшаванда, новобаста аз он ки тарафҳо интихоб кардаанд ё аз ҷониби суд муқаррар шудааст, танҳо масъалаҳои дар қонуни уҳдадориҳо пешбинишуда танзим карда мешаванд.

5. Зимнан, дар шартномаи хариду фурӯш байналмилалии мол шарти ҳатмӣ гузаштани ҳуқуқи моликият ба мол аз фурӯшанда ба харидор мебошад. Фарқи асосии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз дигар намуди шартномаҳо дар он аст, ки дар он предмети шартнома ё ҳуқуқи истифодабарии мол ё расонидани хизмат мебошад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирқулов Х.Р.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ИЗУЧЕНИЯ ДОГОВОРА МЕЖДУНАРОДНОЙ КУПЛИ-ПРОДАЖИ ТОВАРОВ

Ключевые слова: контракт; покупка; продажа; покупатель; продавец; норма; Венская Конвенция; внешняя торговля; законодательство; отношение.

Аннотация: В данной статье представлена информация о некоторых аспектах исследования договора международной купли-продажи товаров. Договор международной купли-продажи товаров – это договор о праве собственности на определенный вид товара, который заключается между сторонами, чьи коммерческие предприятия расположены на территории разных государств. В законодательстве Республики Таджикистан данное исследование считается новым.

Раджабзода Махмадёр Носир - ректор Таджикского педагогического института в Раштском районе, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru, Тел.: (+992) 902-88-70-44.

Давлатов Насимджон Махмаджонович - соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: nasimjon19941994@mail.ru, Тел.: (+992) 933-88-88-44.

SOME ASPECTS OF THE STUDY OF THE CONTRACT OF INTERNATIONAL SALE OF GOODS

Keywords: contract; purchase; sale; buyer; seller; norm; Vienna Convention; foreign trade; legislation; attitude.

Annotation: This article provides information on some aspects of the study of the contract of international purchase and sale of goods. The contract of international purchase and sale of goods is the contract of ownership of a certain type of goods, which is concluded between the parties whose business enterprises are located in the territory of different countries. In the legislation of the Republic of Tajikistan, this research is considered new.

Rajabzoda Mahmadyor Nosir - rector of the Tajik Pedagogical Institute in Rasht district, candidate of juridical sciences, associate professor. E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru, Tel.: (+992) 902-88-70-44.

Davlatov Nasimjon Mahmadzhonovich - applicant for the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: nasimjon19941994@mail.ru, Tel.: (+992) 933-88-88-44.

Рӯйхати адабиёт:

1. Хоннолд Ҷ. Қонуни фурӯши байналмилалӣ тибқи Конвенсияи СММ дар соли 1980. Клювер, 1991. – С. 189.

2. Винкап М.Ҳ. Қонун ва амалияи шартномавӣ (Системаи англисӣ ва муқоисаҳои континенталӣ). Лондон, 1996. – С.143.

3. Конвенсияи Вена дар бораи шартномаҳо оид ба фурӯши байналмилалии мол. Шарҳ. М.: Юриздат, 1994. – с.42-43.

4. Гавзе Ф.И. Шартномаи гражданин сотсиалистӣ. М., 1972. – С.87.

5. Давлатов Н.М. Шартҳои асосӣ дар бастани шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. №4 (12), 2022 – С. 96-99.

6. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-июни соли 2023. Моддаи 2, банди 4. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 06.05.2023).

7. Конвенсияи СММ оид ба шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол. Бюллетени РФ ВА. № 1, 1994. – С. 11.

8. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 // (Захираи электронӣ) манбаи дастрасӣ www.mmk.tj.

9. Лазарев А. Шартҳои асосии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол: дисс. н.и.ҳ. М., 2005. – С. 103.

10. Левин Д.Б. Проблемаҳои актуалии назарияи ҳуқуқи байналмилалӣ. – М.: Лит., 1974. – С. 34.

11. Леонова Е.В. Шартномаи байналмилалии хариду фурӯш: хулоса ва мазмун: диссе.н.и.ҳ. қонунӣ илмҳо. Петербург, 2002. – С.60.

12. Мусин В.А. Шартномаҳои тиҷорати байналмилалӣ. Л., 1986. 28. – С. 25.

13. Потяркин Д. Бастани шартнома // Иқтисод ва ҳуқуқ. № 11, 1997. – С. 114.

14. Рачабзода М.Н., Давлатов Н.М. Баъзе масъалаҳои таърихию ҳуқуқии тиҷорати байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои актуалӣ ва векторҳои рушди илм ва техникаи муосир: монография / [Андрющенко Д.В. ва дигарон]. – Петрозаводск: ICNP «Новая илм», 2022. – 397 с.: бемор. - Гурӯҳи муаллифон.

15. Розенберг М.Г. Хариду фурӯши байналмилалии мол. Шарҳ оид ба танзими ҳуқуқӣ ва амалияи ҳалли баҳсҳо. М., 2006. – С.74.

16. Н.В. Николюкин. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалӣ. [://www.portal-law.ru/articles/tamognia/kontrakt_mezhdunarodnojj_kupli-prodazhi. Санаи дастрасӣ: 23.09.2022

Список литературы:

1. Хоннольд Дж. Закон о международных продажах согласно Конвенции ООН 1980 года. Клювер, 1991. – С. 189.

2. Винкап М.Х. Договорное право и практика (Английская система и континентальные сравнения). Лондон, 1996. – С.143.

3. Венская конвенция о договорах международной купле-продажи товаров. Комментарий. М.: Юриздат, 1994. – С. 42-43.

4. Гавзе Ф.И. Социалистический гражданско-правовой договор. М., 1972. – С. 87.

5. Давлатов Н.М. Основные условия при заключении международной купли-продажи товаров // Вестник Таджикского педагогического института в Раштском районе. № 4 (12), 2022 – С. 96-99.

6. Культурный кодекс Республики Таджикистан от 1 июня 2023 года. Статья 2, пункт 4. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://mmk.tj (дата обращения: 05.06.2023).

7. Конвенция ООН о договорах международной купле-продажи товаров. Вестник ВА РФ. № 1, 1994. – С. 11.

8. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года // (электронный ресурс) источник доступа www.mmk.tj

9. Лазарев А.А. Существенные условия договора международной купле-продажи товаров: дисс. канд. юр. наук. М., 2005. –С. 103.

10. Левин Д.Б. Актуальные проблемы теории международного права. – М.:Юрид. лит., 1974г. – С. 34.

11. Леонова Е.В. Международной договор купле-продажи: заключение и содержание: дисс. канд. юр. наук. СПб., 2002. – С. 60.

12. Мусин В.А. Международные торговые контракты. Л., 1986. 28. – С. 25.

13. Потяркин Д. Заключение договора // Хозяйство и право. № 11, 1997. – С. 114.

14. Раджабзода М.Н., Давлатов Н.М. Некоторые историко-правовые вопросы международной торговли и международного договора в Республике Таджикистан // Актуальные вопросы и векторы развития современной науки и технологий: монография / [Андрющенко Д. В. и др.]. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. –397 с.: ил. – Коллектив авторов.

15. Розенберг М.Г. Международная купля-продажа товаров. Комментарий к правовому регулированию и практике разрешения споров. М., 2006. – С. 74.

16. С.В. Николюкин. Контракт международной купле-продажи. [://www.portal-law. ru/articles/tamognia/kontrakt_mezhdunarodnojj_kupli-prodazhi. Дата обращения: 23.09.2022 г.

List of literature:

1. Honnold J. Law for International Sales under the 1980 United Nations Convention. Cluver, 1991. – P. 189.

2. Whincup M.H. Contract law and practice (The English system and continental comparisons). London, 1996. – P. 143.

3. Vienna Convention on Contracts for the International Sale of Goods. A comment. M.: Yurizdat, 1994. – pp. 42-43.

4. Gavze F.I. Socialist civil contract. M., 1972. – P. 87.

5. Davlatov N.M. The main conditions in concluding an international purchase and sale of goods // Bulletin of the Tajik Pedagogical Institute in Rasht district. No. 4 (12), 2022 - P. 96-99.

6. Cultural Code of the Republic of Tajikistan from June 1, 2023. Article 2, paragraph 4. [Electronic resource]. Source of access: URL: http://mmk.tj (access date: 06.05.2023).

7. UN Convention on Contracts for the International Sale of Goods. Bulletin of the RF VA. No. 1, 1994. – P. 11.

8. Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 // (electronic resource) access source www.mmk.tj

9. Lazarev A.A. Essential terms of a contract for the international sale of goods: diss. Ph.D. legal Sciences. M., 2005. – P. 103.

10. Levin D.B. Current problems of the theory of international law. – M.: Legal lit., 1974. – P. 34.

11. Leonova E.V. International sales contract: conclusion and content: diss. Ph.D. legal Sciences. St. Petersburg, 2002. – P. 60.

12. Musin V.A. International trade contracts. L., 1986. 28. – P. 25.

13. Potyarkin D. Conclusion of an agreement // Economy and law. No. 11, 1997. – P. 114.

14. Radzhabzoda M.N., Davlatov N.M. Some historical and legal issues of international trade and international treaty in the Republic of Tajikistan // Current issues and vectors of development of modern science and technology: monograph / [Andryushchenko D.V. et al.]. – Petrozavodsk: ICNP “New Science”, 2022. –397 p.: ill. – Team of authors.

15. Rosenberg M.G. International purchase and sale of goods. Commentary on legal regulation and dispute resolution practice. M., 2006. – P. 74.

16. S.V. Nikolyukin. International sales contract. [://www.portal-law. ru/articles/tamognia/ kontrakt_mezhdunarodnojj_kupli-prodazhi. Date of access: 09/23/2022.

УДК: 347.23

Шамсиддин Шоҳин,
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: shokhinsh@mail.ru
Тел.: (+992) 904-91-28-45.

ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ШАХС БА АШЁЕ, КИ БА ОН ТААЛЛУҚ ДОШТА НАМЕТАВОНАД

Калидвожаҳо: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон; қонунгузории маданӣ; ҳуқуқи моликият; қатъ гардидани ҳуқуқи моликият; молу мулк; бегона намудан; қарори суд; фурӯши маҷбурии молу мулк; арзиши муайяннамудаи суд; силоҳ; силоҳи ғайринизомӣ; воситаҳои нашъадор; моддаҳои психотропӣ; иҷозатнома.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур яке аз асосҳои маҷбуран вале музднок гирифтани молу мулки молик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шахс ба ашёе, ки ба он тааллуқ дошта наметавонад, ҳамчун асоси мустақили қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ҳисобида мешавад, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва олимони хориҷӣ доир ба он андешаҳои гуногун иброз гардидааст. Чун қоида агар таҳти моликияти шахс ашёе қарор гирад, ки тибқи қонун чунин молу мулк ба ин шахс тааллуқ дошта наметавонад, вай дар давоми як соли ҳуқуқдор гаштан, онро бояд аз тасарруфии худ барорад. Вале агар барои доштани чунин молу мулк гирифтани иҷозати махсус зарур бошад, он лаҳзаи гирифтани иҷозати мақомоти дахлдор таҳти моликияти шахс қарор мегирад.

Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун сурат мегирад. Пеш аз ҳама, инҳо ҳолатҳои қатъи ин ҳуқуқ бо иродаи соҳибмулк мебошанд. Дар баробари ин бар хилофи иродаи молик низ мумкин аст ҳуқуқи моликият қатъ карда шавад. Сухан дар бораи асосҳои маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият меравад.

Маҷбуран аз молик гирифтани молу мулки ба ӯ тааллуқдошта танҳо дар ҳолатҳои бевосита дар қ. 2, м. 306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) зикргардида роҳ дода мешавад. Рӯйхати чунин асосҳо ба таври мукаммал тартиб дода шудааст, ки ҳатто бо қонуни дигар васеъ кардани онро имкон намедиҳад. Ин яке аз кафолатҳои муҳими ҳуқуқи соҳибмулк мебошад. Асосҳои мушаххаси гирифтани молу мулк аз молик бар хилофи иродаи ӯ ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд бояд бевосита дар қонун пешбинӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр яке аз асосҳои дигари маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ин қатъ гардидани ҳуқуқи моликияти шахс ба ашёе мебошад, ки ба он тааллуқ дошта наметавонад. Мувофиқи м. 309 КМ ҶТ агар бо асосҳои иҷозатдодаи қонун дар моликияти шахс ашёе қарор дошта бошанд, ки аз рӯйи қонун ба он тааллуқ дошта наметавонад, чунин ашё бояд аз ҷониби ин шахс дар давоми як сол аз лаҳзаи пайдо шудани ҳуқуқи моликият нисбат ба ашё бегона карда шаванд, агар қонун муҳлатҳои дигарро муқаррар накарда бошад.

Агар молик дар муҳлати муайяннамудаи қисми якуми моддаи мазкур ашёро бегона накарда бошад, чунин ашё бо назардошти хусусият ва таъиноташон бо санади судӣ, ки мутобиқи аризаи мақомоти дахлдори давлатӣ бароварда шудааст, бояд ба таври маҷбурӣ фурӯхта шуда, маблағи онҳо ба молики мазкур дода шавад ё ашё ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронда шуда, арзиши муайяннамудаи суд ба собиқ молик пардохт карда шавад. Дар ин ҳолат маблағи хароҷот вобаста ба бегона кардани ашё аз маблағи ба собиқ молик пардохташаванда кам карда мешавад.

Агар таҳти моликияти шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ тибқи асосҳои иҷозатдодаи қонун ашёе қарор гиранд, ки барои ба даст овардани онҳо иҷозати махсус зарур аст, вале додани онҳо ба молик рад шудааст, чунин ашё бо тартиби муқарраршуда барои ашёе, ки наметавонанд ба молики мазкур тааллуқ дошта бошанд, бегона карда мешаванд [4].

Аз рӯйи муқаррароти моддаи мазкур саволе ба миён меояд, ки кадом намуди ашёҳо наметавонад дар моликияти шахс вуҷуд дошта бошад? Бо кадом сабаб молу мулки мазкур бояд аз тасарруфии шахсе, ки ба ӯ доштани чунин молу мулк аз рӯйи қонун манъ аст, бегона карда шавад? Мушаххас намудани ҷавоб ба саволҳое, ки аз фаҳмиши меъёри м. 309 КМ ҶТ бармеояд, мақсади асосии таҳлил ба шумор меравад.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва таҳқиқи алоҳидаи муҳаққиқони соҳа чунин бармеояд, ки ба доираи молу мулке, ки тибқи талаботи қонун наметавонад дар моликияти шахс қарор дошта бошад, асосан молу мулки муомилоташон маҳдуд ва молу мулке, ки истифодаи онҳо иҷозати махсусро талаб менамояд, фаҳмида мешавад. Муқаррароти моддаи мазкур нисбат ба молу мулке, ки аз муомилот гирифта шудаанд, татбиқ намегардад.

Ба молу мулке, ки муомилоташон маҳдуд ва молу мулке, ки истифодаи онҳо иҷозати махсусро талаб менамояд, асосан силоҳ, моддаҳои сахттаъсир, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дохил мешаванд. Тартиби ба муомилот баровардани онҳоро қонунҳои соҳавӣ танзим менамояд.

Гирифтани молу мулк аз молик, чун қоидаи умумӣ, дар асоси ҷуброшаванда, яъне бо пардохти арзиши ашёи гирифташуда ба молик ҳангоми бегона кардани молу мулке, ки бинобар манъи қонун ба ин шахс тааллуқ дошта наметавонад (ашёи аз муомилот гирифташуда ё муомилоташ маҳдуд) анҷом дода мешавад.

Қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба молу мулке, ки тибқи қонун ба ин шахс тааллуқ дошта наметавонад (м. 238 КМ ҶТ) дар навбати аввал ба ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқии давлат ва ҷамъият нигаронида шудааст. Сухан дар бораи он намудҳои молу мулке меравад, ки бо муқаррароти бевоситаи қонун аз муомилот гирифта мешаванд (яъне онҳо метавонанд танҳо дар моликияти давлатӣ бошанд ё дар муомилот маҳдуд бошанд), аз ҷумла, онҳо бояд танҳо бо тартиби муқарраргардида (гирифтани иҷозати махсуси мақомоти давлатӣ) ба даст оварда шаванд [10, с. 620].

Ба андешаи Қ.Ш. Қурбонов муқаррароти моддаи мазкур танҳо нисбат ба объектҳои муомилоташон дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ маҳдудбуда тааллуқ дорад [9, с. 346]. Агар ин гуна молу мулк (масалан, силоҳ, маводи сахттаъсир ва маводи мухаддир) ба соҳибмулк ғайриқонунӣ гузарад, пас, албатта, ин ҳолат боиси оқибатҳои воқеии ҳуқуқӣ намегардад, хусусан ҳуқуқ ба моликият. Аммо агар ин ашёҳо дар асоси қонунӣ дар ихтиёри хусусии молик бошад (масалан, силоҳ аз як шаҳрванд ба шаҳрванди дигар бо тартиби мерос гузашта бошад), вале худи ин шахс мувофиқи қонун аз имкони соҳиби чунин навъи ашёҳо будан ё ба даст овардани ҳуқуқи моликият маҳрум бошад, ин ашёҳо маҷбуран бегона карда мешаванд [11, с. 533].

Объектҳои ҳуқуқҳои маданӣ метавонанд бо тартиби ворисии ҳуқуқии умумӣ ва ё бо тарзи дигар озодона бегона карда шаванд ё аз як шахс ба шахси дигар гузаранд, агар муомилоти онҳо манъ ё маҳдуд нашуда бошад. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадание, ки дар муомилот будани онҳо роҳ дода намешавад (объектҳое, ки аз муомилот бароварда шудаанд), бояд бевосита дар қонун нишон дода шаванд. Намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадание, ки танҳо ба иштирокдорони муайяни муомилот тааллуқ дошта метавонанд ё дар муомилот қарор доштани онҳо танҳо бо иҷозати махсус имконпазир аст (объектҳое, ки муомилоташон маҳдуд аст), бо тартиби муқаррарнамудаи қонун муайян карда мешаванд (м. 137 КМ ҶТ).

Ҳамин тавр, шаклҳои объектҳои ҳуқуқҳои мадание, ки танҳо ба иштирокчиёни муайяни ин муомилот тааллуқ дошта метавонанд ё дар муомилот мавҷуд буданашон иҷозати махсусро талаб менамояд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд. Ба онҳо ду гурӯҳи объектҳо

дохил мешаванд. Аввал объектҳое, ки метавонанд танҳо ба иштирокчиёни қотеона муайянгардидаи муомилоти маданӣ марбут бошанд (масалан, объектҳое, ки таҳти муомилоти мустаснои давлат қарор доранд). Дуюм, объектҳое, ки таҳти муомилоти маданӣ қарор дода мешаванд, масалан, силоҳ барои шикори ҳайвонот ва парандаҳо, ки шаҳрвандон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба даст овардаанд.

Муқаррароти моддаи 309 КМ ҶТ бо шарти қонунӣ будани асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият татбиқ мегардад. Мутобиқи м. 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013, №939 [8] ташкилотҳои давлатии ҳарбикунонидашуда; – ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи ҶТ; – иттиҳодияҳои ҷамъиятии варзишӣ ва шикорчигӣ; – муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки бо коллексиякунӣ ё банамоишгузории силоҳ машғуланд; – шаҳрвандони ҶТ; – шаҳрвандони хориҷӣ; – бонкҳои ҶТ; – хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи ҶТ; – нозирони давлатии ҳифзи муҳити зист; – нозироти давлатии ҳифзи ҷангал; – муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ ва хадамоти алоқаи фелдегерӣ субъектҳое мебошанд, ки дар ҳудуди ҶТ ҳуқуқи соҳиб шудан ба силоҳро доранд.

Субъектони мазкур пас аз ба даст овардани рухсатнома, ки аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии ҶТ дода мешавад, ҳуқуқи ба даст овардани силоҳро пайдо мекунанд. Масалан, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва мақомоти давлатие, ки қонунгузории ҶТ муайян кардааст, баъди аз мақомоти корҳои дохилӣ гирифтани рухсатнома ҳуқуқ доранд ба силоҳи хизматӣ ва ғайринизомӣ соҳиб шаванд.

Шаҳрвандони ҶТ, ки ба синни бистуяксолагӣ расидаанд, баъди гирифтани рухсатнома барои соҳиб шудан ба намуди мушаххаси силоҳ дар мақомоти корҳои дохилии маҳалли истиқомат ҳуқуқи соҳиб шудан ба силоҳи худмуҳофизатӣ, силоҳи варзишӣ, силоҳи шикорӣ ва силоҳи ишоракунандаро доранд. Шакли рухсатномаро Вазорати корҳои дохилии ҶТ муқаррар мекунад.

Аз муқаррароти дар боло дарҷгардида бармеояд, ки шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони воқеии алоҳида танҳо ҳуқуқи ба даст овардани силоҳи ғайринизомиро доранд. Ҳамзамон, қонунгузорӣ барои шахсони воқеӣ гирифтани силоҳи мукофотиро низ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ кафолат медиҳад. Силоҳи мукофотӣ силоҳе мебошад, ки дар асоси фармони Президенти ҶТ, қарори Ҳукумати ҶТ ё ҳуҷҷатҳои мукофотии роҳбарони давлатҳо ё ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ, инчунин дар асоси фармонҳои роҳбарони Вазорати мудофиаи ҶТ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ ва Кумитаи давлатии амнияти миллии ҶТ гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, бо асосҳое, ки дар боло ишора гардид, ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқарраргарида ҳуқуқи истифодаи силоҳро ба даст меоранд. Дар баробари ин Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» кафолати мукофотонидан, фурӯхтан, туҳфа кардан ва ба мерос гузоштани силоҳро аз тарафи шаҳрвандон кафолат медиҳад. Дар асоси қ. 2, м. 26 қонуни зикршуда шаҳрванд ҳуқуқ дорад силоҳеро, ки моликияти шахсии ӯ мебошад, ба истиснои силоҳи ҷангии мукофотӣ, бо қаблан огоҳ кардани мақомоти корҳои дохилӣ, ки ба вай барои нигоҳ доштан ва гирифта гаштани он рухсатнома додааст, фурӯшад.

Инчунин мутобиқи банди 19 Тартиби гардиши силоҳи ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2017, №161 [12] тасдиқ гардидааст, шаҳрвандони ҶТ метавонанд силоҳи ғайринизомии дар ихтиёри худ бударо тибқи рухсатномаи мақомоти корҳои дохилӣ ба номи дигар шаҳрванд гузаронанд.

Ҳамзамон ҳангоми фурӯши силоҳи хизматӣ ва силоҳи ғайринизомӣ мамнуиятҳое, низ пешбинӣ гардидааст, ки ҳангоми хариду фурӯши силоҳ набояд сарфи назар карда шаванд. Масалан, тибқи талаботи қ. 3, м. 24 қонуни мазкур ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки рухсатномаро оид ба соҳиб шудан ба силоҳи хизматӣ ва ғайринизомӣ бе тамғаи мутобиқати стандарт, инчунин рухсатномаро барои нигоҳ

доштан ва гирифта гаштани чунин силоҳ пешниҳод накардаанд, фурӯши силоҳ ва лавозимоти ҷангии он манъ аст.

Туҳфа кардан ва ба мерос гузоштани силоҳ бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҶТ амалӣ мешаванд, агар меросхӯр ё шахсе, ки ба вай силоҳ туҳфа карда мешавад, барои соҳиб шудан ба ҳамин намуди силоҳ рухсатнома дошта бошад. Дар сурати вафот кардани соҳиби силоҳи ғайринизомӣ он дарҳол аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ то ҳал шудани масъалаи ба мерос гузоштани молу мулк ва гирифтани рухсатнома барои соҳиб шудан ба ин намуди силоҳ гирифта мешавад (қ.қ. 3-4, м. 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ»).

Тавре ки ба назар мерасад, қонунгузор кафолати анҷом додани аҳдҳо барои истифодаи минбаъдаи силоҳро бо дарназардошти риояи қоидаҳои муқарраргардида пешбинӣ намудааст. Ба андешаи олимони ватанӣ, қонунӣ будани чунин асоси ба даст овардани ҳуқуқи моликият шубҳаовар намебошад, вале барои он ки ҳуқуқдории соҳибмулк амалӣ гардад, молики нав бояд тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» иҷозатнома ба даст орад, аз ҷумла ҳангоми қабули мерос [10, с. 620].

Ҳамин тавр, бо асосҳои иҷозатдодаи қонун дар моликияти шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ чунин ашёе қарор гирад, ки тибқи қонун аз они ӯ буда наметавонад, ин молу мулкро дар давоми як соли ҳуқуқдор гаштан аз тасарруфи худ барорад, агар қонун муҳлати дигареро пешбинӣ накарда бошад. Ин муҳлат аз лаҳзае оғоз меёбад, ки асосҳои мавҷуд будани молу мулк дар моликияти ин шахс аз байн рафта бошад [16, с. 255].

Агар молик молу мулкро дар давоми муҳлати муайяннамудаи қонун аз тасарруфии худ набароварда бошад, он бо назардошти хусусият ва таъиноташ бо қарори суд, ки мутобиқи аризаи дахлдори мақомоти давлатӣ бароварда шудааст, бояд ба таври маҷбурӣ фурӯхта, маблағи он ба молик дода шавад ё молу мулк ба моликияти давлатӣ дода шуда, арзиши муайяннамудаи суд ба молики аввал пардохта мешавад. Дар ин сурат хароҷоти аз тасарруф баровардани амвол рӯёнида мешавад.

Ҳамин тавр, қоидаҳои м. 309 КМ ҶТ танҳо дар ҳолатҳои зерин татбиқ мегардад:

1) ворисӣ (барои шаҳрвандон);

2) ворисии ҳуқуқӣ ҳангоми азнавташкилдиҳӣ (барои шаҳрвандон);

3) тағйирёбии низоми ҳуқуқии ашё (гузаштани ашё ба гурӯҳи объектҳои муомилоташон маҳдуд);

4) тағйири вазъи шахс (қатъи ҳуқуқи соҳибии шахс ба ашёи муомилоташон маҳдуд) [9, с. 346]. Чунин талабот дар воқеъ нисбат ба силоҳ ҳамчун молу мулки муомилоташ маҳдуд тааллуқ дошта метавонад.

Р.В. Волянская зикр менамояд, ки агар шаҳрванд ҳуқуқи соҳиби силоҳ буданро надошта бошад (масалан, дар сурати набудани иҷозатнома), дар ин ҷо ду роҳи гуногун имконпазир аст, вале дар ҳарду ҳолат бо қарори мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран аз ҳуқуқи моликият маҳрум кардани молик мумкин нест [2, с. 104]. Агар хариду фурӯши силоҳ сурат гирифта бошад, аммо иҷозатнома танҳо ба даст наомада бошад, дар ин ҷо пас амалиёти беэътибории аҳд вуҷуд дорад (м. 183 КМ ҶТ), ки боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ намегардад, аз ҷумла ҳуқуқи моликият (м. 182 КМ ҶТ).

Мутобиқи қ. 2, м. 182 КМ ҶТ, дар сурати беэътибории аҳд, агар дар қонун оқибатҳои дигари беэътиборӣ пешбинӣ нагардида бошанд, ҳар яке аз тарафҳо уҳдадор аст ба тарафи дигар тамоми чизеро, ки аз рӯйи аҳд ба даст овардааст, баргардонад ва агар дар шакли асл баргардондани он имконнопазир бошад (аз ҷумла дар ҳолате, ки он дар истифодаи молу мулк, кори иҷрошуда ё хизматрасонӣ ифода гардида бошад), арзиши онро бо пул пардохт намояд.

Роҳи дигар низ имконпазир аст, масалан, агар ворис силоҳро ба мерос гирад, аммо иҷозатнома надошта бошад. Дар ин ҳолат, ӯ метавонад барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат кунад ва агар ӯ ин амалро анҷом надиҳад ё ба ӯ додани иҷозатнома рад карда шавад, оқибатҳои пешбининамудаи м. 309 КМ ҶТ ба амал меоянд. Аммо дар ин сурат дар давоми сол қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба амали худи ӯ вобаста аст, на ба қарори мақомоти корҳои дохилӣ.

Т.А. Трифонова зимни таҳқиқи ин масъала чунин таъкид менамояд, ки «соҳиби чунин молу мулк ҳуқуқ дорад, ки онро дар давоми як сол бо ҳар роҳе, ки қонун иҷозат додааст (албатта, танҳо ба шахсе, ки барои соҳиб шудан ба моликият ваколатдор аст) бегона кунад, агар дар қонуни махсус муҳлати дигаре, чун қоида, кӯтоҳтар пешбинӣ нашуда бошад. Агар ин тавр нашавад, суд метавонад дар бораи фурӯши маҷбурӣ ё дар бораи ба моликияти давлатӣ додани он қарор қабул намояд. Мазмуни чунин қарор пеш аз ҳама бо хусусият ва мақсади молу мулки дахлдор муайян карда мешавад.

Масалан, маълум аст, ки дар музоядаҳои оммавӣ маҷбуран фурӯхтани силоҳ ва ё моддаи заҳролудкунанда, агар соҳиби онҳо барои нигоҳдорӣ ё истифода иҷозати махсус надошта бошад, ба мақсад мувофиқ нест. Чунин объектҳо дар ин вазъият танҳо моликияти ҷамъиятӣ мешаванд. Аммо дар ҳарду ҳолат соҳиби собиқ ҳуқуқ дорад ҷуброни молу мулки гирифташударо (ё дар шакли даромад аз фурӯш бо назардошти хароҷоти зарурии фурӯши ашё ё дар шакли ҷуброни муайяннамудаи суд) талаб намояд» [14, с. 14].

Роҷеъ ба ин М.В. Балин дуруст қайд кардаанд, ки муомилоти бегонакунӣ, инчунин мерос танҳо дар робита бо силоҳи сарди ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он имконпазир аст [1, с. 158]. Барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба силоҳи ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он сараввал ба даст овардани иҷозатномаи харид, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ дода мешавад, зарур аст. Ариза ва маводи барои соҳиб шудан ба силоҳи ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он, ки тибқи қонунгузории ҶТ муқаррар шудааст ва ба Вазорати корҳои дохилӣ аз ҷониби шаҳрвандон, корхонаву муассиса ва дигар ташкилотҳо пешниҳод шудааст, дар муддати як моҳ баррасӣ гардида, дар ҳолати рад намудан ба онҳо тариқи хаттӣ бо зикри сабабҳои радкунӣ хабар дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки рухсатнома оид ба соҳиб шудани силоҳи ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба корхона, муассиса, ташкилотҳо ва шаҳрвандон ба муҳлати шаш моҳ дода мешавад.

Мутобиқи бандҳои 20 ва 22 Тартиби гардиши силоҳи хизматӣ ва лавозимоти ҷангии он, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2017, №160 [13] тасдиқ гардидааст, ҳангоми бақайдгирӣ ба корхона, муассиса ва дигар ташкилот барои нигоҳ доштан ва истифода бурдани ин силоҳ дар асоси ҳуҷҷатҳое, ки қонунӣ будани соҳиб шудан ба силоҳро тасдиқ мекунанд, ба муддати панҷ сол рухсатнома дода мешавад. Ҳангоми бақайдгирӣ ба кормандони корхона, муассиса ё дигар ташкилот барои нигоҳ доштан ва истифода бурдани ин силоҳ ба муҳлати се сол дар асоси санадҳои тасдиккунандаи қонунӣ будани соҳибияти он рухсатнома дода мешавад. Муҳлати амали рухсатнома тибқи тартибе, ки барои гирифтан ва соҳиб шудан ба силоҳ пешбинӣ шудааст, дароз карда мешавад.

Дар ин ҷо ба масъалаи таҳти моликият қарор додани силоҳ, ки тибқи қонун аз ҷониби шахс гирифтани иҷозати махсусро пешбинӣ менамояд вале он аз ҷониби мақомот нисбат ба он рад шудааст, таваҷҷуҳ намудан зарур аст. Чунин меҳисобем, ки молик ҳангоми васияти молу мулки худ, ки ба таркиби он силоҳ ҳамроҳ мебошад, иҷозати қонунӣ дорад ва ин молу мулк аз ҷумла силоҳ бояд аз ҷониби меросгир бо гирифтани иҷозатномаи мақомот қонунӣ гардонида шавад.

Дар асоси талаботи м. 1305 КМ ҶТ ашёе, ки муомилоташон маҳдуд мебошад, бо тартиби умумӣ ба мерос мегузаранд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Инчунин мутобиқи банди 320 Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ, ки аз 13 январи соли 2015, №7«а» [3] бо фармоиши Вазири адлияи ҶТ тасдиқ гардидааст, силоҳ, моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, воситаҳои нашъаовар ва психотропӣ ва ашёҳои дигари қобилияти гардишашон маҳдуд, ки ба меросгузор мансуб мебошанд, ба таркиби мерос дохил мешаванд ва дар асоси қоидаҳои умумӣ бо баъзе истисноҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба мерос дода мешаванд.

Агар дар таркиби молу мулки меросӣ силоҳ ва ашёҳои дигари қобилияти гардишашон маҳдуд мавҷуд бошад, нотариус дар ин бора мақомоти корҳои дохилиро хабардор менамояд. Дар сурати вафот кардани соҳиби силоҳи ғайринизомӣ онро дарҳол мақомоти корҳои дохилӣ то ҳал шудани масъалаи ба мерос гузаштани молу мулк ва гирифтани рухсатнома барои харидани ҳамин намуди силоҳ гирифта метавонад (м. 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ»).

Нотариус ариза дар бораи додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба меросро қабул намуда, бояд аз ворис иҷозати махсусро талаб кунад. Зимни додани шаҳодатнома нотариус ба ворис мефаҳмонад, ки агар дар моликияти ӯ молу мулке бошад, ки ба доштани он иҷозати махсус зарур аст ва додани он ба ворис рад шудааст, масъалаи мазкур тибқи қоидаҳои пешбининамудаи м. 309 КМ ҶТ ҳал карда мешавад. Ҳамин тавр агар меросгир иҷозати дахлдорро барои ашёи дорои муомилоти маҳдуд ба даст оварда натавонад, тибқи м. 309 КМ ҶТ ба ӯ маблағи аз фурӯши чунин молу мулк бадастомада дода мешавад ё арзиши дахлдор пардохт карда мешавад.

Албатта мавридҳои рад намудани додани иҷозатномаи мақомоти дахлдор барои ба моликият қабул намудани силоҳро қонунгузорӣ муқаррар менамояд. Ба андешаи мо рад намудани додани иҷозатнома ба муқаррароти пешбининамудаи м. 20 Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» асос меёбад. Мутобиқи он шахсони зерин барои соҳиб шудан ба силоҳ ҳуқуқ надоранд:

1) шахсоне, ки ба синни бистуяксолагӣ нарасидаанд;

2) шахсоне, ки бинобар майзадагӣ ва нашъамандӣ дар қайди мақомоти тандурустӣ қарор доранд;

3) шахсоне, ки беморӣ ё нуқсонҳои ҷисмонӣ доранд ва ин ҳолатҳо ба муомилаи дуруст бо силоҳ монеъ мешаванд;

4) шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои қасдона доғи судӣ доранд;

5) шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо мекунанд;

6) шахсоне, ки дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, ки ба тартиботи ҷамъиятӣ ё ба тартиботи муқаррарнамудаи идоракунӣ таҳдид мекунад;

7) шахсоне, ки ба мақомоти корҳои дохилӣ ҳуҷҷати тасдиққунанда дар бораи гузаштан аз санҷиши донистани қоидаҳои муносибати эҳтиёткорона бо силоҳро пешниҳод накардаанд;

8) шахсоне, ки бо ҳукми суд аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти касбӣ ё соҳибкорӣ дар соҳаи гардиши силоҳ маҳрум шудаанд;

9) шахсоне, ки ҷойи доимии истиқомат ё шароити нигаҳдории силоҳро надоранд.

Ҳамин тавр, ҳангоми қабули мерос агар яке аз ҳолатҳои дар боло ишорашуда ба шахсияти меросгир мувофиқ оянд, бешубҳа он метавонад боиси рад гардидани додани иҷозатнома барои хариди силоҳ аз ҷониби мақомот гардад. Дар чунин сурат силоҳ аз молик гирифта шуда, маҷбуран фурӯхта мешавад ва маблағи аз фурӯши он бадастомада бо тарҳи хароҷоти бегона кардани он ба молик пардохт карда мешавад.

Парвандаи маҷбуран қатъ намудани ҳуқуқи моликият ба силоҳ, ки аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ оғоз мегардад, яке аз парвандаҳое мебошад, ки аз муносибатҳои ҷамъиятӣ бармеоянд ва тибқи қоидаҳои пешбининамудаи боби 23 КМГ ҶТ баррасӣ карда мешаванд.

Молу мулки дигари муомилоташ маҳдуд, ки ба меросгузор мансуб аст ва таркиби молу мулки меросӣ мебошанд, мумкин аст бо баъзе истисноҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ ба мерос гузаранд ин воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо мебошанд. Воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо дар навбати дигар ҳамчун молу мулки муомилоташон манъ ва (ё) маҳдуд буда, нисбат ба онҳо муқаррароти м. 309 КМ ҶТ татбиқ гардиданаш мумкин аст.

Мутобиқи м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз 10 декабри соли 1999, №873 [7] зери мафҳуми воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо фаҳмида мешавад:

а) воситаҳои нашъадор - маводи сунъӣ ё табиӣ, шаклҳои дорувории онҳо, инчунин растаниҳое, ки дар Конвенсияҳои байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ айнан гурӯҳбандӣ шудаанд;

б) моддаҳои психотропӣ - маводи сунъӣ ё табиӣ, шаклҳои дорувории онҳо, ки дар Конвенсияи байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ айнан гурӯҳбандӣ шудаанд;

в) прекурсорҳо - маводе, ки дар Конвенсияи байналмилалии дахлдор ва Рӯйхати миллӣ ҳамчун асос ё ёрирасон барои истеҳсол, тайёр кардан ва коркарди воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо номгӯҳои муназзами воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ки муомилоташон манъ ё маҳдуд буда, дар ҶТ зери назорат қарор доранд. Бояд қайд кард, ки Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳоро Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод менамояд.

Воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо вобаста ба дараҷаи хавфнокиашон барои саломатии инсон ҳангоми сӯистеъмоли онҳо ва бо назардошти он, ки ба кадом мақсадҳо онҳо истифода мешаванд, дар Рӯйхати миллӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Рӯйхати миллӣ ба таври расмӣ, бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҶТ интишор мешавад.

Лозим ба зикр аст, ки бо мақсади таҳвияти муборизаи бар зидди муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, инчунин бо дар назар доштани тавсияҳои конвенсияҳои солҳои 1961, 1971 ва 1988 Созмони Милали Муттаҳид, Ҳукумати ҶТ бо қарори худ аз 27 феврали соли 2020, №121 [6] Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳоро дар таҳрири нав тасдиқ намуд.

Дар замимаи қарори мазкур Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо иборат аз чор номгӯй бо фарогирии моддаҳои зикргардида ва таркиби химиявиашон замима карда шудааст.

Дар номгӯйи якум воситаҳои нашъадор мушаххас гардида, аз 146 банд иборат мебошад. Номгӯйи воситаҳои нашъадор аз банди 41 то банди 139 дорои хатари фавқулодда буда, барои мақсадҳои тибб қобили таваҷҷуҳ дониста шуда, аз банди 140 то 146 воситаҳое ҳастанд, ки сӯистифодаи онҳо то дараҷаи муайян хатарнок аст, вале барои истифода бо мақсадҳои тибб қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Дар номгӯйи дуюм моддаҳои психотропӣ иборат аз 373 банд муқаррар гардида, вобаста ба дараҷаи хатарнокӣ ва қобилияти дар истифода қарор гирифтанашон бо чунин қисматҳо ҷудо карда шудаанд:

– аз банди 1 то банди 280 - моддаҳои психотропие, ки дорои хатари фавқулоддаанд, вале барои истифода дар соҳаи тибб қобили таваҷҷуҳ намебошанд;

– аз банди 281 то банди 296 - моддаҳои психотропие, ки дорои хатари фавқулоддаанд ва ҳамзамон барои мақсадҳои тибб қобили таваҷҷуҳ мебошанд;

– аз банди 297 то банди 373 - моддаҳое, ки сӯистифодаи онҳо то дараҷаи муайян хатарнок аст, вале барои истифода бо мақсадҳои тибб қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

Прекурсорҳо дар номгӯйи сеюм пешбинӣ гардидаанд ва ба ду қисм ҷудо гардидаанд:

1) маводҳое, ки аз онҳо тайёр намудани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ имконпазир аст (дар ҳаҷми 23 банд);

2) маводҳое, ки бо ёрии онҳо тайёр намудани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ имконпазир аст (дар ҳаҷми 8 банд).

Номгӯйи чорум иборат аз 8 банд растаниҳоеро номбар менамояд, ки дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ ва ё қисмҳои онҳо, ки дорои воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ буда, ба номгӯйи якум дохил нестанд.

Тартиби ҳисобу китоб, нигаҳдорӣ, тақсимот, додан ва фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ , мутобиқи қонунгузории ҶТ аз тарафи Вазорати

тандурустии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ бо мувофиқаи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ муқаррар карда мешавад. Дар асоси талаботи м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» Фармоиши муштараки Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ аз 2 феврали соли 2022, №79 ва Вазири корҳои дохилии ҶТ аз 2 феврали соли 2022, №49 «Дар бораи Тартиби ҳисобу китоб, нигаҳдорӣ, тақсимот, додан ва фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» [15] қабул гардидааст.

Мутобиқи банди 1 Тартиби мазкур мақсади он таъмин намудани тартиби ҳисобу китоб, нигаҳдорӣ, тақсимот, додан ва фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ ва фармасевтӣ, илмию тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳои тандурустӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ мебошад. Аз ин меъёр бармеояд, ки муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо танҳо бо шахсони ҳуқуқие, ки ба табобату пешгирии бемориҳо ва таҳқиқоти илмию лабораторӣ машғуланд, анҷом дода мешавад.

Дар асоси талаботи банди 72 бошад тартиби таҳвил намудан ва фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муассисаҳои табобативу пешгирӣ, фарматсевтӣ, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, озмоишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ вобаста ба талаботи ин ё он муассиса, инчунин ба беморони ниёзманд тариқи дорухат ба роҳ монда мешавад. Аз ин меъёр бармеояд, ки ба шахсони воқеӣ, аз ҷумла онҳое, ки беморони ниёзманд ҳастанд тибқи дорухат фурӯши воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо кафолат дода мешавад.

Мавриди зикр аст, ки дар ҶТ истифодаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ бидуни таъиноти духтур манъ буда, муомилоти онҳо, аз ҷумла соҳиб шудан ба онҳо дар доираи Квотаи давлатӣ амалӣ мегардад. Квотаи давлатии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ миқдори муайяни воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки бо назардошти шартномаҳои байналмилалӣ, бо мақсади муомилоти қонунӣ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар мегардад.

Квотаи давлатии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар асоси талаботи м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 21 майи соли 2022, №241 тасдиқ гардидааст. Лозим ба зикр аст, ки дар асоси Квотаи мазкур воситаҳои нашъадор (аз 146 номгӯй танҳо 16 номгӯй) ва моддаҳои психотропӣ (аз 373 номгӯй танҳо 39 номгӯй) барои мақсадҳои тиббӣ ва барои мақсадҳои экспертизаи судӣ барои истифодабарӣ дода мешавад.

Барои муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ба ҳама гуна воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропие, ки ба Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо дохил карда шудаанд, ба миқдори 1 грамм ҳарсола квота дода мешавад. Тибқи квотаи давлатӣ воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар муомилоти қонунӣ истифода бурда мешаванд [5].

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳо боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки нисбати номгӯйи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропие, ки муомилоти қонунии онҳо дар ҳаҷми муайян кафолат дода шудааст, ба даст овардани ҳуқуқи моликият имконпазир аст. Чун қоида онҳо ба таркиби молу мулки меросӣ дохил гардида, аз ҷониби меросхӯр ба даст овардани ҳуқуқи моликият нисбат ба ин воситаҳо имконпазир аст.

Дар робита ба ин таъкид бояд кард, ки дар банди 320 Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ дар қисмати меросгирии силоҳ ва ашёҳои дигари қобилияти муомилоташон маҳдуд дарҷ гардидааст, ки «... воситаҳои нашъаовар ва психотропӣ ... ки ба меросгузор мансуб мебошанд, ба таркиби мерос дохил мешаванд ва ... ба мерос дода мешаванд». Ҳарчанд ки дар ду банди минбаъдаи ин қисмат (бандҳои 321 ва 322) сухан дар бораи ба мерос гирифтани силоҳ меравад, вале дар хусуси ба

мерос гирифтани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ ишорае мавҷуд нест.

Дар натиҷаи таҳлили мавзуи мазкур, яъне қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба ашёе, ки тибқи қонун ба шахс тааллуқ дошта наметавонад чунин хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1) муқаррароти м. 309 КМ ҶТ нисбат ба молу мулки муомилоташ маҳдуд танҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар ин молу мулк ба шахс бо шарти қонунӣ будани асосҳои ба даст овардани ҳуқуқӣ моликият иртибот дошта бошад, вагарна ҳеҷ оқибати ҳуқуқие ба миён намеояд.

2) молу мулки муомилоташ маҳдуд қисми молу мулки меросиро ташкил дода, бе гирифтани иҷозати махсус ба мерос мегузаранд. Онҳо аз лаҳзаи қабули мерос аз ҷониби меросгир ва барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият зарурати гирифтани иҷозати махсусро ба вуҷуд меоранд, ки дар қонун муқаррар гардидааст.

3) аз рӯйи муқаррароти қ. 1, м. 309 КМ ҶТ молу мулке, ки ба шахс тибқи қонун аз они ӯ буда наметавонад, бояд дар давоми як соли ҳуқукдор гардидан нисбат ба он бегона карда шавад. Дар хусуси оғози ҷараёни муҳлати яксола дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаҳои назари гуногун мавҷуд аст. Ба андешаи мо ин муҳлат аз рӯзи қабули мерос ва дар таркиби он мавҷуд будани молу мулки муомилоташ маҳдуд оғоз мегардад.

4) мавҷуд набудани муқаррарот дар хусуси тартиби ба мерос гирифтани воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар амалияи меросгирии ашёи қобилияти муомилоташ маҳдуд нофаҳмӣ ва номуайяниро ба вуҷуд оварда метавонад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади мушаххас намудани раванди эътироф ва ба расмият даровардани ҳуқуқи моликият ба воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ зимни қабули мерос аз ҷониби меросхӯр Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ дар қисмати меросгирии силоҳ ва ашёҳои дигари қобилияти муомилоташон маҳдуд такмил дода шавад. Чунки дар ин қисмат танҳо масъалаи тартиби ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба силоҳ ҳал гардида, тақдири дигар ашёи муомилоташон маҳдуд номуайян боқӣ мондааст.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

ПРЕКРАЩЕНИЕ ПРАВА СОБСТВЕННОСТИ ЛИЦА НА ВЕЩЬ, КОТОРАЯ НЕ МОЖЕТ ЕМУ ПРИНАДЛЕЖАТЬ

Ключевые слова: Гражданский кодекс Республики Таджикистан; гражданское законодательство; права собственность; прекращение права собственности; имущества; отчуждение; решение суда; принудительная продажа имущества; стоимость определяемая судом; оружие; гражданское оружие; наркотические средства; психотропные вещества; специальное разрешение.

Аннотация: В данной статье анализируется одна из причин принудительного, но платного изъятия имущества собственника. Прекращение права собственности лица на вещи, которые не могут ему принадлежать, рассматривается как самостоятельное основание прекращения права собственности, по поводу которого высказываются разные мнения отечественных и зарубежных исследователей. По общему правилу, если в собственность лица попадает вещь, которая по закону не может принадлежать такому лицу, оно должно отчуждать ее из своего владения в течение одного года с момента возникновения права на нее. Однако при необходимости получения специального разрешения на владение таким имуществом оно считается собственностью лица с момента получения разрешения соответствующих органов.

Шамсиддин Шохин - соискатель кафедры права и сравнительного правоведения Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: shokhinsh@mail.ru, Тел.: (+992) 904-91-28-45.

TERMINATION OF A PERSON'S RIGHT OF OWNERSHIP TO A THING THAT CANNOT BELONG TO HIM

Keywords: Civil Code of the Republic of Tajikistan; civil law; property rights; termination of ownership; property; alienation; the court's decision; forced sale of property; value determined by the court; weapon; civilian weapons; drugs; psychotropic substances; special permission.

Annotation: This article analyzes one of the reasons for the forced, but paid seizure of the owner's property. The termination of a person's right of ownership to things that cannot belong to him is considered as an independent basis for the termination of the right of ownership, about which there are different opinions of domestic and foreign researchers. As a general rule, if a thing falls into the ownership of a person that, by law, cannot belong to such a person, he must withdraw it from his possession within one year from the moment the right to it arises. However, if it is necessary to obtain a special permit for the possession of such property, it is considered the property of a person from the moment the permission of the relevant authorities is received.

Shamsiddin Shohin - competitor of the Department of Law and Comparative Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: shokhinsh@mail.ru, Tel.: (+992) 904-91-28-45.

Рӯйхати адабиёт:

1. Балин М.В. Асосҳои граждани-ҳуқуқии қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият: дис. … ном. илм. ҳуқ.: 12.00.03 / Балин Максим Владимирович. - Краснодар, 2011. - 215 с.
2. Волянская Р.В. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии амалҳои инфиродӣ дар муомилоти силоҳи шаҳрвандӣ // Ҳуқуқи соҳибкорӣ. - 2007. - № 2. - С. 102-107.
3. Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии ҶТ, ки аз 13 январи соли 2015, №7«а» бо фармоиши Вазири адлияи ҶТ тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
5. Квотаи давлатии воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 21 майи соли 2022, №241 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Рӯйхати миллии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо» аз 27 феврали соли 2020, №121 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» аз 10 декабри соли 1999, №873 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013, №939 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.07.2023).
9. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи граждани: қисми I (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 488 с.

10. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.

11. Ҳуқуқи граждании Россия: Китоби дарсӣ: Дар 2 ҷилд. Т.И: Қисми умумӣ. Ҳуқуқи моликият. Ҳуқуқи мерос. Ҳуқуқҳои зеҳнӣ. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ / Э.А. Суханов. - нашри 2, стереотип. – М.: Статут, 2011. – 958 с.

12. Тартиби гардиши силоҳи ғайринизомӣ ва лавозимоти ҷангии он, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2017, №161 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

13. Тартиби гардиши силоҳи хизматӣ ва лавозимоти ҷангии он, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2017, №160 тасдиқ гардидааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

14. Трифонова Т.А. Проблемаҳои назария ва амалияи маҷбуран бегона кардани силоҳ ва патронҳо ба онҳо дар асоси моддаи 238 Кодекси граждании Федератсияи Россия // Паёми Институти Сибири Шарқии Вазорати корҳои дохилии Россия. - 2013. - № 4. — С. 12-22.

15. Фармоиши муштараки Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ аз 2 феврали соли 2022, №79 ва Вазири корҳои дохилии ҶТ аз 2 феврали соли 2022, №49 «Дар бораи Тартиби ҳисобу китоб, нигаҳдорӣ, тақсимот, додан ва фурӯши воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ» // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.07.2023).

16. Ҳуқуқи граждани: қисми I. – Душанбе: «ЭР-граф», 2007. – 432 с.

Список литературы:

1. Балин М.В. Гражданско-правовые основания принудительного прекращения права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Балин Максим Владимирович. – Краснодар, 2011. – 215 с.

2. Волянская Р.В. Особенности правового регулирования отдельных действий при обороте гражданского оружия // Предпринимательское право. – 2007. – №2. – С. 102-107.

3. Инструкция о порядке совершения нотариальных действий государственными нотариусами государственных нотариальных контор Республики Таджикистан, утвержденная 13 января 2015 года № 7 “а” приказом Министра юстиции Республики Таджикистан // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

4. Гражданский кодекс Республики Таджикистан от 24 декабря 2022 года №1918 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

5. Государственная квота наркотических средств и психотропных веществ, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 21 мая 2022 года № 241 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

6. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Национальном списке наркотических средств, психотропных веществ и их прекурсоров» от 27 февраля 2020 года № 121 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

7. Закон Республики Таджикистан «О наркотических средствах, психотропных веществах и прекурсорах» от 10 декабря 1999 года № 873 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

8. Закон Республики Таджикистан «Об оружии» от 19 марта 2013 года № 939 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

9. Курбанов К.Ш. Гражданское право: часть I (учебник). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – 488 с.

10. Махмудов М.А., Тагоиназаров Ш.Т., Бобожанов И.Х., Бадалов Ш.К. Толкование Гражданского кодекса Республики Таджикистан (часть первая). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.

11. Российское гражданское право: учебник: В 2 т. Т. I: Общая часть. Вещное право. Наследственное право. Интеллектуальные права. Личные неимущественные права / Отв. ред. Е.А. Суханов. – 2-е изд., стереотип. – М.: Статут, 2011. – 958 с.

12. Порядок обращения гражданского оружия и патронов к нему, утвержденный постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 апреля 2017 года № 161 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

13. Порядок обращения табельного оружия и патронов к нему, утвержденный постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 апреля 2017 года № 160 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

14. Трифонова Т.А. Проблемы теории и практики принудительного отчуждения оружия и патронов к нему на основании статья 238 ГК РФ // Вестник Восточно-Сибирского института Министерства внутренних дел России. – 2013. – №4. – С. 12-22.

15. Совместный приказ Министра здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан от 2 февраля 2022 года № 79 и Министра внутренних дел Республики Таджикистан от 2 февраля 2022 года № 49 «О порядке по учету, хранению, распределению, поставке и реализации наркотических средств и психотропных веществ» // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 15.07.2023).

16. Гражданское право: часть I. – Душанбе: «ЭР-граф», 2007. – 432 с.

List of literature:

1. Balin M.V. Civil law grounds for the forced termination of property rights: dis. … cand. legal sciences: 12.00.03 / Balin Maxim Vladimirovich. - Krasnodar, 2011. - 215 p.

2. Volyanskaya R.V. Features of legal regulation of individual actions in the circulation of civilian weapons // Entrepreneurial Law. - 2007. - No. 2. - S. 102-107.

3. Instructions on the procedure for performing notarial acts by public notaries of state notary offices of the Republic of Tajikistan, approved on January 13, 2015 No. 7 “a” by order of the Minister of Justice of the Republic of Tajikistan // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adliya». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

4. Civil Code of the Republic of Tajikistan dated December 24, 2022 No. 1918 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

5. The state quota of narcotic drugs and psychotropic substances, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated May 21, 2022 No. 241 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

6. Decree of the Government of the Republic of Tajikistan "On the National List of Narcotic Drugs, Psychotropic Substances and Their Precursors" dated February 27, 2020 No. 121 // Centralized Information and Legal Database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

7. Law of the Republic of Tajikistan «On narcotic drugs, psychotropic substances and precursors» dated December 10, 1999 No. 873 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

8. Law of the Republic of Tajikistan «On weapons» dated March 19, 2013 No. 939 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

9. Kurbanov K.Sh. Civil law: part I (textbook). - Dushanbe: «ER-graph», 2014. - 488 p.

10. Makhmudov M.A., Tagoinazarov Sh.T., Bobozhanov I.Kh., Badalov Sh.K. Interpretation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (part one). - Dushanbe: «ER-graph», 2010. - 1000 p.

11. Russian civil law: textbook: In 2 vols. T. I: General part. Property law. Inheritance law. Intellectual rights. Personal non-property rights / Otv. ed. E.A. Sukhanov. - 2nd ed., stereotype. - M.: Statute, 2011. - 958 p.

12. The procedure for the circulation of civilian weapons and cartridges for it, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 1, 2017 No. 161 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

13. The procedure for the circulation of service weapons and cartridges for them, approved by the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated April 1, 2017 No. 160 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

14. Trifonova T.A. Problems of the theory and practice of forced alienation of weapons and cartridges to them on the basis of Article 238 of the Civil Code of the Russian Federation // Bulletin of the East Siberian Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia. - 2013. - No. 4. - S. 12-22.

15. Joint order of the Minister of Health and Social Protection of the Republic of Tajikistan dated February 2, 2022 No. 79 and the Minister of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan dated February 2, 2022 No. 49 «On the procedure for accounting, storage, distribution, supply and sale of narcotic drugs and psychotropic substances» // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan «Adlia». Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (date of access: 07/15/2023).

16. Civil law: part I. - Dushanbe: "ER-graph", 2007. - 432 p.

12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО
12.00.04 – FINANCIAL LAW; TAX LAW; BUDGET LAW



УДК: 336.221.4
Буриева Дилафруз Толибовна,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: burieva.dilafruz@gmail.com
Тел.: (+992) 934-11-11-61.

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ САРКАШӢ АЗ СУПОРИДАНИ АНДОЗИ ЗАМИН

Калидвожаҳо: конституцсия; андоз; пардохтҳо; уҳдадории андоз; эъломияи андоз; саркашӣ аз пардохти андоз; саркашӣ аз пардохти андози замин; заминистифодабаранда; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҷавобгарии ҷиноятӣ; ҷазо; субъекти ҷиноят; тарафи субъективӣ; объекти ҷиноят; тарафи объективӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур асосҳо ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ намудан аз пардохти андози замин мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Саркашӣ намудан аз пардохти андози замин, ин бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ё дигар ҳисоботи андоз, ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда ё пинҳон кардани дигар объектҳои андозбандишаванда мебошад. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки барои напардохтани маблағи андози замин гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Сари вақт ва ба пуррагӣ иҷро намудани уҳдадории андоз яке аз уҳдадориҳои конституцсионии ҳар як шахс башумор меравад. Мувофиқи моддаи 45 Конституцсияи ҶТ, супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист ва вазифаи ҳар як андозсупоранда ба ҳисоб мераванд [1].

Вале, бо сабабҳои гуногун баъзе аз андозсупорандагон дидаву дониста аз иҷрои уҳдадории супоридани андоз саркашӣ мекунанд. Бинобар ин, давлат маҷбур мешавад ҷиҳати таъмини иҷрои дахлдори уҳдадории супоридани андоз аз воситаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода намояд [2, с. 279].

Қонунгузории андоз саркашӣ аз пардохти андозро муқаррар намудааст. Мутобиқи м. 37 КА ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [4] саркашӣ аз пардохти андоз - аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ ва қасдан иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ мебошад.

Тибқи қ. 2, м. 37 КА ҶТ амалҳои зерин саркашӣ аз пардохти андоз ҳисобида мешаванд, агар андозсупоранда:

– баҳисобгирии муҳосибиро (андозиро) анҷом надиҳад ва (ё) талаботи онро таъмин накунад;

– ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибиро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андоз заруранд, нобуд карда бошад;

– дар давраи се моҳи ҳисоботӣ ҳисоботҳои андозиро пешниҳод накарда бошад;

– дар ҳисоботҳои андозӣ маблағҳои пардохтшавандаи андозиро (бо назардошти эъломияи тасҳеҳӣ) кам нишон дода бошад;

– дар муҳлатҳои дар Кодекси мазкур муқарраршуда ба мақомоти андоз маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андозӣ заруранд, пешниҳод накарда бошад;

– бе амалан анҷом додани амалиёт ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд.

Қисми 3, м. 37 КА ҶТ муқаррар намудааст, ки ҳангоми саркашӣ намудани андозсупоранда аз пардохти андоз мақомоти андоз ҳаҷми ухдадории андозии ӯро барои давраи то 10 сол аз рӯзи охирини соли андозие, ки дар он саркашӣ аз пардохти андозӣ содир шудааст, муайян менамояд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқи андоз аҳамияти махсусро танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз, аз ҷумла напардохтани андоз ишғол менамояд.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории андоз гуфта, таҳти маҷбурияти давлат аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда иҷро намудани ухдадориҳо дар бахши андозбандиро меноманд. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин) дар доираи танзими махсуси муносибатҳои молумулкӣ ҳангоми андозбандӣ ташаккул меёбад [3, с. 271].

Дар баъзе аз адабиёти илмӣ ҷавобгарӣ барои напардохтани маблағи андозро ба унсурҳои ғайриҳатмӣ (иловагӣ) дохил менамоянд. Ҷавобгарӣ барои напардохтани андоз - тадбиқи ҷазо нисбати шахси андозсупоранда аз ҷониби давлат ва ё шахси мансабдори он барои напрадохтани андоз аст [2, с. 39].

Қонунгузорӣ ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории андозро муқаррар намудааст: ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ. Дар мақолаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ барои напардохтани маблағи андози заминро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод.

Тибқи м. 17 Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998, №574 [6] кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) содиршудаи гунаҳгоронаи барои ҷамъият хавфноке, ки ҳамин Кодекс бо таҳдиди татбиқи ҷазо манъ кардааст, ҷиноят эътироф мешавад.

Мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз бошад, ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешавад ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад [5, с. 49].

Ҳамчунин, таҳти ҷинояти андоз кирдори ба ҷамъият хавфноки гунаҳгорона содиршуда фаҳмида мешавад, ки қонунгузории ҷиноятӣ таҳти таҳдиди ҷазои ҷиноятӣ манъ кардааст ва ба манфиатҳои молиявии давлат дар соҳаи андозбандӣ табъиз мекунад. Хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳои андоз дар он аст, ки онҳо боиси ворид нашудани маблағ ба буҷети давлат мегарданд ва ин ногузир боиси аз даст додани қобилияти давлат барои маблағгузории субъекҳои ҳокимияти оммавӣ мегардад [7, с. 261].

Ба андешаи Б.С. Давлатов ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад:

– ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо м. 292-293 КҶ ҶТ, ки объекти бевоситаи онҳо андозҳо ва ё пардохтҳоро дар назар дорад;

– ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд. Яъне ҳангоми содир шудани онҳо дар баробари вайрон гардидани дигар қонунҳо, қонунгузории андоз низ вайрон мегардад [5, с. 48].

Тибқи м. 22 КҶ ҶТ танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Нисбати шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазо татбиқ карда мешавад.

Нисбати шахсе, ки барои напардохтани маблағи андози замин гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Дар таркиби ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ, ҷиноятҳо дар соҳаи андоз (напардохтани маблағи андози замин) ба гурӯҳи алоҳида бар асоси нишонаҳое, ки хусусияти фаъолияти ҳаётии ҷомеаро инъикос мекунанд, ҷудо карда мешаванд [3, с. 297].

Ба ҷумлаи нишонаҳои болозикр инҳо мансубанд:

– таркиби махсуси субъектии муносибатҳои ҳуқуқии андоз (мақомоти андоз, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, агентҳои андоз ва андозсупорандагон);

– объекти мушаххас – муносибатҳо оид ба ҳисоб кардан, пардохти андозҳо, назорати сари вақт ва пурра пардохтани онҳо [7, с. 130].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз пардохти андоз ё пардохтҳо дар боби 27 (ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ) КҶ ҶТ муқаррар гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки ҷавобгарии ҷиноятии саркашӣ аз пардохти андоз ё пардохтҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар модаҳои алоҳидаи КҶ ҶТ муайян гардидааст.

Тибқи м. 349 КА ҶТ андозсупорандагони андози замин шахсони зерин мебошанд:

- заминистифодабарандагоне, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумра дода шудаанд;

- заминистифодабарандагоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода мебаранд, ба истиснои истифодабарандагони низоми ягонаи кишоварзӣ;

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд [4].

Мувофиқи м. 1^2 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №326 заминистифодабаранда - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки қитъаи замин ба ӯ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ ё бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода шудааст (ба даст оварда шудааст) [10].

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ намудан аз пардохти андози замин тибқи моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ банду баст карда мешавад.

Тибқи қисми 1 моддаи 293 КҶ ҶТ саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дар ҳолате, ки пешниҳоди чунин эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз ҳатмӣ мебошад ё ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, ки боиси ба миқдори калон пардохт нагардидани андозҳо ва (ё) пардохтҳо гаштааст, бо ҷарима ба андозаи аз сад то дусаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 292 пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Аз муқаррароти болозик маълум мегардад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои напардохтани андози замин дар ҳолати саркашии намудани шахси воқеҳ аз пардохти маблағи андози замин ё пардохтҳо бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва ба эъломия ё дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда ба миён меояд.

Хавфнокии ҷамъиятии саркашӣ намудан аз пардохти андоз аз ҷониби шахси воқеӣ дар он ифода мегардад, ки андозсупоранда қасдан ухдадории конституцсионии худро оид ба пардохти андоз ичро намекунад, ки дар натиҷа ба буҷети давлатӣ маблағҳои пулворид намегарданд.

Тавре, ки дар боло зикр намудем, саркашӣ аз пардохти андози замин - аз ҷониби заминистифодабарандагон ғайриқонунӣ ва қасдан ичро нагардидани ухдадориҳои андозӣ мебошад.

Пардохтҳо - ин ба буҷети давлатӣ гузаронидани маблағҳои ҳатмие мебошанд, ки бо қонунгузории ҶТ пешбинӣ шудаанд, мисол, бонусҳо, роялти, ҷаримаҳо ва ғайра [2, с. 334].

Тартиби пардохт намудани андоз дар КА ҶТ муайян гардидааст. Тибқи моддаи 31 КА ҶТ андоз дар ҳаҷми пурра пардохт карда мешавад, агар дар Кодекси мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Агар давраи андоз аз якчанд давраи ҳисоботӣ иборат бошад, пардохтҳои ҷорӣ аз рӯи натичаҳои ҳар як давра анҷом дода мешаванд.

Хавфнокии ҷамъиятии саркашӣ намудан аз пардохти андози замин аз ҷониби шахсони воқеӣ дар он ифода мегардад, ки шахс қасдона ухдадориҳои конституцсионии худро оид ба пардохти андоз ичро намекунад ва дар натиҷа ба буҷети давлатӣ маблағҳои пулӣ ворид намегарданд [11, с. 547].

Субъекти ин ҷиноят - субъекти умумӣ, шахси воқеии мукаллафи ба синни 16-солагӣ

расида мебошад. Субъекти ҷинояти саркашӣ намудан аз пардохти андози замин заминистифодабарандагон - шахси воқеӣ, ки қитъаи замин ба ӯ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ ё бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода шудааст (ба даст оварда шудааст) мебошанд.

Объекти ин ҷиноят - муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи танзими давлатии андозбандии андоз аз қитъаи замин ва бунёди қисми даромади буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад. Предмети ин ҷиноятро танҳо андози замин ташкил мекунад.

Тарафи объективии ҷинояти мазкур дар саркашӣ намудани шахси воқеӣ аз пардохти андоз аз қитъаи замин ифода мегардад.

Қонунгузорӣ ду намуди тарзҳои саркашӣ намудан аз пардохти андозро пешбинӣ намудааст, ки онҳо чунинанд:

а) бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дар ҳолате, ки пешниҳоди чунин эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз ҳатмӣ мебошад:

б) бо роҳи ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда.

Аломати ҳатмии тарафи объективии ин ҷиноят он мебошад, ки натиҷаи содир кардани чунин кирдор ба напардохтани андози замин ба миқдори калон ва махсусан калон оварда мерасонад. Тарафи субъективӣ дар пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз, ки боиси ба миқдори калон напардохтани андоз гаштааст, ҳам дар шакли қасди бавосита, ифода мегардад. Вале дар мавриди ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, ки боиси ба миқдори калон пардохт нагардидани андозҳо ва (ё) пардохтҳо гаштааст, гуноҳ танҳо дар намуди қасди бевосита ифода мегардад, ки аз мазмуни диспозитсияи моддаи 293 КҶ ҶТ оид ба дидаю дониста содир намудани ин намуди ҷиноят бармеояд [2, с. 337].

Қонуни ҷиноятӣ ду тарзи саркашӣ намудан аз пардохти андозро пешбинӣ кардааст, ки онҳо чунинанд: а) бо роҳи пешниҳод накардани эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дар ҳолате, ки пешниҳоди чунин эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз ҳатмӣ мебошад; б) ба эъломия ва (ё) дигар ҳисоботи андоз дидаю дониста дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, ки боиси ба миқдори калон пардохт нагардидани андозҳо ва (ё) пардохтҳо гаштааст (агар пешниҳоди чунин декларатсия (эъломия) ҳатмӣ бошад).

Ба андешаи Ш.К. Ғаюров маблағи андози аз ҷониби андозсупоранда (агенти андоз) ҳисобшуда ва ба таври дахлдор ба расмият даровардашуда ба мақомоти дахлдори андоз барои назорат дар муҳлати муайяннамудаи КА ҶТ дар шакли эъломияи андоз пешниҳод карда мешавад. Эъломияи андоз ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки онҳо ҳисобҳо ва эъломияҳо оид ба низомҳои андозбандӣ, намуди андоз ё оид ба даромадҳои пардохташуда, инчунин замимаҳо ба ҳисобҳо ва эъломиҳои андозро, ки тибқи тартиби муқарररнамудаи КА ҶТ тартиб дода шудаанд, дар бар мегиранд [3, с. 169].

Эъломияи андоз аз рӯйи намудҳои алоҳидаи андозҳо низ дар ҳолатҳои пешниҳоднамудаи КА ҶТ аз ҷониби андозсупоранда дар маҳалли баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳисоби маблағи андоз, ки аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад, ба андозсупорандаи дахлдор барои пардохт дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод карда мешавад.

Масалан, супорандаи андози ягонаи кишоварзӣ тибқи Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022, №20 [8] ҳуқуқ дорад, ки эъломияи андозро бо интихоби худ ба тариқи зерин ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии заминҳои худ пешниҳод намояд:

– дар шакли электронӣ;

– тавассути почта;

– шахсан ё тавассути намоянда.

Эъломия аз «Маълумот дар бораи андозсупоранда», «Ҳисоб намудани андоз ба истиснои заминҳои парвариши пахта», «Ҳисоб намудани андоз барои заминҳои парвариши пахта», «Пардохти андоз», «Имтиёзҳо» ва «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» иборат мебошад.

Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот» аз 2 декабри соли 2002, №71 [9] ғалат маънидодкунӣ

ва сохтакории иттилоот (маълумоти таҳрифшуда) - тағйир додани иттилоот дар натиҷаи амалиётҳои гузаронидашуда оид ба махфидорӣ, рафъсозӣ, иваз ё дохил намудани ягон хел унсурҳои иттилоот дар сатҳи синтаксисӣ, семантикӣ ё прагматикӣ, мебошад.

Маълумот он вақт таҳрифшуда эътироф карда мешавад, ки агар он дар пурра ё қисман нишон надодани даромадҳои бадастовардашуда, дохил намудани хароҷотҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ накардааст, дохил намудани хароҷотҳое, ки воқеан ҷой надоштаанд, баланд нишон додани арзиши ашёи харидашуда, ғайриқонунӣ ба ҳисоб гирифтани имтиёзҳо ва ғайра, ифода гардида бошанд [2, с. 337].

Аз муқаррароти моддаи 293 КҶ ҶТ бармеояд, ки барои саркашӣ аз пардохти андози замин ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 49 КҶ ҶТ ҷарима ситонидани маблағе мебошад, ки дар доираи пешбининамудаи Кодекси мазкур таъин шудааст. Суд андозаи ҷаримаро бо дарназардошти вазнинии ҷинояти содиргардида ва вазъи молу мулкии маҳкумшуда дар доираи пешбининамудаи Кодекси мазкур муайян менамояд.

Мувофиқи модаи 52 КҶ ҶИ корҳои ислоҳӣ дар ҷойи кори маҳкумшуда ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақоми иҷрокунандаи ҳукм муайян менамояд, вале дар ноҳияи истиқомати маҳкумшуда ба муҳлати аз ду моҳ то ду сол таъин гардида, аз даҳ то сӣ фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат нигоҳ дошта мешавад.

Қисми 2 моддаи 293 КҶ ҶТ ҳолатҳои вазнинкунадаи ҷинояти саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳоро муайян намудааст.

Кирдори дар қисми 1 моддаи 293 КҶ ҶТ агар:

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 292 пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз дусаду панҷоҳ то панҷсаду чилу ҳафт нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

Тибқи моддаи 21 КҶ ҶТ содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад, ретсидиви ҷиноят эътироф мешавад.

Мтобиқи банди 4 қисми 2 моддаи 292 КҶ ҶТ саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳои супориданашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба миқдори махсусан калон, аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят дар қисми 2 моддаи 293 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ гардидааст.

Мувофиқи моддаи 58 КҶ ҶТ маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷудо кардани шахси маҳкумшуда аз ҷамъият бо роҳи дар колонияҳои ислоҳи сукунат, дар колонияҳои ислоҳи низомашон умумӣ, пурзӯр, сахт, махсус ё дар маҳбас ҷой кардани ӯ иборат аст.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо (андози замин) дар моддаи 292 КҶ ҶТ муқаррар гардидааст.

Тибқи қисми 1 моддаи 292 саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, бо ҷарима ба андозаи аз панҷсаду чилу ҳафт то нуҳсаду дувоздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Мутобқи қисми 2 моддаи мазкур кирдори болозикр, агар:

а) аз ҷониби шахси қаблан барои ҷинояти дар ҳамин модда ё барои ҷиноятҳои дар моддаҳои 291 ё 293 пешбинишуда, судшуда;

б) ба миқдори махсусан калон содиршуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз нуҳсаду дувоздаҳ то як ҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад.

Моддаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, муайн менамояд.

Пардохти андозҳо, бахусус андози замин воситаи асосии бунёди буҷети давлатии ҶТ ба ҳисоб меравад. Бинобари ин, хафнокии саркашӣ намудан аз супоридани андози замин ва дигар пардохтҳо дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи он иқтисодиёти давлат ба андоза заиф мегардад.

Субъект - махсус, яъне андозсупорандагон андоз аз қитъаи замин, роҳбарони ташкилоту, корхонаҳо ва муҳосибон. Субъекти ҷиноятӣ саркашӣ намудан аз пардохти андози замин - заминистифодабарандагон - шахси ҳуқуқӣ, ки қитъаи замин ба ӯ бо ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ ё бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарӣ дода шудааст (ба даст оварда шудааст) мебошанд.

Тарафи субъективии ин ҷиноят - қасди бевоситаро ташкил медиҳад, чунки дар диспозитсияи модда сухан дар бораи «дидаю дониста» дохил намудан маълумоти таҳрифшуда дар ҳуҷҷатҳои дахлдор меравад, ки маънои яқин ва аён будани мақсади саркашӣ кардан аз пардохти андозро дорад.

Объекти ҷиноят - муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи танзими давлатии андозбандӣ андоз аз қитъаи замин ва бунёди қисми даромади буҷети давлатӣ, ба ҳисоб меравад.

Предмети ҷиноят инҳо мебошанд:

а) андозҳо;

б) пардохтҳо.

Тибқи моддаи 27 КА ҶТ объекти андозбандӣ молу мулк, амал, натиҷаи амал ё ҳолати дигаре мебошад, ки дорои хусусияти арзишӣ, миқдорӣ ё ҷисмонӣ буда, бо мавҷудияти он тибқи қонунгузории андоз уҳдадории андозии андозсупоранда ба вуҷуд меояд.

Объекти андоз аз қитъаи замин бошад, мутобиқи моддаи 350 КА ҶТ объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо назардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замин мебошанд.

Тарафи объективии саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо чунин ифода мегардад:

а) бо роҳи ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот;

б) бо роҳи ба декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот;

в) бо роҳи дигар пинҳон кардани дигар объектҳои андозбандишаванда.

Ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ аз ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, бақайдгирии ҳисоботи муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое иборат мебошанд, ки барои муайян намудани объектҳои андозбандӣ, инчунин барои ҳисобкунии уҳдадориҳои андоз ҳамчун асос истифода бурда мешаванд [11, с. 544].

Мутобиқи моддаи 34 КА ҶТ андозсупоранда уҳдадор аст, баҳисобгирии даромаду хароҷот ва объектҳои андозбандиро мутобиқи қонунгузории андоз ба роҳ монад ва ҳуҷҷатҳои (маълумоти) баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозро дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи Кодекси мазкур дар шакли электронӣ ва ё коғазӣ нигоҳ дорад.

Маълумот он гоҳ таҳрифшуда эътироф карда мешавад, ки агар онҳо ба ҳақиқати ҳол мувофиқ набошанд, яъне онҳо тағйир дода шудаанд. Ва нисбат ба ҳаҷми объекти андозбандӣ, яъне масоҳати қитъаи замин, имтиҳозҳо, ки дар вақти ҳисоб кардани андоз ба назар гирифта мешаванд, мквофиқат намекунанд. Масалан, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳангоми пешниҳоди эъломияи андози замин дар эъломия ҳаҷми объекти андозбандӣ,

яъне масоҳати қитъаи заминро кам нишон медиҳад.

Мисоли дигар андозсупоранда объектҳои андозбандиро пинҳон менамояд, яъне дар ҳуҷҷатҳои дахлдор онҳо ворид карда намешаванд, ё ин ки дар ҳуҷҷатҳо нисбати онҳо маълумоти бардурӯғ нишон дода мешаванд.

Тарзҳои номбаркардашудаи содиркунии ин ҷиноят аз он шаҳодат медиҳанд, ки шахси гунаҳкор кӯшиши аз пардохти андоз саркашӣ кардани худро махфӣ нигоҳ медорад. Бинобар ин, амалҳое, ки аз ошкоро иҷро накардани уҳдадории андозсупоранда дар назди буҷет шаҳодат медиҳанд, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳанд, мисол, ба мақомоти андоз пешниҳод накардани декларатсия ё ҳисобот. Чунин кирдор далели он аст, ки шахс кӯшиши гумроҳ кардани мақомоти андозро надорад ва тарзҳои фиребгариро истифода намебарад [2, с. 334].

Худи далели напардохтани таркиби ҷинояти мазкурро (м. 2922 КҶ ҶТ) ташкил намедиҳад, то он ки чунин беҳаракатӣ бо тарзҳои дар боло номбаркардашуда, анҷом дода нашавад.

Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ лозим аст, ки миқдори андоз ё прдохтҳои пардохтнашуда ба миқдори калон ё махсусан калонро ташкил кунад.

Тибқи банди 4 қисми 2 моддаи 292 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар шахс бори аввал ин кирдорҳоро содир намуда, дар давоми чилу ҳашт рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор, маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорад, инчунин кирдорҳои мазкурро такроран содир намуда, дар давоми бисту чор рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорида бошад.

Тавре, ки дар боло қайд намудем, дар эзоҳи моддаи 293 КА ҶТ муайян гардидааст, ки саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291, 292 ва 293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ҳангоме ба миқдори калон содиршуда ҳисобида мешавад, ки агар маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳои супориданашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва ба миқдори махсусан калон, аз сию ҳафт ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад.

Мутобиқи банди 2 қисми 2 моддаи 292 КҶ ҶТ агар нисбати шахс бо моддаҳои 291, 292 ё 293 Кодекси мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шахс маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, дар асоси моддаи 72 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад.

Дар асоси моддаи 159 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2009 [12] тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ мутобиқи тобеияти тафтишии пешбининамудаи Кодекси мазкур аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад.

Тибқи моддаи 64 КМҶ ҶТ пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ бояд дар муҳлати на дертар аз ду моҳ аз рӯзи оғози парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шавад.

Мукаррароти банди 2 қисми 2 моддаи 292 КҶ ҶТ озод намудани шахсро дар сурати пурра супорадани маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳо бо ҷарима ва фоизҳояш пешбинӣ намудааст.

Мувофиқи моддаи 72 КҶ ҶТ шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна содир кардааст, агар пас аз содир намудани ҷиноят ихтиёрӣ омада, ба гуноҳи худ иқрор шавад ё ба ошкор намудани ҷиноят фаъолона мусоидат кунад ё зарари расонидаашро талофӣ намояд ё ин ки ба тариқи дигар зиёни расонидаашро рафъ кунад, мумкин аст аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад.

Ҳамзамон, мукаррароти б. 3, қ. 2, м. 292 КҶ ҶТ озод намудани шахсро баъд аз баровардани

ҳукми суд низ пешбинӣ намудааст. Дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд маққумшуда маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, бо қарори суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳаллӣ ичрои ҷазо ва ё суди болой, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешавад.

Аз муқаррароти м. 292 КА ҶТ бармеояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ (бухгалтерӣ) ё декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон содир шудааст, ҷазо дар намуди ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ ва маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян пешбинӣ намудааст.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки барои напардохтани маблағи андози замин гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои ҷиноятӣ дар намуди ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда мешавад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Соҳибзода М.М.

УГОЛОВНАЯ ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ЗА УКЛОНЕНИЕ ОТ УПЛАТЫ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА

Ключевые слова: конституция; налог; сборы; налоговая обязанность; налоговая декларация; уклонение от уплаты налога; уклонение от уплаты земельного налога; землепользователь; юридическая ответственность; уголовная ответственность; наказание; субъект преступления; субъективная сторона; объект преступления; объективная сторона.

Аннотация: В данной статье анализируются и рассматриваются основания и особенности уголовной ответственности за уклонение от уплаты земельного налога. Уклонение от уплаты земельного налога заключается в непредставлении декларации или иного налогового отчета, заведомом включении искаженных сведений в документы бухгалтерского учета или иной налоговой отчетности либо сокрытии иных объектов налогообложения. Анализы доказывают, что за неуплату земельного налога назначается уголовное наказание в виде штрафа, лишения права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью, исправительных работ и лишения свободы.

Буриева Дилафруз Толибовна - соискатель кафедры административного права и государственной службы факультета государственного управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: burieva.dilafruz@gmail.com, Тел.: (+992) 934-11-11-61.

CRIMINAL LIABILITY FOR LAND TAX EVASION

Keywords: constitution; tax; fees; tax liability; tax return; tax evasion; land tax evasion; land user; legal liability; criminal liability; punishment; the subject of the crime; subjective side; the object of the crime; objective side.

Annotation: Criminal liability for land tax evasionThis article analyzes and discusses the grounds and features of criminal liability for land tax evasion. Land tax evasion consists in the failure to submit a declaration or other tax report, the deliberate inclusion of distorted information in accounting documents or other tax reporting, or the concealment of other objects of taxation. Analyzes prove that non-payment of land tax is subject to criminal punishment in the form of a fine, deprivation of the right to hold certain positions or engage in certain activities, correctional labor and imprisonment.

Burieva Dilafruz Tolibovna - competitor of the department of administrative law and public service of the faculty of public administration of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: burieva.dilafruz@gmail.com, Tel.: (+992) 934-11-11-61.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри 1994, // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 05.05.2023).
2. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: "ЭР-граф", 2012, – 352 с.
3. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ: нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: "Полиграф-групп", 2022. – 536 с.
4. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 07.05.2023).
5. Давлатов Б.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурии тоҷикистон диссертатсия: Дисс. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2022. – 203 с.
На сегодняшний день, остаётся спорным вопрос об отнесении трудового права к публично-правовым либо частно-правовым отраслям. С одной стороны – отношения в трудовом праве возникают между такими субъектами частного права как работник и работодатель [в данном случае трудовое право тяготеет к частно-правовой сфере], с другой стороны – вмешательство государства в область трудовых отношений слишком велико, чтобы отнести трудовое право к частно-правовой отрасли. Кроме этого, следует заметить, что зачастую в качестве работодателя могут выступать государственные организации. С этой стороны трудовое право можно отнести к публично-правовой отрасли.

Исходя из вышеизложенного можно сделать вывод, что трудовое право, занимая промежуточное положение выступает частно-публичной отраслью права.

Рецензент: д.ю.н., профессор Султонова Т.И.

МУШКИЛИҲОИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҶОИ ҲУҚУҚИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ ДИГАР СОҲАҲОИ ҲУҚУҚ

Калидвожаҳо: ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи мурофиаи граждани; ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи аграрӣ; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ; корманд; корфармо; усул; субъекти танзим.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур мушкилиҳои муайян намудани мавқеи ҳуқуқи меҳнат дар низоми дигари соҳаҳои ҳуқуқ баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф ҳуқуқи меҳнатро бо як қатор дигар соҳаҳои ҳуқуқ алоқаманд мекунад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки ҳуқуқи меҳнат, ки мавқеи миёнаро ишғол мекунад, ҳамчун як соҳаи ҳуқуқи хусусӣ-ҷамъиятӣ амал мекунад.

Аминова Фарида Маҳмадаминовна - доктори илми ҳуқуқ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи муқоисавии Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон. E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru, Тел.: (+992) 227-39-86.

PROBLEMS OF DETERMINING THE PLACE OF LABOR LAW IN THE SYSTEM OF OTHER BRANCHES OF LAW

Keywords: labor law; civil law; civil procedural law; administrative law; agrarian law and social security law; employee; employer; method; subject of regulation.

Annotation: This article discusses the problems of determining the place of labor law in the system of other branches of law. The author correlates labor law with a number of other branches of

law. The author concludes that labor law, occupying an intermediate position, acts as a private-public branch of law.

Aminova Farida Makhmadaminovna - doctor of law, associate professor, head of the department of international law and comparative law of the Russian-Tajik (Slavic) University. E-mail: farida.aminova.2016@mail.ru, Тел.: (+992) 227-39-86.

Рӯйхати адабиёт:

1. Султонова Т.И. Хусусиятҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 3 (39). – С.78-83.
2. Ҳуқуқи меҳнати Росия: китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо / А.В.Завгородный, В.В. Коробченко, А.В.Кузьменко ва дигарон; зери генерал ред. Е. В. Хохлова, В. А. Сафонова: Юрайт-Издат. Москва; 2008.
3. Лазор Л.И. Қонуни мурофиавии меҳнатии Украина: китоби дарсӣ. - Луганск. Нашриёти «Виртуалӣ», 2013. – 514 с.
4. Ҳуқуқи меҳнат: китоби дарсӣ барои бакалавриат / О.В. Мацкевич, А.Н. Приженникова, А.В. Буянова. – М.: Прометей, 2022. – 570 с.

Список литературы:

1. Султонова Т.И. Особенности общественных отношений в сфере природопользования и охраны окружающей среды // Законодательство. – 2020. – №3 (39). – С.78-83.
2. Трудовое право России: учебник для вузов / А. В. Завгородний, В. В. Коробченко, А. В. Кузьменко и др.; под общ. ред. Е. Б. Хохлова, В. А. Сафонова: Юрайт-Издат. Москва; 2008.
3. Лазор Л.И. Трудовое процессуальное право Украины: учебник. – Луганск. Изд.-во «Виртуальная реальность», 2013. – 514 с.
4. Трудовое право: учебник для бакалавриата / О.В. Мацкевич, А.Н. Приженникова, А.В. Буянова. – М.: Прометей, 2022. – 570 с.

List of literature:

1. Sultonova T.I. Features of public relations in the field of environmental management and environmental protection // Legislation. – 2020. – No. 3 (39). – P.78-83.
2. Labor law of Russia: textbook for universities / A. V. Zavgorodniy, V. V. Korobchenko, A. V. Kuzmenko and others; under general ed. E. B. Khokhlova, V. A. Safonova: Yurayt-Izdat. Moscow; 2008.
3. Lazor L.I. Labor procedural law of Ukraine: textbook. - Lugansk. Publishing house “Virtual Reality”, 2013. – 514 p.
4. Labor law: textbook for undergraduate studies / O.V. Matskevich, A.N. Prizhennikova, A.V. Buyanova. – M.: Prometheus, 2022. – 570 p.

УДК: 349.23/24

Бобокалон Ғоиб Мерган,
сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
E-mail: bgoib@mail.ru
Тел.: (+992) 907-94-87-73.

Бобокалонова Саодат Ғоибовна,
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Колеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: ayubi@internet.ru
Тел.: (+992) 904-52-59-38.

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МЕҲНАТИ ЗАНОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Калидвожаҳо: муносибатҳои меҳнатӣ; меҳнати занон; мардону занон; кафолат; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои байналмилалӣ; имкониятҳои баробар.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами танзими ҳуқуқии меҳнати занонон дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии байналмилалӣ мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода шудааст. Диққати асосӣ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ, ки муносибатҳои кафолатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ва фаҳмишҳои гуногуни он дода шудааст.

Муносибатҳоеро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим менамояд дорои хусусиятҳои якхела набуда, боиси он мегардад, ки ин муносибатҳоро соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ танзим намояд.

Ҳуқуқи инсон ба меҳнат яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва муҳим маҳсуб меёбад, ки, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо мавқеи марказиро Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ), ки 23 июли соли 2016 қабул ва аз 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст, ишғол менамояд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 2 КМ ҶТ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Муқаррар намудани кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатӣ ва озодии шаҳрвандон, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кормандон ва корфармоён, ҳадафҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат маҳсуб меёбанд, вазифаҳои асосии қонунгузорӣ оид ба меҳнат аз фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмин намудани мутобиқати манфиатҳои меҳнатии корманд ва корфармо, инчунин танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар

муносибатҳо оид ба ташкил ва идоракунии меҳнат, бокортаъминкунӣ, омодасозӣ ва такмили ихтисоси кормандон, шарикии иҷтимоӣ, пешбурди музокироти коллективӣ, бастани шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳо, иштироки кормандон ва иттифоқҳои касаба дар муқаррар намудани шароитҳои меҳнат ва татбиқи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, назорати давлатӣ ва ҷамъиятии риояи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, баррасии баҳсҳои меҳнатӣ ва ғайра иборат аст[1].

Мутобиқи муқаррароти моддаи 3 КМ ҶТ вазифаҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат фароҳам овардани шароити зарурии ҳуқуқӣ мебошад, ки барои ноил шудан ба баробарии манфиатҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодӣ, самаранокии истеҳсолот ва баланд бардоштани некуаҳволии одамон равона гардидааст[2].

Инчунин, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ қонунҳое баромад мекунанд, ки баҳри танзими ҳуқуқии ҷанбаҳои алоҳида ва мушаххаси меҳнат пешбинӣ шудаанд.

Хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳоро дар муносибатҳои меҳнатӣ баъд аз КМ ҶТ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, №89 «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (минбаъд - Қонун) [3] танзим менамояд.

Мутобиқи моддаи 7 Қонун, ки сухан дар бораи баҳисобгирии вазъияти оилавии мардону занон ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва меҳнатӣ меравад, ҳангоми қабул ба кор, болоравӣ дар хизмат, таълими касбӣ, муқаррар намудани низоми меҳнат, инчунин аз кор озод кардани кормандон, аз ҷумла хизматчиёни давлатӣ, талаботи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқ ва кафолатҳои мардону занон ва вазъияти оилавӣ ҳатман ба назар гирифта мешавад.

Инчунин, дар меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», ки сухан дар бораи мусоидат ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ меравад, корфарморо вазифадор менамояд, ки бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ якчанд корҳоро ба ҷо оварад.

Якум, корфармо (роҳбари мақоми давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шаклҳои моликият) барои мардону занон ҳангоми бастани шартномаҳои меҳнатӣ имкониятҳои баробар муҳайё намояд.

Меъёри мазкур аз моддаи 35 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта, ҳуқуқи ҳар кас ба меҳнатро эълон менамояд ва ҳама гуна зуҳуроти табъиз (фарқиятгузорӣ, роҳ надодан ба кор, бартарию афзалият додан зимни қабул намудан ба кор) вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумот, вазъи молу мулкӣ ва дигар аломатҳо дар муносибатҳои меҳнатиро манъ намудааст[4].

Талаботи моддаи 35 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардонида шудааст.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 7 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи манъи табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ меравад, ҳамаи шаҳрвандон ба меҳнат ҳуқуқи баробар доранд, табъиз дар муносибатҳои меҳнатӣ манъ аст. Ҳама гуна фарқиятгузорӣ, роҳ надодан, афзалият гузоштан ё рад кардан аз қабул ба кор қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ки баробарии имкониятро дар меҳнат халалдор мекунад, манъ аст.

Моддаи 6 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи манъи маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат меравад, ҳуқуқи ҳеҷ кас ба меҳнат наметавонад маҳдуд карда шавад, ба истисноии ҳолатҳо ва тартибе, ки бо КМ ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Маҳдудсозии ҳуқуқ ба меҳнат на танҳо дар маҳдуд намудани ҳуқуқи шахс ба интихоби касб, навъи фаъолият, қабул накардани ӯ ба кор, инчунин дар маҳдуд намудани ҳуқуқ ба шароити мусоид ва солиму бехатари меҳнат, ба пешбарӣ ба вазифаи (мансаби) баландтар, ба музди меҳнати сазовор ва дигар маҳдудиятҳо ифода меёбад, ки қонун эҷод намудани онҳоро барои шаҳрвандон манъ намудааст.

Дар баробари ин, қонун дар баъзе мавридҳо имконияти маҳдуд намудани ҳуқуқ ба

меҳнатро раво мебинад. Масалан, қисми 4 моддаи 35 Конституцсияи ҶТ дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифода намудани меҳнати занон ва ноболиғонро манъ намудааст.

Ин талабот дар КМ ҶТ мушаххас шудааст. Масалан, моддаи 216 КМ ҶТ истифодаи меҳнати занон дар корҳои зеризаминӣ, дар корҳои вазнин ё корҳои шароиташон зарарнок, ҳамчунин дар корҳои борбардорию боркашонии дастии аз меъёри барои онҳо муқарраргардида зиёдро манъ менамояд. Номгӯи пурра ва мушаххаси корҳоеро, ки истифодаи меҳнати занон дар онҳо манъ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Аз ҷумла, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, №179 «Дар бораи Рӯйхати корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ карда мешавад ва ҳадди ниҳоии меъёри борҳое, ки барои занон дастӣ бардоштан ва кашонидани онҳо иҷозат дода мешавад».

Мутобиқи қисми 2 моддаи 7 КМ ҶТ, фарқият дар меҳнат вобаста ба талаботи махсуси намуди муайяни кор ва ё вобаста ба ғамхории махсуси давлат нисбат ба шахсоне, ки муҳтоҷи ҳимояи махсуси иҷтимоӣ мебошанд (аз рӯи ҷинс, синну сол, норасоиҳои ҷисмонӣ, уҳдадориҳои оилавӣ, дараҷаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ), табъиз намебошад.

Бояд тазакур дод, ки мазмуни меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаҳои 6 ва 7 КМ ҶТ бо мазмуни қисмҳои 1 ва 2 моддаи 1 Конвенсияи №111 ТБМ «Дар бораи маҳдудсозӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл» аз 5 июни соли 1958 ва мавриди амал қарор доштани он аз 15 июни соли 1960, мутобиқат мекунад.

Дуюм, дигар меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, бо мақсади мусоидат кардан ба баробарии гендерӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ ба мардону занон ҷойҳои (вазифаҳои) холии корро баробар дастрас гардонад.

Сеюм, дигар меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, барои мардону занон ҳангоми иҷрои кори якхела ё коре, ки қиматаш баробар аст, музди меҳнати (мукофоти) баробар диҳад.

Чорум, дигар меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, барои такмили ихтисос, бозомӯзӣ, болоравӣ дар хизмат имконияти баробар муҳайё намояд.

Панҷум, дигар меъёри муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонун корфарморо вазифадор менамояд, шароити якхелаи бехатарии меҳнатро, ки барои ҳаёт ва саломатии ҳам мардон ва ҳам занон зарур аст, таъмин намояд.

Дар моддаи 14 Қонун, ки сухан дар бораи исботи қасдан поймолкунии ҳуқуқ аз рӯи ҷинсият меравад, дар сурати баррасии баҳси меҳнатӣ бинобар поймолкунии эҳтимолии ҳуқуқ аз рӯи ҷинс дар суд ё мақоми дигар тибқи даъвои корманд ё иттифоқи касаба ва иттиҳодияи дигари ҷамъиятӣ, ки манфиати кормандро ҳимоя мекунад, гаронии исботи набудани қасди поймолкунии ҳуқуқ ба зиммаи корфармо меафтад.

Дар моддаи 15 Қонун, ки сухан дар бораи кафолати баробарии гендерӣ дар мавриди ба таври оммавӣ аз кор озодкунии кормандон меравад, дар сурати ба таври оммавӣ аз кор озод намудани коргарони ташкилот, бояд таносуби шумораи маъмулии кормандони ин ташкилоту муассисаҳо аз рӯи ҷинсҳо риоя карда шавад.

Мутобиқи моддаи 16 Қонун бошад, ҳангоми танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ тавассути шартнома ва созишномаҳои коллективӣ ба онҳо ворид кардани нуктаҳое ҳатмист, ки баробарҳуқуқӣ ва имкониятҳои баробари мардону занон, беҳтар намудани шароитро барои мутобиқ гардондани уҳдадориҳои касбӣ ва оилавии онҳо таъмин намояд.

Мақомоти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои онҳо, дигар намояндагони кормандон, корфармоён ва иттиҳодияҳои онҳо, мақомоти ваколатдори давлатӣ вазифадоранд рафти иҷрои ин шартномаю созишномаҳоро назорат намоянд.

Хулоса, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» бархе аз муносибатҳо оид ба таъмини кафолатҳои конституцсионии баробарҳуқуқии мардону занонро дар муносибатҳои меҳнатӣ танзим намуда, ҳуқуқпоймолкуниро аз рӯи аломати ҷинсӣ пешгирӣ мекунад ва амалигардонии

имкониятҳои баробарҳуқуқии онҳоро муқаррар менамояд.

Инчунин, афзалиятҳо ва ҳадафҳои иҷтимоӣ дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои консептуалии СММ ва дигар созмонҳои умумиҷаҳонӣ, ки дар даҳсолаи охир қабул шудаанд, хеле васеъ, ҳамаҷониба ва амиқ инъикос ёфтаанд. Дар байни онҳо Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)-и СММ барои солҳои 2016-2030, ки дар «Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030» таҳия ва пешниҳод гардидаанд, аз ҳама бештар муҳим мебошад.

Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ), дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудааст.

Дар он на танҳо асосҳои консептуалии рушди устувор инъикос ёфтаанд, инчунин, афзалиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии рушди минтақаҳо ва умуман, ҷаҳон, ҳамаҷониба ҳамгироии хеле муносиб ва ҷаззоб пайдо намудаанд. Дар айни ҳол Ҳадафҳои рушди устувори СММ характери умумиинсонӣ дошта, барои татбиқи амалӣ дар кишварҳои олам таъин шудаанд.

Яке аз ҳадафҳои глобалии Рӯзномаи СММ барои рушди устувор то соли 2030 ин таъмини баробарии гендерӣ ва васеъгардонии ҳуқуқу имкониятҳои ҳамаи занону духтарон маҳсуб меёбад. Чунончи, тибқи банди 20 он «Занон ва духтарон бояд аз дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат, захираҳои иқтисодӣ ва иштироки сиёсӣ, инчунин аз имкониятҳои баробар бо мардон ва писарон дар масъалаи шуғл, роҳбарӣ ва қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо бархурдор бошанд».

Дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ, хусусан кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо мавқеи дигарро Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 ишғол менамояд.

Чи тавре аз мазмуни пешгуфтори Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бармеояд, бо дарназардошти ин, ки халқҳои Милали Муттаҳид имони худро ба ҳуқуқи асосии башар, шараф ва қимати шахсияти инсонию баробарии ҳуқуқи марду зан дар Оиннома эълон кардаанд ва қарор додаанд, ки ба пешрафти иҷтимоӣ мусоидат карда ва дар муҳити озодтар вазъи зиндагии беҳтаре ба вуҷуд оваранд.

Моддаи 23 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуқуқи ҳар як инсонро ба меҳнат, ба интихоби озодонаи кор, ба шароитҳои одилона ва мусоиди меҳнат, ба ҳимоя аз бекорӣ, ба музди баробар ҳангоми иҷрои кори баробарқиммат бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият, ба подоши одилона ва қаноатбахши меҳнат, ба созмон додан ва шомил гаштан ба иттифоқҳои касаба баҳри ҳимояи манфиатҳои хеш эълон доштааст[5].

Инчунин, дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз 16 декабри соли 1966 маҳсуб меёбад.

Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо Қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид 16 декабри соли 1966 қабул шуда буд, ки бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 ба тасвиб расидааст.

Мутобиқи моддаи 3 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ухдадор мешаванд, ки ҳаққи истифодаи баробарро аз ҳамаи ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар ҳамин Паймон пешбинишуда барои мардон ва занон таъмин менамоянд.

Тибқи банди і) моддаи 7 Паймон бошад, давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон ҳуқуқи ҳар касро ба шароити одилона ва мусоиди меҳнат эътироф мекунанд, аз ҷумла, маоши одилона ва подоши баробар барои меҳнати баробарарзиш бидуни ягон навъ фарқгузорӣ, зимнан барои занон бояд шароити меҳнате, ки барои мардон муҳайё карда шудааст, бо музди баробар барои кори баробар кафолат дода шавад.

Паймон қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо маҳсуб меёбад.

Умуман, дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, манъи маҳдудсозии ҳуқуқ, баробарҳуқуқии зану

мард, ҳуқуқ ба меҳнат ва шароитҳои мусоиди меҳнат, ҳуқуқ ба истироҳат, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба сатҳи кофии ҳаёт, ба муттасил беҳтар намудани шароити меҳнат ва дигар ҳуқуқҳо муқаррар шудаанд[6].

Ба ҳамин монанд, тибқи моддаи 3 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ давлатҳои ширкаткунандаи ҳамин Паймон уҳдадор мешаванд, ки барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифода аз ҳамаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсии дар ҳамин Паймон пешбинигардидаро таъмин мекунанд.

Дигар санади барои мардон ва занон ҳуқуқи баробари истифода аз ҳамаи ҳуқуқи Конвенсия дар бораи маҳви ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон мебошад, ки он бо Қатъномаи Ассамблеяи генералии СММ аз 18 декабри соли 1979 қабул гардида, Ҷумҳурии Тоҷикистон онро соли 1994 тасдиқ намудааст[7].

Бояд тазаккур дод, ки Конвенсия дар бораи маҳви ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон давлатҳои иштирокчиро вазифадор менамояд, ки дар қонунгузории худ тамоми чораҳои заруриро баҳри бартараф ва пешгирӣ намудани табъиз нисбати занон дар соҳаи меҳнат ва шуғл пешбинӣ намоянд.

Чи тавре Д.Қ. Назаров қайд намудаанд, ин ҳуҷҷат қонуни байналмилалии ҳуқуқи занон ба ҳисоб меравад. Илова ба ин, ҳуҷҷати мазкур як навъ барномаи амали давлатҳои иштирокчӣ бо мақсади таъмини кафолати ин ҳуқуқҳо мебошад. Дар Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама шакли табъиз нисбати занон қайд шудааст: мафҳуми табъиз нисбати занон (моддаи 1); уҳдадории давлати иштирокчӣ ҷиҳати андешидани тамоми чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ барои ноил шудан ба татбиқи пурраи ҳуқуқҳое, ки дар Конвенсияи мазкур инъикос шудаанд (моддаи 24). Вале дар баробари ин, тадбирҳои махсусе, ки ба ҳимояи модар нигаронида шудаанд, табъиз ҳисобида намешаванд (моддаи 4).

Мутобиқи банди 1 моддаи 11 Конвенсияи мазкур давлатҳои иштирокчӣ барои аз байн бурдани табъиз нисбати занон дар шуғл тамоми чораҳои заруриро меандешанд, то дар асоси баробарии мардону занон ҳуқуқҳои баробарро таъмин намоянд, масалан ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун ҳуқуқи ҷудонашавандаи ҳама одамон; имкониятҳои якхела ҳангоми ба кор қабул намудан, аз ҷумла татбиқи интихоби маҳакҳои якхела ҳангоми интихоб ва ба кор қабул шудан; интихоби озоди касб ё навъи кор; болоравии мансабӣ ва кафолати шуғл, инчунин истифодаи тамоми имтиёзҳо ва шароити кор; омодагии касбӣ ва бозомӯзӣ, аз ҷумла ҳангоми шогирдӣ, омодагии касбии сатҳи баланд; подоши баробар, аз ҷумла соҳиб шудан ба имтиёзҳо; шароити баробар нисбати меҳнати баробарарзиш, инчунин муносибати баробар ба арзёбии сифати кор; таъминоти иҷтимоӣ, алахусус, ҳангоми ба нафақа рафтан, бекорӣ, беморӣ, маъюбӣ, пиронсолӣ ва ҳолатҳои дигари корношоямӣ, инчунин рухсатии музднок; ҳифзи саломатӣ ва шароити бехатари меҳнат, аз ҷумла нигоҳдории вазифаи давом додани насл.

Ҳуқуқҳои мазкур ҳуқуқҳои умумии занон номида мешаванд ва ба ҳамаи категорияҳои занон мансубанд.

Дар банди 2 моддаи 11 Конвенсия меъёрҳо ва муқаррароти марбут ба занони ҳомила ва занони дорои масъулияти оилавӣ муқаррар шудаанд.

Дар банди мазкур қайд шудааст: «Бо мақсади пешгирии табъиз нисбати занон бо сабаби ба шавҳар баромадан ё модар будан ва ба онҳо додани кафолати ҳуқуқи самарабахши ба меҳнат, давлатҳои иштирокчӣ чораҳои дахлдори зеринро меандешанд:

a) зери таҳдиди татбиқи таҳрим манъ намудани азкорозодкунии занон бо сабаби ҳомиладорӣ ё дар рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд қарор доштан ва ё табъиз бо сабаби вазъи оилавӣ;

b) ҷорӣ намудани рухсатии музднок ё рухсатии бо кумакҳои иҷтимоии қиёсшаванда ҳамл ва таваллудро бидуни аз даст додани ҷойи кор, собиқаи корӣ ё кумакҳои иҷтимоӣ ҷорӣ кунанд;

c) ҳавасмандгардонӣ барои пешниҳод намудани хидматҳои зарурии иловагии иҷтимоӣ баҳри таъмини имконият ба волидон дар якҷоякунии иҷрои вазифаҳои оилавӣ бо иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла тавассути таъсис ва тавсеаи шабакаи муассисаҳои нигоҳубини кӯдакон;

d) таъмини ҳимояи махсуси занони ҳомила аз он намуди корҳое, ки ба саломатии онҳо зараровар буданашон собит шудааст[8].

Хулоса, кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ дар санадҳои байналмилалӣ низ ҳалли худро ёфтааст.

Аз таҳлилҳои дар мақола зикргагдида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки муносибатҳои меҳнатии чунин кормандон ки дар онҳо хусусиятҳои хоси кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ, чи дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чи дар санадҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидаанд, инъикос ёфтаанд, танзим мешаванд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Қодирқулов Х.

АКТУАЛЬНЫЕ ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ТРУДА ЖЕНЩИН В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И МЕЖДУНАРОДНО-НОРМАТИВНЫХ АКТАХ

Ключевые слова: трудовые отношения; труд женщин; мужчин и женщин; гарантия; законодательство Республики Таджикистан; Трудовой кодекс Республики Таджикистан; международные акты; равные возможности.

Аннотация: В данной статье актуальные вопросы правового регулирования труда женщин в законодательстве Республики Таджикистан и международно-нормативных актах, подвергнуто научному исследованию. Основное внимание уделено нормам, установленным законодательством Республики Таджикистан и международными актами, гарантирующими равноправные отношения мужчин и женщин и равные возможности их реализации в трудовых отношениях и различном его понимании.

Бобокалон Гоиб Мерган - начальник отдела законодательства по труду, миграции и социальной защиты Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: bgoib@mail.ru, Тел.: (+992) 907-94-87-73.

Бобокалонова Саодат Гоибовна - заведующая кафедрой гуманитарных и естественно-математических наук Республиканского колледжа культуры имени П.Ж. Буйдоков, соискатель кафедры предпринимательства и бизнеса юридического факультета Таджикиского национального университета. E-mail: ayubi@internet.ru, Тел.: (+992) 904-52-59-38.

TOPICAL ISSUES OF LEGAL REGULATION OF WOMEN'S LABOR IN THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL REGULATIONS

Keywords: labor relations, labor of women; men and women; guarantee; legislation of the Republic of Tajikistan; Labor Code of the Republic of Tajikistan; international acts; equal opportunities.

Annotation: In this article, topical issues of legal regulation of women's labor in the legislation of the Republic of Tajikistan and international regulations are subjected to scientific research. The main attention is paid to the norms established by the legislation of the Republic of Tajikistan and international acts that guarantee equal relations between men and women and equal opportunities for their implementation in labor relations and its various understandings.

Bobokalon Goib Mergan - head of the department of legislation on labor, migration and social protection of the National center for legislation under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor. E-mail: bgoib@mail.ru, Тел.: (+992) 907-94-87-73.

Bobokalonova Saodat Goibovna - head of the department of humanitarian and natural-mathematical sciences of the Republican college of culture named after P.J. Buydokov, degree candidate of the

department of entrepreneurship and business law, faculty of law, National university of Tajikistan. E-mail: ayubi@internet.ru, Тел.: (+992) 904-52-59-38.

Рӯйхати адабиёт:

1. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Мастер Принт», 2022. – С. 11-14.

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. №7(1488), с.2016, Мод. 604. – С. 24.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (аз 1 марти соли 2005, №89) // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: www. http: //mmk.tj. (санаи мурочиат 16.03.2023).

4. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: “Нашриёти Ганҷ” 2016. – С.16-20.

5. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

6. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ. // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

7. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон, ки бо қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ аз 18 декабри соли 1979 қабул гардидааст. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/ (санаи мурочиат: 18.04.2018 с.).

8. Назаров Д.Қ. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.05 – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва 12.00.10 – Ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи Аврупо (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)– Душанбе, 2021. – 185 с.

Список литературы:

1. Шонасридинов Н., Бобокалонов Г.М., Махмадуллозода Н.Р. Толкование Трудового Кодекса Республики Таджикистан. Издание четвертое исправленное и дополненное / Главный редактор, кандидат юридических наук, доцент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Издательство «Мастер Принт», 2022. – С. 11-14.

2. Новости Верховного Собрания Республики Таджикистан. № 7(1488), п. 2016, ст. 604. - С. 24.

3. Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равных прав мужчин и женщин и равных возможностей для их реализации» (1 марта 2005 года, № 89) // Официальный сайт Национального законодательного центра при Президенте Республики Таджикистан. Республика Таджикистан. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: www. http://mmk.tj. (дата обращения 16.03.2023).

4. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 года с изменениями от 26 сентября 1999 года, 22 июня 2003 года и 22 мая 2016 года. – Душанбе: «Нашриёт Гандж», 2016. – С.16-20.

5. Общая декларация прав человека // Централизованная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 / Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2020. -1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

6. Международное соглашение об экономических, социальных и культурных правах. // Центральная база данных правовой информации Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0 /

Министерство юстиции Республики Таджикистан. Душанбе, 2020. -1 электрон. опт. диск (CD-ROM).

7. Международная конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин, принятая резолюцией Генеральной Ассамблеи ООН 18 декабря 1979 года. [Электронный ресурс]. Источник доступа: https://www.mfa.tj/ (дата обращения: 18.04.2018).

8. Назаров Д.К. Международно-правовые акты в системе источников правового регулирования труда в Республике Таджикистан: дисс. получить ученую степень кандидата юридических наук по специальности 12.00.05 – Трудовое право; права социального обеспечения и 12.00.10 – Международное право; Европейское право (юридические науки) – Душанбе, 2021. – 185 с.

List of literature:

1. Shonasridinov N., Bobokalonov G. M., Mahmadullozoda N.R. Interpretation of the Labor Code of the Republic of Tajikistan. The fourth revised and supplemented edition / Editor-in-chief, candidate of legal sciences, associate professor N. Shonasridinov. - Dushanbe: Publishing House “Master Print”, 2022. - S. 11-14.

2. News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan. No. 7(1488), p. 2016, Art. 604. - S. 24.

3. Law of the Republic of Tajikistan “On state guarantees of equal rights of men and women and equal opportunities for their implementation” (March 1, 2005, No. 89) // Official website of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. [Electronic resource]. Access Source: URL: www. http: //mmk.tj. (date of application 16.03.2023).

4. The Constitution of the Republic of Tajikistan of November 6, 1994 with amendments from September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016. - Dushanbe: “Nashriyot Ganj” 2016. - P.16-20.

5. General declaration of human rights // Centralized database of legal information of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2020. -1 electron. opt. disk (CD-ROM).

6. International agreement on economic, social and cultural rights. // Central database of legal information of the Republic of Tajikistan “Adlya”. Form 7.0 / Ministry of Justice of the Republic of Tajikistan. Dushanbe, 2020. -1 electron. opt. disk (CD-ROM).

7. The International Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women, which was adopted by the resolution of the UN General Assembly on December 18, 1979. [Electronic resource]. Source of access: https://www.mfa.tj/ (date of application: 18.04.2018).

8. Nazarov D.K. International legal acts in the system of sources of legal regulation of labor in the Republic of Tajikistan: diss. to obtain the scientific degree of the candidate of legal sciences from specialties 12.00.05 - Labor law; social security rights and 12.00.10 – International law; European law (legal sciences) – Dushanbe, 2021. – 185 p.

12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИЙ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО
12.00.06 – LAND LAW; NATURAL RESOURCE LAW; ENVIRONMENTAL LAW; AGRICULTURAL LAW

УДК: 349.414

Одиназода Рамазон Сафар,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: odinazoda@mail.ru
Тел.: (+992) 005-00-74-74.

Идрисов Яҳё Аюбхонович,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru
Тел.: (+992) 938-62-04-04.

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ БАҲСҲОИ ЗАМИН ДАР МАМЛАКАТҲОИ ХОРИҶӢ

Калидвожаҳо: баҳсҳои замин; ҳуқуқ; ҳалли баҳсҳо; падидаи басҳои замин; ҳуқуқи замин; саҳми замин.

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф падидаи баҳсҳои заминро дар мамлакатҳои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои онҳоро дар давлатҳои алоҳида ошкор намудааст. Ҳамзамон муаллиф дар натиҷаи таҳлили баҳсҳои замин дар давлатҳои хорича як қатор пешниҳодҳоро ҷиҳати самаранокии танзими ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои замин пешниҳод намудааст.

Дар марҳилаи муосири инкишофи падидаи баҳсҳои замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) таҳлили таҷрибаи хориҷӣ аҳамияти бузург дорад. Алҳол дар Тоҷикистон муносибатҳои баҳсҳои замин аллакай ташаккул ёфтаанд, лекин танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо беҳбудиро мехоҳад. Дар чунин шароит омӯзиши таҷрибаи хориҷии кишварҳое, ки таърихи бисёрсолаи танзими ҳуқуқи баҳсҳои заминро доранд, хеле муфид аст.

Муносибатҳои вобаста ба баҳсҳои замин дар Тоҷикистон вақтҳои охир ниҳоят густариш пайдо карда истодаанд. Омӯзишу фаҳмиши қонунгузории замин дар мамлакатҳои гуногуни хориҷӣ, ки ҳам аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ, омилҳои табиӣ ва ҳам аз ҷиҳати сатҳи рушди иқтисод, соҳаи иҷтимоӣ фарқият доранд, барои арзёбии амалҳои дуруст дар соҳаи баҳои замин ва таҳияи тавсияҳои мушаххас баҳри идоракунии дурусти захираҳои замин имконият медиҳад [1, с. 4].

Дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз роҳи маъмули такмил додани қонунгузорӣ усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро дар раванди мазкур қонунгузории давлатҳои дигар мавриди таҳлил қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мешавад.

Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев «усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти муҳими амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки

хусусиятҳои мусбии онҳо, истифода шавад» [2, с. 49].

А.В. Егоров қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани низоми ҳуқуқии давлати худро дарк намоем [3, с. 91].

Дар ин таҳқиқот масъалаҳои танзими ҳуқуқии баҳсҳои замин дар мамлакатҳои хориҷӣ дар мисоли Англия, Олмон ва Австралия, ИМА ва Россия ба таври хеле мухтассар баррасӣ карда мешаванд, зеро ин кишварҳо намояндаи низоми ҳуқуқии гуногун – низоми романо-олмонӣ ва англо-саксионӣ буда, дар қонунгузориашон шабоҳату тафовут бо қонунгузории ҶТ бахусус дар соҳаи танзими ҳуқуқии баҳсҳои замин бештар ба назар мерасад, вуҷуд дорад.

Дар ин таҳқиқот масъалаҳои танзими ҳуқуқии баҳсҳои замин дар баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ, дар мисоли Россия, Украина, Белорус, Қазоқистон ва давлатҳои низоми ҳуқуқиашон англосаксонӣ ба монади ИМА, Англия ва Австралия ба таври хеле мухтассар баррасӣ карда мешаванд, зеро дар ин кишварҳо қонунгузорӣ оид ба баҳсҳои замин рушд кардааст ва ҳамзамон дорои таҷрибаи бой дар самти мазкурро доро мебошанд.

Дар замони муосир дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба таҳқиқотҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти ҷиддӣ дода истодаанд. Мақсади чунин таҳқиқотҳо пеш аз ҳама ин муайян кардани қонуниятҳои инкишофи низомҳои ҳуқуқӣ ва мукаммалгардонии қонунгузори миллӣ мебошад. Аҳамияти омӯзиши падидаҳои ҳуқуқӣ дар асоси муқоиса истифода бурдани таҷрибаи пешқадами низомҳои ҳуқуқии дигар маҳсуб меёбад [4, с. 144].

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ роҳи самаранок ва боэътимоди такмили қонунгузорӣ ва дарк намудани мазмуну моҳияти танзими ҳуқуқии ин ё он падида маҳсуб меёбад. Баҳсҳои замин яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи замин ба шумор рафта, мукаммал намудани қонунгузорӣ дар ин самт муҳим арзёбӣ мегардад.

Чунончӣ, мувофиқи банди 34 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018 [5] яке аз масъалаҳои муҳим «Такмили қонунгузорӣ дар самти баҳои замин ва муайян намудани арзиши воқеии қитъаи замин бо мақсади дуруст муайян намудани андоз аз қитъаи замин, иҷорапулӣ, арзиши бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва дигар пардохтҳо ба қитъаи замин» мебошад. Инчунин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мазкур ҷиҳати мукаммал гардонидани қонунгузории замин, баҳсҳои замин ва тадбиқ гардидани банди 34 Консепсияи мазкур мусоидат мекунад.

Айни ҳол дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ду масъалаи асосии марбут ба баҳсҳои замин бештар мавриди диққати олимони соҳа қарор дорад. Якум, ин таъсиси судҳои махсус оид ба замин маҳсуб меёбад. Як қатор олимон таъсиси судҳои махсус оид ба ҳалли масъалаҳои заминро дастгирӣ намуда, таъсиси онро ҷиҳати сари вақт ҳал намудани баҳсҳо вобаста ба замин самранок медонанд. Инчунин, пешбинӣ менамоянд, ки судҳои юрисдиксияи умумӣ на бояд ҳалномаҳои судҳои заминро назорат намоянд ва ё қувваи ҳуқуқии онҳоро бозданд.

Барои исботи мавқеи мазкур таҷрибаи Англия дар он ҷо судҳои махсус оид ба масъалаҳои замин амал мекунанд ва Германия, ки дар он судҳо оид ба масъалаҳои заминҳои кишоварзӣ фаъолият менамояд, инчунин дар низоми судии Гонконг трибунал оид ба замин вуҷуд дорад, мисол оварда мешавад [6, с. 53-54]. Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло қайд кардан зарур аст, ки дар шароити ҶТ таъсиси судҳои алоҳида оид ба ҳалли баҳсҳои замин қобили қабул нест, чунки дар ин ҳолат ба инобат гирифтани имконоти иқтисодӣ зарур аст. Аммо таъсиси коллегияи судии дар сохтори Суди Олии Иқтисодӣ ва Суди Олии ҶТ ба мақсад мувофиқ мебошад, ки онро чунин асоснок намудан мумкин аст:

Якум, зиёд будани шумораи парвандаҳо оид ба баҳсҳои замин ҳам дар судҳои иқтисодӣ ва ҳам дар судҳои юрисдиксияи умумӣ;

Дуюм, дорои хусусиятҳои махсус будани чунин парвандаҳо, яъне иртибот доштан ба муносибатҳое, ки бевосита ба замин алоқаманд мебошад;

Сеюм, ба сари вақт баррасӣ гардидани баҳсҳои замин дар судҳои зикргардида мусоидат менамояд.

Чунин судҳои махсус метавонанд баҳсҳо оид ба сарҳади замин, майдони қитъаи замин, оид ба муайян кардани саҳми замин, оид ба қатъ

гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, оид ба донани қитъаи замин ва ғайра [7, с. 11].

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи баҳсҳои замин дар ИМА. Дар тачрибаи ҷаҳонӣ баҳсҳои замин чун анъана аз ҷониби судҳои умумӣ ҳал карда мешавад. Вале ин намуди баҳсҳо метавонанд тариқи судҳои махсус ва ё мақомотҳои маъмурӣ низ ҳал карада шаванд.

Дар ИМА тартиби ҳалли баҳсҳои замин дар ҳар штат вобаста ба мақоми баррасикунандаи баҳс ва аҳамияти даъво гуногун мебошад ва дар ин мамлакат ҳамагуна баҳсҳо асосан аз ҷониби судҳои юрисдиксияи умумӣ баррасӣ карда мешавад (ноҳиявӣ, округӣ, апелятсионӣ, олӣ). Аммо дар баъзе штатҳои судҳои махсус вобаста ба баҳсҳои замин амал менамоянд, ки ҳангоми фаркгузорӣ ваколати ин судҳо диққати асосӣ на ба категорияи баҳс, балки ба аҳамияти даъво равона карда мешавад. Баҳсҳое, ки аҳамияти муҳим доранд дар судҳое баррасӣ мегарданд, ки дар зинаи болоӣ фаъолият менамоянд. Аксари судҳои махсус вобаста ба замин дар сатҳи штатҳо ва ё округҳо фаъолият менамоянд.

Дар штати Гавайи дар зинаи маҳалли мақомоти махсусе бо номи Суди штати Гавайи оид ба замин фаъолият менамояд, ваколатҳои истисноиро дар самти замин дорад. Ин мақомот соли 1903 ҳамчун мақомоти бақайдгирандаи ҳуқуқи моликиятӣ ба замин таъсис ёфтааст, оҳиста-оҳиста салоҳиятҳояш васеъ гардидаанд.

Айни замон мақомоти мазкур аризаҳо оид ба муайян кардани сервитут, маҳрум кардани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ва хариди моликияти ғайриманқул, мутаҳиднамоӣ, тасдиқ ва тақсими қитъаи заминро баррасӣ менамояд, ҳамзамон яке аз салоҳиятҳои асосии мақомоти мазкур ин санҷиш, тасдиқ ва шаҳодатномаи ҳуқуқи моликиятӣ ба қитъаи змин мебошад.

Агар мурофиаи судӣ ба ин масъалаҳо дахлдорӣ кунад, баррасии парванда бо додани шаҳодат ва ё рад гардидани пешниҳоди он ба охир мерасад [8]. Суди шаҳри Гонолулу оид ба замин бошад дар назди суди округи аввали штати Гавайи амал мекунад. Дар суди мазкур ғайр аз судяҳо муҳандис, мутахассисон дар соҳаи замин ва геодезистон фаъолият менамоянд, ки дар баррасии баҳсҳои замин ҷалб карда мешаванд. Шикояти апелятсионӣ аз болои санадҳои ин судҳо ба суди болоии штати дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки фаъолияти суди Гавайи самаранок ҳисобида мешавад, ва инчунин суди мазкур баъзе аз функсияҳои маъмуриро низ амалӣ менамоянд. Дар штати Масачуси бошад суди махсус оид ба ҳалли баҳсҳои замин таъсис дода шудааст. Ин мақомот соли 1898 барои бақайдгирӣ таъсис ёфта буд ва баъдан ҳамчун Суди бақайдирии замин тағйири ном намуд ва соли 1904 номи замонавии Суди замин ном гирифт. Дар аввал ин суд барои ҳифзи ҳуқуқҳои марбут ба замин, ки дар Қонун «Дар бораи бақайдгирии замин соли» (с. 1898) пешбинӣ ва таъсис ёфтааст, вале баъдан салоҳиятҳои он васеъ шуданд.

Айни ҳол ин ҳамчун суди махсусгардонидашуда барои баррасии баҳсҳои замин фаъолият менамояд. Дар ҳайати ин суд на танҳо судяҳо инчунин муҳандисон, заминсозон, мутахассис оид ба моликияти ғайриамвол, маъмурияти судӣ, заминбақайдгиранда, ревизор ва ассистент ва ёрдамчиёни судяҳо барои самаранок саривақт ва босифат ҳал гардидани баҳсҳои замин фаъолият менамоянд. Суди замин ҳуқуқ дорад:

– бақайдгирии ҳуқуқ ба моликияти ғайриманқул ва азнавбақайдгирии он;

– ҳалли ҳамагуна баҳсҳое, ки вобаста ба моликияти ғайримнқул баъд аз бақайдгиирӣ ба вуҷуд меоянд;

– маҳрум намудани ҳуқуқ ба моликияти ғайриманқул;

– хариди амволи ғайриманқул, андозбандии баланд;

–соҳибӣ ва ихтиёрдории қитъаи замин;

– тақсим, тасдиқи қитъаи замин, муайян кардани сарҳади қитъаи замин, шаҳр, ноҳия ва ғайра [9].

Аз соли 2006 инҷониб ба салоҳияти Суди замин додани додани иҷозати эколагӣ низ илова гардид. Бояд зикр намуд, ки мақомоти дар ҳалли баҳсҳое, ки ба харидан ва гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад дорои маҳдудиятҳо мебошад, чунки ҳалли ин масъалаҳо салоҳияти иститснои суди болоии штати мазкур ба ҳисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои асосии Суди замин ин тақсими ваколат байни дигар судҳои штат, аз ҷумла бо суди манзил оида ба баҳсҳое, ки аз қарорҳои

мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба нақшакашӣ минтақасозӣ бавуҷуд меояд, масуб меёбад.

Ҳамзамон суди мазкур салоҳияти дида баромадани масъалаҳои вобаста ба ипотекаро дорад. Ваколати асосии Суди замин ин бақайдгирии ҳуқуқи моликият ба амволи ғайриманқул ба ҳисоб меравад. Дар штати мазкур зуд-зуд байни шаҳрвандон баҳсҳо оид ба муайян кардани соҳиби қонунии қитъаи замин ба вуҷуд меояд. Шахсе, ки худро соҳиби қонуни қитъаи замини дахлдор меҳисобад, бояд бо ариза ба Суди замин муроҷиат намояд ва дар ариза чунин маълумотҳо пешбинӣ карда мешавад: шахсияти даъвогар, ариза ба кӣ пешниҳод карда мешавад, асоснокии талаботи даъво (ба тариқи ҳатмӣ нишон додани меъёрҳои қонунгузорӣ) оид ба розӣ будан ё набудани тарарфҳои баҳскунанда, натиҷаи дарназардошташудаи ҳалли баҳс.

Агар тарафи манфиатдор маълумотҳои дар боло зикргардидаро дар ариза нишон надода бошад, суд метавонад аризаро ба баррасӣ қабул нанамояд. Пеш аз он, ки суд ҳуқуқ ба қитъаи заминро эътироф ва ба қайд гирад, суд тамоми маводҳои пешниҳоднамудаи тарафҳоро таҳқиқ менамояд, экспертиза таъин менамояд, бо хулосаи экспертиза шинос мешавад, ки ин хулоса далели бебаҳс маҳсуб меёбад, ҳамзамон азназаргузаронии қитъаи замин гузаронида мешавад. Баъди иҷроиши ин амалҳо суд муайян менамояд ки ҳуқуқи моликияти ба қитъаи замин ба кӣ тааллуқ дорад ва ба шахсе, ки ҳуқуқи моликиятии он тасиқ гардидааст нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии ҳуқуқи моликиятӣ дода мешавад.

Дар штати Монтана аз соли 1979 мақомоти махсус фаъолият менамояд, ки масъалаҳоро оид ба истифодаи заминҳои фонди об ва объектҳои обӣ ҳал менамояд. Инро суди обии штати Монтана меноманд. Суди Монтана аз намоянда, 4 судя, ки дар як вақт судяҳои суди округӣ низ ба ҳисоб мераванд, инчунин 6 мутахассис оид ба об ва адвакати таҷрибадор дар самти ҳуқуқи обӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон Суди Монтана аз чор зерсохтор иборат мебошад, ки дар ҳар яке он судяҳо ва ёрдамчиён фаъолият менамоянд. Суд дар фаъолияти худ фаъолона бо суди округӣ, Департаменти захираҳои табиӣ ва Марказ оид ба масъалаҳои обӣ дар штати Монтана фаъолият менамояд. Бояд зикр намуд, судҳои махсус оид ба баҳсҳои замин дар ИМА дар фарқият аз дигар судҳо ба ғайр аз баррасии баҳсҳо баъзе функсияҳои маъмурриро низ ба монанди бақайдгирии ҳуқуқи моликиятӣ ба қитъаи замин ва корҳои заминсозие, ки вобаста ба баррасии парванда лозим мегардад, анҷом медиҳанд.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи баҳсҳои замин дар Австралия. Дар Австралия (штати Уелси ғарбӣ) Суди махсус оид ба замин фаъолият менамояд, ки масъалаҳои баҳсҳои замин объекти асосии баррасии он мебошад. Ҳар як штати Австралия тартиби хоси танзими ҳуқуқии ҳалли баҳсҳои заминро доро мебошад [10, с. 47]. Дар ҳар як штат маркази бақайдгирии ҳуқуқи моликиятӣ ба қитъаи замин мавҷуд аст, ки маълумотро оид ба кӣ тааллуқ доштани китъаи замин ҷамъоварӣ менамояд. Ин марказ махсус барои пешгирии тайёр намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва кам кардани шумораи парвандаҳои замин таъсис дода шудааст.

Дар як қатор давлатҳои ҷаҳон бошад дар баробари мақомотҳои давлатӣ тарзи алтернативии ҳалли баҳсҳои замин яъне, тавассути медиатсия ҳал карда мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Чин, ва Япония институти медиатсия дар самти ҳалли баҳсҳои замин васеъ истифода мешавад, чунки дар ин кишварҳо меъёрҳои ахлоқӣ истифодаи муколамаи ду тарафаро барои ҳалли баҳсҳои замин нисбат ба тарзи судии ҳалли баҳс то ҷое боло бурдааст.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи баҳсҳои замин дар Ҷумҳурии Олмон. Ин тартиб дар давлатҳои Аврупо низ истифода бурда мешавад. Масалан дар Ҷумҳурии Олмон медиатор ин судяе мебошад, ки баҳсҳоро баррасӣ наменамояд ва ба ҳайати палатаи судӣ дохил намегардад, ҳамзамон дар баъзе судҳо шуъбаи медиаторҳо ҷой дорад [11]. Дар суди шаҳри Бремен дар шуъбаи медиатсия панҷ судя – медиатор фаъолият менамоянд, ки дар фарқият аз судяҳо онҳо ҳуқуқи додани маслиҳати ҳуқуқиро надошта, функсияи асосии онҳо моил намудани тарафҳо барои ҳалли баҳсҳои замин на бо роҳи мурофиавӣ балки бо розигии онҳо ба шартҳои ба ҳар ду тараф мувофиқ мебошад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи баҳсҳои замин дар Англия. Баҳсҳои замин дар

Англия хусусияти хоси худро дорад, ки онҳо ба низоми ҳуқуқии ин кишвар алоқамандӣ доранд. Хусусияти асосои баҳсҳои замин дар он ифода меёбад, ки тибқи амсолияи судӣ танзим ва ҳал карда мешаванд. Дигар хусусияти баҳсҳои замин дар ин кишвар дар имконияти васеи судҳо оид ба қабули қарорҳо бо салоҳдиди худ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ба қитъаи замин мебошад. Судҳо имконияти бо салоҳдиди худ қабул намуди қарор оид ба манъи вайрон кардани сарҳади замини бегона ва эҷоди монеъагӣ мебошанд [12, с. 111].

Дар Англия баҳсҳо вобаста ба вайрон намудани сарҳади замин ва эҷод намудани монеъагӣ зиёд ба назар мерасад. Вайрон кардани сарҳади замин ин бошуурона дар замини бегона ворид намудан, ёфтан, гузоштани ягон объект ё ворид шудани худи субъект фаҳмида мешавад. Кирдори мазкур боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои зиёд мегарадад. Бояд зикр намуд, ки дар ин кишвар ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои соҳибони қитъаи замин меъёрҳо ва амалияи судӣ муқаррароттҳои ҷиддӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан агар шахс ба қитъаи замини бегона ворид шавад зарари молу мулкӣ нарасонад ҳам боиси бавуҷудои баҳс мегардад. Яъне бе иҷозати соҳибони қитъаи замин ворид гардидан ба он дар аксарият ҳолат ҳуқуқвайронкунӣ шуморида мешавад. Масалан дар парвандаи «Harrison v. Duke of Rutland» [13, с. 142] ҷавобгар ба қитъаи замини гузашта ба шикоргоҳ меравад, то гӯсфанди шотландӣ сайд намояд ва даъвогар бошад ба суд оид ба дидани чора барои вайрон кардани сарҳади замин муроҷиат намуд.

Бояд қайд кард, ки дар Англия дар баробари бҳсҳои оид ба вайрон гардидани сарҳади замин баҳсҳо оид ба вайрон гардидани сарҳади фазои қитъаҳои замин низ ба ваучуд меоянд. Масалан дар парвандаи «Anhor Brewhouce Development v. Berkly» [14, с. 82] ҷавобгар дорои қитъаи замин барои сохтмон буд ва ҷавобгар низ дар ҳамсоягии ӯ қитъаи замин дошт. Ҷавобгар дар қитъаи замини худ якчанд дастгоҳҳои борбардорӣ насб намуд, ки баъзан ин дастгоҳҳо ба фазои замини ҷавобгар мегузашт ва аз ин рӯ, ҷавобгар аз суд талаб намуд, ки ҳуқуқҳои ӯ нисбат ба қитъаи замин вайрон гардидааст, аммо суд даъвои ӯро рад намуда, иброз дошт, ки ҷавобгар ягон зарари молу мулкӣ нарасонидааст [15, с. 10].

Дигар намуди баҳсҳои замин дар Англия ин баҳсҳои оид ба эҷод намудани монеъагӣ ба шумор меравад, ки дар амалияи ин давлат зиёд ба чашм мерасад ба ҳисоб меравад. Монеъагӣ барои амали намудани ҳуқуқ ба қитъаи замин дар Англия чунин намуд мешавад:

– хусусӣ ин намуди эҷоди монеъагӣ ҳуқуқвайронкуние мебошад, ки боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои замин мегардад ва хусусияти молу мулкиро доро аст.

– оммавӣ ин намуди монеагӣ бошад, ҷиноят ҳисобида мешавад ва бо ҳуқуқи ҷиноятӣ танзим мегардад.

– статутӣ ин ҳуқуқвайронкуние ба ҳисоб меравад, ки боиси вайрон гардидани статутҳои гуногуни ба ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ алоқамандбуда, мегардад, масалан Актҳо «Дар бораи ифлосшавӣ» соли 1974, «Дар бораи ҳавои тоза» ва ғайра.

Эҷоди монеъагии шахсӣ ба масъалаҳои баҳсҳои замин пайванди ногусастанӣ дорад, чун ки дар натиҷаи ин намуди монеъагӣ ҳуқуқи субъектон ба қитъаи замин вайрон мегардад ё мавриди баҳс қарор мегирад.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Шарифзода Ф.Ш.

СРАВНИТЕЛЬНО-ПРАВОВОЙ АНАЛИЗ ЗЕМЕЛЬНЫХ СПОРОВ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

Ключевые слова: земельные споры; верно; разрешение спора; феномен суши; права на землю; доля земли.

Аннотация: В данной статье автор проанализировал институт земельных споров в зарубежных странах и выявил их особенности в отдельных странах. Вместе с тем, в результате анализа земельных споров в зарубежных странах автором сделан ряд предложений по эффективности правового регулирования земельных споров.

Одиназода Рамазон Сафар - доктор юридических наук, профессор кафедры транспортного права и права природопользования юридического факультета Таджикиского национального университета. E-mail: odinazoda@mail.ru, Тел.: (+992) 005-00-74-74.

Идрисов Яхё Аюбхонович - ассистент кафедры транспортного права и права природопользования юридического факультета Таджикиского национального университета. E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru, Тел.: (+992) 938-62-04-04.

COMPARATIVE LEGAL ANALYSIS OF LAND DISPUTES IN FOREIGN COUNTRIES

Keywords: land disputes; right; dispute resolution; sushi phenomenon; land rights; share of land.

Annotation: In this article, the author analyzed the phenomenon of land disputes in foreign countries and revealed their characteristics in individual countries. At the same time, as a result of the analysis of land disputes in foreign countries, the author made a number of proposals for the effectiveness of legal regulation of land disputes.

Odinazoda Ramazon Safar - doctor of law, professor of the department of transport law and environmental law, faculty of law, Tajik National University. E-mail: odinazoda@mail.ru, Tel.: (+992) 005-00-74-74.

Idrisov Yahyo Ayubkhonovich - assistant at the department of transport law and environmental law, faculty of law, Tajik National University. E-mail: yahyo.idrisov.95@mail.ru, Tel.: (+992) 938-62-04-04.

Рӯйхати адабиёт:

1. Кресникова Н. Танзими истифодаи замин дар Дания ва Норвегия // Маҷаллаи байналмилалии кишоварзӣ. – 2006. – № 1. – С.4.
2. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ. – Душанбе, 2008. – С. 49.
3. Егоров А.В. К Таърихи мафхуми хукуки мукоисавй. – М., 2009. – С.91.
4. Сафарзода Б.А., Раҳмон Д.С., Миралиев И.Қ., Саидзода И.И., Саъдизода Ҷ., Шоев Ф.М. Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (васоити таълимӣ) / Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Холиқзода А.Ғ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 144 с.
5. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст // Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=130946 (санаи мурочиат: 13.04.2018).
6. Дикусар В. Судҳои заминӣ - дар Русия? // Адлияи Русия. – 2000. – № 11. – С.53-54; Шепенко Р. Системаи судии Ҳонконг // Маҷаллаи Қонуни Русия. – 2002. – № 6. – С. 17.
7. Солдатенков В.В. Танзими ҳуқуқии хариду фурӯши ҳуқуқи иҷораи қитъаҳои замин тавассути озмун дар шаҳри Маскав: автореф. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – М., 2001. – С. 11.
8. Дар бораи судҳои махсус оид ба ҳалли баҳсҳои замин дар ИМА. URL: http://www.haybook.Ru/blog/ospecialnykhsudakhporeshenijzemelnykhsporovvssha/2014–12–03–133 (санаи мурочиат: 27.09.2015).
9. Красов О.И. Ҳуқуқи замин ва моликият дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ: монография. – НОРМА; ИНФРА-М, 2015 г.
10. Қонуни замин. Томсон Рейтерс, 2010; Mackie K., Hosted W.E.B., Page J. Қонуни замини Австралия дар контекст. Оксфорд, Австралия ва Зеландияи Нав, 2011 – С. 47.
11. Таҷрибаи мурофиаи судӣ дар Олмон // http://ug. zanmedia. kz/index.php?catid=2: 1&id=2484:2010–11–22–04–06–10&option=com_content&view=мақола (санаи мурочиат: 03/14/2020).
12. Крассов О.И Ҳуқуқи замин ва моликият дар кишварҳои ҳуқуқи умумӣ: монография. – М., 2019. – С. 111.
13. Харрисон бар зидди (1893) Герсоги Рутланд 1 К.Б. – 142.
14. Таҳияҳои асосии корхонаи пивосозии Бар Зидди Беркли Хаус (1987) 38 L. – R. 82.

15.Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории ҶТ: диссертатсия дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 235 с.

Список литературы:

1. Кресникова Н. Регулирование землепользования в Дании и Норвегии // Международный сельскохозяйственный журнал. – 2006. – № 1. – С. 4.

2. Сотивольдиев Р.Г. Общая теория права и государства: учебник. – Душанбе, 2008. – С. 49.

3. Егоров А.В. К История понятия сравнительного правоведения. – М., 2009. – С. 91.

4. Сафарзода Б.А., Рахмон Д.С., Миралиев И.К., Саидзода И.И., Саидзода Дж., Шоев Ф.М. Сравнительное правоведение (учебные материалы) / Под ред. Д.И.Х., профессора Халикзода А.Г. - Душанбе: Эр-граф, 2019. – 144 с.

5. Концепция правовой политики РТ на 2018-2028 годы, утвержденная Указом Президента РТ от 6 февраля 2018 года № 1005 // источник доступа: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx ?Rgn=130946 (дата обращения: 13.04.2018).

6. Дикусар В. Земельные суды – в России? // Российская юстиция. – 2000. – № 11. – С. 53-54; Шепенко Р.А. Судебная система Гонконга // Журнал российского права. – 2002. – № 6. – С. 17.

7. Солдатенков В.В. Правовое регулирование купли–продажи права аренды земельных участков по конкурсу в городе Москве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2001. – С. 11.

8. О специальных судах по разрешению земельных споров в США. URL: http://www. haybook. Ru /blog/o_specialnykh_sudakh_po_resheniju_zemelnykh_sporov_v_ssha/2014–12–03–133 (дата обращения: 27.09.2015).

9. Крассов О.И. Земельное и имущественное право в странах общего права: монография. – НОРМА; ИНФРА-М, 2015 г.

10.Земельное право. Макки К., Хостед Э.Б., Пейдж Дж. Австралийское земельное право в контексте. Оксфорд, Издательство Университета Австралии и Новой Зеландии, 2011 – стр. 47.

11.Опыт судебного разбирательства в Германии // http://ug. zanmedia. kz/index.php?catid=2: 1&id=2484:2010–11–22–04–06–10&option =com_content&view =article (дата обращения: 14.03.2020).

12.Крассов О.И Земельное и имущественное право в странах общего права: монография. – М., 2019. – С. 111.

13.Харрисон против (1893) герцога Ратлендского 1 кв.Б. – 142.

14.Пивоваренный завод «Анхор Девелопмент» против Беркли Хаус (1987) 38 Л. – С. 82.

15.Сохибов М.М. Проблемы регулирования гражданских прав аренды земельного участка сельскохозяйственного назначения в соответствии с законодательством РТ: диссертация получение ученой степени кандидата юридических наук. - Душанбе, 2018. - 235 С.

List of literature:

1. Kresnikova N. Regulation of land use in Denmark and Norway // International Agricultural Journal. - 2006. – No. 1. – p. 4.

2. Sotivoldiev R.G. General theory of law and the State: textbook. – Dushanbe, 2008. – S. 49.

3. Egorov A. V. To the history of the concept of comparative law. – M., 2009. – S. 91.

4. Safarzoda B. A., Rahmon D. S., Miraliev I. K. I. Saidzoda, Saidzoda J., Shoev F. M. Comparative law (study materials), ed. by D. I. H., Professor Malikzada A. G. - Dushanbe: er-graph, 2019. – 144 p.

5. The concept of the legal policy of the Republic of Tatarstan for 2018-2028, approved by the Decree of the President of the Republic of Tatarstan dated February 6, 2018 No. 1005 / / access source: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx ?Rgn=130946 (date of application: 13.04.2018).

6. Dikusar V. Land courts – in Russia? // Russian Justice. - 2000. – No. 11. – pp. 53-54; Shepenko R.A. The judicial system of Hong Kong // Journal of Russian Law. - 2002. – No. 6. – S. 17.

7. Soldatenkov V.V. Legal regulation of the purchase and sale of the right to lease land plots by tender in the city of Moscow: abstract. dis. ... cand. jurid. Sciences. – M., 2001. – p. 11.

8. About special courts for resolving land disputes in the USA. URL: http://www. haybook. En /blog/o_specialnykh_sudakh_po_resheniju_zemelnykh_sporov_v_ssha/2014-12-03-133 (accessed: 27.09.2015).

9. Krassov O.I. Land and property law in Common law countries: monograph. – NORM; INFRA-M, 2015

10.Land Law. Thomsom Reuters, 2010; Mackie K., Histed E.B., Page J. Australian Land Law in Context. Oxford, University Press Australia & New Zealand, 2011 – P. 47.

11.Trial experience in Germany // http://ug . zanmedia. kz/index.php?catid=2:1&id=2484:2010-11-22-04-06-10&option =com_content&view =article (accessed 14.03.2020).

12.Krassov O.And Land and property law in common law countries: monograph. – M., 2019. – p. 111.

13.Harrison v. (1893) Duke of Rutland 1 Q.B. – 142.

14.Anhor Brewhouce Development v. Berkly House (1987) 38 L. – R. 82.

15.Sohibov M.M. Problems of regulation of civil rights of lease of agricultural land in accordance with the legislation of the Republic of Tatarstan: dissertation obtaining the degree of Candidate of Legal Sciences. - Dushanbe, 2018. - 235 P.

УДК: 349.41

Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,
муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.
E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru
Тел.: (+992) 904-41-50-50.

Ашуров Маъруф Ашӯралиевич,
унвонҷуйи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: ashurov.m@mail.ru
Тел.: (+992) 938-95-59-59.

ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ ИҶОРАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИЙ

Калидвожаҳо: қонунгузории маданӣ; иҷора; захираҳои табиӣ; замин; қитъаи замин; ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи замин; ҳуқуқи экологӣ; молу мулки ғайриманқул; иҷорадеҳ; иҷорагир; шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллифон талаботҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи рушди муносибатҳои иҷораи захираҳои табиӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Боиси қайд аст, ки бо қабул гардидани Кодекси маданӣ дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бори аввал мешавад, ки пурра шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ танзим шудааст. Аз ин рӯ, муаллифон аз диди назарияи ҳуқуқи маданӣ, иҷораи захираҳои табииро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар натиҷа хулосаҳои заруриро пешниҳод намудаанд.

Шартномаи иҷора яке аз намудҳои шартномаи классикӣ ва дар шароити муосир истифодашаванда ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз дар ҳуқуқи хусусии римӣ се навъи иҷора мавҷуд буд: 1) иҷораи ашё (Locatio-conductio rerum); 2) иҷораи хизматрасонӣ (Locatio-conductio operarum); 3) иҷораи кор ё паймонкорӣ (Locatio-conductio operis) [1, с. 321].

Дар самти шартномаҳои иҷора низ КМ ҶТ тағйирот ва навовариҳои муайянро мустаҳкам кардааст. Дар асоси м. 671 КМ ҶТ «мувофиқи шартномаи иҷора иҷорадеҳ ухдадор мешавад молу мулкро бар ивази музд ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ ё ба истифодаи иҷорагир супорад». Яке аз тағйироти муҳим дар мафҳуми шартномаи иҷора ин хориҷ гардидани истилоҳи «ихтиёрдорӣ» аз ин мафҳум мебошад. Дар асоси КМ ҶТ иҷорадеҳ молу мулкро барои истифодаи муваққатӣ ва истифодаи иҷорагир пешниҳод менамояд.

Аммо дар қ. 3, м. 681 КМ ҶТ (истифодаи молу мулки ба иҷора гирифташуда) пешбинӣ шудааст, ки “агар дар ҳамин Кодекс, қонун ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир ҳуқуқ дорад бо розигии иҷорадеҳ молу мулки ба иҷора гирифташударо ба иҷораи фаръӣ супорад, ҳуқуқ ва ухдадориҳои худро аз рӯйи шартномаи иҷора ба шахси дигар вогузор намояд (иҷораи такрорӣ), молу мулки иҷораро ройгон ба истифода супорад, ҳамчунин ҳуқуқи иҷораро ба гарав монад ва онро ҳамчун ҳисса ба сармояи оинномавии ширкатҳо ва ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ё пули саҳм ба кооперативи тиҷоратӣ гузорад. Дар ҳолатҳои зикршуда, ба истиснои иҷораи такрорӣ, ҷавобгарӣ аз рӯйи шартнома ба зиммаи иҷорагир мебошад”. Ин амалҳои иҷорагир истифодаи объекти иҷора набуда, балки ихтиёрдории он ба ҳисоб меравад.

Дар КМ ҶТ масъалаҳои вобаста ба иҷораи захираҳои табиӣ танзим гардидаанд. Бо қонунгузории маданӣ танзим шудани муносибатҳои дигари хусусӣ ҳангоми мавҷуд набудани танзими ҳуқуқӣ дар қонунгузории соҳавӣ ва ҳамчун асоси қиёси қонун барои дигар соҳаҳои ҳуқуқи хусусӣ баромад кардани

қонунгузории маданӣ яке аз ҷиҳатҳои хос ва аҳамиятноки ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки таърихан ба ин соҳа хос мебошад. Вобаста ба ин, дар қ. 2, м. 2 КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки «муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, оид ба заминистифодабарӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зистро, ки дорои хусусиятҳои дар қисми 1 моддаи мазкур қайдшуда мебошанд, агар дар қонунгузории оила, меҳнат, замин ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, қонунгузории маданӣ танзим менамояд».

Захираҳои табиӣ яке аз объектҳои ҳуқуқи маданӣ маҳсуб меёбанд, ки ба доираи молу мулк шомил мебошанд. Дар дилхоҳ низоми ҳуқуқӣ захираҳои табиӣ реҷаи ҳуқуқи мадании хосро соҳиб мебошанд, зеро дар аксарияти мамлакатҳои хоричӣ онҳо моликияти давлатӣ буда, нисбат ба онҳо тартиби махсуси истифода ва ихтиёрдорӣ амал мекунад.

Дар ҶТ низ захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлатӣ мебошанд. Дар асоси м. 13 Конститутсияи ҶТ ва м. 286 КМ ҶТ замин, захираҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ ва олами набототу ҳайвонот, боигарии табиии дигар моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Хусусияти амалисозии ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёӣ ба замин ва боигарии табиии дигарро КМ ҶТ, қонунгузории замин ва қонунгузории дигар соҳаҳо муқаррар менамоянд.

Вобаста ба ин, захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд. Объектҳои зикршуда таҳти ҳуқуқи моликиятии дигар субъектон қарор дода намешавад ва ин объектҳоро танҳо давлат тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои истифодабарӣ пешниҳод менамояд.

Объекти ҳуқуқи моликият молу мулк мебошад. Сухан дар бораи молу мулке меравад, ки ҳангоми мавҷудияти ҳуқуқи моликиятӣ дар асл вуҷуд дорад ва метавонад аз ҷониби молик инфиродӣ гардонда шуда, сарфи назар аз ҳамаи дигар шахсон аз худ карда шавад. Аз ин рӯ, фазои кайҳонӣ, офтоб, ҳавои атмосфера ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, ки инсон кашф накардааст, ҳамчун молу мулке, ки метавонанд объекти ҳуқуқи моликият бошанд, баррасӣ карда намешаванд.

Бо ҳамин сабаб ба объекти ҳуқуқи моликияти давлатӣ марбут донистани фазои ҳаво (м. 13 Конститутсияи ҶТ), олами ҳайвонот чун организми зинда, ки ба таври доимӣ ё муваққатӣ дар ҳудуди ҶТ мавҷуданд ва дар ҳолати озоди табиӣ қарор доранд шубҳаангез мебошанд [2, с. 555]. Объекти ҳуқуқи моликият наметавонад аз соҳибии молик бидуни ихтиёри ӯ бароварда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бевосита дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст.

Ин шарти зарурӣ нисбат ба аксарият ҳайвоноти ваҳшӣ, ки метавонанд аз як кишвар ба кишвари дигар муҳоҷират намоянд, ба ҳисоб меравад. Ҳайвоноти ваҳшӣ метавонанд ҳангоме объекти ҳуқуқи моликият бошанд, ки агар онҳо дар ҳудуҳои пушидаи табиии таҳти ҳифзи давлат (мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва ғ.,) нигоҳ дошта шаванд ё ҳангоме ки онҳо муҳити табиии зистдошта гирифта шуда бошанд.

Хусусиятҳои объекти ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба захираҳои табиӣ инҳо мебошанд: 1) табиатан пайдо мешаванд; 2) ба сифати объекти алоҳида баромад менамоянд (замин, об, сарватҳои зеризаминӣ, олами наботот ва ғ.,); 3) дар алоқамандӣ бо системаи экологӣ қарор доранд; 4) муҳити табиии атрофро ташкил мекунанд; 5) дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешаванд; 6) дар ҳудуди давлатии ҶТ ва шелфи континенталии ҶТ, инчунин дар минтақҳои истисноии иқтисодии ҶТ қарор доранд.

Дар қонунгузорӣ моликияти истисноии давлат будани намудҳои алоҳидаи объектҳои табиӣ пешбинӣ карда шудааст. Сарватҳои зеризаминии ҶТ пурра моликияти давлатӣ буда, ба моликони зерин дода мешавад: а) ба мақомоти муайяни давлатӣ бо роҳи ба онҳо додани ҳуқуқи моликият; б) ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ бо роҳи интиқоли ҳуқуқи истифодаи бемуҳлат ё таҳқими ҳуқуқи истифодаи муҳлатноки сарватҳои зеризаминӣ. Дар ҶТ сарватҳои зеризаминӣ моликияти хусусӣ шуда наметавонад. Хариду фурӯш, ҳадия, ба гарав мондани қитъаҳои манбаи сарватҳои зеризаминӣ ё мубодилаи худсаронаи онҳо манъ аст. Амалҳое, ки қасдан ё пинҳонӣ боиси вайроншавии ҳуқуқи моликияти давлат ба сарватҳои зеризаминӣ мегардад, манъ аст.

Замин дар ҶТ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. КЗ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки замин дар ҶТ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Даъвои заминҳои авлодӣ дар ҳудуди ҶТ эътибор надорад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ метавонанд ҳуқуқи истифодабарии қитъаи заминро бо асосҳо, шартҳо ва андозае, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории маданӣ муқаррар намудааст, бегона намоянд. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ қитъаҳои замин бе ҳуқуқи бегона намудани ҳуқуқи истифодабарии ин қитъаҳои замин дода мешаванд.

Мутобиқи Конституцияи ҶТ об моликияти истисноии давлат мебошад ва давлат истифодаи самаранок ва ҳифзи онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Дар асоси м. 7 Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1688 [3] заминҳои фонди давлатии об моликияти давлатӣ буда, аз заминҳои ишғолнамудаи объектҳои оби рӯизаминӣ, иншооти хоҷагии об ва заминҳои барои минтақаҳои ҳифзи обӣ ҷудокардашуда иборат мебошанд. Иншооти хоҷагии об, ки таъиноти махсуси стратегӣ доранд, моликияти давлат буда, ба иҷора ва идоракунии шахсӣ додани онҳо қатъиян манъ аст. Рӯйхати иншооти хоҷагии об, ки таъиноти махсуси стратегӣ доранд, аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муайян карда мешавад.

Олами ҳайвоноти ҶТ низ моликияти истисноии давлат ба ҳисоб мераванд. Мувофиқи м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008, №354 [4] олами ҳайвоноти ҶТ моликияти истисноии давлат буда, давлат муҳофизат ва истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Дар м. 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 [5] зикр шудааст, ки ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Амалҳое, ки ошкоро ё пинҳонӣ ҳуқуқи моликияти давлатии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаро вайрон мекунанд, манъ мебошанд.

Дар адабиёти илмии ватанӣ пешниҳод карда мешавад, ки нисбатан дуруст аст, ки агар молу мулки зикргардида (моликияти истисноии давлат) умуман на моликияти истисноии давлатӣ, балки сарватҳои умумихалқӣ дониста шавад. Ҳамчунин зарурати қабули қонуни махсуси умумӣ дар бораи объектҳои сарватҳои миллии ҶТ-ро дар адабиёти илмӣ асоснок менамоянд. Ҳамзамон ба номгӯйи объектҳо дар қатори дигар объектҳо ҳатман илова намудани замини истифодаи умум (кӯча, хиёбон, майдон, гузаргоҳҳо, роҳҳо, заминҳои назди соҳил, гулгаштҳо, боғҳо дар нуқтаҳои аҳолинишин); соҳилҳои дарё, кӯлҳо ва дигар захираҳои обӣ, ки дорои аҳамияти умумидавлтӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мебошанд, инчунин дигар иншооте, ки ба моликияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ интиқол дода намешаванд, дохил карда шаванд [6, с. 561].

Молики захираҳои табиӣ дорои ваколати соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ин объектҳо мебошад. Ин ваколатҳо мазмуни ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба захираҳои табииро ташкил медиҳанд. Ваколатҳои молики захираҳои табиӣ маҳдуд мебошад ва ин маҳдудиятҳо дар асосҳои зерин инъикос меёбад: 1) иҷрои талаботи экологӣ; 2) ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар; 3) маҳдудиятҳои қонунии ҳуқуқи моликият ба захираҳои табиӣ бо мақсадҳои иҷтимоӣ, бо он сабаб, ки замин ва дигар захираҳои табиӣ асоси ҳаёт ва фаъолияти халқе, ки дар ҳудуди ҷойгиршавии ин захираҳои табиӣ зиндагӣ мекунанд, маҳсуб меёбад [7, с. 76].

Хусусияти асосӣ ва фарққунандаи ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба захираҳои табиӣ дар он ифода мегардад, ки молик объектҳои мазкурро на ба манфиати худ, балки ба манфиати оммавӣ онҳоро истифода ва ихтиёрдорӣ менамояд. Ҳамчунин молик тибқи салоҳидиди худ на ҳама гуна амалро метавонад нисбати объектҳои табиӣ анҷом диҳад, балки танҳо дар доираи он ваколатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, объектҳои мазкурро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ менамояд.

Ваколати соҳибӣ ба захираҳои табиӣ аз имконияти ҳуқуқии таъминшударо ҳақиқатан татбиқ гардидани моликияти ҳуқуқи молу мулк

иборат мебошад. Ҳуқуқи соҳибии давлат нисбат ба молу мулки ба ӯ тааллуқдошта бо имконияти баҳисобгирии моликияти давлатӣ ва ҳимояи он вобаста мебошад.

Ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ имконияти қонунан аз молу мулк ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он гирифтани фоида ба манфиати халқ мебошад ва чунин баҳрабардорӣ бо мақсади қонеъгардонии талаботи моддии халқ ва муҳайё кардани ҳаёти арзанда ва инкишофи озодонаи инсонро таъмин менамояд, ба роҳ монда мешавад. Захираҳои табиӣ ба манфиати халқ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Ҳамзамон бо дарназардошти он ки захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд, давлат истифодаи самараноки ин объектҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Яъне халқ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ имконияти истифода бурдани захираҳои табииро доранд. Қонунгузорӣ ҳуқуқи истифобарии намудҳои алоҳидаи захираҳои табииро ба манфиати халқ кафолат додааст. Масалан, ҳуқуқи истифодабарии табиат, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ҳуқуқи истифодаи об, ҳуқуқи истифодаи ҷангал ва ғ.

Хусусияти асосии ҳуқуқи моликият ба захираҳои табиӣ дар он ифода меёбад, ки объектҳои мазкур дар соҳибии давлат боқӣ монда, танҳо ба дигар субъектон ҳуқуқи истифодабарии ин объектҳо пешниҳод карда мешавад. Ваколати ихтиёрдории объектҳои табиӣ низ ваколати истисноии давлат мебошад. Дар шароити муосири кишвар, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ танҳо ҳуқуқи истифодабарии захираҳои табиӣ пешниҳод карда мешавад, дар қонунгузории соҳавӣ давлат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ваколати ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқи истифодабарии баъзе намудҳои объектҳои захираҳои табииро муқаррар намудааст. Масалан, дар м. 22 Кодекси замин ҶТ муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он объекти махсуси муносибатҳои ҳуқуқи граждани буда, метавонад предмети хариду фурӯш, туҳфа, иваз, иҷора, гарав ва дигар аҳдҳо бошад ва инчунин ба тариқи мерос ва бо тартиби умумии ба даст овардани ҳуқуқ, ки Кодекси мазкур ва қонунгузории граждани муқаррар намудааст, ба дигар шахс гузарад».

Ҳуқуқи ихтиёрдории захираҳои табиӣ ин имконияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии захираҳои табиӣ иборат мебошад. Ҳадди ваколати ихтиёрдории давлат нисбат ба захираҳои табиӣ дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст. Ихтиёрдорӣ намудани захираҳои табиӣ бо роҳҳои гуногун мумкин аст, ки амалӣ гардад. Захираҳои табиӣ асосан бо роҳи ба дигар субъектон додани ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат, муҳлатноки захираҳои табиӣ, ба иҷора додани истифодабарии баъзе захираҳои табиӣ, дар асоси иҷозатнома додани ҳуқуқи истифодабарии объектҳои табиӣ ва ғ., ихтиёрдорӣ карда мешавад.

Тартиб ва шаклҳои ихтиёрдорӣ намудани захираҳои табиӣ бевосита дар қонунгузорӣ муайян карда мешаванд. Масалан, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» аз 20 июли соли 1994 №983 пешбинӣ гардидааст, ки Ҳукумати ҶТ ихтиёрдорӣ ва идора кардани фонди давлатии сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла якҷоя бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо шаҳру ноҳияҳо ихтиёрдорӣ ва идора кардани фонди маъданҳои фоиданоки маъмулиро амалӣ менамояд.

Дар баробари ин дар Қонуни мазкур зикр гардидааст, ки корхонаҳои давлатӣ, кооперативӣ, муассисаҳои ҷамъиятӣ, ташкилоту муассисаҳо, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ва шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони давлатҳои дигар истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ буда метавонанд, агар қонунгузории ҶТ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Сарватҳои зеризаминӣ барои истифода ба муҳлати муайян ё бе маҳдудияти муҳлат дода мешаванд.

Ҳамин тавр, ваколатҳои соҳибмулкии захираҳои табиӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад: а) ин ваколатҳо бояд тибқи талаботи қонунгузории ҶТ ба амал бароварда шаванд; б) вакалотҳои молики захираҳои табиӣ мумкин аст, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз номи молик амалӣ карда шаванд.

Ҳуқуқи моликият тибқи асосҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ба вуҷуд меояд ва

дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қатъ мегардад. Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият гуфта, маҷмӯи фактҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки онҳо боиси пайдоиши ҳуқуқи моликияти шахси муайян мебошанд [8, с. 328].

Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба захираҳои табиӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда мешавад. Асосҳои умумии ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар КМ ҶТ муайян карда шудааст.

Дар қонунгузории маданӣ ва адбиёти илмӣ асосҳои қатъ гардидани моликияти давлатӣ муайян карда шудааст. Яке аз тарзҳои махсуси қатъ гардидани моликияти давлатӣ ин хусусигардонии моликияти давлатӣ мебошад. Хусусигардонии моликияти давлатӣ ин фаъолияти аз тарафи давлат мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ амалишаванда оид ба додани молу мулки таҳти моликияти давлатӣ қарордошта ба моликияти хусусии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Тибқи м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ» аз 16 майи соли 1997, №464 [9] «объектҳое, ки мутобиқи м. 13 Конституцсияи ҶТ моликияти истисноии давлатӣ мебошанд, ҳамчунин объектҳои мероси таърихӣ ва сарвати миллӣ, биноҳо ва иншооти мақомоти давлатӣ, системаҳои оби нӯшокӣ, корхонаҳои мудофиа корхонаҳо оид ба нигоҳдошти партовҳои радиоактивӣ, инчунин амволи нерӯгоҳи барқи обии “Норак” хусусӣ гардонида намешаванд».

Аз муқаррароти зикршуда бармеояд, ки ҳуқуқи моликияти давлатӣ ба захираҳои табиӣ бо роҳи хусусигардонии моликияти давлатӣ қатъ карда намешаванд, инчунин, мувофиқи м. 8 ҳамин Қонун ягон намуди захираҳои табиӣ ба сифати объекти хусусигардонӣ баромад намекунад.

Истифодабарии захираҳои табиӣ дар асоси шартнома амалӣ карда мешавад. Дар КГ ҶТ дар боби 33 (м. 686-692) шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва дигар захираҳои табиӣ пешбинӣ гардида буд. КМ ҶТ бошад, шартномаи иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзӣ (м. 732-738) ва шартномаи иҷораи захираҳои табииро (м. 739-746) дар алоҳидагӣ танзим намудааст.

Бояд қайд кард, ки набояд ба тамоми гурӯҳи заминҳо реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Ҳар як гурӯҳи замин бояд талаботи махсуси худро дошта бошад. Зеро заминҳои таъиноти кишоварзӣ шартҳо ва талаботи махсуси худро доранд, ки меъёрҳои умумӣ наметавонанд нисбат ба онҳо пурра татбиқ карда шаванд. Дар тафовут аз заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба иҷора додани заминҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ талабот ва шартҳои худро дорад, ки онҳо аз талаботу шартҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба куллӣ фарқ мекунанд [10, с. 13]. Бо ҳамин назардошт, иҷораи заминҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ ва дигар захираҳои табиӣ дар алоҳида танзим карда шуда, нисбат ба он меъёру қоидаҳои хос татбиқ карда мешавад.

Мафҳуми расмии шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ дар КМ ҶТ мустаҳкам нагардидааст. Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ ин созише мебошад, ки тибқи он як тараф (иҷорадеҳ) уҳдадор мегардад, ки заминҳои таъиноти ғайрикишоварзӣ, об, ҷангал, сарватҳои зеризаминӣ ва захираҳои табиии дигарро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба таври музднок ба тарафи дигар (иҷорагир) пешниҳод намояд ва иҷорагир уҳдадор мегардад, музди истифодаи объекти шартномаро пардохт намуда, баъди анҷоми муҳлати амали шартнома онро ба иҷорадеҳ баргардонад.

Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ табиати ҳуқуқии дутарафа, консенсуалӣ ва музднок дорад.

Дар асоси м. 739 КМ ҶТ шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ дар асоси қонун баста мешавад. Масалан, дар боби 11 Кодекси ҷангали ҶТ истифодабарии ҷангал, дар боби 5 Кодекси оби ҶТ истифодаи об, м. 14 КЗ ҶТ иҷораи замин, фасли 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» истифодаи сарватҳои зеризаминӣ танзим гардидааст.

Тарафҳои шартномаи иҷора иҷорадеҳ ва иҷорагир мебошанд. Иҷорадеҳи захираҳои табиӣ шахсе буда метавонад, ки тибқи қонун ё аз ҷониби молик барои ба иҷора супоридани объекти зикршуда ваколатдор шудааст. Ҳамчун иҷорадеҳ давлат дар шахсияти мақоми ваколатдори он, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Масалан, шахсони воқеӣ, ки ба онҳо

қитъаи замин бо тартиби муқарраршуда дода шудааст, метавонад онро ба иҷора диҳад.

Иҷорагири захираҳои табиӣ шахси воқеӣ ё ҳуқуқие буда метавонад, ки қобилияти истифодабарии муваққатӣ, музднок ва мақсадноки объекти иҷораро дорад. Нисбат ба иҷорагири захираҳои табиӣ КМ ҶТ талаботи иловагӣ – доштани қобилияти истифодабарии захираҳои табииро пешбинӣ намудааст. Қобилияти истифодаи захираҳои табиӣ дар мавҷуд будани имкониятҳои кадрӣ, техникӣ, молиявӣ ва дигар зоҳир мегардад. Масалан, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ бидуни техникаҳои зарурӣ имкони коркарди сарватҳои зеризаминиро дошта наметавонад.

Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ, новобаста ба муҳлати он, бояд дар шакли хаттӣ баста шавад, ба таври нотариалӣ тасдиқ карда, ба қайди давлатӣ гирифта шавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ ба муҳлати муқаррарнамудаи қонун ё шартнома баста мешавад. Барои намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ қонун муҳлати ниҳоии шартномаро муқаррар менамояд. Дар ин ҳолатҳо, агар муҳлати иҷора дар шартнома муайян набошад ва то ба охир расидани муҳлати ниҳоии муқаррарнамудаи қонун тарафе шартномаро рад накунад, баъди ба охир расидани муҳлати ниҳоӣ шартнома қатъ мегардад. Аз ҷумла тибқи м. 14 КЗ ҶТ «қитъаҳои замин ба муҳлати то 20 сол ба иҷора дода мешаванд. Муносибатҳои заминистифодабарандагон оид ба иҷораи қитъаҳои замин тибқи қонунгузории ҶТ сурат мегиранд».

Шартҳои муҳими шартномаи иҷора, аз ҷумла иҷораи захираҳои табиӣ ин объект, пули иҷора ва муҳлати шартнома мебошад. Дар шартномаи иҷора бояд маълумоте зикр карда шавад, ки имконияти муайян намудани молу мулки ба иҷорагир супоридашаванда дақиқ бошад. Ҳангоми набудани чунин маълумот дар шартнома шартҳо оид ба объекте, ки бояд ба иҷорагир супорида шавад, аз ҷониби тарафҳо мувофиқанашуда, шартномаи дахлдор бошад, бастанашуда ҳисобида мешаванд.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ пеш аз ҳама бо шартҳои он муайян карда мешавад, зеро захираҳои табиӣ вобаста ба хусусиятҳои табиии худ гуногун мебошанд. Бахусус мазмуни шартномаи мазкур аз мақсади истифодаи захираҳои табиӣ вобастагӣ дорад. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо вобаста ба шартномаи иҷораи намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ мухталиф мебошанд, аммо байни онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳоеро муайян намудан имконпазир аст, ки ба тамоми намудҳои шартномаи иҷора хос мебошанд.

Ба ҳуқуқҳои асосии иҷорагир инҳо мансуб мебошанд: а) ҳуқуқи истифодаи захираҳои табиӣ тибқи шартҳои шартнома; б) аз иҷорадеҳ талаб намудани сари вақт пешниҳод намудани захираи табиӣ; в) мустақилона муайян намудани самти фаъолияти хоҷагидорӣ; г) тибқи таъинот истифода намудани захираи табиӣ, агар таъиноти мақсадноки захираи табиӣ дар қонунгузорӣ ё шартнома пешбинӣ гардида бошад. Иҷорадеҳ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад: а) талаб намудани пешниҳоди саривақтии музди истифодаи захираи табиӣ; б) назорати иҷрои шартҳои шартнома; в) талаб намудани ҷуброни зиёни ба вай расондашуда ва ғ.

Ба уҳдадориҳои асосии иҷорагир инҳо дохил мешаванд: а) истифодаи мақсаднок, оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ; б) пардохти саривақтии музди шартнома; в) андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати азнавистеҳсолкунӣ ва ҳимояи захираҳои табиӣ; г) ҷуброни зиёни расондашуда. Дар шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ иҷорадеҳ уҳдадориҳои зеринро дорад: а) пешниҳоди захираҳои табиӣ тибқи муҳлат ва шартҳои пешбининамудаи шартнома; б) фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ; в) ҷуброни зиёни дар натиҷаи вайрон кардани шартҳои шартнома ба иҷорагир расондашуда.

Доир ба табиати ҳуқуқии шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ дар адабиёти илмӣ назарҳои мухталиф ҷой дорад. Ба ақидаи Д. Василевская татбиқи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ нисбат ба қонунгузории захираҳои табиӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки агар захираҳои табиӣ дар моликияти хусусӣ қарор дошта

бошанд [11, с. 41-43]. Ин андеша на он қадар дуруст мебошад, чунки давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дорои ҳуқуқи моликият ба захираҳои табиӣ буда, дар асоси шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ин объектҳоро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд.

Ҳамзамон, шартномаи истифодаи баъзе захираҳои табииро дар адабиёти илмӣ ҳамчун шартномаи маъмурӣ эътироф менамоянд. Масалан, Т.А. Яковлева бошад, қайд менамояд, ки иҷораи қитъаи ҷангал ба шартномаи ҳуқуқи маъмурӣ мансуб мебошад [12, с. 57-60]. Аммо, шартномаи иҷораи қитъаи ҷангал ва дигар захираҳои табиӣ ба мавзуи шартномаҳои маъмурӣ дохил намешавад, зеро тибқи м. 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ» шартномаи маъмурӣ ин санади ҳуқуқие аст, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истиснои функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд. Тавре ки аз ин меъёр муайян аст, мавзуи шартномаи маъмурӣ вогузории ваколат ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки иштироки давлат ва мақомоти давлатии он дар шартномаи иҷораи захираҳои табиӣ онро ба шартномаи маъмурӣ табдил намедиҳад, зеро тибқи қ. 1, м. 132 КМ ҶТ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои бо қонунгузории маданӣ танзимшаванда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ бо иштирокдорони дигари ин муносибатҳо дар асосҳои баробар иштирок менамояд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад». Ҳамин тариқ, шартномаи иҷораи захираҳои табииро КМ ҶТ ба таври умумӣ танзим намуда, аксарияти меъёрҳои вобаста ба ин шартнома пешбинишуда хусусияти умумӣ ва ҳаволакунанда доранд. Масъалаҳои алоҳидаи иҷораи намудҳои мушаххаси захираҳои табиӣ тибқи қонунгузории соҳавӣ танзим карда мешаванд.

Муқарриз: н.и.ҳ., дотсент Шарифзода Ф.Ш.

ПРАВОВАЯ ПРИРОДА АРЕНДА ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ

Ключевые слова: гражданское законодательство; аренда; природные ресурсы; земля; земельный участок; гражданское право; земельное право; экологическое право; недвижимое имущество; арендодатель; арендатор; договор аренды природных ресурсов.

Аннотация: В данной статье авторы рассмотрели требования Гражданский кодекс Республики Таджикистан как основу развития природных ресурсов отношений. Стоит отметить, что с принятием гражданский кодекс в системе гражданское-правовых договоров впервые полностью регламентируется договор аренды природных ресурсов. Поэтому с точки зрения теории гражданское прав авторы исследовали аренду природных ресурсов и в результате представили необходимые выводы.

Сохибзода Мухаммадджон Махмадали - первый заместитель директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru, Тел.: (+992) 904-41-50-50.

Ашуров Маруф Ашуралиевич - соискатель Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: ashurov.m@mail.ru, Тел.: (+992) 938-95-59-59.

LEGAL NATURE OF NATURAL RESOURCES

Sohibzoda Muhammadjon Makhmadali - first deputy Director of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences, associate professor. E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru, Tel.: (+992) 904-41-50-50.

Ashurov Maruf Ashuralievich - applicant for the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: ashurov.m@mail.ru, Tel.: (+992) 938-95-59-59.

Keywords: civil legislation; rent; Natural resources; Earth; land plot; civil law; land law; environmental law; real estate; landlord; tenant; lease agreement for natural resources.

Annotation: In this article, the authors examined the requirements of the Civil Code of the Republic of Tajikistan as the basis for the development of natural resource relations. It is worth noting that with the adoption of the Civil Code, the system of civil law contracts for the first time fully regulates the lease of natural resources. Therefore, from the point of view of civil rights theory, the authors examined the leasing of natural resources and, as a result, presented the necessary conclusions.

Рӯйхати адабиёт:

1. Новитский И.Б. Ҳуқуқи хусусии Римӣ. – М., 1948. – С. 254;
2. Дождев Д.В. Ҳуқуқи хусусии Римӣ: Китоби дарсӣ. – М.: НОРМА, ИНФРА-М, 1996. – С. 321.
3. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 555.
4. Кодекси оби ҶТ аз 2 апрели соли 2020, №1688 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.05.2023).
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008, №354 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.05.2023).
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.05.2023).
7. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании ҶТ (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 561.
8. Ерофеев Б.В. Ҳуқуқи экологӣ: Китоби дарсӣ. – наш. 3. – М.: ИД «ФОРУМ»: ИНФРА-М, 2006. – С. 76.
9. Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1 (китоби дарсӣ). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 328.
10. Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ» аз 16 майи соли 1997 №464 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 28.05.2023).
11. Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории ҶТ: диссертатсияи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – С. 13.
12. Василевская Д.В. Дар бораи хусусияти маъмурию ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ // Қонун ва қонун. – 2009. – № 6. — сах. 41-43.
13. Яковлева Т.А. Шартномаи иҷораи ҷангал // Қонуният. – 2012. – № 4. — С. 57-60.

Список литературы:

1. Новицкий И.Б. Римское частное право. - М., 1948. - С. 254.
2. Дождев Д.В. Римское частное право: Учебник для вузов. - М.: НОРМА, ИНФРА-М, 1996. - С. 321.
3. Махмудов М.А., Тагойназаров Ш.Т., Бобожонов И.Х., Бадалов Ш.К. Толкование Гражданского кодекса Республики Таджикистан (часть первая). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 555.
4. Водный кодекс Республики Таджикистан от 2 апреля 2020 года №1688 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Юстиция». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.05.2023).
5. Закон Республики Таджикистан «О животном мире» от 5 января 2008 года № 354 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.05.2023).

6. Закон Республики Таджикистан «Об особо охраняемых природных территориях» от 26 декабря 2011 года №788 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.05.2023).

7. Махмудов М.А., Тагойназаров Ш.Т., Бобожонов И.Х., Бадалов Ш.К. Толкование Гражданского кодекса Республики Таджикистан (часть первая). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – С. 561.

8. Ерофеев Б.В. Экологическое право: учебник. - 3 изд., доп. - М.: ИД «ФОРУМ»: ИНФРА-М, 2006. - С. 76.

9. Курбанов К.Ш. Гражданские права: часть 1 (учебник). – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 328.

10.Закон Республики Таджикистан «О приватизации государственного имущества в Республике Таджикистан» от 16 мая 1997 года № 464 // Централизованная информационно-правовая база данных Республики Таджикистан «Адлия». Форма 7.0. [Электронный ресурс]. Источник доступа: URL: http://www.adlia.tj (дата обращения: 28.05.2023).

11.Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земель сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. – Душанбе, 2018. – С. 13.

12.Василевская Д.В. Об административно-правовой природе отношений в сфере недропользования // Закон и право. – 2009. – №6. – С. 41-43.

13.Яковлева Т.А. Договор аренды лесного участка // Законность. – 2012. – №4. – С. 57-60.

List of literature:

1. Novitsky I.B. Roman private law. - M., 1948. - P. 254.

2. Dozhdev D.V. Roman private law: Textbook for universities. - M.: NORMA, INFRA-M, 1996. - P. 321.

3. Makhmudov M.A., Tagoynazarov Sh.T., Bobozhonov I.Kh., Badalov Sh.K. Interpretation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (part one). – Dushanbe: “ER-graph”, 2010. – P. 555.

4. Water Code of the Republic of Tajikistan dated April 2, 2020 No. 1688 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Justice”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/28/2023).

5. Law of the Republic of Tajikistan “On Animal World” dated January 5, 2008 No. 354 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/28/2023).

6. Law of the Republic of Tajikistan “On Specially Protected Natural Areas” dated December 26, 2011 No. 788 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/28/2023).

7. Makhmudov M.A., Tagoynazarov Sh.T., Bobozhonov I.Kh., Badalov Sh.K. Interpretation of the Civil Code of the Republic of Tajikistan (part one). – Dushanbe: “ER-graph”, 2010. – P. 561.

8. Erofeev B.V. Environmental law: textbook. - 3rd edition, add. - M.: Publishing House "FORUM": INFRA-M, 2006. - P. 76.

9. Kurbanov K.Sh. Civil rights: part 1 (textbook). – Dushanbe: “ER-graph”, 2014. – P. 328.

10. Law of the Republic of Tajikistan “On the privatization of state property in the Republic of Tajikistan” dated May 16, 1997 No. 464 // Centralized information and legal database of the Republic of Tajikistan “Adlia”. Form 7.0. [Electronic resource]. Access source: URL: http://www.adlia.tj (access date: 05/28/2023).

11. Sakhibov M.M. Problems of civil law regulation of the lease of agricultural land under the legislation of the Republic of Tajikistan: dissertation for the degree of candidate of legal sciences. – Dushanbe, 2018. – P. 13.

12. Vasilevskaya D.V. On the administrative and legal nature of relations in the sphere of subsoil use // Law and Law. – 2009. – No. 6. – pp. 41-43.

13. Yakovleva T.A. Forest lease agreement // Legality. – 2012. – No. 4. – P. 57-60.

УДК: 349.6

Раҳим Зафар Ҳаким,
унвонҷӯи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини директори Маркази ёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: zafarrahim3@gmail.com
Тел.: (+992) 918-85-40-49.

МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ-ҲУҚУҚИИ НАҚШИ МИЛИТСИЯ ДАР БААМАЛБАРОРИИ ҲУҚУҚҲОИ ЭКОЛОГИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Калидвожаҳо: Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳифзи муҳити зист; истифодаи оқилона; сарватҳои табиӣ; қонун; амалишавӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масъалаҳои экологӣ ҳуқуқии нақши милитсия дар баамалбарории ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар асоси қонунгузорӣ ва андешаи олимони соҳа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар назарияи илми ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳое, ки бевосита дар меҳвари таҳқиқотҳо қарор гирифтааст, ин таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир дар партави низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз самтҳои муҳимияти хосдоштаро ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд ташкил менамояд [1, с. 1052].

Аз ин рӯ, зарур шуморидем, ки масоили нақши милитсияро дар таъмини ин ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор дода бошем. Барои он ки имрӯзҳо аз ҷониби тамоми муҳаққиқони самти илмҳои ҳуқуқшиносӣ собит шуда истодааст, ки яке аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муҳимияти аввалиндараҷа дорад, ин милитсия ба шумор меравад.

Мувофиқан дар моддаи 5 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [2] муқаррар шудааст, ки «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Аз муқаррароти конституцсионӣ маълум мегардад, ки дар ҳақиқат ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд арзиши олӣ буда, давлат рочеъ ба эътироф, риоя ва ҳифзи онҳо тадбирҳои муайянро бо воситаи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ амалӣ менамояд, ки Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавқеъи калидиро соҳиб мебошад.

Яке аз сабабҳои риоя нашудани ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар солҳои охир ин зиёд шудани шумораи корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолии барои муҳити зист хатарзо мебошанд, ки бо миқдори зиёд табдил ёфтаанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри сол 2019 ба маврид чунин зикр карда шудааст:

« … ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ дар Тоҷикистон ба ҳар як нафари аҳолӣ дар миқёси минтақа камтарин буда, саҳми муносиби мо дар беҳдошти вазъи экологии минтақа ва сайёра мебошад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба мо истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, асосан гидроэнергетика мусоидати ҷиддӣ менамояд. Хотирнишон месозам, ки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус, захираҳои об яке аз сарчашмаҳои асосии тавлиди “энергияи сабз” ва рушди “иқтисоди сабз” ба ҳисоб меравад [3]».

Аз ин маълум мегардад, ки сатҳи зарурии татбиқи механизми ҳуқуқиву иҷтимоии фаъолияти субъектони истеҳсолкунанда, ки дар шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, вобаста ба талаботҳои экологӣ, ояд ҷавобгӯй бошанд.

Бинобар ин зарураст, ки сохторҳои муайян ва субъектҳои дахдор ба фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд чорабиниҳои беҳсозии дараҷаи зарарнокии ҳолатҳои зикргардидаро амалӣ намоянд.

Албатта, барои ба расмият шинохта шудани дилхоҳ самти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва мавриди танзим қарор додани онҳо бояд асоси меъёрӣ мавҷуд бошад. Роҷеъ ба масоили танзими принсипиалии муносибатҳои экологӣ дар Тоҷикистон моддаи 13-и Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар он чунин омадааст: Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҳавои фазоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад[2]. Ҳамчунин дар моддаи 44 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқаррар шудааст: Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст[2].

Аз муқаррароти меъёрҳои конституционӣ муайян мегардад, ки давлат тибқи салоҳдиди мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои истифодаи самаранок ва ҳифзи ҳамаҷонибаи боигариҳои табиӣ амалкардҳои мухталифро роҳандозӣ менамояд. Ҳамчунин муқаррароти мазкур хусусияти умумиҳатмиро доро буда барои амалигардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат мекунад.

Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] яке аз мақомоти идораи сохти соҳавӣ ва функсионалие мебошад, ки идоракунӣ ва назорати экологиро иҷро мекунад. Аз ҷумла, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятқорӣ; таъмини бехатарии зидди сӯхторӣ ва ҳаракати бехатарии нақлиёт; низоми иҷозатдиҳӣ-иҷозати харидан ва ба қайд гирифтани яроқи шикорӣ, муҳру штамп ва ташкили хизмати ҳифзи объектҳои аҳамияти экологӣ (обанборҳои барои нӯшокӣ ва ғайра).

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи корҳои дохилӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлат, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва молумулкии онҳоро таъмин менамояд.

Ба ғайр аз ин дар назди Вазорати корҳои дохилӣ махсус сохторҳое мавҷуд аст, ки онҳо вазифаҳои назорат ба истифодабарии табиатро иҷро мекунанд. Ба ҷумлаи он милитсияи экологӣ дохил мешавад.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», вазифаи милитсия аз таъмин намудани бехатарии шахсии шаҳрвандон, пешгирӣ ва бартараф кардани ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ иборат мебошад. Ҳифзи тартибот ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ, расонидани ёрӣ ба корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, шахсони мансабдор, шаҳрвандон дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ҳам, ба уҳдаи корманди милитсия гузошта шудааст.

Фаъолияти милитсия нисбати ҳифзи муҳити зист чунин аст: таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ҳамчун ҳуқуқҳои табиии онҳо; огоҳкунӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҷиноятқории экологӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва таъмини амнияти экологӣ, расонидани ёрӣ ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор, шаҳрвандон дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо.

Ин вазифаю функсияҳоро мақомотҳои милитсия ба чор шакли ташкили фаъолият иҷро мекунад:

а) муҳофизатӣ-ҳамкорӣ (тартиботи ҷамъиятиро милитсия муҳофизат намуда, бо ин тариқ тартиботи ҷамъиятии экологиро низ нигоҳ медорад, аз ҷумла мубориза бар зидди шикори ғайриқонунӣ, моҳидорӣ, истифодабарии ҷангал ва таъмини низоми санитарӣ);

б) муҳофизаткунӣ-назоратӣ (ҳифзи муҳити зистро бо тариқи иҷро намудани функсияи назоратӣ аз тарафи қисмҳои махсуси таркибии ҳуд, ба монанди фаъолияти бозрасии давлатии автомобилӣ, ки ба кори наклиёт назорат мекунад);

в) муҳофизаткунӣ-шартномавӣ (дар асоси шартнома ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, милиса уҳдадории ҳифзи объектҳои аҳамияти экологидоштаи онҳоро мегирад: минтақаҳои муҳофизатӣ, обанборҳо, мамнӯъгоҳҳо ва ғайра);

г) банизомдарорӣ (банизомдарории муносибатҳои экологӣ) бо санадҳои меъёрии ба ҳамаи корхонаю ташкилотҳои берунӣ аз вазорат ва шаҳрвандон ҳатмие, ки дар доираи

ваколати худ Вазорати корҳои дохилӣ қабул мекунад[5, с.303-315].

Милитсияи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси банди 5 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли с. 2006, № 291 «Дар бораи фаъолияти Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷиҳати амалӣ гардонидани «Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Объективную сторону недобросовестной конкуренции составляет противоправное поведение хозяйствующего субъекта, нарушающего законодательно установленные запреты, обычаи делового оборота, требования добропорядочности, разумности и справедливости. С субъективной стороны, недобросовестную конкуренцию характеризует умысел [15, с.111].

В связи с тем, что нормы о недобросовестной конкуренции в Республике Таджикистан являются частью антимонопольного законодательства, совершение актов недобросовестной конкуренции следует также считать нарушением данного законодательства.

Таким образом, указанными правовыми актами правонарушения рассматриваются только в связи с наступлением юридической ответственности - как юридический факт, являющийся основанием для привлечения к ответственности.

Данную общую норму об ответственности за причинение вреда следует применять в сочетании с вышеупомянутым определением недобросовестной конкуренции, сформулированным в ст. 2 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции».

Признание за недобросовестной конкуренцией противоправности сложностей не вызывает. «Понятие «запрещенность правом» очень точно выражает содержание признака противоправности. Противоправны те деяния, которые отступают от требуемого государством должного поведения» [14, с.76]. Ст. 16 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции», как уже отмечалось, налагает запрет на совершение недобросовестной конкуренции. Из легального определения недобросовестной конкуренции следует, что недобросовестная конкуренция является результатом действия хозяйствующих субъектов. Тем самым законодатель обязывает хозяйствующих субъектов воздерживаться от действий, являющихся недобросовестной конкуренцией, и согласно ст. 16 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции», невыполнение такой обязанности и означает противоправность соответствующих действий хозяйствующих субъектов [1].

Поэтому устанавливая одинаковые обязанности для всех субъектов хозяйственной деятельности, закон устанавливает уголовную ответственность за всякие формы обмана потребителей, совершаемые в любых предприятиях, независимо от формы собственности, осуществляющих реализацию товаров или оказывающих услуги населению, а равно индивидуальными предпринимателями и гражданами в сфере торговли и оказания услуг и др. [13, с.15].

Таким образом, недобросовестная конкуренция свидетельствует об упречности такого поведения с субъективной стороны управомоченного лица. Особенность вины, как элемента состава данного правонарушения, проявляется в недобросовестности поведения правонарушителя [10, с.25]. В связи с этим, считалось, что вина, как необходимое условие ответственности за недобросовестную конкуренцию, должна проявляться в форме умысла, и собственная непрадивость, и безответственность, то есть виновное поведение, могут служить основанием правовой ответственности[8, с.4].

Одним из необходимых условий ответственности за недобросовестную конкуренцию является нанесение вреда как последствие правонарушения. Специфика данного условия выражается в том, что вред, как правило, появляется в случае отвлечения клиента потерпевшего хозяйствующего субъекта, что в результате влечет уменьшение прибыли и убытки. Особенность ответственности за недобросовестную конкуренцию заключается в том, что законодательством допускается вероятность причинения будущего вреда [7, с.23]. Так, в ст.16 Закона Республики Таджикистан «О защите конкуренции» указывается, что актами недобросовестной конкуренции являются действия, которые могут причинить убытки хозяйствующим субъектам либо нанести вред их деловой репутации.

Изучение зарубежного законодательства и норм законодательства о конкуренции позволяет сделать определенные выводы,

которые по нашему мнению, могут оказаться полезными при совершенствовании законодательства о защите свободной конкуренции:

-необходим переход к применению в законах, регулирующих отношения конкуренции на товарных рынках, единого показателя оборота хозяйствующего субъекта, затронутого нарушением антимонопольного законодательства;

-величина штрафа должна быть ограничена путем установления определенного процента от оборота компании - нарушителя закона;

-государственная политика в области применения мер ответственности за нарушения антимонопольного законодательства должна обладать достаточной степенью «прозрачности» и предсказуемости.

Безопасность предпринимательства должна стать делом государственной важности. Возведение защиты предпринимательства в ранг государственной политики является необходимым условием развития экономики, снижения ее криминализации и построения гражданского общества.

Муқарриз: н.и.ҳ. Маҳмадшозода Ф.А.

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ РАҚОБАТӢ

Калидвожаҳо: рақобат; соҳибкорӣ; иқтисоди бозорӣ; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҷавобгарии ҷиноятӣ; рақобати ноодилона; қонунгузории рақобатӣ; монополия.

Аннотатсия: Дар мақола хусусияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани талаботи қонун дар бораи рақобат баррасӣ мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ хусусиятҳои худро дорад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки татбиқи ҷазои ҷиноятӣ барои вайрон кардани қонуни рақобат бояд барои таъмини рушди рақобат кифоя бошад. Дар мақола муаллиф ба хулосае меояд, ки қоидаҳо дар бораи рақобати беинсофона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи қонунгузории зиддиинҳисорӣ буда, содир намудани кирдорҳои рақобати беинсофона низ бояд ҳамчун вайронкунии қонунгузории мазкур эътироф карда шавад.

Каримов Абдулҳанон Қадимович - дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. E-mail: karimov-ak@mail.ru, Тел.: (+992) 915-25-63-73.

CRIMINAL LIABILITY FOR VIOLATION OF COMPETITION LAW

Keywords: competition; entrepreneurship; market economy; legal liability; criminal liability; unfair competition; competition legislation; monopoly.

Annotation: this article considers the peculiarity of criminal liability for violation of competition law requirements. The author notes that criminal liability has its own peculiarities. The author concludes that the application of criminal sanctions for violation of competition legislation should be sufficient to ensure the development of competition. In the article the author concludes that the rules on unfair competition in the Republic of Tajikistan are part of the antimonopoly legislation, the commission of acts of unfair competition should also be considered a violation of this legislation.

Karimov Abdulkhanon Kadimovich - associate professor of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, candidate of legal sciences. E-mail: karimov-ak@mail.ru, Tel.: (+992) 915-25-63-73.

Список литературы:

1. Закон Республики Таджикистан «О защите конкуренции» от 30 мая 2017 года №1417.// Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2017 г., №5, ч. 1, ст. 274.

2. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года. // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 1998 год, №9; - ст. 68,69; №22. - ст.306.

3. Авилина И. В. Правовые основы перехода к рыночным отношениям. - М.: Экономика и право, 1991. - 220 с.

4. Авроменко Е.А., Уголовно-правовые средства борьбы с недобросовестной конкуренцией: Автореф. Дисс. канд. юрид. наук. – Минск, 2000. – 17с.

5. Братусь С.Н. Юридическая ответственность и законность: (очерк теории). - М.: Юрид. лит., 1976. – 215 с.

6. Ветютнев Ю.Ю. Юридическая ответственность как закономерное явление// Юрист. – 2001. – № 10. – С.23.

7. Волкова Н. Регламентирование недобросовестной конкуренции в праве Франции // Хозяйство и право. - 1995. - № 5. - С. 23.

8. Грячева Е.В., Ответственность предпринимателя за нарушение договорных обязательств: Автореф. дисс... канд. юрид. наук. - Алма-Аты, 2004, - 25с.

9. Денисов Ю.А. Общая теория правонарушения и ответственности: (социологический и юридический аспекты). - Л.: Изд-во ЛГУ, 1983. - 142 с.

10. Еременко В.И. Законодательство о пресечении недобросовестной конкуренции капиталистических стран. - М.: ВНИИПИ, 1991. - 170 с.

11. Лейст О.Э. Санкции и ответственность по советскому праву. М., 1981. - С.7.

12. Рахимов М.З. К вопросу правового регулирования недобросовестной конкуренции // Права человека и развитие демократии в Таджикистане: проблемы и перспективы. – Душанбе, 1997.- 140-141с.

13. Солиев К.Х., Рахимов Р.Х., Комментарий к преступлениям в сфере экономики. Душанбе, 2001г. – 275с.

14. Самощенко И.С. Понятие правонарушения по советскому законодательству. - М.: Юрид. лит., 1963. – 286с.

15. Тотьев К.Ю. Конкурентное право (правовое регулирование деятельности субъектов конкуренции и монополий): Учебник для вузов. - Изд. 2-е, перераб. и доп. – М.: Изд. - во РДЛ, 2003. - 480с.

16. Уруков В.Н. Российское предпринимательское право: Общая часть: Учебник. - Чебоксары, 2001. - 587с.

Рӯйхати адабиёт:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимояи рақобат” аз 30 майи соли 2017 №1417 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қисми 1, моддаи 274.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1998 сол, №9; моддаи 68,69; № 22. моддаи 306.

3. Авилина И. В. Асосҳои ҳуқуқии гузариш ба муносибатҳои бозорӣ. М.: Иқтисод ва ҳуқуқ, 1991. 220 с.

4. Авроменко Е.А., Воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ барои муборизa бо рақобати носолим: автореф. дисс. ном. илм. ҳуқ. Минск, 2000. 17 с.

5. Братус С.Н. Масъулияти ҳуқуқӣ ва қонунӣ: (очерки назария). М.: Ҳуқуқшинос. лит., 1976. 215 с.

6. Ветютнев Ю.Ю. Масъулияти ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи қонунӣ // Ҳуқуқшинос. – 2001. – № 10. Саҳ.23.

7. Волкова Н. Танзими рақобати носолим дар ҳуқуқи Фаронса / / Хоҷагӣ ва ҳуқуқ. - 1995. - № 5. Саҳ.23.

8. Грячева Е.В., Масъулияти соҳибкор барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ: Автореф. дисс... ном. илм. ҳуқ. Алма-Ато, 2004, 25с.

9. Денисов Ю.А. Назарияи умумии ҳуқуқвайронкунӣ ва масъулият: (ҷанбаҳои сотсиологӣ ва ҳуқуқӣ). Л.: Нашри ЛГУ, 1983. 142 с.

10. Еременко В.И. Қонунгузорӣ дар бораи пешгирии рақобати номатлуби кишварҳои капиталистӣ. М.: ВНИИПИ, 1991. 170 с.

11. Лейст О.Э. Таҳримҳо ва масъулият оид ба ҳуқуқи шӯравӣ. М., 1981. Саҳ.7.

12. Раҳимов М.З. Ба масъалаи танзими ҳуқуқии рақобати носолим // Ҳуқуқи инсон ва рушди демократия дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо. Душанбе, 1997. 140-141с.

13. Солиев К.Х., Раҳимов Р.Х., Шарҳи ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисод. Душанбе, 2001. 275с.

14. Самощенко И.С. Мафҳуми ҳуқуқвайронкунӣ аз рӯи қонунгузории шӯравӣ. М.: Ҳуқуқшинос. лит., 1963. 286с.

15. Тотев К. Ю. Ҳуқуқи рақобатӣ (танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои рақобат ва монополияҳо): Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. Нашриёт. 2-юм, коркард ва илова. М.: нашр. РДЛ, 2003. 480с.

16. Уруков В.Н. Ҳуқуқи соҳибкории Россия: Қисми умумӣ: Китоби дарсӣ. Чебоксари, 2001. 587с.

List of literature:

1. Law of the Republic of Tajikistan “On Protection of Competition” dated May 30, 2017 No. 1417.// Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 2017, № 5, part 1, Article 274.

2. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998. // Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. - 1998, № 9; - Article 68.69; № 22. - Article306.

3. Avilina I.V. Legal bases of transition to market relations. - Moscow: Economics and Law, 1991. - 220 p.

4. Avromenko E.A. Criminal legal means of combating unfair competition: Abstract. Diss. cand. jurid. sciences'. – Minsk, 2000. – 17p.

5. Bratus S.N. Legal responsibility and legality: (essay of theory). - Moscow: Yurid. lit., 1976. – 215 p.

6. Vetyutnev Yu.Yu. Legal responsibility as a natural phenomenon// Lawyer. – 2001. – №10. – P.23.

7. Volkova N. Regulation of unfair competition in the law of France // Economy and law. - 1995. - No. 5. - P. 23.

8. Gryacheva E.V., Responsibility of an entrepreneur for violation of contractual obligations: Abstract. diss... cand. jurid. sciences'. - Alma-Ata, 2004, - 25 p.

9. Denisov Yu.A. General theory of offense and responsibility: (sociological and legal aspects). - L.: Publishing House of LSU, 1983. - 142 p.

10. Eremenko V.I. Legislation on the suppression of unfair competition of capitalist countries. - Moscow: VNIIPI, 1991. - 170 p.

11. Leist O.E. Sanctions and responsibility under Soviet law. Moscow, 1981. - p.7.

12. Rakhimov M.Z. On the issue of legal regulation of unfair competition // Human rights and the development of democracy in Tajikistan: problems and prospects. – Dushanbe, 1997.- 140-141 p.

13. Soliev K.H., Rakhimov R.H., Commentary on crimes in the field of economics. Dushanbe, 2001 – 275 p.

14. Samoshchenko I.S. The concept of an offense under Soviet law. - M.: Legal lit., 196Z. – 286 p.

15. Totyev K.Yu. Competition law (legal regulation of the activities of subjects of competition and monopolies): Textbook for universities. - 2nd Ed., reprint. and additional. – M.: Publishing House of the RDL, 2003. - 480 p.

16. Urukov V.N. Russian business law: General part: Textbook. Cheboksary, 2001. - 587p.

УДК: 343.61

Холиқзода Шералӣ Лоиқ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: kholikov88@mail.ru
Тел.: (+992) 905-55-90-82.

Муқимов Сафарбек Давлатбекович,
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: safarbek.mukimov.91@mail.ru
Тел.: (+992) 931-90-30-90.

ТАРАФИ СУБЪЕКТИВИИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

Калидвожаҳо: қонуни ҷиноятӣ; ҷиноят; қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ; таркиби ҷиноят; тарафи субъективии ҷиноят; гуноҳ; қасд; беэҳтиётӣ; экпертизаи тиббӣ-судӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ меравад. Тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аввалин пажӯҳише мебошад, ки дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, дар робита ба он фикрҳои муаллифон иброз гардидааст.

Новобаста ба таваҷҷуҳи зиёди олимон ба масъалаҳои рӯзмараи вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят, ҳамчунин як қатор масъалаҳои алоқаманд ба ҷиноятҳои вобаста ба расонидани зарар ба саломатӣ, аз ҷумла қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ вуҷуд доранд, ки наомӯхта ва ҳалношуда боқӣ мемонанд.

Бештари корҳои иҷрошудаи ба масъалаҳои вобаста ба тарафи субъективии ҷиноят бахшидашуда, бояд гуфт, ки ба олимону муҳаққиқони даврони шуравӣ тааллуқ доранд ва лозим ба зикр аст, ки бо доштани ҷанбаи фундаменталӣ таҳқиқоту пажӯҳишҳои анҷомшуда дар ҳоли ҳозир ҳам аҳамияту арзиши актуалии ҳуқуқии худро гум накардаанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки ҳоло мо дар ҷомеаи комилан мутафовит кору зиндагӣ менамоем ва дар ин ҷомеа манфиатҳои шахсият ва ормонҳои давлати ҳуқуқӣ дорои аҳамияти махсус мебошанд ва ин дар навбати худ аз мо бозбинӣ ва таҷдиди назари маҷмӯи бузурги донишҳои қаблан андӯхташударо тақозо менамояд.

Набудани корҳои илмии нави гузаронидашуда вобаста ба мавзуи мазкур боиси он гардидааст,ки назарияи мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ниёзу талаботи таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ қафо афтодааст. Дар ин зербоб мо ба корҳои анҷомдодаи муаллифони ватанӣ дар соҳаи таҳқиқу омӯзиши тарафи субъективии ҷиноят ва мутобиқати онҳо бо воқеиятҳои муосири ҳуқуқӣ ва талаботи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мепардозем.

Олимони тоҷик Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов ва М.Н. Насриддинов мафҳуми тарафи субъективиро чунин шарҳ медиҳанд: «Тарафи субъективии ҷиноят – ин маҷмӯи аломатҳое мебошад, ки тарафи дохилии (рӯҳии) таҷовузи ҷиноятқоронро тавсиф медиҳанд. Яъне, тарафи субъективии ҷиноят – ин ҳолати рӯҳии шахсе мебошад, ки бевосита ба содир кардани ҷиноят даст задааст. Тарафи субъективи ҳолати психологӣ, яъне таркиби кирдори ба ҷамъият хавфнокро фаро мегирад. Аз ин сабаб, тарафи субъективӣ (дар муқоиса аз тарафи объективӣ) тарафи дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Ба сифати чунин аломатҳо: гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳайяҷони субъекти ҷиноят баромад мекунад [16].

Кирдори ҷиноятӣ, аз "ҳаракат" ва ё "беҳаракатӣ" иборат мебошад, ки он муносибати шахсро нисбат ба ҷаҳони атроф, ҷамъият ва аъзои он нишон медиҳад. Таркиби психологӣ бо ёрии чунин аломатҳо ҳуқуқи ба монанди гуноҳ, мақсад, ангеза, қасд муайян гардида ва бо ҳам алоқамандии зич доранд. Ҳар як ҷиноят дорои мазмуну муҳтавои психологии муайянест, ки он дар назорат ба шуур ва иродаи шахс бар кирдоре, ки анҷом дода мешавад, инъикоси худро меёбад. Зери мафҳуми ҷиноят аз нигоҳи психологӣ чунин ҳолатҳо дар назар аст:

1) дарки хусусияти амалӣ ва аҳамияти ҷамъиятии кирдори содиршаванда ва ё набудани чунин дарк;

2) пешбинӣ ва ё пешбинӣ накардани оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки кирдорҳои худ;

3) муносибати иродавӣ нисбат ба кирдорҳои содиршаванда;

4) сабаб ва ангезаҳои содир намудани ҷиноят;

5) мақсад ва ангезаи содир намудани ҷиноят;

6) ҳолати рӯҳӣ эмотсионалӣ. Ҳамин тавр, тарафи субъективии ҳар гуна ҷиноят аз инъикоси аломатҳои объективии таркиби ҷиноят дар шууру тафаккури субъекти ҷиноят иборат мебошад ва он нишондиҳандаи муносибати субъект ба он ба ҳисоб меравад [7].

Моҳиятан, тарафи субъективӣ "модел"-и идеалии тарафи объективии таркиби ҷиноят мебошад, ки он дар шуур ва дарки субъект [6] инъикос меёбад ва ин дар навбати худ имкон медиҳад тасдиқ шавад, ки тарафҳои объективӣ ва субъективии кирдори ҷиноятӣ бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Ба андешаи олими соҳибмактаб А.И. Сафарзода ҳар як мафҳум дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмуни муайянеро фаро гирифта, дарки он барои ҳалли масъалаҳои муборизаи бо ҷиноятқорӣ замина фароҳам меорад [14].

Дар робита ба ин, мафҳуми гуноҳро чунин шарҳ додан мумкин аст: "Гуноҳ – унсури ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят шуморида мешавад". Таълимот дар бораи гуноҳ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба таври анъанавӣ яке аз унсурҳои аслӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи қонунгузории феълии амалкунанда шахс танҳо дар ҳолатҳое метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, ки нисбат ба кирдори хавфноки ҷамъиятӣ ва ё (беҳаракатии) он гунаҳгор будани вай муайян гардад. Ба таври объективӣ гунаҳкор донистани шахс дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ пешбинӣ нашудааст. Таълимот дар бораи тарафи субъективии ҷиноят ва аз ҷумла, дарки дурусти гуноҳ ба навъе нишондиҳандаи сатҳи демократия ва маърифати ҳуқуқии ҷомеа ба ҳисоб меравад ва он дорои аҳамияти аввалиндараҷа дар кори муайян намудани ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ мебошад.

Баҳсу мунозираҳои илмӣ дар бораи мафҳуми гуноҳ ва муҳтавои он солҳост, ки идома доранд. Ба таври умда, ин баҳсу мунозираҳо боиси ба миён омадани ду гурӯҳи аз ҳам фарқкунанда, гурӯҳи тарафдорони назарияи психологӣ ва гурӯҳи тарафдорони назарияи арзишёбӣ шудааст. Лозим ба зикр аст, ки ҳуқуқи ҷиноятии даврони шуравӣ ва баъдан ҳам ҳуқуқи ҷиноятии замони муосири ҶТ ба таври собиту устувор аз мавқеи тарафдорони назарияи психологии гуноҳ пайравӣ мекунанд. Аммо дар байни олимони ватанӣ ҳам касоне ҳастанд, ки тарафдори назарияи арзишёбии гуноҳ мебошанд. Ба таври муфассал ҳар ду назарияи зикршударо мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ҳуқуқи ҷиноятии ватании замони шӯравӣ нисбат ба назарияи арзишгузории гуноҳ, ки тавассути муаллифони "буржуазӣ" пешниҳод шуда буд, назари комилан манфӣ дошт. Вале бо вуҷуди ин, бархе аз криминалистҳо кӯшидаанд ин назарияи ғарбиро барои истифода дар ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мавриди коркарду истифода қарор бидиҳанд.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин гурӯҳи тарафдори назарияи арзишгузории гуноҳ Б.С. Утевский мебошад. Дар асари илмии худ бо номи "Гуноҳ" муаллиф қайд менамояд, ки "дар баробари фаҳмиши нисбатан танги гуноҳ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят, яъне қасд ва беэҳтиётӣ илми ҳуқуқи ҷиноятии шӯравии сотсиалистӣ бо мафҳуми нисбатан васеи гуноҳ – асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ ошно мебошад" [15].

Бар асоси Кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶТ он имкон дорад дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ зоҳир гардад. Гуноҳ ба сифати тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс ду унсурро дар худ дар бар мегирад: интеллектуалӣ ва иродавӣ. Вале ин ба он маъно нест, ки лаҳзаи эҳсосот ҳангоми содир

шудани ҷиноят вуҷуд надорад. Он хоси тамоми ҳаракати инсон, аз ҷумла содир гардидани ҷиноят мебошад. Фақат он дар таркиби ҷинояти баррасишаванда мавриди арзёбии ҳуқуқи ҷиноятӣ қарор намегирад.

Бо дар назар гирифтани м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ метавон ба ин сурат натиҷагирӣ намуд, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс метавонад бо қасди бевосита ва ё қасди бавосита сурат бигирад. Ҷудосозӣ ба қасди бевосита ва ё қасди бавосита бо дар назар гирифтани мазмун, таркиби интеллектуалӣ ва лаҳзаи иродавӣ сурат мегирад. Масъалаи қасди бевосита ҳангоми таҳқиқи тарафи субъективии ҷиноят мушкилоти зиёдро эҷод менамояд. Расонидани зарари миёна бо қасди бевосита ба ин маъност, ки шахс аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок будани кирдорҳои худро дарк менамояд, имкони фаро расидан ва ногузир будани оқибатҳои хавфноки иҷтимоиро дар шакли расонидани зарар ба саломатии баробар ба зарари миёнаро пешбинӣ менамояд ва хоҳони фаро расидани чунин оқибатҳо мебошад.

Аз тавсиф ва таърифи мазкур бармеояд, ки лаҳзаи интеллектуалии қасди бевосита аз дарки хусусияти кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок ва пешбинии оқибатҳои хавфноки ин кирдорҳо дар шакли расонидани зарар ба саломатии инсони ҷабрдида тавассути шахс иборат мебошад. Лаҳзаи иродавии қасди бевосита дар хоҳиш ва мувофиқ будан бо расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида инъикос меёбад ва он ҳамчунин самтгирии қасди шахси айбдорро нишон медиҳад [3].

Тақсим ва ҷудо кардани гуноҳ ба ин унсурҳо амали шартист, вале он ба таври назаррас ба беҳтар мушаххассозии мазмуну муҳтавои тарафи субъективии ҷиноят мусоидат менамояд. Ба ин тарз дарк намудани тарафи субъективии ҷинояти мавриди назар дар нигоҳи аввал шояд бенуқсон бошад. Вале агар мо ба таври системавӣ моҳияти онро таҳлил намоем, бо масъалаҳои зиёде рӯбарӯ мегардем, ки то ба имрӯз дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳалношуда боқӣ мемонанд.

Гузашта аз ин, дар ҳолате, ки амалия ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ конструксияи қасди ғайримушаххасро эътироф менамоянд, зарурати мубрам вуҷуд дорад,ки консепсияҳои мавҷуда дар бораи тарафи субъективии баъзе аз ҷиноятҳо бар асоси дастовардҳои ахиру муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ва экспертизаи судиву тиббӣ мавриди бознигарӣ ва таҷдиди назар қарор бигиранд.

Барои дарки беҳтару хубтари сохтори тарафи субъективии қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс зарур аст, ки ҷанбаҳои ителлектуалӣ ва иродавии ҷинояти мавриди назар ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигиранд. Лаҳза ё ҷанбаи ителлектуалии ҷиноят аз огоҳ будани ҷинояткор аз хатарнок будани оқибатҳои ҳаракат ё беҳаракатӣ ва пешбинӣ кардани фаро расидани оқибатҳои хатарноки иҷтимоӣ иборат аст. Дар ин замина, истилоҳи “дарк намуд” аҳамияти хоса касб менамояд. Фарҳанги тафсирии русии Ожегов ин истилоҳро ҳамчун “дарк кардан, яъне пурра дар зеҳни худ ҷой кардан, фаҳмидан” маънидод менамояд [10].

Бояд қайд намуд, ки дарк кардан ба таври зич ва ногусастанӣ бо тафаккур алоқаманд мебошад, вале тафаккур, андеша бо шуур ва дарк монанд нест. Он дар қатори дарк, эҳсос ва ҳофиза фақат абзору воситаи дарк ба ҳисоб меравад. Ба туфайли андеша, тафаккур, вазифае,ки дар баробари шахс пайдо мегардад, роҳи ҳал пайдо менамояд. “Андеша аз рӯи моҳияти худ маърифатест, ки тавассути он вазифаҳои дар баробари шахсон ба миёномада роҳи ҳалли худро пайдо мекунанд” [13].

Фаъолияти огоҳона ва мақсадноки шахс ба туфайли он имконпазир мегардад, ки дар он модели дохилии ҷаҳони беруна шакл мегирад. Ин имкон медиҳад, ки вазъи феълӣ бо вазъи гузашта муқоиса гардад, на фақат мақсад дар назар гирифта шавад (расонидани зарар ба саломатӣ), балки оқибатҳои кирдор қабл аз анҷоми он тасаввур ва пешбинӣ шаванд, имкон фароҳам меоварад, ки тавассути контроли иҷрошавии мақсад тафовути мавҷуд миёни вазъи воқеӣ ва вазъи матлуби предметҳо то ба ҳадди ақал коҳиш дода шавад [1]. Маҳз чунин тарзи раванди дарку маърифат дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асосе барои омӯзиши мазмуни психологии гуноҳ ба ҳисоб меравад.

Акнун ба таҳлили предмети дарк – хатари иҷтимоӣ мепардозем. Аз нигоҳи мафҳуми ҳуқуқи ҷиноятӣ хавфи иҷтимоӣ аз ҳолати муайяни зиддиҷтимоии объективии ҷиноят,ки вобаста ба хусусият ва аломатҳои манфӣ мебошад, иборат мебошад. Он имкони воқеии расонидани зарар ба муносибатҳои иҷтимоии

зери ҳимояти қонун қарордоштаро дар бар мегирад [8].

Бояд қайд намуд, ки хатар ё хавфи иҷтимоии ҷиноят дар аломатҳои объективии ҷиноят инъикоси худро меёбад. Аз нуқтаи назари доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, дарки хавфи иҷтимоӣ дорои ду сатҳ аст: сатҳи якум – шахсе, ки ба саломатии шахси дигар зарар мерасонад,огоҳона дарк менамояд,ки кирдори вай характери аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфнок дорад, яъне кирдори шахс дар маҷмӯъ нисбат ба муносибатҳои иҷтимоӣ хатар эҷод менамоянд [2]; дуюм – шахс дарк менамояд беамалӣ ё амалҳои мушаххасе, ки бо мақсади расонидани зарар ба саломатии шахси зарардида содир мегарданд, дорои хусусияти хавфи иҷтимоӣ мебошанд. Мутобиқи чунин тарзи дарк криминалистҳои ватанӣ объект ва предметро махсусан қайд менамоянд,ки ин ҷавобгӯи ҳақиқати фалсафист ва бар асоси он предмет ҷузъи объект ба ҳисоб меравад. Сатҳи дар боло зикршуда объекти дарк ва сатҳи дуюм предмети [15] он маҳсуб мешавад.

Барои шакли гуноҳи қасдона дарки хавфи иҷтимоии кирдор дар ҳар ду шакл хос аст. Вуҷуд надоштани дарк ҷавобгариро барои ҷиноятe, ки қасдона содир мешавад, истисно мекунад. Дар сурати вуҷуд доштани як қатор шароити хос, он ҳатто ҷавобгарии ҷиноятиро низ истисно мекунад. Дар ин робита А.А. Пионтковский аз нуқтаи назари мухолиф пайравӣ менамуд. Аз ҷумла ӯ дар бораи вуҷуд надоштан ва зарур набудани таъйиду тасдиқи хавфи иҷтимоӣ изҳори назар карда буд [11]. Дар ҳоли ҳозир чунин мавқеъ ва нуқтаи назар тавассути назария ва таҷрибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ рад шудааст, зеро он бо усул ва идеалҳои давлати ҳуқуқӣ мухолифат дорад.

Қонуни ҷиноятӣ аз татбиққунандаи ҳуқуқ муайян кардани ҳолати дарки хавфи иҷтимоии кирдори содиршавандаро таҳозо менамояд на ғайриқонунӣ будани кирдори шахсро Л.Д. Гаухман барҳақ қайд менамояд: “Барои вуҷуд доштани ҳолати ителлектуалӣ зарур нест, ки шахси айбдоршаванда аз лиҳози қонунӣ манъ будани кирдори содиршавандаро огоҳона дарк намояд ва ё тавассути қонуни ҷиноятӣ аз содир намудани он худдорӣ варзад. Агар шахс дарк намояд, ки ҳаракат ва ё беҳаракатии вай қонунан манъ аст, ин ба таври айён иштибоҳ ё хатои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки он ҳеҷ таъсире ба ҷавобгарии ҷиноятӣ намегузорад [2].

Зимни мувофиқ будан бо мантиқи қонун аз лиҳози назариявӣ, мо дар робита ба дарки хавфнокии кирдори содиршаванда аз нигоҳи иҷтимоӣ тавассути бархе аз шахсони ҷинояткор метавонем як каме шубҳа дорем. Пеш аз он ки дар бораи дарки амали хавфноки ҷамъиятӣ сухан ронда шавад, мо бояд бовар ҳосил кунем, ки шахс дар бораи категорияҳое, аз ҷумла категорияи “ҷамъият”, “муносибатҳои ҷамъиятӣ” фаҳмиши дуруст дошта бошад ва аз ҳама муҳимтар бо мазмуни мураккаб ва чандсатҳаи мафҳуми “хавфи иҷтимоӣ” ошно бошад. Бо дар назар гирифтани дар бештари ҳолатҳо дараҷаи пасти қобилияти интеллектуалии шаҳрвандон, чунин интизорро доштан беҳуда аст.

Дар асоси он чи баён гардид, мо метавон чунин ҳисобем, ки ягона исботи бебаҳси дарки аҳамияти иҷтимоии кирдори содиршаванда ин фаҳмишу огоҳ будани шахс ба он аст, ки ба таври ошкор ҷиноят содир менамояд, зеро дақиқан қонуни ҷиноятӣ барои шаҳрванд нишондиҳандаи асосии хавфи иҷтимоии ин ё он кирдори содиршаванда ба ҳисоб меравад. Дар ин бора метавонанд далелу асос шуморида шаванд: марҳалаи омодагӣ барои содир намудани ҷиноят, пушаймонии ҷинояткор ва як қатор аломатҳои дигар.

Дарк намудани хавфнок будани кирдорҳои худ барои ҷомеа ҳамчун падидаи иҷтимоӣ метавонад на фақат ҳамчун дарк, балки ҳамчун қобилияти дарк низ арзёбӣ гардад. Барои мисол, шахсе, ки ҷинояткори ошкорро ба қатл мерасонад, метавонанд чунин боварро дошта бошад, ки кирдори анҷомдодаи ӯ аз лиҳози иҷтимоӣ як кирдори судманд ва фоиданок барои ҷамъият ба ҳисоб меравад. Вале ин наметавонад ин шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад.

Ҳар шахси воқеии аз лиҳози қонуни ҷиноятӣ мукаллафи чаҳордаҳсола пешбинӣ мешавад, ки қобил ба дарки аҳамияти иҷтимоии кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) худ мебошад. Аз ин ҷиҳат, шарти аслии муайянсозии хусусияти қасдонаи гуноҳ мушаххас намудани мутобиқат миёни аломатҳои шахси ба саломатии дигарон зарар расонида ва аломатҳои субъекти ҷиноят шуморида мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст. Аз нуқтаи назари мо, дарки хавфи ҳаракат ё (беҳаракатӣ) дорои эҳтимоли фаро

расидани оқибатҳои барои саломатии шахс хавфнок аз назари ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳамияти нисбатан бештар аст.

Унсури дуюми нишондиҳандаи лаҳзаи интеллектуалии гуноҳи содиркунии ҷинояти қасдона пешбинӣ намудани имкон ва ё ногузир будани фаро расидани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Шахс наметавонад барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон мавриди ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор бигирад, агар ӯ оқибатҳои барои саломатии инсон хавфнокро, ки дар м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ омадаанд, пешбинӣ накарда бошад. Барои ба таври қасдона расонидани зарари миёна ба саломатии шахс чунин оқибатҳо метавонанд набудани аломатҳои дар м. 110 КҶ ҶТ пешбинишудаи ҷиноят, ба муддати тулонӣ зарар дидани саломатӣ ва аз се як дарсади қобилияти умумии кориро аз даст дода бошанд.

Пешбинӣ намудани оқибатҳои хавфноки ҷамъиятии содир намудани ҷиноят бояд ба таври ҳатмӣ исбот карда шавад. Фақат огоҳ будани субъекти ҷиноят аз оқибатҳои иҷтимоии хавфноки ҳаракат ё беҳаракатии худ, дарк намудани оқибатҳои эҳтимолӣ дар шакли халалдор намудани саломатии шахс ба муддати тулонӣ ё аз даст додани қобилияти умумии меҳнатӣ камтар аз як ҳисса имкон медиҳад ҷиноят мувофиқи м. 111 КҶ ҶТ муайян ва арзёбӣ гардад. Аз пеш дидани оқибатҳои хавфноки иҷтимоӣ ҳам тавассути қасди бевосита ва ҳам ба туфайли қасди бавосита метавонад на фақат дар пешбинӣ шудани ногузир будани фаро расидани оқибатҳо, балки дар ҳолати вуҷуд доштани имкони воқеӣ ҳам инъикос ёбад. Дар ҳолатҳои мухталиф, ҷинояткор метавонад ба андозаи кам ё зиёд фаро расидани оқибатҳои матлубро интизор дошта бошад.

Ю.А. Демидов ба ин бовар аст, ки “пешбинӣ намудани раванди инкишофи робитаи сабабӣ ба маънои дарки тағйиротҳои иҷтимоии хавфноки воқеист, ки тавассути ҳаракат ё беҳаракатии шахс инъикос пайдо менамоянд ва онҳо асоси фаро расидани оқибатҳоро ташкил медиҳанд” [5].

Пешбинӣ ва дарк намудани робитаи сабабӣ ба маънои он аст, ки тасаввури шахс дар бораи механизми робитаи сабабӣ дар миёни ҳаракат ва ё беҳаракатӣ ва оқибатҳои амали ӯ, ки дар расонидани зарар ба шахси ҷабрдида зоҳир меёбанд, ба таври пурра бо робитаҳои сабаби натиҷавӣ дар воқеият мутобиқат доранд.

Дар ҳолати воқеӣ душвор аст чунин тасавсур кард, ки ҷинояткор ба таври пурра ҳам дараҷаи зарареро, ки тавассути кирдори худ ба саломатии шахси дигар расонида мешавад ва ҳам маҷмӯи омилҳоеро, ки суд ҳангоми муайян намудани дараҷаи вазнинии зарар ба саломатӣ ба назар мегирад, дарк намояд. Барои ин ҷинояткор бояд дар бораи ҳолати вазъи шахси зардида, хусусияти предмете, ки тавассути он ба шахс зарар расонида мешавад ва ҳамчунин дар бораи як қатор дигар омилҳои объективӣ иттилоот ва маълумоти лозим дошта бошад.

Аз ин ҳам эҳтимоли камтар вуҷуд дорад,ки ҷинояткор битавонад дар бораи зарареки тавассути амали вай ба шахси ҷабрдида расонида мешавад, ба таври равшан ва мушаххас маълумот дошта бошад. Ғайр аз ин, дар бисёр ҳолатҳо мутахассисони экспертизаи судиву тиббӣ ва кормандони мақомоти судӣ ва тафтишоти пешакӣ ҳангоми муайян сохтани механизми ба вуҷуд омадан ва хусусияти зарареки, ки расонида мешавад, бо мушкил рӯбарӯ мегарданд.

Дар бораи вуҷуд доштани имкони пешбинии робитаи сабабӣ дар ҳолате метавон ҷавоби мусбат дод,ки агар он боиси ба миён омадани оқибатҳои қасду ангезаи ҷинояткор гардад. Масъалаҳои вобаста ба дуруст муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят ба таври назаррас тавассути ҳолати миёнаи м. 111 Кодекси ҷиноятии ҶТ, яъне байни ҳолати сабук ва ҳолати зарари вазнин хусусияти мураккабтар ба худ мегиранд.

Дар бештари ҳолатҳо субъекти ҷиноят хавфи ҷамъиятии кирдорҳои содирнамудаи худро дарк менамояд ва то андозаи муайян оқибатҳои эҳтимолии кирдорҳои худро пешбинӣ менамояд. Дар илм чунин қасдро қасди номуайян ва ё номушаххас меноманд [12]. А.С. Никифиров дар ин замина ба таври ҷиддӣ таъкид менамояд: “Қасди субъект ҳангоми расонидани зарари ҷисмонӣ аз он ҷиҳат бевосита шуморида мешавад,ки субъект пешбинӣ менамояд ва мехоҳад, ки зарари эҳтимолӣ фаро расад. Аммо, ин қасд, қасди номуайян аст, зеро ҳадафи он расонидани зарари дорои вазнинии мухталиф аст” [9].

Аз нуқтаи назари мо, мазмуну моҳият ва самти қасди шахси гунаҳкор дар ҳолатҳои

ҷудогона бояд ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор бигирад. Ҳаракат ва беҳаракатие, ки мақсади он расонидани зарар ба саломатии шахси дигар аст, бояд аз рӯи аломати самти қасди субъекти ҷиноят муайян гардад. Фақат бо чунин бархурд метавон аз айбдорсозии объективӣ ва беасос коҳиш додани мизон ва хусусияти кирдори хавфноки ҷамъиятии содиршуда пешгирӣ намуд.

Бояд қайд намуд,ки равишҳои мавҷуди вобаста ба ҳалли мушкилоти тарафи субъективии ҷиноятҳои алоқаманд ба расонидани зарар ба саломатии шахс ба таври пурра бо талаботҳое, ки дар амал вуҷуд доранд, ҷавобгӯ нестанд. Таҳлили корҳои илмии дар даврони шӯравӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ анҷом додашуда ва ҳамчунин корҳои дар давраи баъдина, яъне даврони имрӯзаи ҶТ идома дошта нишон медиҳанд,ки вазъи ба суръат тағйирёбандаи марбут ба қасд ҳангоми расонидани зарар ба саломатӣ имрӯз аз гузашта фарқ мекунад. Қасди расонидани зарар ба саломатӣ тавассути шахси гунаҳкор, ки қабл аз содир шудани ҷиноят ба амал меояд, марзҳои хеле васеъ барои тағйир ёфтан дорад.

Вобаста ба расонидани зарари вазнинии миёна ба саломатӣ аз рӯи қасди шахси гунаҳкор бояд бо аломатҳои зерин мушаххас гардад.

Аввалан, шахс бояд қобилияти дарк кардани кирдорҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хавфноки худро дошта бошад. Дарк кунад, ки муқобили нодиртарин неъмати инсон – саломатӣ баромад мекунад.

Дуввуман, ҷинояткор бояд амалан хавфнок будани ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк намояд, ки мақсади онҳо расонидани зарар ба саломатии шахси мушаххас ва ё гурӯҳи шахсон мебошад.

Савуман, шахси расонандаи зарар бояд оқибатҳои нахустини кирдорҳои содирнамудаи худ – ҷароҳатҳои ҷисмонӣ, ҳолати патологӣ, беморӣ ва ғайраро пешбинӣ намояд.

Чаҳорум, шахси расонандаи зарар бояд имкон ва ногузир будани фаро расидани оқибатҳои ниҳоии кирдорҳои худ – ба муддати тӯлонӣ зарар дидани саломатӣ, аз даст додани қобилияти умумии кории худ ба миқдори бештар аз се як ҳиссаро пешбинӣ намояд.

Ва панҷум ин ки шахси ҷинояткор хоҳиши фаро расидани оқибатҳои дар боло зикршударо дошта бошад. Агар ӯ мушаххасан тасаввур накунад, ки дар натиҷаи кирдорҳои содирнамудааш ба саломатии шахси дигар чӣ гуна зарар расонида мешавад (натиҷатан чунин хоҳиш надорад), қасди мушаххас вуҷуд надошта бошад, дар чунин ҳолат қасди ҷинояткор қасди бавосита хоҳад буд. Зеро шахс нисбат ба оқибатҳои кирдори худ бетафовут аст.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш.

СУБЪЕКТИВНАЯ СТОРОНА УМЫШЛЕННОЕ ПРИЧИНЕНИЕ ВРЕДА ЗДОРОВЬЮ СРЕДНЕЙ ТЯЖЕСТИ

Ключевые слова: уголовный закон; преступление; умышленное причинение вреда здоровью средней тяжести; состав преступления; субъективная сторона преступления; вина; умысел; неосторожность; судебно-медицинская экспертиза.

Аннотация: В данной статье речь идет о субъективной стороне умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. Тема субъективная сторона умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью является первым исследованием, которое исследовано и обсуждено на основе исследований отечественных и зарубежных ученых и достижений юридической науки Республики Таджикистан, а также идеи авторов выражены в данной статьи.

Холикзода Шерали Лоик - кандидат юиридических наук, доцент кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факултета Таджикского национального университета. E-mail: kholikov88@mail.ru, Тел.: (+992) 905-55-90-82.

Мукимов Сафарбек Давлатбекович - соискатель кафедры уголовного права и противодействие коррупции юридического факултета Таджикского национального университета. E-mail: safarbek.mukimov.91@mail.ru, Тел.: (+992) 931-90-30-90.

SUBJECTIVE SIDE INTENTIONALLY INJURY TO HEALTH

Keywords: criminal law, crime, intentional infliction of harm to health of medium gravity, corpus delicti, the subjective side of the crime, guilt, intent, negligence, forensic medical examination**.**

Annotation: In this article we are talking about the subject of intentional infliction of moderate harm to health. The topic of deliberate infliction of moderate harm to health is the first study that has been researched and discussed on the basis of research by domestic and foreign scientists and the achievements of the legal science of the Republic of Tajikistan, and the author's thoughts are expressed in this regard.

Kholikzoda Sherali Loik - candidate of law sciences, associate professor of the department of criminal law and anti-corruption of the law faculty of Tajik National University. E-mail: kholikov88@mail.ru, Tel.: (+992) 905-55-90-82.

Mukimov Safarbek Davlatbekovich - competitor of the department of criminal law and anti-corruption of the law faculty of Tajik National University. E-mail: safarbek.mukimov.91@mail.ru, Tel.: (+992) 931-90-30-90.

Руйхати адабиёт:

1. Васильев В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб. – СПб.: Питер, 2002. – С. 130.
2. Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – С. 149.
3. Дагелъ П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 36.
4. Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. – С. 112.
5. Демидов Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1964. – С. 8.
6. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юрист, 2004. – С. 147.
7. Лекгиас И. Вина как субъективная сторона преступного деяния: Пер. с нем. / Под ред. и с предисл. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 48.
8. Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб, пособие для слушателей вузов МВД СССР. М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 39.
9. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 87.
10. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 476.
11. Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – С. 354.
12. Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – С. 378.
13. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – С. 14.
14. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.
15. Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 59.
16. Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2010. – С. 108.

Список литературы:

1. Васильев В.Л. Юридическая психология. 4-е изд., доп. и перераб. – СПб.: Питер, 2002. – С. 130.
2. Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – С. 149.
3. Дагелъ П.С., Михеев Р.Ж. Теоретические основы установления вины. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1975. – С. 36.

4. Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. – С. 112.
5. Демидов Ю.А. Умысел и его виды по советскому уголовному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1964. – С. 8.
6. Кудрявцев В.Н. Общая теория квалификации преступлений. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Юрист, 2004. – С. 147.
7. Лекгиас И. Вина как субъективная сторона преступного деяния: Пер. с нем. / Под ред. и с предисл. А.А. Пионтковского. – М.: Госюриздат, 1958. – С. 48.
8. Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: Учеб, пособие для слушателей вузов МВД СССР. М.: ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 39.
9. Никифоров А.С. Ответственность за телесные повреждения по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 87.
10. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Асари зикршуда. – С. 476.
11. Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. – С. 354.
12. Расторопов С.В. Борьба с умышленным причинением вреда здоровью граждан в исправительных колониях. – С. 378.
13. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – С. 14.
14. Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – С. 26.
15. Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1950. – С. 59.
16. Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Уголовное право (общая часть) (на тадж. яз.) . – Душанбе, 2010. – С. 108.

list of literature:

1. Vasiliev V.L. Legal psychology. 4th ed., add. and processed – St. Petersburg: Peter, 2002. – P. 130.
2. Gaukhman L.D. Qualification of crimes: law, theory, practice. – P. 149.
3. Dagel P.S., Mikheev R.Zh. Theoretical foundations for establishing guilt. – Vladivostok: Dalnevost Publishing House. University, 1975. – P. 36.
4. Demidov Yu.A. Social value and evaluation in criminal law. – M., 1975. – P. 112.
5. Demidov Yu.A. Intent and its types in Soviet criminal law: abstract. dis. ...cand. legal Sci. – M., 1964. – P. 8.
6. Kudryavtsev V.N. General theory of classification of crimes. 2nd ed., revised. and additional M.: Lawyer, 2004. – P. 147.
7. Lekgias I. Guilt as a subjective side of a criminal act: Trans. with him. / Ed. and with a preface. A.A. Piontkovsky. – M.: Gosyurizdat, 1958. – P. 48.
8. Lyapunov Yu.I. Social danger of an act as a universal category of Soviet criminal law: Textbook, manual for students of universities of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. M.: VYUZSH Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1989. – P. 39.
9. Nikiforov A.S. Liability for bodily injury under Soviet criminal law. – M.: Gosyurizdat, 1959.
10. Ozhegov S.I., Shvedova N.Yu. Asari zikrshuda. – P. 476.
11. Piontkovsky A.A. The doctrine of crime in Soviet criminal law. – P. 354.
12. Rastoropov S.V. Combating intentional harm to the health of citizens in correctional colonies. – P. 378.
13. Rubinshtein S.L. About thinking and ways of its research. – M.: Publishing House of the USSR Academy of Sciences, 1958. – P. 14.
14. Safarzoda A.I. Criminal legal protection of business activities in the Republic of Tajikistan: abstract. dis. ... Doctor of Law. Sci. – Dushanbe, 2018. – P. 26.
15. Utevsky B.S. Guilt in Soviet criminal law. – M.: Gosyurizdat, 1950. – P. 59.
16. Sharipov T.Sh., Azimov N.B., Kamolov Z.A., Nasriddinov M.N. Criminal law (general part). – Dushanbe, 2010. – P. 108.

УДК: 343.71

Давлатзода Комрон Давлат,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: komron231823@gmail.com
Тел.: (+992) 938-23-18-23.

ТАМАЪҶӮЙ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ: МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Калидвожаҳо: тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ; технологияҳои иттиллоотию-коммуникатсионӣ; маълумот; амнияти иттилоотӣ; қонунгузории ҷиноятӣ; ҷаҳонишавӣ; назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳо яке аз намудҳои нави киберҷиноятҳо «тамаъҷӯй дар фозои маҷозӣ» ба риштаи таҳлил кашида шудааст, зеро вақтҳои охир ҳолатҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо талаби пардохти маблағҳои зиёд, мушоҳида гардида, аз ин кирдорӣ номатлуб шаҳрвандон, зарари моддӣ-иқтисодӣ дида истодаанд. Аз ин лиҳоз асоснок гардидааст, ки тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ бо мавҷудияти таҳдидҳои мустақим ё ғайримустақим, ба дахлнопазирии шахсӣ, маълумоти шахсӣ ки дорои иттилоот дар бораи мукотиба дар шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳои овозӣ, таърихи дархостҳои ҷустуҷӯй таъсир расонида, ба шахс зарари калони маънавӣ мерасонанд.

Таъмини амнияти иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, мубрам арзёбӣ гардида, иттилоот ба объекти ҳифзшаванда табдил ёфтааст. Бо мақсади ташаккули пардохтҳои ғайринақдӣ, дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттиллоотию-коммуникатсионӣ, ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ, технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро татбиқ менамоянд, ки дар ин замина ба захираҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ вобастагии бештар пайдо мегардад. Инчунин системаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва коммуналӣ дар шакли электронӣ таъсис дода шудаанд, ки ин омил барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири калон расонида, як ҷузъи системаҳои муосири идоракунӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ, мудофиа, амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон табдил меёбад.

Дар ин замина ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (минбаъд - ТИК) дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, ҷомеа ва давлат, таъмини амнияти иттиллотӣ, танзими ҳуқуқии истифодаи ТИК ва ҳифзи захираҳои иттилоотӣ нақши махсус дорад. Тибқи талаботи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320; с. 2012, №7, мод. 698; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164) аз 10 майи соли 2002 № 55, «Иттилоот - маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо» ифода мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки маълумот (масалан маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда)) ки як ҷузъи таркибии итиллоот мебошад, метавонанд ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад намоянд.

Мавриди зикри хос аст, ки имрӯз қонунгузории ҷиноятии амалкунанда кирдорҳоеро, ки ба намудҳои гуногуни иттилоот таъсир мерасонанд дар дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» пешбинӣ кардааст, зеро шумораи умумии ҷиноятҳои мазкур дар шаклҳои гуногун мунтазам меафзояд. Аксар вақт онҳо ҳамчун воситаи содир гардидани дигар ҷиноятҳо, аз қабили қаллобӣ, ҷамъоварӣ ва паҳнкунии ғайриқонунии маълумот дар бораи хаёти шахсӣ,

муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва тамаъҷӯӣ мегардад. Дар ҳолатҳои мазкур проблемаи тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии кирдорҳое, ки бо истифода аз иттилооти компютерӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ дар якҷоягӣ бо дигар ҷиноятҳо содир карда мешаванд, ба миён меояд.

Мутаасифона вақтҳои охир ҳолатҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ бо талаби пардохти маблағҳои калон ба чашм мерасад, ки ин яке аз намуди киберҷиноятҳо «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ифода мегардад. Чун қоида, бо чунин навъи тамаъҷӯӣ, паёме гирифта мешавад, ки ҷинояткорон маълумоти махфӣ ва маълумоте ки шахс мехоҳад онро пинҳон дорад, дастрас намуда, таҳдид мекунанд, ки дар сурати маблағи муайянеро ба суратҳисоби онҳо нагузаронидан, онҳо маълумотҳои мазкурро дастраси умум мегардонанд.

Аз ин лиҳоз, тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ бо мавҷудияти таҳдидҳои мустақим ё ғайримустақим, ба дахлнопазирии шахсӣ, маълумоти шахсӣ ки дорои иттилоот дар бораи мукотиба тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмҳои овозӣ, таърихи дархостҳои ҷустуҷӯӣ, ва ғайра, таъсир расонида ҳамаи ин амалҳо метавонанд ба шахс зарари калони маънавӣ расонанд.

Барои Тоҷикистони муосир ин мавзӯъ на танҳо муҳимияти худро дар ҷомеа пайдо кардааст, балки мавқеъ ва аҳамияти хоссаро касб намудааст.

Раванди умумии коҳишёбии миқдори ин навъи кирдорҳои ҷинояткорона, аз як тараф, самарабахшии муборизаро бо ин падидаҳо ифода намуда, аз тарафи дигар, дар моҳияти содиршавии ин кирдорҳо тағйирот ба амал меояд. Масалан, миқдори кирдорҳои тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ, бо истифодаи таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда), инчунин такроран ба амал овардани ин кирдорҳо бо мақсади ба даст овардани молу мулк ба миқдори калон, зиёд гардидаанд.

Дар баробари афзоиши миқдории таҷовуз бо роҳи тамаъҷӯӣ сифатан ташаккул ёфтани кирдори тамаъҷӯёна ба неъматҳои моддӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан тибқи гузориши Маркази матбуоти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 майи соли 2023 нашр шуд, шаҳрванд «А», соли таваллудаш 1990, дар шабакаи иҷтимоии «Одноклассники» бо номи занонаи «М» саҳифа боз карда, бо ҷавонони ҷинсашон мард шиносоӣ барқарор мекунад ва дар пайи ба даст овардани аксҳо ва дигар маълумоти маҳрамонона дар бораи ҳаёти шахсии онҳо ба тамаъҷӯӣ даст мезанад. Аксари қурбониёни тамаъҷӯиҳои «М» шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Русия будаанд, маҳсуб ёфтааст. Худи шаҳрванд «А», дар гузориши нашршуда кирдори содиркардаашро чунин нақл кард: Дар шабакаи иҷтимоии «Одноклассники» ба номи занонаи «М» саҳифа дорам. Бо роҳи фиреб худро духтар гирифта, аз мардуме, ки дар хориҷӣ кишвар қарор доранду ба ман менавиштанд, маблаг талаб мекардам. Онҳое ки маблаг намедоданд, ба номашон дар «Одноклассники» саҳифа мекушодам ва «Я голубой» менавиштам аз номашон. Баъд ба онҳо занг мезадаму мегуфтам, ки 500 рубл, 1000, ё 2 000 рубл ба корти электронии ман гузаронед, ман ин саҳифаи ба номи шумо кӯшодаро пок мекунам [1]. Яъне тамаъҷӯии мазкур дар намуди таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда), ки шаҳрванд мехоҳад онро пинҳон дорад содир гардидааст.

Сарфи назар аз паҳншавии босуръати «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дар таҷрибаи амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вобаста ба моҳияти ин гуна кирдори ба ҷамъият хавфнок андешаи ягона мавҷуд нест. Тавре Могунова М.Н. қайд менамояд, «тадқиқотҳои илмии муосири «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ»», инчунин дар бораи моҳияти ҳуқуқии он то ҳол дар адабиёти илми андешаҳои гуногун ҷой дорад» [6, с.86].

Албатта, «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ҳамчун падидаи нисбатан нави ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода мегардад. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки аввалан, мафҳуми «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ва хусусиятҳои онро таҳқиқ намоем.

Вобаста ба мафҳуми мазкур дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Масалан, Л.Д. Матросова, «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ»-ро ба яке аз навъҳои қаллобӣ мансуб медонад [5, с.152].

Ба андешаи Т.М. Лопатина, «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ҳамчун «як навъи киберҷиноятҳо, моҳияташ аз он иборат аст, ки ҷинояткор аз ҷабрдида маблаг ва ё дигар арзишҳои молу мулкиро талаб мекунад» [4, с.118].

Д.А.Овсюков, бошад пешниҳод менамояд, ки «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ», бояд «талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ё содир намудани дигар кирдорҳои дорои хусусияти молумулкӣ бо таҳдиди ҳамлаи киберӣ ё ҳамчун шарти боздоштани ҳамла», ифода гардад [7, с.144].

А.А. Гребенков, андешаи Д.А. Овсюковро ҷонибдорӣ намуда, қайд менамояд, ки «мушкилоти муқовимат бо «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ» аз он вобаста аст, ки он дар худ унсурҳои таркибии якчанд ҷиноятро муттаҳид мекунад. Инҳо унсурҳои таркибии ҷиноятҳо муқобили амнияти иттиллотӣ (аз ҷумла, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ) ва унсурҳои таркибии ҷиноятҳо ба муқобили моликият (тамаъҷӯй, агар таҳдиди ифшои маълумоти беобрӯкунанда вуҷуд дошта бошанд ва ё маълумоте, ки метавонад ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдида зарари калон расонад, инчунин қаллобӣ), ифода мегардад. А.А. Гребенков, андешаи худро бо он асоснок менамояд, ки «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ», ҳамчун падидаи нави манфии иҷтимоӣ, ба ҷамъият хавфнокии махсус дошта ба «талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк бо таҳдиди несту нобуд, вайрон кардани молу мулки ғайр ё бастани иттилооти компютерӣ ва ё халалдор сохтани раванди кории системаҳои иттилоотӣ оварда мерасонад», асос ёфтааст [2, с.154].

Дар доираи таҳлили андешаи Л.Д. Матросова, Т.М. Лопатина ва А.А. Гребенков, вобаста ба мафҳум ва хусусиятҳои «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ» қайд намудан зарур аст, ки аввалан, дар маҷмӯъ онҳо асоснок накардаанд, ки мафҳумҳои пешниҳод намудаи онҳо вобаста ба хусусият, ба кадом навъи ҷиноятҳо дохил мешавад: масалан ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва ё ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ. Дуюм, ин ки эътироф намудани мафҳумҳои дар боло зикргардида ба гумон аст, ки мушкилоти «мураккаб»-и «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ»-ро ҳал кунад.

Дар доираи мавзуи баррасишаванда «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ» ҳамчун амали шахсоне фаҳмида мешавад, ки аз бастани роҳи паҳншавии иттилоот ё барномаҳои зараровари компютерӣ истифода бурда, иттилоотро рамзнок менамояд ва баъдан талаби додани маблағро барои дастрасӣ ба маълумоти аслӣ ва рамзкушоии он менамояд.

Ғайр аз ин, бо таҳия ва истифода аз барномаи зараровар ҷиноятkор ба иттилоот дастрасӣ пайдо намуда онро рамзгузорӣ ё баста (бастани роҳи паҳншавии иттилоот) мекунад. Илова бар ин, ҷиноятkорон аксар вақт пеш аз рамзгузорӣ маълумотро ғайриқонунӣ дастрас намуда сипас «талаб» мекунанд: яъне аввалан, барои рамзкушоӣ ва дуюм, барои фош накардани маълумоти дастрасшуда, ки ҷабрдида мехоҳад онро ниҳон дорад.

Аз ин ҷо мо метавонем мафҳуми «талаб» карданро ба маънои васеъ ва ба маънои маҳдуд, ҳангоми содиршавии «тамаъҷӯй дар фазои маҷозӣ» пешниҳод намоем:

Талаб кардан ба маънои васеъ – ин талаби додани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк, ё содир намудани дигар кирдорҳои дорои хусусияти молу мулкӣ дошта бо таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбат ба ҷабрдида ё наздикони ӯ, ҳамчунин бо таҳдиди истифодаи зӯроварӣ вайрон кардани манфиатҳои қонунии ин шахсон, ё нобуд кардан, зарар расонидан ба молу мулки дар ихтиёр ё таҳти назорати онҳо қарордошта ё ошкор кардани маълумот оид ба он ҳолатҳое, ки ҷабрдида мехоҳад онро ниҳон дорад.

Талаб кардан ба маънои маҳдуд – ин талаби додани молу мулкӣ ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк ва ё содир намудани дигар кирдорҳои дорои хусусияти молу мулкӣ дошта дар натиҷаи майли тамаъҷӯёна содиршаванда бо таҳдиди ифшо кардани маълумоти бадномкунанда ва таҳқиромез барои ҷабрдида ва наздикони ӯ, вайрон кардани манфиатҳои қонунии ин шахсон, нобуд кардан, зарар расонидан ба молу мулки дар ихтиёр ё таҳти назорати онҳо қарордошта, инчунин ошкоркунии маълумот оид ба он ҳолатҳое, ки ҷабрдида мехоҳад онро ниҳон дорад.

Бояд тазаккур дод, ки дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории ҷиноятии ИДМ, ҳангоми таҳлил намудани намудҳои «таҳдид» дар ҳолати тамаъҷӯй, захираҳои иттилоотӣ, иттилооти компютерӣ, амнияти технологияҳои иттилоотӣ ва ғайра пешбинӣ нагардидаанд. Аз ҷумла дар моддаи 250 КҶ ҶТ, намудҳои «таҳдид» чунинанд:

а) таҳдиди ифшои маълумоти беобрӯкунанда (бадномкунанда) нисбати ҷабрдида ё наздикони ӯ;

б) таҳдиди ошкор кардани маълумоте, ки ҷабрдида мехоҳад онро ниҳон дорад ва ғайра [12].

Таҳдид ҳангоми тамаъҷӯӣ мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад ин:

- истифодаи таҳдид ва зӯроварӣ, бевосита нисбати шахсияти ҷабрдида ё ин ки нисбати шахсони наздики вай;

- таҳдиди несту нобуд кардани молу мулк ё вайрон кардани молу мулки ғайр;

- таҳдиди ифшои маълумотҳои беобрӯкунанда [11].

Тибқи моддаи 182 КҶ Ҷумҳурии Озарбойҷон тамаъҷӯӣ ҳамчун тасарруф шинохта нашуда, таҳти истилоҳи «шахсони наздики ҷабрдида», танҳо хешовандони наздик дохил шудааст [9].

Бояд қайд кард, ки ба шахсони наздики ҷабрдида метавонанд, шахсони ба ҷабрдида хешовандӣ надошта ҳам дохил мешаванд.

Мафҳуми нисбатан муфассали тамаъҷӯиро метавон дар КҶ Ҷумҳурии Белоруссия дарёфт намуд, ки қонунгузории ҷиноятии Белоруссия тамаъҷӯиро ба навъҳои тасарруф ишора кардааст. Бояд қайд кард, ки мувофиқи КҶ Ҷумҳурии Белоруссия тамаъҷӯӣ ҳамчун амали ғаразнок ва тасарруф дониста мешавад [10].

Ҳангоми баррасии «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ дар самти мазкур бояд Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17 феврали соли 1996 дар ҷаласаи пленарии VII-и Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул карда шудааст, мавриди таҳлил қарор дода шавад [8, с.122].

Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар боби 28 «Ҷиноятҳо муқобили моликият» ду намуди ҷиноятҳое, ки таввасути фазои маҷозӣ содир мешаванд ҷудо намудааст: тасарруф бо истифода аз техникаи компютерӣ (моддаи 243); расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб, ё тағйир додани иттилооти компютерӣ (моддаи 250) муқарар намуда, дар моддаи 269 ғайриқонунӣ гирифтани иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бо роҳи бастани паҳншавии иттилоот, ғайриқонунӣ ворид шудан ба системаи компютерӣ бо истифодаи воситаҳои махсуси техникиро ҳачун кирдори ба ҷамъият хавфнок пешбинӣ намудааст [3, с.248].

Бо вуҷуди ин, амалан ҳеҷ як аз давлатҳои аъзои ИДМ дар қонунгузории миллии худ меъёрҳо ва тавсияҳои дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ зикршударо ба роҳбари нагирифтаанд, ки ҳолати мазкур ба он оварда расонд, ки меъёрҳои кодекси ҷиноятии амалкунандаи кишварҳои аъзои ИДМ тамоми доираи амалҳои ғайриқонунӣ дар самти киберҷиноятҳоро дар бар намегиранд.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида ва омӯзиши таҷрибаи илмӣ-амалӣ, бояд эътироф намуд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ «тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ» ба аломатҳои таркибии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотии компютерӣ (моддаи 298-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар (моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дохил мешавад, зеро шахс бо истифода аз барномаи компютерӣ ва дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, мақсади ба даст овардани неъматҳои моддиро пайгирӣ мекунад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.

ВЫМОГАТЕЛЬСТВО В ВИРТУАЛЬНОМ ПРОСТРАНСТВЕ: ПОНЯТИЕ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

Ключевые слова: вымогательство в виртуальном пространстве; информационно-коммуникационные технологии; данные; информационная безопасность; уголовное законодательство; глобализация; теория уголовного права.

Аннотация: В данной статье анализируются понятие и особенности одного из новых видов киберпреступности «вымогательство в виртуальном пространстве». В последнее время были замечены случаи использования социальных сетей с требованием выплаты крупных денежных

сумм, что является одним из видов киберпреступлений «вымогательство в виртуальном пространстве». И это обосновывается тем, что вымогательство в виртуальном пространстве при наличии прямых или косвенных угроз затрагивает неприкосновенность личности, персональные данные, содержащие сведения о переписке в социальных сетях, голосовых сообщениях, истории поисковых запросов наносит человеку большой моральный ущерб.

Давлатзода Комрон Давлат - кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебной экспертизы юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: komron231823@gmail.com, Тел.: (+992) 938-23-18-23.

EXCESSION IN VIRTUAL SPACE: THE CONCEPT AND ITS FEATURES

Keywords: extortion in virtual space; information and communication technologies; data; information security; criminal law; globalization; theory of criminal law.

Annotation: This article analyzes the concept and features of one of the new types of cybercrime “extortion in the virtual space”. Recently, there have been cases of using social networks with the requirement to pay large sums of money, which is one of the types of cybercrime “extortion in the virtual space”. And this is justified by the fact that extortion in the virtual space in the presence of direct or indirect threats affects the integrity of the person, personal data containing information about correspondence in social networks, voice messages, history of search queries causes great moral damage to a person.

Davlatzoda Komron Davlat - candidate of legal sciences, associate professor of the department of criminology and forensic examination of the faculty of law of the National University of Tajikistan. E-mail: komron231823@gmail.com, Tel.: (+992) 938-23-18-23.

Рӯйхати адабиёт:

1. [Захираи электронӣ]. - Манбаи дастрасӣ: https:// www.youtube.com/watch?v (санаи муроҷиат: 21.06.2023)
2. Гребенков А.А. Талаботи киберӣ ҳамчун ҷинояти иттилоотӣ // Иқтисод, менеҷмент ва ҳуқуқ: ҳалли инноватсионӣ: Маҷмӯаи мақолаҳои Конфронси IX байналмилалии илмӣ-амалӣ. 2017. С.154
3. Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо (монография). – Душанбе, 2023. – 248с.
4. Лопатина Т.М. Шарти тамаъҷӯии рақамӣ ё шантажи киберӣ // Маҷаллаи Қонуни Русия. 2015. № 1. С. 118.
5. Матросова Л.Д. Таҳлили мунтазами консепсияи воситаҳои амалӣ ва қабули қарорҳо оид ба беҳтар намудани чораҳои муҳофизатӣ аз тамаъҷӯӣ дар Интернет // Қонун ва қонун. 2018. No 11. Сах. 152
6. Могунова М.М. Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таҳдидҳои киберӣ дар муҳити тиҷорат // Бюллетени Донишгоҳи Омск. Силсилаи «Қонун». 2021. ҷилди 18, рақами 1. саҳ. 86.
7. Овсюков Д.А. Истифодаи шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ҳангоми тамаъҷӯӣ // Проблемаҳои актуалии қонуни Русия. 2022. Т. 16 No 2 С. 144.
8. Ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои ИДМ: Китоби дарсӣ / Н.Ю. Волосова, О.В. Журкина. – Оренбург: ОСУ, 2019. – 122 с.
9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон. URL: http://www. ҷиноят. vl.ru/index. phpp =1318&more=1&c=&tb=1&pb=1 (Санаи дастрасӣ: 06/06/2023).
10. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус (бо тағйироту иловаҳо аз моҳи сентябри соли 2016). URL: http://levonevski.net/ Provo /norm2013/num55/d55595/page4. html (Санаи дастрасӣ: 06/06/2023).
11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. – Петербург, 2001. – С.188.

12. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1998. Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // URL: http://mmk.tj (санаи дастрасӣ: 06.06.2023).

Список литературы:

1. [Электронный ресурс]. - Источник доступа: https://www.youtube.com/watch?v (дата доступа: 21.06.2023)

2. Гребеньков А.А. Кибервымогательство как информационное преступление // Экономика, управление и право: инновационное решение проблем: сборник статей IX Международной научно-практической конференции. 2017. С. 154

3. Давлатзода К.Д. Фазы и метафоры угроз: практика и теория киберпреступности (Монография).– Душанбе, 2023. – 248 с.

4. Лопатина Т.М. Условно цифровое вымогательство, или кибершантаж // Журнал российского права. 2015. № 1. С. 118.

5. Матросова Л.Д. Системный анализ понятия средств реализации и принятия решений по совершенствованию мер защиты от вымогательства в сети Интернет // Закон и право. 2018. № 11. С. 152

6. Могунова М.М. Уголовно-правовой анализ киберугроз в деловой среде // Вестник Омского университета. Серия «Право». 2021. Т. 18, № 1. С. 86.

7. Овсюков Д.А. Использование информационно-телекоммуникационных сетей при совершении вымогательства // Актуальные проблемы российского права. 2022. Т. 16 № 2 С. 144.

8. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие / Н.Ю. Волосова, О.В. Журкина. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.

9. Уголовный кодекс Азербайджанской Республики. URL: http: // www. crime. vl.ru/ index. phpp =1318&more=1&c=&tb=1&pb=1 (Дата обращения: 06.06. 2023 г.).

10. Уголовный кодекс Республики Беларусь (с изменениями и дополнениями по состоянию на сентябрь 2016 года). URL: http:// levonevski.net/ Provo /norm2013/num55/d55595/page4. html (Дата обращения: 06.06.2023 г.).

11. Уголовный кодекс Республики Узбекистан. – СПб, 2001. - С. 188.

12. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 1 сентября 1998 года. Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан // URL: http://mmk.tj (дата обращения: 06.06.2023 г.).

List of literature:

1. [Electronic resource]. - Access source: https://www.youtube.com/watch?v (access date: 06/21/2023)

2. Grebenkov A.A. Cyber extortion as an information crime // Economics, management and law: innovative problem solving: collection of articles of the IX International Scientific and Practical Conference. 2017. P. 154

3. Davlatzoda K.D. F Phases and metaphors of threats: practice and theory of cybercrime (Monograph).– Dushanbe, 2023. – 248 p.

4. Lopatina T.M. Conditionally digital extortion, or cyber blackmail // Journal of Russian Law. 2015. No. 1. P. 118.

5. Matrosova L.D. Systematic analysis of the concept of means of implementation and decision-making to improve protection measures against extortion on the Internet // Law and Law. 2018. No. 11. P. 152

6. Mogunova M.M. Criminal legal analysis of cyber threats in the business environment // Bulletin of Omsk University. Series "Law". 2021. Vol. 18, No. 1. P. 86.

7. Ovsyukov D.A. Use of information and telecommunication networks when committing extortion // Current problems of Russian law. 2022. T. 16 No. 2 P. 144.

8. Criminal law of the CIS countries: textbook / N.Yu. Volosova, O.V. Zhurkina. – Orenburg: OSU, 2019. – 122 p.

9. Criminal Code of the Azerbaijan Republic. URL: http://www. crime. vl.ru/index. phpp =1318&more=1&c=&tb=1&pb=1 (Date of access: 06/06/2023).

10. Criminal Code of the Republic of Belarus (as amended and supplemented as of September 2016). URL: http:// levonevski.net/ Provo /norm2013/num55/d55595/page4. html (Date of access: 06/06/2023).

11. Criminal Code of the Republic of Uzbekistan. – St. Petersburg, 2001. - P. 188.

12. Criminal Code of the Republic of Tajikistan of September 1, 1998. Official website of the National Center for Legislation under the President of the Republic of Tajikistan // URL: http://mmk.tj (access date: 06/06/2023).

УДК: 343.2/.7

Сафаров Зеваршо Сафарович,
докторанти шуъбаи рӯзонаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: zevarshohsafarov96@gmail.com
Тел.: (+992) 937-36-96-96.

МАФҲУМИ ҶИНОЯТҲОИ СОЛҲОИ ПЕШ СОДИРШУДА

Калидвожаҳо: ҷиноятҳои ошкорнашуда; мурофиаи ҷиноятӣ; ҷиноятҳои солҳои гузашта; шахсияти ҷиноятккор; амалияи тафтишӣ.

Аннотатсия: Дар мақолаи мазкур масоили мафҳуми ҷиноятҳои солҳои пеш содиршуда аз нигоҳи илми криминалистика таҳқиқот карда шудааст. Исбот карда шудааст, ки ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта ин ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва ошкорнашудаи дар солҳои қаблӣ содиршуда мебошанд, ки тафтишоти пешакии онҳо боздошта шуда, вале муҳлати даъво барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба охир нарасидааст.

Саривақт ва ба таври пурра ошкор намудани ҷиноятҳо яке аз вазифаҳои асосии илми криминалистика ба ҳисоб меравад. Дар ин самт мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия) дар асоси талаботи қонун ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти прокуратура ва судӣ оид ба пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳо мунтазам кору фаъолият мебарад. Бо вуҷуди он ки дар самти мазкур чораҳои амалии зиёд дар доираи қонун роҳандозӣ карда мешаванд, аз таҳлилу нишондодҳо бармеояд, ки солҳои охир миқдори муайяни ҷиноятҳо ҳамоно ошкорнашуда боқӣ мемонанд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, дар даврони муосир масъалаи ошкор намудани ҷиноятҳо яке аз маъалаҳои муҳим башумор рафта, татбиқи амалии он аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятҳои ошкорнашуда дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳқиқталаб боқӣ монда, дар даврахои гуногун олимони соҳа онро ба таври мухталиф арзёбӣ намудаанд. Ба таври мисол, тибқи ақидаи Б. Гаврилов ва В.П. Лавров[5] соли 1986 дар Дастурамале, ки аз ҷониби муовини вазири корхои дохилии СССР ва ҷонишини Прокурори генералии СССР тасдиқ карда шуда буд, ин мафҳумро ба таври зайл баррасӣ намуда буданд: “Ҷиноятн ошкорнашуда ҷиноятест, ки парвандаи он бо сабаби муайян карда нашудани шахсияти айбдоршаванда боздошта шудааст”. Дар ин замина, бо фармони вазири корҳои дохилӣ ва бо мувофиқа бо Прокурори генералӣ баъдан ҷиноятҳое, ки дар он шахсияти ҷиноятккорон маълум карда шудаанд, вале онҳо аз тафтишот ва суд фирор кардаанд, ба ҷиноятҳои ошкорнашуда дохил карда шуданд.

Қаблан ин гуна ҷиноятҳо, дар сурати қабул шудани қарор дар бораи гунаҳкор донистан ва мавриди ҷустуҷӯй қарор гирифтани шахс, ҷиноятҳои ошкоршуда ҳисобида мешуданд.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мафҳуми ҷиноятҳои ошкоршуда ва ошкорнашуда акси худро ба таври зарурӣ наёфтааст. Дар ин маврид андешаи В.П. Лавровро наметавон ҷонибдорӣ намуд[5], ки «барои амалияи татбиқи ҳуқуқ таърифи ин мафҳумҳо, махсусан дар фаъолияти роҳбарикунанда барои ташкили кори мақомоти тафтишотӣ ва самтҳое, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд, ҳамеша зарур буд». Ҷавоби ин саволро метавон қисман аз мафҳуми «ҷиноятн ошкоршуда» гирифт. Дар асоси таҳлилҳои амиқ метавон гуфт, ки дар илм ва амалия мафҳуми «ҷиноятҳои ошкорнашуда» дар баробари фаҳмиши истилоҳи «ошкор кардани ҷиноят» ба таври якхела маънидод карда мешавад.

Ба андешаи як гурӯҳ олимон, ошкор кардани ҷиноят мафҳуми оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, яъне шахсияти содиркунандаи ҷиноят муайян карда шудааст ва аз ин рӯ, ҷиноятн ошкорнашуда амали ҷиноятие мебошад, ки аз

ҷониби шахси номаълум содир шудааст. Омилҳои боқимонда дар ин маврид, ба андешаи ин олимон, на ба ошкор кардани он, балки ба марҳилаи тафтишотии ҷиноятро тавсиф намудан равона мегардад, зеро ки он аллакай ошкор шудааст (ҷинояткор маълум карда шудааст).

Тарафдорони андешаи дуюм бар ин назаранд, ки ошкор намудани ҷиноят ин муқаррар намудани маълумот дар бораи ҷиноят ва шахси айбдоршавандаест, ки ин раванд имкони айбдоркуниро фароҳам меорад. Дар ин ҳолат лаҳзаи ошкор шудани ҷиноят бо лаҳзаи қабули қарор дар бораи айбнома алоқаманд мебошад.

Гурӯҳи сеюми олимон дар ин масъала бар он андешаанд, ки ошкор кардани ҷиноят ба ғайр аз муқаррар намудани ҳамаи ҳолатҳои ба предмети исбот дохилшуда, ки барои анҷоми тафтишоти пешакӣ ва тартиб додани хулосаи айбнома асос мешавад, чизи дигаре нест.

Гурӯҳи чоруми олимон бар он назаранд, ки фош кардани ҷиноят фарогири тамоми ҷараёни пешбурди парванда мебошад, ки бо эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд анҷом меёбад, яъне ҷинояти ошкоршуда ҷиноятест, ки ҳукм дар бораи он эътибори қонунӣ пайдо кардааст.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар низоми ошкор шудани ҷиноят шахси гумонбаршуда асос ба ҳисоб рафта, маҳз субъекти ҷиноят қабули қарор ва ҷустуҷӯйро тақозо мекунад.

Дар таҳқиқоти мо масъалаи ошкор кардани ҷиноятҳои солҳои пешин баррасӣ мешавад, ки таърифи ин мафҳум ба ҳадди зарурӣ то ба ҳол мушаххас карда нашуда, он барои дуруст дарк кардани маъно ва мундариҷаи ин мафҳум мушкилӣ ба миён меорад. Ин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки нуқтаи назари ягона дар мавриди истилоҳи «ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта» мавҷуд нест, гарчанде ки таърифи дақиқи ин мафҳум аҳамияти хеле муҳими назариявӣ ва амалӣ (хусусияти мурофиавӣ, ташкилӣ ва оморӣ) дорад.

Баъзе муҳаққиқони соҳа иваз кардани истилоҳи «ҷиноятҳои ошкоршудаи солҳои гузашта»-ро бо ҷиноятхои «пешин» имконпазир мешуморанд. Ба таври мисол, ба андешаи Б.И. Дергай ҷиноятҳои «пешин» бояд он ҷиноятҳоеро дар бар гиранд[7], ки дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун ошкорнашуда боқӣ мондаанд. Бо дарназардошти ин нукта, ӯ чунин мешуморад, ки корбурди истилоҳи “ҷиноятҳои солҳои гузашта” то андозае баҳсталаб ба назар мерасад. Мувофиқи ифодаи маънои ин мафҳум ҷиноятҳои соли ҷориро ба он нисбат наметавон дод, агар аз боздоштани парванда 10-11 моҳ гузашта бошад. Дар баробари ин, он ҷиноятҳоеро низ фаро мегирад, ки чанде пештар аз соли ҷорӣ содир шуда буданд.

Аммо, бо дарназардошти воқеияти амалӣ андешаи Б.И. Дергайро пурра эътимоднок наметавон шумурд, зеро ки ин ибора, аввалан, дар ифодаи маънои истилоҳи «гузашта», яъне соли гузашта, духӯрагиро ба миён меорад. Сониян, муҳлати думоҳаи тафтиши муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муфаттишро вазифадор мекунад, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро боздорад, агар шахси айбдоршаванда муайян карда нашавад. Ҳамин тавр, агар мо ба андешаи Б.И. Дергай розӣ шавем[7], пас ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии (бо сабаби муайян нашудани шахсияти содиркардаи ҷиноят) амалан ба қатори ҷиноятҳои солҳои гузашта ва ё ба қавли муаллиф, ҷиноятҳои «пешина» дохил карда мешавад. Чунин қарор ғалат буда, дар асоси ин фаҳмиш ошкор кардани ҷиноятҳо (ҷиноятҳои соли ҷорӣ ва ҳам ҷиноятҳои солҳои гузашта) душвортар мегардад.

Бозгӯии мафҳуми ҷиноятҳои солҳои гузашта аз ҷониби Г.Э. Фирсов назаррас мебошад: «Қатлу кушторҳои солҳои гузашта – ин кушторҳои ошкорнашудаест, ки дар солҳои қаблӣ, аз ҷумла соли гузаштаи тақвимӣ ба қайд гирифта шуда, тафтишоти пешакии ин парвандаҳо боздошта шудааст» [11, с.9].

Дар ин таъриф ду меъёри таснифи куштор ҳамчун куштори солҳои гузашта ифода ёфтааст: гузаштани як соли тақвимӣ ва боздоштани тафтишоти пешакӣ.

Аммо бо дарназардошти худи далели боздоштани тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ онро ҳамчун яке аз меъёрҳои тасниф намудани кушторҳои ошкорнашуда ба ҷиноятҳои солҳои гузашта мешуморанд. Олими рус Г.Е. Фирсов дурустии ин меъёрро танҳо бораи кушторхои ошкорнашудаи дар охири соли гузашта бавуқуъомада мансуб медонад[11,

с.9].

Ин меъёр баҳодиҳии сунъиро дар ошкор кардани кушторҳои солҳои гузашта аз байн мебарад, ба таври мисол, нишондоди ошкор кардани ҷинояти 31 декабри соли гузашта содиршударо дар 1 январи соли ҷорӣ наметавон ба қатори ҷиноятҳои дар соли гузашта содиршуда дохил намуд.

Бояд қайд кард, ки барои ошкор кардани чунин куштор ва анҷом додани тамоми амалҳои зарурӣ ва имконпазири тафтишотӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ кормандони мақомоти оперативӣ-тафтишотӣ вақт надоранд. Бо вуҷуди он ки тафтишоти пешакӣ дар ин гуна ҳолатҳо тақрибан ду моҳи соли ҷорӣ идома хоҳад кард, аммо дар гузориши оморӣ ин навъи ҷиноятҳо ҳамчун ҷиноятҳои ошкорнашудаи соли гузашта сабт мешаванд.

Дар баробари ин, Г.Э. Фирсов зикр менамояд, ки танҳо дар сурати натиҷаи мусбат надодани тамоми амалиёти тафтишотӣ ва чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва бозгоштани тафтишоти пешакӣ, куштори ошкорнашуда дар охири соли гузашта бояд ҳамчун куштори солҳои қаблӣ дониста шавад[11, с.9].

Дар ин ҳолат на ҳамаи ҷиноятҳои ошкорнашуда, аз ҷумла ҷиноятҳои ба истилоҳ давраи “гузариш”, на ба қатори нишондиҳандаҳои ҷиноятҳои ошкоршудаи соли гузашта (азбаски онҳо то 31 декабр ошкор нашудаанд) ва на ба қатори нишондиҳандаҳои ошкоршудаи ҷиноятҳои солҳои гузашта (азбаски онҳо то ба охир расидани муҳлати тафтиши пешакӣ ошкор карда мешаванд) дохил карда мешаванд.

Ин баҳогузории олим дар ошкор кардани ҷиноятҳои солҳои гузашта бо мазмуну моҳияти худ баҳсталаб буда, он боиси эътирози як қатор олимони соҳа гардид[11, с.9].

Баррасии дақиқтари ин мафҳумро дар корҳои илмии А.Г. Гнеушев[6] метавон дарёфт. Ӯ қайд мекунад, ки «ҳамчун ҷиноятҳои солҳои гузашта бояд ҷиноятҳои ошкорнашудаеро донист, ки дар солҳои гузашта ба қайд гирифта шудаанд, парвандаҳое, ки аз рӯйи пешбурди онҳо бозгошта шудаанд, агар муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳкорон ба охир нарасида бошад, инчунин онҳо дар охири соли гузашта ба қайд гирифта шуда, мурофиаҳо дар аввали соли ҷорӣ идома дошта бошанд». Аммо дар ин маънидодкунӣ ин истилоҳ ду мафҳумро дар бар мегирад – «ҷиноятҳои солҳои гузашта» ва «ҷиноятҳои давраи гузариш».

Ҳамин тариқ, аз таҳлили гуфтаҳои олимон метавон хулосабарорӣ намуд, ки ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта бояд ҳамчун ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва ошкорнашудаи дар солҳои пеш содиршуда ҳисоб карда шаванд, ки тафтишоти пешакии онҳо бозгошта шуда, вале муҳлати даъво барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба охир нарасидааст.

Ҳамчун меъёрҳои тасниф дар бозгӯии ҷинояти ошкорнашудаи солҳои гузашта ин омилҳоро метавон номбар кард:

1) гузаштани соли тақвимӣ;

2) бозгоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ;

3) фаро нарасидани муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан.

Дар баробари ин, дар ҳисоботи омори давлатӣ дар бораи ҳолати ҷиноят инҳо бояд пешбинӣ карда шаванд:

1) эзоҳоти иловагӣ оид ба ошкор намудани ҷиноятҳои ба ном давраи «гузариш», ки мурофиаи онҳо дар соли ҷорӣ давом дорад;

2) эзоҳоти иловагии бақайдгирии ҷиноятҳои солҳои гузашта тибқи ҳолати зикршуда.

Аз нуқтаи назари амалияи тафтишотӣ усули дигари муайян кардани мазмуни мафҳуми баррасишаванда имконпазир аст, ки он ба мавҷудияти ҷинояти пинҳонӣ алоқаманд мебошад. «Дар ин асос ба мафҳуми «ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта» бояд тамоми ҷиноятҳое, ки то оғози соли ҷорӣ содир шуда, вале ошкорнашуда боқӣ монда, ба шуъбаи корҳои дохилӣ ва прокуратура маълум нестанд, инчунин ҷиноятҳои ба қайд нагирифташуда дохил карда шаванд». Ин тарзи арзёбии мазмуни ин истилоҳ имкон медиҳад, ки моҳияти масъала ва доираи мавзуи таҳқиқотӣ пурратар муайян карда шавад. Бо вуҷуди ин, он истифодаи усулҳои тадқиқоти оморирo хеле мушкил мекунад, зеро ҷинояти пинҳонӣ дар омори расмӣ ба назар намерасад.

Аз таҳлили ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта ба хулосае омадан мумкин аст, ки ба раванди ошкор ва тафтиши ин навъи ҷиноятҳо аксаран мавҷудияти таҷрибаи кофӣ ва дараҷаи касбияти шахси номаълум, ки ҷиноят содир кардааст, таъсир мерасонад.

Ин нуктаи муҳимро ба назар гирифта С.Н.

Чурилов чунин қайд менамояд: «Дар бораи ҷойи истиқомати ҷинояткор, ҷинс, синну сол ва дигар хусусиятҳои иҷтимоии ӯ аз рӯйи маълумотҳои ибтидоии ҷинояти содиршуда ва ошкорнашуда муайян кардани маълумот мушкил аст. Миқдори муайяни маълумотро дар бораи предмети ҷинояти ошкорнашуда ҳангоми омӯзиши парвандаи ҷиноятӣ ва тафтиши ҷинояти мушаххас ба даст метавон овард. Таҳлили ин парвандаҳо дар асоси нишондодҳои шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар маълумотҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи кай содир шудани он, инчунин субъекти ҷиноят, маълумоти ӯ, забон, касб, зодгоҳаш, хусусиятҳои ӯ ва ғ. маълумоти зарурӣ ба даст орем. Шиносоӣ ба варақаҳои шахсӣ имкон медиҳад, ки дар бораи предмети ҷинояти ошкорнашуда аз рӯи чунин омилҳо, аз қабили предмети ҷиноят, шахсияти ҷабрдида, ки нисбати ӯ ҷиноят содир шудааст, восита ва усули содир намудани ҷиноят маълумот ба даст оварда шавад. Аз рӯйи ин гуна маълумотҳо шахсеро суд метавон кард, ки дар солҳои охир ҷинояти ошкорнашуда содир кардааст[12, с.51]. Бояд қайд намуд, ки ин маълумот дар шакли нисбатан умумӣ метавонад ҳолати равонӣ ва зеҳнии шахсияти ҷинояткори номаълумро бозгӯӣ намояд.

Ҳамин тариқ, тасаввуроти қиёфаи шартии шахсе, ки солҳои гузашта ҷинояти ошкорнашуда содир кардааст, зарурати коркарди саривақтиро на танҳо дар муҳити ҷиноятӣ ва дар байни шахсони дар шуъбаи корҳои дохилӣ бақайдгирифташуда, балки дар байни табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ободи аҳолиро бе маҳдудияти синну сол талаб менамояд.

Чунин ақидаро аксарият ҷонибдорӣ менамоянд. Тибқи ин андешаронӣ мавқеи муайяни иҷтимоии ин гуна шахсонро аз шубҳа эмин медорад, ҳолат ва муҳите, ки онҳо зиндагӣ доранд, мушоҳидаи онҳоро душвор месозад ва вазъи муайяни қудрату мол ба онҳо имкони бештари пинҳон кардани ҷинояти содиркардаашонро медиҳад.

Шахсияти ҷинояткори номаълум, ба андешаи мо, аксаран фарогири маҷмӯи таҷриба ва маҳорати пинҳон кардани осори ҷиноят ва кӯшиши раҳоӣ ёфтан аз масъулият ва ҷазо дар марҳилаи омодагӣ ба содир намудани ҷиноят ва ҳам баъди он мебошад. Таҷрибаи мазкур ҳангоми интихоби усул ва воситаҳои содир намудани ҷиноят, муҳлати содир кардани он истифода мешавад ва маҳз дар чунин амалҳо дараҷаи касбияти ҷинояткор зоҳир мегардад. Ҷинояткори дорои дараҷаи баланди касбият метавонад дар муҳлати муайян аз ҷавобгарии ҷиноятӣ гурезад, ки ин омил ҳам яке аз сабабҳои аслии ошкор нашудани ҷиноятҳост. Таҳқиқи чунин равандҳо дар бозгӯии бисёр масъалаҳои мубрами ин самти ҷинояткориҳо замина фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, дар амалияи тафтишотӣ дар сурати боздоштани парвандаи ҷинояти ошкорнашуда ҳисобида мешавад:

а) агар шахси айбдоршаванда муайян карда нашавад;

б) дар сурати аз тафтиш гурехтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ё бо сабабҳои дигар макони будубоши ӯ муқаррар нашуда бошад;

в) ҳангоми маълум будани маҳалли ҷойгиршавии гумонбаршуда ё айбдоршаванда, вале имконияти тасдиқи воқеии иштироки ӯ дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд набошад.

Мутобиқи моддаи 230 КМҶ ҶТ чунин асос, тартиб ва муҳлати боздоштани тафтиши пешакӣ маълум аст:

- вобаста ба муайян карда нашудани шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад;

- дар ҳолате, ки айбдоршаванда аз тафтиши ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст;

- дар сурати ба бемории рӯҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор шудани айбдоршаванда, ки аз ҷониби духтури муассисаи табобатии давлатӣ тасдиқ карда шудааст;

- дар сурате, ки маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум аст, вале вобаста ба ҳалли масъалаи маҳрум кардани айбдоршаванда аз масуният ё супоридани ӯ ба давлати хориҷӣ, инчунин бинобар дар экспедитсия ё сафари хизматӣ зиёда аз ду моҳ буданаш имконияти воқеии иштироки ӯ дар парванда мавҷуд нест[1].

Ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта бо дарназардошти ҷиноятҳои пинҳонӣ дар амалияи тафтишотӣ асосан ҷиноятҳое мебошанд, ки аз ҷониби ҷинояткорони

соҳибтаҷриба бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои хос содир гардида, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз масъулият гурезанд ва ҷиноятқорони номаълум барои аҳли ҷомеа хатарнок ба ҳисоб мераванд. Ин дар тавсифи омории ҷабрдидагон, предмети таарруз, усул, ҷой, вақт ва дигар хусусиятҳои криминологии ҷиноятҳои содиршуда ва ошкорнашуда инъикос меёбад.

Ба андешаи мо, ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта бақайдгирифташуда ҷиноятҳое мебошанд, ки солҳои пеш содир шуда, тафтиши пешакии онҳо боздошта шуда бошад ҳам, вале муҳлати даъво барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба охир нарасидааст.

Масъалаҳои муайян ва таҳлили омилҳое, ки ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои солҳои гузашта таъсир мерасонанд, борҳо дар адабиёти криминалистӣ баррасӣ шудаанд. Масалан, В.П. Лавров дар ин самт як қатор омилҳоеро муайян кард, ки онҳо то имрӯз аҳамияти худро нигоҳ доштаанд:

1) мавҷудияти натиҷаҳои тафтишоти қаблан гузаронидашуда, далели содир шудани ҷиноят, ки барои муфаттиш анҷом додани тафтишотро вобаста ба хусусиятҳои арзёбии далелҳои ҷамъовардашуда мушкил месозад ва ғ.;

2) идома ёфтани омилҳое, ки ҳамзамон ба рафти тафтиш халал мерасонданд: ҳозир набудани шоҳидон; набудани алоқаи пешакӣ байни ҷиноятқор ва ҷабрдида; аз ҷониби ҷиноятқор бо мақсади пинҳон доштани ҷиноят ва осори он ба кор бурдани ҳиллаву найранг; ошкор кардани ҷиноят баъди муддати дуру дарози содир шудани он ва ғайра;

3) мавҷудияти хатогиҳо ва дигар камбудиҳо дар тафтишот то боздоштани парванда, ки одатан ба тамоми ҷараёни кори минбаъдаи ошкоршудани ҷиноят таъсир мегузорад, зеро оқибати чунин хатогиҳо аксаран ислоҳнашаванда мебошанд;

4) омилҳое, ки муносибатҳои психологиро дар фаъолияти муфаттиши нав ва ҷиноятқор дар давоми ошкорсозии ҷиноят инъикос мекунанд;

5) хусусиятҳои танзими мурофиавии фаъолият оид ба парвандаи боздошташудаи ҷинояти ошкорнашуда;

6) омилҳои дигар вобаста ба гузашти вақт[8, с.29].

Ба андешаи Б.Я.Гаврилов омилҳое, ки ба тафтиши ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта таъсир мерасонанд, инҳоянд:

1) фарқияти назарраси байни нишондиҳандаҳои расмии дараҷаи ҷинояти бақайдгирифташуда ва шумораи воқеии зуҳуроти ҷиноятие, ки бояд ҳамчун ҷиноят ба қайд гирифта шаванд;

2) меъёрҳои арзёбии фаъолияти раёсати корҳои дохилӣ, ки на ба ошкоркунии воқеии ҷиноятҳо, балки ташаккули нишондиҳандаҳои фаъолият, ки объекти бевоситаи санҷиши мақомоти болоӣ ва тафтишоти Вазорати корҳои дохилӣ мебошанд, равона шудаанд, инчунин тафтиши комплексӣ бо иштироки прокурорҳо, ки натиҷаи онро дар фаъолияти шуъбаи корҳои дохилӣ дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ метавон арзёбӣ намуд;

3) номукаммалии як қатор муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ва саҳви такрории қонунгузор ҳангоми қабули як қатор қонунҳои дигари федералӣ;

4) нокифоя будани танзимоти идоравии масъалаҳои ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта[3].

Ба андешаи Г.М. Савенко омилҳое, ки ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои солҳои гузашта таъсир мерасонанд, он омилҳое мебошанд, ки мувофиқи шакли ҳисоботи оморӣ ошкор намудани ҷиноятҳои солҳои гузашта дар онҳо ҳамчун нишондиҳандаи мусбат дар фаъолияти хадамоти оперативӣ ва тафтишотӣ ба назар гирифта намешавад. Ин ҳолат самарабахшии фаъолиятро дар ошкорсозии ин навъи ҷиноятҳо хеле коҳиш медиҳад. Ин муҳаққиқ инчунин ба он диққат медиҳад, ки кор оид ба парвандаҳои боздошташуда ҷалби қувваҳои иловагиро талаб намуда, муфаттишро аз тафтиши парвандаҳое, ки дар он гумонбаршуда мавҷуд аст, бозмедорад ва ин раванд фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва шуъбаҳои милитсияро ҳамчун воҳидҳои том бозгӯй менамояд[10, с.49].

Баҳодиҳии фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ошкор шудани ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта бо он шарҳ дода мешавад, ки аз рӯйи мазмуни моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» на раванди ҷиноятӣ, балки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ошкор, фурӯ нишондан ва ошкор шудани ҷиноятҳо пешбинӣ шудааст. Аммо чунин муқаррарот хато

ҳисобида мешавад, зеро ки давлат вазифаи ошкор намудани ҷиноятҳоро (аз чумла ҷиноятҳои солҳои гузаштаро) дар назди субъектҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва муфаттишон ба таври ягона мегузорад. Дар ин маврид ба андешаи муҳаққиқон В. Азаров, Н. Ревенко ва М. Кузембоева такя намудан ба манфиати кор мебошад, ки ба ақидаи онҳо «танҳо бо воситаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор намудани ҷиноят амалан ғайриимкон аст, фошкунии воқеии он танҳо дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ сурат мегирад. Танҳо дар ҳамкории муфаттиш ва корманди бахши оперативӣ, чун қоида, фош кардани ҷинояти мураккабнизом ва ба таври пӯшида содиргардида имконпазир мегардад" [2, с.68].

Ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта бо дарназардошти ҷиноятҳои пинҳонӣ дар амалияи тафтишотӣ асосан ҷиноятҳое мебошанд, ки аз ҷониби ҷиноятторони соҳибтаҷриба бо истифода аз воситаҳо ва усулҳои хос содир гардида, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки аз масъулият гурезанд ва ҷиноятторони номаълум барои аҳли ҷомеа хатарнок ба ҳисоб мераванд. Ин дар тавсифи омории ҷабрдидагон, предмети таарруз, усул, ҷой, вақт ва дигар хусусиятҳои криминологии ҷиноятҳои содиршуда ва ошкорнашуда инъикос меёбад.

Ҳамин тавр, ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта ин ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва ошкорнашудаи дар солҳои қаблӣ содиршуда мебошанд, ки тафтишоти пешакии онҳо боздошта шуда, вале муҳлати даъво барои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба охир нарасидааст.

Муфаттиш дар бораи боздоштани тафтиши пешакӣ қарор қабул мекунад, ки дар он бояд ин омилҳои муҳим нишон дода шаванд: сана ва маҳалли баровардани қарор; вазифа, ному насаби шахсе, ки онро додааст; ҳолатҳое, ки барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ асос шуда буданд; овардани банд, қисм ва моддаи Кодекси ҷиноятӣ, ки дар асоси он парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст; натиҷаи тафтиш ва дигар амалҳои мурофиавӣ, ки кори муфаттишро дар муайян намудани шахси гумонбаршуда ё айбдоршаванда инъикос менамояд; асосҳои боздоштани тафтиши пешакӣ; нишондоди идомаи пешбурди парванда дар шакли фаъолияти ҷустуҷӯӣ. Қарор бояд бо роҳбари мақомоти тафтишот мувофиқ карда шавад, нусхаи қарор ба прокурор фиристода шавад. Нусхаи ҳалнома ба ҷабрдида тавассути почтаи фармоишӣ бо нишон додани он, ки ҷабрдида ва (ё) намояндаи ӯ метавонанд бо маводи парванда дар куҷо ва дар кадом вақт шинос шаванд, фиристода мешавад.

Ҳамин тавр, дар даврони муосир дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ва самти ҷиноятторӣ масъалаҳои зиёде чун мафҳуми ҷиноятҳои дар солҳои пешин содиршуда ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмӣ дошта, дар ин замина танзимоти ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мутамаддин амалӣ карда мешавад.

Муқарриз: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.

ПОНЯТИЕ ПРЕСТУПЛЕНИЕ СОВЕРШЕННЫХ ПРОШЛЫХ ЛЕТ

Ключевые слова: нераскрытые преступления; уголовный процесс; преступления прошлых лет; личность преступника; следственная практика.

Аннотация: В данной статье расматриваеется вопросы понятия преступлений, совершенных в прошлые годы, с точки зрения криминалистики. Доказано, что нераскрытыми преступлениями прошлых лет являются зарегистрированные и нераскрытые преступления, совершенные в предыдущие годы, по которым приостановлено предварительное следствие, но не истек срок давности привлечения к уголовной ответственности.

Сафаров Зеваршо Сафарович - докторант очного отделения кафедры криминологии и судебной экспертизы юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail: zevarshoh96@gmail.com, Тел.: (+992) 937-36-96-96.

DEFINITION OF CRIMES COMMITTED YEARS AGO

Keywords: undetected crimes; criminal proceedings; crimes of past years; criminal identity; investigative practice.

Annotation: In this article, the issues of the concept of crimes committed in the past years are studied from the point of view of forensic science. It has been proven that the undetected crimes of the past years are registered and undetected crimes committed in previous years, the preliminary investigation of which has been suspended, but the statute of limitations for criminal liability has not expired.

Safarov Zevarsho Safarovich - full-time doctoral student of the department of criminology and forensic science, faculty of law, National University of Tajikistan. E-mail: zevarshoh96@gmail.com, Tel.: (+992) 937-36-96-96.

Рӯйхати адабиёт:

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи дастрасӣ] http://mmk.tj/content/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон. (санаи мурочиат: 12.04.2023)
2. Азаров В.А., Ревенко Н.И., Кузембаева С.М. Функсияи тафтишоти пешакӣ дар таърих, назария ва амалияи раванди ҷиноӣ дар Русия. - Омск: Нашриёти ОмГУ, 2008.
3. Гаврилов Б. Я. Ошкор кардани ҷиноятҳо - масъалаҳои назария ва амалия // Проблемаҳои кушодани ҷиноятҳои нокушодаи солҳои гузашта: маводи семинари илмии байни донишгоҳҳо. – М., 2008.
4. Гаврилов Б.Я. Қонунгузории муосири мурофиаи ҷиноятӣ ва воқеияти татбиқи он // Муфаттиши Русия. 2010. № 15.
5. Гаврилов Б.Я., Лавров В.П. Ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта: ҳолати кунунӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилот // Корҳои Академияи идоракунии Вазорати корҳои дохилии Русия. – М.: 2010, № 4.
6. Гнеушев А.Г. Дар бораи консепсияи ҷиноятҳои солҳои гузашта // Асарҳои илмии Мактаби олии Омски Вазорати корҳои дохилии СССР. 1979. Шумораи. 31.
7. Б.И. Дергай. Мушкил, вале ноумед нест // Кори оперативӣ-ҷустуҷӯӣ: Бюллетени Институти тадқиқотии умумироссиягии Вазорати корҳои дохилии СССР. 1972, № 71.
8. Лавров В.П. Фош кардани ҷиноятҳои солҳои гузашта - мушкилоте, ки барои Русия глобалӣ шудааст // Проблемаҳои ифшои ҷиноятҳои ошкорнашудаи солҳои гузашта: маводи семинари илмии байни донишгоҳҳо. М., 2008.
9. Лавров В.П. Масъалаи тафтиши ҷиноятҳои нокушодаи солҳои гузашта ва баъзе роҳҳои ҳалли он // Тафтишоти пешакӣ. 2009, № 4.
10. Савенко Г.М. Самтҳои асосии фаъолияти идоракунӣ оид ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои солҳои гузашта // Проблемаҳои ошкор намудани ҷиноятҳои нокушодаи солҳои гузашта: маводи семинари илмии байни донишгоҳҳо. – М., 2008.
11. Фирсов Г.Е. Ҳал кардани кушторҳои гузашта. -Киев: Мактаби олии ВКД ИЧШС, 1986. - С. 9.
12. Чурилов С.Н. Методологияи тафтишоти ҷиноят. Муқаррароти умумӣ. – М.: Юстицинформ, 2009.

Список литературы:

1. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан. [Источник доступа] http://mmk.tj/content/кодекси-мурофиавии-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон. (санаи мурочиат: 12.04.2023)
2. Азаров В.А., Ревенко Н.И., Кузембаева С.М. Функция предварительного расследования в истории, теории и практике уголовного процесса России.– Омск: Изд-во ОмГУ, 2008.
3. Гаврилов Б. Я. Раскрываемость преступлений - вопросы теории и практики // Проблемы раскрытия нераскрытых преступлений прошлых лет: материалы межвузовской научного семинара. –М., 2008.
4. Гаврилов Б.Я. Современное уголовно-процессуальное законодательство и реалии его правоприменения // Российский следователь. 2010. № 15.

5. Гаврилов Б.Я., Лавров В.П. Нераскрытые преступления прошлых лет: современное состояние и пути решения проблемы // Труды академии управления МВД России. –М.: 2010, № 4.

6. Гнеушев А.Г. О понятии преступлений прошлых лет // Научные труды Омской высшей школы МВД СССР. 1979. Вып. 31.

7. Дергай Б.И. Трудно, но не безнадежно // Оперативно-розыскная работа: Бюллетень ВНИИ МВД СССР. 1972, №71.

8. Лавров В. П. Раскрытие преступлений прошлых лет - проблема, ставшая для России глобальной // Проблемы раскрытия нераскрытых преступлений прошлых лет: материалы межвузовского научного семинара. М., 2008.

9. Лавров В.П. Проблема расследования нераскрытых преступлений прошлых лет и некоторые пути ее решения // Предварительное следствие. 2009, № 4.

10. Савенко Г. М. Основные направления управленческой деятельности по раскрытию и расследованию преступлений прошлых лет // Проблемы раскрытия нераскрытых преступлений прошлых лет: материалы межвузовского научного семинара. –М., 2008.

11. Фирсов Г.Е. Раскрытие убийств прошлых лет. –Киев: Высшая школа МВД СССР, 1986. – С. 9.

12. Чурилов С.Н. Методика расследования преступлений. Общие положения. – М.: Юстицинформ, 2009.

List of literature:

1. Code of Criminal Procedure of the Republic of Tajikistan. [Access source] http://mmk.tj/content/codexi-murofiaviii-innoyatii-ҷumҳurii-tojikiston. (sanai muroqiat: 04/12/2023)

2. Azarov V.A., Revenko N.I., Kuzembaeva S.M. The function of preliminary investigation in the history, theory and practice of the criminal process in Russia. - Omsk: OmGU Publishing House, 2008.

3. Gavrilov B. Ya. Detection of crimes - questions of theory and practice // Problems of solving unsolved crimes of past years: materials of the interuniversity scientific seminar. –M., 2008.

4. Gavrilov B.Ya. Modern criminal procedure legislation and the realities of its enforcement // Russian investigator. 2010. No. 15.

5. Gavrilov B.Ya., Lavrov V.P. Unsolved crimes of past years: the current state and ways to solve the problem // Proceedings of the Academy of Management of the Ministry of Internal Affairs of Russia. – M.: 2010, No. 4.

6. Gneushev A.G. On the concept of crimes of past years // Scientific works of the Omsk Higher School of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. 1979. Issue. 31.

7. Pull B.I. Difficult, but not hopeless // Operative-search work: Bulletin of the All-Russian Research Institute of the Ministry of Internal Affairs of the USSR. 1972, No. 71.

8. Lavrov V.P. Disclosure of crimes of past years - a problem that has become global for Russia // Problems of disclosure of unsolved crimes of past years: materials of an interuniversity scientific seminar. M., 2008.

9. Lavrov V.P. The problem of investigating unsolved crimes of past years and some ways to solve it // Preliminary investigation. 2009, no. 4.

10. Savenko G. M. The main directions of management activities for the disclosure and investigation of crimes of past years // Problems of disclosure of unsolved crimes of past years: materials of the interuniversity scientific seminar. –M., 2008.

11. Firsov G.E. Solving the murders of the past. -Kiev: Higher School of the Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1986. -S. 9.

12. Churilov S.N. Crime Investigation Methodology. General provisions. – M.: Yustitsinform, 2009.

УДК: 343.224

Иброҳимзода Муборак Иброҳим,
унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
E-mail: ibrohimzoda96@mail.ru
Тел.: (+992) 987-64-74-74.

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ – ДЕМОГРАФИИ СИННУ СОЛИ ШАХСИЯТИ ҶИНОЯТКОР

Калидвожаҳо: синну сол; ҷавобгарӣ; ҷазо; шахсият; ҷиноятkор; шахсияти ҷиноятkор; криминология.

Аннотатсия: Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами илми кримонология баҳри муайян намудани механизмҳои пешгирӣ намудани ҷиноят бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки синну соли шахси ҷиноятсодирнамуда масъалаи амалӣ буда, барои таъин намудани ҷазои асоснок ва қонунӣ ва бо ин роҳ пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав ва ислоҳ намудани шахси ҷиноятсодирнамуда имконият медиҳад. Барои ҳамин, ба нуқтаи назари муаллиф, синну сол аҳамияти муҳими виктимологӣ низ дорад, зеро он асосан ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳии ҳам ҷабрдидагони эҳтимолӣ ва ҳам воқеӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, доираи ниёзҳо ва манфиатҳои онҳо, муносибат ва самтҳои арзишӣ, ормонҳо ва хоҳишҳои онҳоро муайян карда, ба афзоиши осебпазирии баъзе категорияҳои ҷабрдидаҳо ва ҳам ба рафтори онҳо таъсир мерасонад.

Ҳар як шахс дар ҷамъият мавқеи худро ҳамчун аъзои ҷамъият муайян мекунад. Дар баробари ба синну соли муайян расидан дар шахсият талаботҳои нав пайдо мешаванд. Дар баъзе ҳолат бо роҳи қонунӣ қонеъ гардонидани онҳо ғайриимкон мегардад ва аз ин ҷо шахсият дар байни муаммоҳои қонеъ гардонидан ва ё нагардонидани ин талаботҳо мемонад. Ин яке аз зинаҳои аввали таъсиррасони руҳии шахсият вобаста ба муайян кардани мавқеи худ дар ҷамъият аз тарафи худи шахс мебошад. Дар ҳолати бо роҳи ғайриқонунӣ қонеъ гардонидани талабот мумкин аст, ки содир кардани кирдори бо Кодекси ҷиноятӣ манъкардашуда оварда расонад. Дар сурати аз тарафи шахс вайрон кардани муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба пайдо шудани шахсияти ҷиноятkор дар ҷамъият оварда мерасонад.

Шахсияти ҷиноятkор бо ҷузъҳои дохилии худ аз дигар мафҳумҳои криминологӣ фарқ мекунад, ки ба онҳо ҷамъи нишонаҳои иҷтимоӣ – демографӣ, иҷтимоӣ – психологӣ ва ҷиноятӣ – ҳуқуқӣ дохил мешаванд[1, с.74]. Яке аз омилҳои хусусиятҳои иҷтимоӣ – демографии ҷиноятkорӣ ин синну соли ҷиноятkор ба ҳисоб меравад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ-криминологӣ ақидаҳо ҷой доранд, ки тибқи онҳо чор аломатҳои тавсифкунандаи шахсияти ҷиноятkорро пешбинӣ намудааст, ки якум *иҷтимоӣ – демографӣ* (ҷинс, синну сол, вазъи оилавӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ маълумотнокӣ, мансубияти миллӣ, намуди фаъолият, баромади иҷтимоӣ); дуюм *нақши иҷтимоӣ* (зуҳуроти субъект дар нақши аъзои оила, ҳамсар, ҳамсоя, узви ҳама гуна гурӯҳҳои иҷтимоӣ); *ахлоқӣ - равонӣ* (шахсӣ), аз ҷумла манфиатҳо, самтҳои арзишӣ, ниёзҳо, эътиқодҳо, ақидаҳо, интизориҳои ҳаёт ва ормонҳое, ки хусусияти ангезаи ҷиноятии ҷиноят, аз ҷумла гурӯҳҳои синну соли муайяни ҷиноятkоронро муайян мекунанд; *ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ*, ки бо муқаррар намудани доғи судӣ, такрори ҷиноят, ретсидиви ҷиноятҳо ва ғайра вобаста аст[2, с.33-34].

Судебное разбирательство в Нидерландах стало возможным благодаря правовому принципу универсальной юрисдикции, который позволяет странам судить людей за преступления исключительной тяжести, включая военные преступления, даже если они были совершены в другом государстве. При этом государства гражданства обвиняемых не возражали против осуществления универсальной юрисдикции.

Таким образом, национальные суды играют важную роль в преследовании международных преступлений, даже в условиях существования постоянно действующего Международного уголовного суда. Хотя с точки зрения своего правового статуса они являются и остаются государственными органами, они могут функционировать и как национальные, и как международные судебные учреждения. Практика государств по наделению своих национальных судов универсальной юрисдикцией в отношении международных преступлений показывает, что основанием для принятия такого решения служат нормы обычного права.

Рецензент: к.ю.н., дотцент Кодиров Н.

ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ АМАЛӢ НАМУДАНИ САЛОҲДИДИ ФАРОГИР ДАР ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Калидвожаҳо: салоҳдиди фарогир; трибунали байналмилалӣ; судҳои миллӣ; судҳои пайванд; суди байналмилалии ҷиноятӣ; ҷиноятҳои байналмилалӣ; салоҳдиди давлатӣ.

Аннотатсия: Салоҳдиди фарогир як намуди махсуси салоҳдиди фаромарзӣ мебошад. Салоҳдиди фарогир дар натиҷаи як модели эволютсионии рушд, ки дар шартномаҳои сершумор оид ба мубориза бо ҷиноятҳои байналмилалӣ ва фаромиллӣ ифода ёфтааст, ба вуҷуд омадааст. Агар ҳамаи навъҳои дигари салоҳдиди фаромарзӣ ягон намуди алоқаи «шахсии» давлатро бо ҷиноят (ба воситаи қаламрав, шаҳрвандони он, чи ҷиноятқор ва чи ҷабрдида, нихоятан, ба воситаи манфиатҳои қонунии худ) дар назар дошта бошанд, пас салоҳдиди фарогир барои пайвастшавӣ ба чунин ҳуқуқ ниёз надорад. Барои давлат кофист, ки салоҳияти худро дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар кунад. Салоҳдиди фарогир аз маҳкумияти умумиҷаҳонии ҷиноят бармеояд. Дар ин ҳолат муҳим нест, ки кадом давлат ҷиноятқорро ба ҷавобгарӣ мекашад. Муҳим он аст, ки ӯ ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад ҳам тавассути судҳои

байналмилалӣ ва ҳам гибридӣ (байналмилалӣ-миллӣ) ва ҳам тавассути судҳои миллӣ, ки тибқи принсипи универсалӣ амал мекунанд, амалӣ карда шавад. Яъне байни чунин шаклҳо, монанди судҳои байналмилалӣ, гибридӣ, инчунин миллӣ, ки дар асоси принципи универсалӣ амал мекунанд, фарқ кардан лозим аст. Дар ин мақола фаъолияти чунин судҳо баррасӣ мешавад.

Одинаева Нуринисso Ҳотамшоевна - ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. E-mail: nuriniso1906@mail.ru**,** Тел.: (+992) 988-38-15-15.

FORMS AND METHODS OF IMPLEMENTING UNIVERSAL JURISDICTION IN INTERNATIONAL LAW

Keywords: universal jurisdiction; international tribunal; national courts; hybrid courts; international criminal court; international crimes; state jurisdiction.

Annotation: Universal jurisdiction is a special kind of extraterritorial jurisdiction. Universal jurisdiction emerged as a result of an evolutionary development model enshrined in numerous treaties to fight against international and transnational crimes. If all other kinds of extraterritorial jurisdiction presuppose some kind of «personal» connection of the establishing state with the crime (through territory, its citizens, both offender and victims, finally, through its own legitimate interests), then universal jurisdiction does not need such a connection. It is enough for a state to be able to establish its jurisdiction in accordance with international law. Universal jurisdiction derives from the universal censure of this crime. In this case, it does not matter which state judges the offender; the important thing is that if he will be bringing to account. International jurisdiction can be exercised both through international and hybrid (international-national) courts, and through national courts acting in accordance with the principle of universality. That is, it is necessary to distinguish between such forms as international, hybrid, as well as national courts operating based on the principle of universality. This article discusses the activities of such courts.

Odinaeva Nurinisso Hotamshoevna - assistant of the international law of the faculty of the Tajik national university. E-mail: nuriniso1906@mail.ru**,** Tel.: (+992) 988-38-15-15.

Список литературы:

1. Каюмова А.Р. Смешанные (гибридные) уголовные трибуналы и интернационализированные суды в системе международной уголовной юстиции: учебное пособие. - Казань, 2008. – 65 с.
2. Международный уголовный кодекс ФРГ от 26 июня 2002 года // Международный уголовный суд: проблемы, дискуссии, поиск решений / под ред. Г.И. Богуша, Е.Н. Трикоз. - М., 2008. - С. 656-668.
3. Проект Кодекса преступлений против мира и безопасности человечества 1996 г., ст. 8. комментарий, п. 11 // Документ ООН. A/CN/ A/L. 532 от 8 июня 1996
4. Пресс-релизы. Новости в мире (2003)// [Электронный ресурс]. URL: https://www.hrw.org/legacy/russian/press /2003/world.html (Дата посещения 16.02.2023)
5. Толстых В.Л. Курс международного права: учебник.-М., Международные отношения. 2022. С. 771.
6. Хенкертс Ж.М., Досвальд-Бек Л. Обычное международное гуманитарное право: в 2-х т. Т. 1. - М.: МККК, 2006. - С. 784.
7. Amnesty International, Универсальная юрисдикция: Обязанность государств принимать и обеспечивать соблюдение законодательства (2001), № 38, глава 4А // URL: http://web.amnesty.org/library/index/ENGIOR530022001 (по состоянию на 14 апреля). 2023))
8. Решение 2002/494/ІНА от 13 июня 2002 г. Официальный журнал L 167, 26.06.2002 P.0001-0002 (получено в январе 2006 г.).
9. Ролинг Б.В.А. Право войны и национальная юрисдикция с 1945 года // Гаагская академия международного права, Сборник курсов, 1960-II, с. 354 (Лейден, А.В. Зуйтхофф, 1961).

10. Решение Совета 2003/335/JHA от 8 мая 2003 г., Официальный журнал L 118, 14/052003 P.0012-0014. преамбула пп.

11. Кассезе, Антонио. Международное уголовное право. - Оксфорд: Издательство Оксфордского университета, 2003. - С. 278-279.

12. Универсальная юрисдикция в Европе. - Хьюман Райтс Вотч, 27 июня 2006 г. Введение // URL: http://www.hrw.org/en/node/11297/section/2 (по состоянию на 16.04.2023).

13. Государства-участники Римского статута // URL: https://asp.icc-cpi.int/states-parties (по состоянию на 20 марта 2021 г.)

14. Ближний восток и международное право: монография/коллектив авторов. Под. Ред. А.Х. Абашидзе.М., РУДН, 2019. С. 249.

Рӯйхати адабиёт:

1. Қаюмова А.Р. Судҳои ҷиноятии омехта (гибридӣ) ва судҳои байналмиллалӣ дар системаи адолати судии байналмилалии ҷиноятӣ: дастури омӯзишӣ. – Қазон, 2008. – 65 с.

2. Кодекси ҷиноятии байналмилалии Ҷумҳурии Федеративии Германия аз 26 июни соли 2002 // Суди байналмилалии ҷиноятӣ: мушкилот, муҳокимаҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли / ред. Г.И. Богуш, Е.Н. Трикоза. – М., 2008. – С.656-668.

3. Лоиҳаи Кодекси ҷиноятҳои зидди сулҳ ва амнияти башарият 1996, м. 8. шарҳ, саҳ. 11 // Ҳуҷҷати СММ. A/CN/ A/L. 532 аз 8 июни соли 1996

4. Варақаҳои матбуотӣ. Ахбори ҷаҳон (2003)// [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.hrw.org/legacy/russian/press/2003/world.html (Дастрасӣ 02/16/2023)

5. Толстых В.Л. Курси ҳуқуқи байналмилалӣ: китоби дарсӣ.-М., Муносибатҳои байналмилалӣ. 2022, саҳ. 771.

6. Ҳенкертс Ҷ.-М., Досвальд-Бек Л. Ҳуқуқи башарии анъанавии байналмилалӣ: дар 2 ҷилд.Т.1.-М.: КБСС, 2006.-С.784.

7. Авфи Байналмилал, Ҳуқуқи универсалӣ: Вазифаи давлатҳо оид ба қабул ва иҷрои қонунҳо (2001), № 38, боби 4А // URL: http://web.amnesty.org/library/index/ENGIOR530022001 (дастрас шудааст) 14 апрел). 2023))

8. Қарори 2002/494/IHA аз 13 июни соли 2002 Маҷаллаи расмии L 167, 26.06.2002 P.0001-0002 (январи соли 2006 гирифта шудааст).

9. Roling B.V.A. Қонуни ҷанг ва юрисдиксияи миллӣ аз соли 1945 // Академияи ҳуқуқи байналмилалии Гаага, Маҷмӯаи курсҳо, 1960-II, саҳ. 354 (Leiden, A. W. Zuythoff, 1961).

10. Қарори Шӯро 2003/335/JHA аз 8 майи соли 2003, Маҷаллаи расмии L 118, 14/052003 P.0012-0014. муқаддима банди.

11. Кассезе, Антонио. Ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ. - Оксфорд: Матбааи Донишгоҳи Оксфорд, 2003. - С. 278-279.

12. Ҳуқуқи умумӣ дар Аврупо. - Human Rights Watch, 27 июни 2006. Муқаддима // URL: http://www.hrw.org/en/node/11297/section/2 (дастрасшуда 4/16/2023).

13. Давлатҳои аъзои Статути Рим // URL: https://asp.icc-cpi.int/states-parties (дастрасшуда 20 марти 2021)

14. Шарқи Наздик ва ҳуқуқи байналмилалӣ: монография / Гурӯҳи муаллифон. Дар зери. Эд. ОН. Абашидзе, М., Донишгоҳи РУДН, 2019. С. 249.

List of literature:

1. Amnesty International, Universal Jurisdiction: The Duty of States to Enact and Enforce Legislation (2001) n,38 ch 4A // URL: http://web.amnesty.org/library/index/ENGIOR530022001 (дата обращения 14.04.2023)

2. Decision 2002/494/IHA of 13 June 2002. Official Journal L 167, 26/06/2002 P.0001-0002 (retrieved January 2006).

3. Kayumova A.R. Mixed (hybrid) criminal tribunals and internationalized courts in the system of international criminal justice: a study guide. - Kazan, 2008. - 65 p.

4. International Criminal Code of the Federal Republic of Germany of June 26, 2002 // International Criminal Court: problems, discussions, search for solutions / ed. G.I. Bogush, E.N. Tricose. - M., 2008. - S. 656-668.

5. Draft Code of Crimes against the Peace and Security of Mankind 1996, Art. 8. comment, p. 11 // Document of the UN. A/CN/ A/L. 532 of June 8, 1996

6. Press releases. News in the world (2003)// [Electronic resource]. URL: https://www.hrw.org/legacy/russian/press/2003/world.html (Accessed 02/16/2023)

7. Tolstykh V.L. Course of international law: textbook.-M., International relations. 2022, p. 771.

8. Henkerts J.-M., Doswald-Beck L. Customary international humanitarian law: in 2 vols. T. 1. - M.: ICRC, 2006. - S. 784.

9. Roling B.V.A. The Law of War and the National Jurisdiction since 1945 // Hague Academy of International Law, Collected Courses, 1960-II, p. 354 (Leyden, A.W. Sujthoff, 1961).

10. Council Decision 2003/335/JHA of 8 May 2003, Official Journal L 118, 14/052003 P.0012-0014. Preambular paras.

11. Cassese, Antonio. International Criminal Law. – Oxford: Oxford University Press, 2003. - P. 278-279.

12. Universal Jurisdiction in Europe. - Human Rights Watch, June 27, 2006. Introduction // URL: http://www.hrw.org/ en/node/11297/section/2 (дата обращения 16.04.2023)

13. The States Parties to the Rome Statute // URL: https://asp.icc-cpi.int/states-parties (Дата посещения 20.03.2021)

14. Middle East and international law: monograph / team of authors. Under. Ed. OH. Abashidze. M., RUDN University, 2019. S. 249.

УДК: 341.1

Наботов Наимҷон Абдухолиқович,
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
E-mail: naimjon-naimov@mail.ru
Тел.: (+992) 901-00-70-01.

САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУРОФИАИ ОДИЛОНАИ СУДӢ ДАР ҲУДУДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: санад; ҳуқуқ; байналмилалӣ; одилона; мурофиа; қонун; меъёри ҳуқуқ.

Аннотатсия: Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қарордодҳои байналхалқии миёни давлатҳо басташуда ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофгардида ба ҳисоб меравад, ки дар бештари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатҳои ҷаҳон таҳким бахшида шудаанд. Масалан, Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Аз ин рӯ дар мақолаи мазкур масоили назариявӣ ва амалии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Пас аз эълони Истиқлолияти миллии хеш 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон худро дар муносибатҳои байналмилалӣ ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, эълон дошт, ки фаъолияти он ҳамчун давлати демократӣ ва ягона барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, барҳам додани силоҳи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофоти байни давлатҳои соҳибистиқлол равона карда мешавад. Ин масъала дар Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бараъло дарҷ гардидааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ алоқаҳои дипломатӣ, консулӣ, тиҷоратӣ ва дигар алоқаҳо барқарор менамояд, бо онҳо мубодилаи намояндагони салоҳиятдорро анҷом медиҳад ва шартномаҳои байналмилалӣ мебандад» [2].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи субъектони фаъоли байналмилалӣ, пайгирона кӯшиш намуда истодааст, ки бар манфиати аҳолии мамлакаташ бештари аз санадҳои ҳуқуқи башарро, ки ба манфиати аҳолии сайёраи замин таҳрезӣ ва қабул шудаанд, аъзо шавад. Чунончи, аз Қонуни асосии кишвар бармеояд, санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро қисми таркиби низоми ҳуқуқии худ қарор дода, дар сурати мухолиф омадан бартарӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дода шудааст.

Дар замони муосир ҳуқуқи инсон яке аз арзишҳои олии инсоният пазируфта шудааст. Дар тафовут аз дигар арзишҳо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда мешавад. Чуноне ки донишманди бузурги Юнони қадим Протагор қайд менамояд: «инсон ченаки ҳама ашёҳост»[6]. Дар баробари арзиши олӣ эътироф гардидан аҳамияти байналмилалиро касб намуд ва ин ба қабули санадҳои байналмилалии одилонаи ҳуқуқӣ замина гузошт.

Дар ҷаҳони имрӯза санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бештари санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқии аксари кулли давлатҳое, ки аъзои ташкилотҳои байналмилалӣ, масалан, Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мебошанд, таҳким бахшида шудаанд. Ҳамаи онҳо амалан ба стандартҳои дар ин соҳа таҳиякардаи ҷомеаи байналмилалӣ такя мекунанд. Мафҳуми умумиэътирофшудаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки бештари олимон қобили қабул донистаанд, чунин аст: санади байналмилалӣ - ҳуқуқӣ қарордод ё созишномаи байналмилалии байни давлатҳо дар шакли хаттӣ басташуда ва бо ҳуқуқҳои байналмилалӣ танзимшавандаест, сарфи назар аз он ки вай дар як-ду ё якчанд ҳуҷҷати байни ҳамдигар алоқаманд омадааст ва ҳамчунин сарфи назар он ки номи мушаххас дорад [4].

Аксарияти давлатҳои имрӯза дар

қонунгузории миллии хеш афзалиятнокии принсипҳо в меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба принсипҳо ва меъёрҳои дохилимиллӣ қайд намудаанд. Масалан, дар ҶФО, ҳамин тавр тибқи конституцсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон меъёрҳои умумии байналмилалӣ як қисме аз қонунгузории миллиашонро ташкил медихад. Дар Испания бошад, шартномаҳои байналмилалӣ як қисми қонунгузориии Испанияро ташкил медиҳад [8].

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар навбати худ бо номҳои гуногун мавриди истифодаи ҷомеаи ҷаҳон гардидааст [4]:

1.*Эъломия;*

2. Конвенсия;

3. Паймон;

4. Созишнома;

5. Статут (қонун, низомнома);

6. Хартия;

7. Оиннома;

8. Протокол.

Дар ҳуқуқи байналмилалӣ қоидаҳои аниқе, ки онро ба роҳбарӣ гирифта санадҳои ҳуқуқи байналмилалиро номгӯзорӣ намоянд, вуҷуд надорад. Вале дар ҳар сурат то ба андозае миёни санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ тофовут ба миён омадааст. Масалан, Конвенсия ҳамчун анъана созишнома оид ба масъалаҳои махсус ва якранг мебошад. Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Конвенсия оид ба рафъи табъиз нисбати занон ва ғайра чун ба ин мисол шуда метавонанд. Паймон бошад, ҳамчун як навъи дигари санади байналмилалӣ доираи васеи масъалаҳоро фаро мегирад. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ.

Эъломия (декларатсия - аз калимаи лотинӣ deklartio гирифта шуда, маъноиш ислоҳот, огоҳсозӣ) санади ҳуқуқии байналмилалиест, ки аз принсипҳо ва ҳадафҳои умумии ҳарду ҷониб мувофиқакарда таркиб ёфтааст. Эъломияҳо қувваи ҳатмӣ надоранд, онҳо танҳо хусусияти тавсиявӣ дошта ва инчунин пешниҳодҳо мебошанд. Масалан, Эъломияи принсипҳои таҳамулпазирӣ. Эъломияҳо танҳо имзо карданро аз ҷониби давлатҳо талаб мекунанд.

Конвенсия созишномаи байналмилалӣ аз рӯи ягон масъалаи махсус, проблемаи якхела мебошад. Масалан, Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо соли 1951, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак соли 1989 ва ғайра.

Паймон қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо аст. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст, аз 3 январи соли 1976 ҳукми амал пайдо кард, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст, аз 23 марти соли 1976 ҳукми амал пайдо кард.

Бо мақсади амалигардонии кафолатҳои конституцсионӣ инсон ва шаҳрванд ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки бо истифода аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалии одилона ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конституцсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофкардаи Тоҷикистон муқаррар намудаанд, ҳифз намояд. Бо ҳамин васила ҳокимияти судӣ вазифаи конституцсионии худро ҷиҳати таҳкими ҳамаҷонибаи қонуният ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасонад.

Чунончӣ, аз мазмуни қисми 1 моддаи 14 Конституцсияи ҶТ бармеояд: “Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конституцсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд”. Адолати судӣ дар заминаи асосҳои демократие ба амал бароварда мешавад, ки онҳо аз моҳияту вазифаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд бармеоянд. Ин асосҳоро принсипҳои адолати судӣ меноманд, ки онҳо дар Конституцсия ва қонунҳо муқаррар карда шудаанд[3, с. 437].

Тавре қайд гардид, ҳар як давлате, ки худро субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ эътироф мекунад, уҳдадоранд принсипҳои ҳуқуқи байналмилалиро риоя намоянд. Ба андешаи ҳуқуқшиноси шинохта Г.И. Тункин давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуку уҳдадориҳои асосии он ифодакунандаи мафҳуми принсипҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ аст[9].

Қобили таъкид аст, ки яке аз санадҳои маъмули байналмилалии одилона, ки аксари

аҳолии сайёраи замин онро медонанд ва бо он шиносанд, ин Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ба ҳисоб меравад. Ин санади таърихӣ чуноне, ки ба ҳамагон маълум аст таърихи қадима дошта, аввалин маротиба дар замони ҳукумронии империяи Ҳахоманишиҳо аз тарафи Куруши Кабир моҳи августи соли 539 қабл аз милод қабул шуда буд, ки бо номи "Устувонаи Куруш" маълуму машҳур буд. Дар он бори нахуст сухан аз ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи боадолат мерафт. Аксари мутахассисони таърихи ҳуқуқ ин санадро ба ҳайси нахустин Эъломияи ҳуқуқи башар эътироф кардаанд. Аммо бо вуҷуди он, ки ин далели таърихӣ боиси ифтихор аст, вале як масъаларо дар назар дошт, ки ин эъломия ва ба он монанд санадҳои арзишманде, ки дар таърихи қаламрави зисти халқи мо арзи вуҷуд кардаанд, аз зумраи санадҳое мебошанд, ки бо ташаббуси ҳукмфармоён содир мешуданд ва халқ ба ҷуз қабули он чораи дигаре надошт. Ин санади таърихӣ аввалин намунаи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар маҳсуб меёфт. Дар замони ҳукумронии империяи Ҳахоманишиҳо 70 гурӯҳи халқу миллтҳо бо 55 намуди забонҳо гуфтугӯ карда зиндагонӣ мекарданд.

СММ дар нахустин сессияи худ дар Иҷлосияи Кулли СММ, ки моҳи январи соли 1946 баргузор гардид, қарор дар бораи омодасозии ҳуҷҷати махсуси байналмилалӣ (ҳуҷҷат ва ё санад ҳам ном мебаранд) оид ба ҳуқуқҳои инсон қабул кард.

Вазифаи тайёр кардани Билл (лоиҳаи қонуни) байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон ба Комиссияи оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки моҳи феврали соли 1946 таъсис ёфта буд, вогузошта шуд. Аз аввал нақша ин буд, ки он дар як ҳуҷҷат ҷамъоварӣ карда шавад, ва нақша тағйир ёфта карор шуд, ки Билл бояд аз се қисмат таркиб ёбад:

- эъломия, ки дар он принсипҳои умумӣ эълон дошта мешаванд;
- паймон (ё паймонҳо), ки барои давлатҳои онҳоро тасдиққарда характери ҳатмӣ дошта бошанд ва чораҳои амалисозӣ, яъне механизмҳои назорати иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби давлатҳо.

Ҳамин тавр ЭУҲБ аз тарафи Иҷлосияи Кулли СММ бо тарафдории 48 овоз 10-уми декабри соли 1948 қабул гардида ва ҳамасола ин рӯзи байналмилалии ҳуқуқи башар аз тарафи давлатҳои аъзо ҷашн гирифта мешавад. Эъломия аз 30 модда иборат буда, нуқтаҳои умумиро тасвият мекунад.

Ҳуқуқҳои асосии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикргардида барои таҳияи беш аз 100 санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба монанди (созишнома, эъломия ё дигар ҳуҷҷатҳо) дар доираи низоми СММ заминаи боэътимоде гардиданд. Миёни онҳо аз ҷумла инҳоро номбар кардан мумкин аст:

- Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
- Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ;
- Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ;
- Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимонаю ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ;
- Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва ғайра.

Соли 1951 бо мақсади ҳалли душвориҳои дар як қарордод муттаҳид сохтани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор гардид, ду паймон тайёр карда шавад. Баъди меҳнатӣ пурмашаққати солҳои тӯлонӣ Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин Протоколи факултативӣ ба он омода гардида, 16 декабри соли 1966 аз тарафи Иҷлосияи XXI Кулли СММ тасдиқ ва барои имзо кушода эълон гардида, соли 1976 ҳукми амал пайдо карданд. Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки ба бекор кардани ҳукми қатл нигаронида шуда буд, аз ҷониби Иҷлосияи Кулли СММ 15 декабри соли 1989 кабул гардид. Тибки моддаи 1-и Протокол "Ҳар шаҳрванде, ки зери ҳимояи ҳуқуқҳои давлатӣ иштирокдори Протокол қарор дорад, қатл карда намешавад".

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки Билли ягонаи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон, ки дар навбати худ ЭУҲБ якҷоя бо ду паймон ва протоколҳои факултативӣ аз ҷумлаи санадҳои ҳуқуқи байналмилалии одилонаи судӣ аз тарафи ҷомеаи ҷаҳон пазируфта шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳар як шаҳрванди давлати аъзои СММ, ки ин

эъломияро қабул намудааст, ҳуқуқ ба мурофиаи одилонаи судиро дорад.

Аҳамияти ҳуқуқ ба мурофиаи судии одилонаро дарк намуда, ҷомеаи башарӣ онро дар сатҳи олӣ кафолат додааст. Аз ҷумла, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар мазмуни ҳуқуқи мазкурро чунин муайян намудааст: «Ҳар як инсон дар сурати поймол намудани ҳуқуқҳои асосии ӯ, ки бо Конституцсия ё қонун пешбинӣ шудаанд, барои барқарорсозии пурраи онҳо аз тарафи судҳои босалоҳияти миллӣ ҳақ дорад»[15,м. 8].

Моддаи 14 Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (1966) низ ҳуқуқи ҳимояи судиро мустаҳкам намудааст:

«Ҳамаи шахсон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд, ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эталон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи шаҳрвандӣ, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳақ дорад».

Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ки аз мазмуни м.14 ПБҲШС бар меояд, аз як қатор унсурҳо таркиб ёфтааст[5].

- Ҳуқуқ ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, бо риояи принсипҳои мубоҳисавӣ ва баробарии тарафайн;

- Ҳуқуқ ба баррасии парванда аз ҷониби суде, ки тибқи қонун парванда ба он тобеияти судӣ дорад;

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва субъекти комилҳуқуқи байналмиллалӣ ин маъниро ба инобат гирифта, дар қонунгузории хеш, аз ҷумла дар қонуни асосии кишвар Конституцсия ба таври зайл овардааст: «Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад». м.19 КҶТ.

Дар таҳлили ин меъёр андешаи донишмандони ин соҳаро қайд менамоем. Кафолати ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ба андешаи устод Искандарзода З.Ҳ маънои онро дорад, ки шахсони муроҷиаткунанда тавонанд ҳуқуқҳои вайроншудаи худро тавассути суди мустақилу босалоҳият, беғаразу қонунӣ саривақт барқарор намоянд. Суде, ки ариза ва ё шикояти шахси муҳтоҷро ба истеҳсолаш қабул намудааст, уҳдадор аст, ки тибқи қонунҳои мурофиавӣ, дар муҳлати муайяншуда онро барои баррасӣ ба маҷлиси судӣ таъин намояд ва дар натиҷа қароре қабул намояд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои вайроншударо барқарор менамоянд[16].

Бояд тазаккур намуд, ки доир ба масъалаи баробарии тарафҳо дар мурофиаи одилонаи судӣ аз ҷониби санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон чунин муқарарот мешбинӣ гардидааст.

Дар моддаи 7-уми ЭУҲБ чунин оварда шудааст: “Ҳамаи одамон дар назди қонун баробаранд ва бидуни ҳеҷ як тафовут ба ҳимояи баробари ҳуқуқӣ ҳақ доранд. Ҳамаи одамон дар муқобили ҳар гуна табъизе, ки хилофи хамин Эъломия мебошад ва таҳдиди табъиз аз ҷонибе, ки набошад, ба ҳимояи баробар ҳақ доранд”.

Қисми 1-уми моддаи 14 ПБШС: «Ҳамаи шахсон дар назди судҳо ва трибуналҳо баробаранд, ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад ё ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ дар ягон мурофиаи шаҳрвандӣ, ба мурофиаи одилона ва ошкорои парванда аз тарафи суди босалоҳият, мустақил ва беғаразе, ки дар асоси қонун таъсис дода шудааст, ҳак дорад».

Инчунин дар қисми 3-юми ҳамин модда, нисбати шаҳрвандони иштороккунандаи ҳамин паймон чунин талаботи барассӣ ҳар навъ айбдории ҷиноятие, ки ба ӯ эълон карда мешавад, оварда шудааст: «Ҳар кас ҳангоми баррасии ҳар айбдории ҷиноятии ба ӯ эълоншуда дар асоси баробарии пурра ба кафолатҳои зерин ҳақ дорад»:

Дар мутобиқ ба ин санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ Тоҷикистон ба шаҳрвандони худ ҳуқуқи баробариро дар назди қонун ва суд кафолат додааст, чунончи аз мазмуни моддаи 17 Конституцсия ҶТ бармеояд: “Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк,ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад”.

Маҳз ба андешаи Пифагор ва пайравони ӯ дар шинохти ҳуқуқи инсон зинаи навро кашф намуданд, ки он дар пайвасти адолат бо баробарҳуқуии инсонҳо зоҳир меёфт: “Адолат дар баробарии инсонҳо ифода меёбад”.

Дар қисми 2-юми моддаи 11 ЭУҲБ низ чунин оварда шудааст "Ҳеҷ касро барои содир кардани кирдоре ё беамалие, ки дар вақти содир шудани онҳо мувофиқи қонунҳои миллӣ ё ҳуқуқи байналмилалӣ ҷиноят ҳисоб намегардид, маҳкум кардан мумкин нест. Ҳамчунин нисбат ба ҷазое, ки метавонист дар вақти содир шудани ҷиноят дода шавад, ҷазои сахттар додан мумкин нест".

Принсипи мазкур дар Конституцсия ва КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар қисми 1-и моддаи 20 Конституцсия ин присип ба таври зайл ифода гардидааст: "Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад".

Хулоса, тавре, ки ба мо маълум гардид санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуҷатест, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳи ба як андешае, ки дар он ихтилофотҳо ҷой надошта бошанд, яъне ба як фикри ягона омадан қабул карда мешавад, ки ягон субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, инчунин ягон инсоният ҳатто донишмандони ин соҳа ҳуқуқи тағир додани онро надоранд. Аз ин рӯ, ҳар як давлати соҳибихтиёр дар эҳтирому риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, уҳдадор аст, ки онро натанҳо тавассути санадҳои дохили давлатӣ, балки бо истифода аз санадҳои ҳуқуқи байналмилалии одилона, ки мутобиқ ба талаботи байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон аст мавриди ҳимоя қарор диҳанд.

Муқарриз: н.и.ҳ. Изатуллозода П.Н.

МЕЖДУНАРОДНО-ПРАВОВЫЕ АКТЫ О СПРАВЕДЛИВОМ СУДЕБНОМ РАЗБИРАТЕЛЬСТВЕ НА ТЕРРИТОРИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: документ; закон; международный; справедливый; процедура; закон; правовая норма.

Аннотация: Международно-правовые акты – это международные договоры, заключенные между государствами и признанные международным сообществом, которые закреплены в большинстве нормативно-правовых актов государств мира. Например, международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики. В случае несоответствия законов республики признанным международным правовым актам, применяются нормы международных правовых актов. Поэтому в данной статье анализируются и обсуждаются теоретические и практические вопросы международно-правовых документов.

Наботов Наимджон Абдухоликович - ассистент кафедры административного права и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. E-mail: naimjon-naimov@mail.ru, Тел.: (+992) 901-00-70-01.

INTERNATIONAL LEGAL ACTS ON FAIR TRIAL IN THE TERRITORY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: document; law; international; fair; procedure; law; legal norm.

Annotation: International legal acts are international treaties concluded between states and recognized by the international community, which are enshrined in most legal acts of the states of the world. For example, international legal acts recognized by Tajikistan are an integral part of the legal system of the republic. In case of discrepancy between the laws of the republic and recognized international legal acts, the norms of international legal acts are applied. Therefore, this article analyzes and discusses the theoretical and practical issues of international legal documents.

Nabotov Naimjon Abdukholikovich - assistant of the Department of Administrative Law and Public Service of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. E-mail: naimjon-naimov@mail.ru, Тел.: (+992) 901-00-70-01.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 // (захираи электронӣ) манбаи дастрасӣ www.mmk.tj.
2. Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 августи соли 1991 // (захираи электронӣ) манбаи дастрасӣ www.adlia.tj.
3. Тафсири илмию оммавии Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Ҳайати муаллифон. - Душанбе, 2009. - 520 с.
4. Ҳуқуқи инсон (китоби дарсӣ барои синфи 10). - Душанбе - 2010, - 320 с.
5. Диноршоев А.М, Сафаров Б.А, Сафаров Д.С. Ҳуқуқи инсон. - Душанбе-2011. – 300 с.
6. Садизода Ҷ. Андешаи ҳуқуқ ва инсон дар навиштаҳои Саъдии Шерозӣ. // Ҳуқуқи инсон дар ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба 10-солагии кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсони Донишкадаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Маскав / ред. Е.М. Павленко.-М.; Ҳуқуқи инсон, 2015.
7. Ҳуқуқи байналмилалӣ / Ад. Г.В.Игнатенко ва О.И.Тиунов.-М. НОРМ. 2009. - 265 с.
8. Лукашук И.И. Ҳуқуқи байналмилалӣ. Қисми умумӣ.-М. БЕК, 1996.
9. Биюков П.Н. Ҳуқуқи байналмилалӣ - М. Ҳуқуқшинос, г. 2001.
10. Ҳуқуқи байналмилалӣ / Ад. Н.Т. Блатова.-М. Ҳуқуқӣ. Лит, г. 1987.
11. Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри с. 1966. // (захираи электронӣ) манбаи дастрасӣ www.adlia.tj.
12. Эъломияи умуммии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 // (захираи электронӣ) манбаи дастрасӣ www.adlia.tj.
13. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи инсон ва механизми милли ҳимояи он. – Душанбе: “Эҷод”, 2007.

Список литературы:

1. Конституция Республики Таджикистан, 6 ноября 1994 г. // (электронный ресурс) источник доступа www.mmk.tj.
2. Декларация о государственной независимости Республики Таджикистан от 24 августа 1991 года // (электронный ресурс) источник доступа www.adlia.tj.
3. Научно-популярное толкование Конституции Республики Таджикистан. / Авторы. - Душанбе, 2009. - 520 с.
4. Права человека (учебник для 10 класса). – Душанбе – 2010, – 320 с.
5. Диноршоев А.М., Сафаров Б.А., Сафаров Д.С. Права человека. - Душанбе-2011. - 300 с.
6. Садизода Дж. Идея прав человека в творчестве Саади Ширази. // Права человека и международные и национальные права. Сборник научных статей, посвященный 10-летию кафедры международного права и прав человека Юридического института МГПУ/ Под общ. Э. М. Павленко.-М.; Права человека, 2015.
7. Международное право /Отв.ред. Г. В. Игнатенко, О. И. Тиунов.-М. НОРМА. 2009. – 265 с.
8. Лукашук И.И. Международное право. Общая часть.-М. БЕК, 1996.
9. Биюков П.Н. Международное право.- М. Юрист, г. 2001.
10. Международное право / Под ред. Н.Т. Блатовой.-М. Он шел. Лит, г. 1987.
11. Международный пакт о гражданских и политических правах от 16 декабря. 1966. // (электронный ресурс) источник доступа www.adlia.tj.
12. Всеобщая декларация прав человека от 10 декабря 1948 г. // (электронный ресурс) источник доступа www.adlia.tj.
13. Искандаров З.Х. Права человека и национальный механизм их защиты. - Душанбе: «Эджод», 2007.

List of literature:

1. Constitution of the Republic of Tajikistan, November 6, 1994 // (electronic resource) access source www.mmk.tj

2. Declaration of State Independence of the Republic of Tajikistan on August 24, 1991 // (electronic resource) access source www.adlia.tj.

3. Scientific and popular interpretation of the Constitution of the Republic of Tajikistan. / Authors. - Dushanbe, 2009. - 520 c.

4. Human rights (textbook for class 10). - Dushanbe - 2010, - 320 p.

5. Dinorshoev A.M, Safarov B.A, Safarov D.S. Human rights. - Dushanbe-2011. - 300 s.

6. Saadizoda J. The idea of human rights in the works of Saadi Shirazi. // Human rights and international and national rights. A collection of scientific articles dedicated to the 10th anniversary of the International Law and Human Rights Department of the Legal Institute of MGPU/ Pod obsch. E. M. Pavlenko.-M.; Human rights, 2015.

7. International law /Otv.ed. G. V. Ignatenko and O. I. Tiunov.-M. NORMA. 2009. – 265 p.

8. Lukashuk I.I. International law. General part.-M. BECK, 1996.

9. Biyukov P.N. International law.- M. Lawyer, g. 2001.

10. International law / Pod ed. N.T. Blatovoy.-M. He walked. Lit, g. 1987.

11. International Covenant on Civil and Political Rights dated December 16. 1966. // (electronic resource) access source www.adlia.tj.

12. Universal Declaration of Human Rights of December 10, 1948 // (electronic resource) access source www.adlia.tj.

13. Iskandarov ZH. Human rights and the national mechanism of its protection. - Dushanbe: “Ejod”, 2007.

12.00.11 – ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲУҚУҚҲИМОЯВӢ ВА ҲИФЗИ ҲУҚУҚ
12.00.11 – СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ
12.00.11 – JUDICIAL ACTIVITY; PROSECUTORIAL ACTIVITIES; HUMAN RIGHTS AND LAW ENFORCEMENT ACTIVITIES

УДК: 343.163
Набизода Набӣ Мирзонаим,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
E-mail: nabi.nabizoda1974@mail.ru
Тел.: (+992) 935-40-50-05.

МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚТАТБИҚКУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Калидвожаҳо: прокуратура; Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҳуқуқтатбиққунӣ; назарияҳо; қонунгузорӣ; ҳокимияти давлатӣ; субъект; назорати прокурорӣ.

Аннотатсия: Ҳуқуқтатбиққунӣ ҳамчун навъи фаъолияти давлатӣ ва ҳуқуқист, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор ба амал бароварда мешавад. Масъалаи мақомот ё субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ предмети баҳси илмӣ буда, то ҳол дар ин маврид ақидаҳо ва таснифҳои мухталиф аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ баён гардидаанд. Дар мақолаи мазкур назарияҳои гуногуни илмии олимону дохиливу хориҷиро дар бораи мафҳум, моҳият ва нишонаҳои ҳуқуқтатбиққунӣ баррасӣ кардааст. Ҳамчунин муаллиф нақш ва таъсири мақомоти прокуратураро дар низоми ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, исбот кардааст, ки прокуратура аз субъектони асосии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад ва дар самтҳои гуногуни фаъолияти худ, раванди ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ мегардонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ба таври анъанавӣ ҳамчун фаъолияти ҳокимиятӣ ва ташкилии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба татбиқи нишондодҳои ҳуқуқии инфиродӣ ва мушаххас баррасӣ мешавад[51, с.453-465; 49, с.273-285; 37, с.315-317]. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқро на ҳама иштирокчиёни амалигардонии ҳуқуқ, балки субъектҳои дорои ваколати махсуси давлатӣ амалӣ менамоянд. Мақомоте, ки вазифаашон расондани ёрии махсус дар татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳо ба дигар субъектҳои ҳуқуқ мебошад, мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда меноманд[11, с.29].

Субъекти ҳуқуқтатбиққунӣ танҳо шахсоне (субъектҳои фардӣ ё ташкилот) мебошанд, ки ваколатҳои ҳокимиятӣ ва ҳуқуқи махсуси субъективӣ доранд. Қарори субъекти чунин фаъолият (санадҳои ҳуқуқтатбиққунӣ) – асосӣ ва ёрирасон, танзимкунанда ва ҳифзкунанда - қувваи муайяни ҳуқуқӣ дошта, ичрои онҳо аз ҷониби ҳамаи шахсон, ки ба амали онҳо паҳн мегардад, ҳатмӣ мебошад ва бо воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла чораи маҷбуркунии давлатӣ таъмин мешаванд. Бо вуҷуди ин, ба субъекти татбиқи ҳуқуқ ба таври истисно мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, воҳидҳои сохтории онҳо дохил мешаванд[41, с.18].

В.Н. Карташова мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро на танҳо ба мақомоти хусусияти давлатӣ-ҳокимиятидошта, балки ҳамаи субъектҳои дорои ваколати ҳокимиятидошта мансуб медонад. Ӯ дар баробари субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин иштирокчиёни амалияи татбиқи ҳуқуқ - шахсони воқеӣ ё ташкилотҳоеро, ки бо сабабҳои гуногун ба субъектҳо дар ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ мерасонанд, ҷудо намудааст. Дар байни онҳо шахсоне, ки бо мақсади ҳуқуқтатбиққунӣ ва ичрои уҳдадориҳои худ парвандаи ҳуқуқиро пеш мебаранд, аз ҷумла

шоҳидон, ҷабрдидагон, коршиносон, тарҷумонҳо, шахсони сеюм ва ғ.[25, с.20]. Дигар муаллифон мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро асосан ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор меҳисобанд [50, с.158-161].

В.А. Сапун ин ақидаро ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки дар доираи қонун фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро мақомоти мунисипиалӣ, ҳамчунин мақомоти идораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, субъектҳои гуногуни хоҷагидор амалӣ менамоянд. Масалан, судҳои ҳакамӣ, ки бо созишномаи тарафҳо созмон меёбанд, мақомоти давлатӣ маҳсуб намешаванд ва ба салоҳияти онҳо баррасии ҳар гуна баҳс дохил мешавад, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии граждани бармеоянд. Ҳамчунин, ин маъони онро надорад, ки субъекти фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ шаҳрванд ё дилхоҳ шахси «ғайриҳукуматӣ» шуда метавонад[45, с.185-191].

Л.В. Веркиенко субъекти ҳуқуқтатбиққуниро аз соҳаи фаъолият ба мақомоти иҷроия, мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷудо мекунад. Ба андешаи ӯ, дар қатори воситаҳои баланд бардоштани самарнокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ назорат аз болои фаъолияти субъектҳои ҳуқуқтатбиққуниро ба контроли судӣ ва назорати прокурорӣ вобаста дониста, мақомоти зикршударо субъекти муҳими раванди ҳуқуқтатбиққунӣ мешуморад[11, с.85].

Л.С. Гайниев ҳуқуқтатбиққуниро яке аз шаклҳои расмӣ, қонунӣ ва ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии ваколатдор меҳисобад[13, с.22].

Н.П. Герасимов қайд менамояд, ки мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор аз ҳама субъектҳои асосии фаъолияти ҳуқуқтатбикунӣ мебошанд, аммо ягона маҳсуб намеёбанд. Вазифаҳои ҳуқуқтатбиққуниро мақомоти роҳбарикунандаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ иҷро карда метавонанд [14, с.176].

Ғайр аз ин, аллакай дар илми шӯравӣ масъалаи фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба миён гузошта шуда буд. Баъзе олимони ҳуқуқшинос эътироф кардаанд, ки байни фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии сохторҳои ғайридавлатӣ ва мақомоти давлатӣ тафовути куллӣ вуҷуд надорад (В.Я. Дюрягин, Н.И. Матузов, В.Н. Карташов). Нақши сохтори ғайридавлатӣ (мақомоти худидоракунӣ, субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ, маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ғ.) дар равандҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, масалан, В.Н. Карташев, асоснок карда буданд. Олимон санадҳои ҳуқуқтатбиққуниро таҳлил намуда, ба он диққат додаанд, ки онҳоро субъектҳои махсус дар доираи салоҳияти худ ба амал мебароранд[18, с.63].

О.В. Литвишко ба таври сирф анъанавӣ чунин мешуморад, ки мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда шахсест, ки вазифаҳои роҳбариро дар асоси касбӣ иҷро мекунад, мақоми махсуси ҳуқуқӣ дорад ва фаъолияти расмии давлатиро барои ҳуқуқтатбиққунӣ тавассути баровардани санади махсус амалӣ мекунад. Кормандони ҳуқуқтатбиққунӣ вобаста ба хусусияти фаъолияти давлатӣ тасниф намуда, онҳоро ба роҳбарон ва кормандони оперативӣ ҷудо мекунад[30, с.8-9].

Маъмулан, дараҷаи зерини субъектҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ҷудо карда мешавад, яъне мақомоти давлатӣ (милитсия, суд, прокуратура ва ғайра), шахсони мансабдор (шахсоне, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти давлатиро амалӣ мекунанд: кормандони милитсия, прокурорҳо, судяҳо ва ғайра), инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ (иттифоқҳои касаба, ҳизбҳои сиёсӣ – дар доираи татбиқи қонун танҳо дар доираи саф ва аъзоён) [50, с.415].

Олимони ватанӣ низ дар таҳқиқоти худ мақомоти ҳуқуқтатбиққуниро баррасӣ карда, таснифҳои мухталиф баён намудаанд. Аммо таҳқиқотҳои алоҳида вобаста ба мавзӯи мазкур ва таҳлили муфассали мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ то ҳол анҷом наёфтааст. Танҳо олимони мо дар мақолаҳои худ ба мафҳуми ҳуқуқтабиққунӣ ва мақомоти он ишора кардаанд. Аз ҷумла, ба андешаи Э.Б. Буризода, ҳуқуқтатбиққуниро танҳо мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мақомоти махсусан ваколатдор, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор дар доираи ба онҳо салоҳияти ҳокимиятӣ додашуда амалӣ мегардонанд. Ҳамзамон қайд менамояд, ки мақомоти иҷроияи давлатӣ воситаҳои ташкилӣ-маъмурии татбиқи ҳуқуқро барои такмили сохтори дастгоҳи давлатӣ, ҳамгироии фаъолияти сатҳҳои гуногун, ҳамчунин барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси хоҷагӣ-фарҳангӣ истифода мекунанд[10, с.144-146].

Дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ суд низ ҳамчун мақомоти асосӣ иштирок мекунад. Ба андешаи Н.Д. Ҳоҷибоева, ҳокимияти судӣ шохаи мустақил дар низоми умумии ҳокимияти давлатист ва фаъолияти судӣ яке аз шаклҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро ташкил медиҳад. Ба мақомоти судӣ нақши асосии дар татбиқи вазифаи давлатӣ тааллуқ дорад, ки маҳз татбиқи адолати судӣ мебошад. Бешубҳа, адолати судӣ ба воситаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ мегардад [54, с.42].

Аз таҳлили андешаҳои дар боло зиршуда бармеояд, ки фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ фаъолияти императивӣ-ҳокимиятии мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва шахсони мансабдори онҳо мебошад, ки тибқи муқаррароти қонун барои иҷрои ваколатҳои муайян ба онҳо салоҳият дода шудааст. Мақомоти ҳуқуқтабиққунӣ дорои нишонаҳои зер хос мебошад:

1. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда дар шакл ва навъҳои гуногун фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниро амалӣ менамоянд. Масалан, мақомоти судӣ, дар мурофиаҳо, мақомоти прокуратура дар раванди назорати қонунҳо ва ғ.

2. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда фаъолияти худро аз рӯи принсипи касбӣ амалӣ мегардонад. Яъне дар фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ аксаран ҳуқуқшиносон, судяҳо, прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ғайра ҷалб мешаванд.

3. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ваколатҳои ҳокимиятӣ дошта, воситаҳои ҳуқуқиро барои ҳалли масъалаи мушаххас истифода мекунанд.

4.Самти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда ба амалигардонии нишондодҳо ва меъёрҳои муқарраршудаи қонунгузорӣ равона карда шудааст.

5. Мақсади асосии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда қонеъ кардани талабот ва ниёзҳои ҷомеа дар маҷмӯъ ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳуқуқӣ буда, фаъолияти онҳо ба амалигардонии вазифаҳои давлат ва ҳимояи манфиатҳои ҷомеа равона карда шудааст.

6. Мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда субъективияти махсуси ҳуқуқӣ дошта, вазъи ҳуқуқии он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокуратура мақоми махсус дорад. Мақомоти прокуратура дар механизми давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассуми моҳиятии худро дар вазифаҳояш пайдо карда, онҳоро бо истифода аз шаклу усулҳои мушаххас дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал мебарорад.

Ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти прокуратура дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби олимону мутахассисони соҳа, аз ҷумла Ю.А.Раҳмон[43], С. Кенҷаев[27; с.28], Қ. Мирзоева[28], З.Х. Искандаров[20; 21; 22], А.М. Диноршоев[16], Б.К. Бобохонов[9], И.Т. Маҳмудов[32; 33; 34], М.Р. Рустамзода[44] ва дигарон омӯхта шуда, таърихи таҳаввулли мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон, самт, сохтор ва вазифаҳои он, фаъолияти назоратӣ, инчунин иштироки мақомоти прокуратура дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятиву граждани таҳлил гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки мақомоти прокуратура дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳанӯз аз замони пайдоиши аввалин давлатҳо ташаккул ёфта, дар давраи низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқи зардуштӣ, исломӣ, имперӣ ва шӯравӣ рушду инкишоф ёфтааст. Таъсиси мақомоти прокуратура расман солҳои 20-ум дар замони ташаккули ниҳодҳои давлати шӯравӣ ба амал омад. 14 декабри соли 1924 Қарори Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Комиссариати халқии адлия ва прокуратураи давлатӣ қабул гардида, прокуратураи ҷумҳуриявӣ ба шуъбаи мустақил дар назди Комисариати халқии Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон табдил ёфт. Комиссариати халқии адлия ва прокуратура 22 декабри соли 1924 ба кор оғоз карда, ҳамин давраи оғози барқароршавӣ ва рушди мақомоти прокуратура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардад[56]. Ба прокуратураи Ҷумҳурии мухтори шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон вазифаҳои назорат аз номи давлат барои қонунияти субъектҳои амалкунандаи ҷамъиятӣ ва хусусӣ, эътироз ба қарорҳо ва дигар санадҳое, ки хилофи қонун бароварда шудаанд, инчунин кушодани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба ашхоси гунаҳкор гузошта шуда буд[28, 26]. Дар марҳилаи гузариш ба сохти ҷумҳурӣ дар кишвар прокуратураҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ таъсис ёфтанд.

Дар марҳилаи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ як қатор ислоҳот дар

низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронида шуда, таҳкими сохтори мақомоти прокуратура бар асоси қонунгузории нав аз зумраи онҳо буд. Аввалин бор дар таърихи мақомоти прокуратураи ҷумҳурӣ 14 марти соли 1992 се санади ҳуқуқии барои прокуратураи тоҷик тақдирсоз қабул гардид, ки заминаи ҳуқуқии ин мустақилият ва ба мақомоти олии давлатии худи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъву ҳисоботдиҳанда будани онро фароҳам оварданд.

Аз ҷумла, дар ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, мутобиқи он мансаби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Муқаррар карда шуд, ки Прокурори генералӣ бо ризогии Президенти мамлакат аз ҷониби Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шуда, дар назди он масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Дар ҳамин сана Қонун «Дар бораи Додситонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуда, дар асоси қарори Шӯрои Олӣ 30 апрели соли 1992 ба қувваи амал даромад. Баъдан соли 1994 мақоми ҳуқуқии прокуратура дар Конституцсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфт.

Дар марҳилаи соҳибистиқлолии кишвар қонунгузорӣ ва сохтори мақомоти прокуратура таҷдиди назар карда шуда, бо дар назардошти сохти давлатӣ ва шакли идораи ҷумҳурӣ дар кишвар прокуратураҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҳарбӣ, нақлиёт, прокуратураҳои назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ таъсис ёфтанд.

Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мазмун ва моҳияти фаъолияти худ мақоми ягонаи марказонидашудае мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад[31, с.188].

Мақоми ҳуқуқии прокуратура дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, ба он вазифаҳои махсус дода шудааст. Чунончи боби 9-уми Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Прокуратура» бахшида шуда, тибқи он дар қаламрави Тоҷикистон «назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд». Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ, тартиби таъйин ва муҳлати фаъолияти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар кардааст. Тибқи он низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул буда, ба муҳлати 5 сол таъйин мешавад. Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъйин ва озод мекунад. Муҳлати ваколати прокурорҳо 5 сол аст. Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд (моддаҳои 93-96)[1].

Дар хусуси ба шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дохил кардани мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни олимон баҳс вуҷуд дорад.

Олимони рус Ю.А. Винокур, Н.В. Мелников ва В.В. Черников прокуратураро шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф намудаанд. Олимони дигари ин кишвар Клочков В.В.[29] ва С.А. Осипян[38] бошанд, ин ақидаро тақвият дода, амалан прокуратураро ҳамчун шохаи чоруми ҳокимият эътироф намуданд.

Тарафдорони ақидаи ба шохаи ҳокимияти қонунгузор мансуб будани прокуратура мавқеи худро чунин асоснок мекунанд: мақомоти қонунгузор қонун қабул менамоянд ва иҷроиши онҳоро дар қаламрави кишвар прокуратура назорат мебарад. Бинобар ҳамин, онҳо ба он ақидаанд, ки назорати прокурорӣ ҳамчун шакли мустақили фаъолияти давлатӣ маҳз аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор соҳиби ваколат мегардад, ташаккул меёбад ва ба он бояд тобеъ бошад[34, 53]. Ҳамчунин мансубияти прокуратураро ба ҳокимияти қонунгузор бо назардошти таҷрибаи замони шуравӣ асоснок мекунанд.

Профессор И.Л. Петрухин мақомоти прокуратураро ба мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мансуб дониста, тобеи низоми адлия мешуморад[40]. А.М. Диноршоев ақида дорад, ки тибқи конституцсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се шохаи ҳокимияти давлатӣ амал мекунад, аммо аз тарафи дигар мақомоти давлатиеро ташаккул додааст, ки ба ҳеҷ кадоме аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дохил намегарданд. Бинобарин прокуратура ва Бонки миллӣ аз рӯи таҳлили қонунгузорӣ ба ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд[16, с.179-180].

Ба андешаи ҳуқуқшинос ва давлатшиноси маъруф, А.И. Имомов прокуратура тибқи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти ҳокимияти судӣ дохил мегардад [19, с.425].

И.Т. Маҳмудов дар мақолаи худ қайд менамояд, ки прокуратура яке аз механизмҳои муҳими амалишавии ҳокимияти давлатӣ буда, таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва мустаҳкам намудани қонуният, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати ҷомеаву давлатро таъмин менамояд. Тамоми шохаҳои ҳокимият дар маҷмӯъ ҳамчун ҳокимияти ягонаи давлатӣ барои нигоҳдорӣ ва пойдории қонуният, ки асосан аз ҷониби прокуратура таъмин мешавад, манфиатдор мебошанд. Бе таъмини реҷаи ягонаи қонуният дар кишвар ҳокимияти давлатӣ наметавонад пурзур бошад ва самарабахш вазифаҳои худро иҷро намояд. Яке аз фарқиятҳои асосиву махсуси прокуратура он аст, ки фаъолияти худро бо назардошти таъйиноти дар Конституция ва дигар қонунҳои амалкунандаи мустаҳкамшуда ба роҳ мемонад. Прокуратура ҳамчун низоми ягонаи марказонидашуда назорати иҷроиши якхелаи қонунҳоро дар қаламрави кишвар таъмин менамояд. Таҳлили меъёрҳои Конституция дар бораи мавқеъ, функсияҳо ва ҷойи он дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ бозгуи онанд, ки мақомоти прокуратура дар низоми давлатӣ мавқеи хосса дошта ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мансуб нест[32, с.53]. Олими тоҷик С. Кенҷаев мақомоти прокуратураро ҳамчун шохаи чоруми ҳокимият меҳисобад[27].

Ҳамин тавр, дар мавриди мавқеи мақомоти прокуратура олимон ба чор гуруҳ ҷудо шуда, бархе онро тобеи мақомоти иҷроия, дигар гуруҳ ба мақомоти судӣ, гуруҳ сеюм ба мақомоти қонунгузор дохил карда, гуруҳи охирин ба ягон шохаи мақомоти давлатӣ мансуб намедонанд. Мо низ нуктаи назари гуруҳи чоруми муаллифонро ҷонибдорӣ карда, чунин мешуморем, ки мақомоти прокуратура шомили ягон шохаи ҳокиямтт набуда, вобаста ба хусусияти хос доштани ин мақомот, мақоми ҳуқуқии он дар боби алоҳидаи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Мустақилияти прокуратура дар воқеъ онро аз ҳокимияти судӣ ҷудо намуда, ҳамчун мақоми алоҳида берун аз ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад. Вале аз рӯи вазифа, ҳамкориву ҳамгирой, иштирок дар парвандаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, метавонем мақомоти прокуратураро бо ҳама мақомоти шохаи ҳокимияти давлатӣ робитаи зич дорад.

Чуноне, ки муалифон менависанд, мақсади асосии прокуратура ҳамчун мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ ягонагиро бо тамоми воситаҳои дахлдор таъмин ва мустаҳкам кардан мебошад [7, с.13]. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки байни мақомоти прокуратура, мақомоти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ гардиши бузурги ҳуҷҷатҳо сурат мегирад ва аз ин рӯ, барои беҳтар намудани ҳамкорӣ зарур аст, ки ин ҷараёнҳои иттилоотӣ оптимизатсия карда шаванд[46, с.4].

Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонуни конституционӣ танзим кардааст. Мувофиқи Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар гардидааст, ки «Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ягонаи марказонидашуда мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунад» (моддаи 1)[4]. Аз муқаррароти мазкур бармеояд, ки қонунгузор дар баробари дигар мақомоти давлатӣ барои назорати қонун ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратураро пешбинӣ кардааст.

Дар мавриди мақом ва нақши мақомоти прокуратура Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти прокуратура қайд намуд, ки «мақомоти прокуратура яке аз сохтори муҳими низоми давлатдорӣ маҳсуб шуда, вазифаи асосии он таъмини волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо мақсади ҳифзи истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои низоми демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои давлатию динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ мебошад. Ин мақомот бо роҳи ба амал баровардани назорати прокурорӣ дар мамлакат қатъиян ва якхела иҷро шудани қонунҳоро таъмин мекунанд. Мақомоти прокуратура дар баробари назорат аз болои риояи қонунҳо, ҳифзи сулҳу субот ва амнияти

кишвар, дар таҳкими пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ низ саҳми арзанда мегузоранд»[39]. Дар баробари фаъолияти ҳифзи ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура, инчунин дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ низ нақш ва мақоми баланд дорад.

Мақомоти прокуратура вазифаҳои гуногунро тибқи ваколату салоҳияте, ки қонун ба он додааст, амалӣ менамояд. Дар мавриди вазифаҳои прокуратура ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Масалан, ба ақидаи гурӯҳе аз муаллифон мақомоти прокуратура фаъолияти назоратӣ, тафтиши ҷиноят ва дигар вазифаҳоро иҷро менамояд. Вазифаи назоратӣ самти асосии фаъолияти мақомоти прокуратура дар Россия, Беларуссия, Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон мебошад[47, с.19]. Вобаста ба самтҳои мақомоти прокуратура низ дар адабиёти ҳуқуқӣ нуктаҳои гуногуни назар вуҷуд дошта, муаллифон онҳоро ба 4-5 самти асосӣ гуруҳбандӣ кардаанд[15, с.4-7].

Дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ прокуратура ҳамчун мақоми назораткунанда маҳсуб гардида, ҳатто муаллифон самти фаъолияти онро бо истилоҳи «назорати прокурорӣ» истифода мебаранд. Қобили зикр аст, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиққуниии мақомоти прокуратура ба фаъолияти назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо алоқамандии зич дорад. Зеро истифодаи истилоҳи «иҷрои қонунҳо ва назорати он» ба яке аз самтҳои фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дохил мешавад. Бинобар ин фаъолияти назорати риоя ва иҷрои қонунҳо назорати риоя ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиеро дар назар дорад, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, аз таҳлили фаъолияти назоратии мақомоти прокуратура бармеояд, ки он мақоми ваколатдор дар низоми ҳуқуқтатбиққунӣ ба шумор меравад ва назорати давлатии иҷрои қонунҳо соҳаи асосии назорати прокурориро ташкил медиҳад.

Дар адабиёти шӯравӣ вобаста ба назорати прокурорӣ ва таснифи он нуктаҳои гуногуни назар вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, В.Г. Лебединский ва Ю.А. Калемов вазифаҳои прокуратураро аз навъҳои фаъолияти назоратии он маҳсуб медонанд. Г.И. Бровин вазифаҳои назорати прокурориро ҳамчун фаъолияте мешуморид, ки ба ошкор ва равшан кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгорон нигаронида шудааст. А.П. Глебов қайд кардааст, ки вазифаи назорати прокурорӣ бояд ҳамчун ҳадафи иҷтимоии назорати прокурорӣ муайян карда шавад. Мелкумов чунин мешуморад, ки прокуратураи шӯравӣ 7 вазифаи асосӣ дорад: назоратӣ, маъмурӣ, тафтишотӣ, айбдоркунандаи давлатӣ, ҳамоҳангсозӣ, таҳлилӣ, пешгирии таълимӣ. К.Ф. Сквортсова ба прокуратура 3 вазифаи прокурориро қайд кардааст: назорат аз болои иҷрои дақиқи қонунҳо; пешгирии вайронкунии қонунҳо, аз ҷумла тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон; ҳамоҳангсозӣ дар муборизаи бар зидди ҷиноятқорӣ. Ю. Чайка қайд менамояд, ки мақомоти прокуратура барои мустаҳкам намудани тартиботи қонунӣ ва тартибот корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад. Он дорои ваколатҳои истисноии назоратӣ мебошад, аз ин рӯ, дар ҳар як соҳаи ҳаёти имрӯза агар қонун вайрон карда шавад, объекти дахолати прокурорӣ мегардад[35, с.55; 8, с.12-16].

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21 декабри соли 2021) ба баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо ва такмили механизми иҷрои онҳо диққати ҷиддӣ дода, махсус таъкид намуданд, ки “Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷиноятқорӣ ва бенизомӣ мегардад”. Бинобарин, риоя, иҷро ва назорати амалишавии он ба души мақомоти прокуратура гузошта шуда, ҳамзамон барои таъмини реҷаи қонуният ҳамчун омили асосии пешрафт дар кишвар Сарвари давлат Прокуратураи генералиро вазифадор карданд, ки минбаъд назорати риоя ва иҷрои қонунҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандонро пурзӯр намояд [36].

Предмети назорати прокурорӣ васеъ буда, соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирад, ки ҳадафи асосии онро таъмини волоияти қонун ва иҷрои якхелаи он ташкил медиҳад. Дар баробари ин бояд гуфт, ки фаъолияти мақоми қонунгузор, санадҳои қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назорати умумии прокурорӣ берун буда, предмети онро ташкил дода наметавонанд. Аз ҷониби мақомоти прокуратура ба амал бароварда

шудани назорати прокурорӣ маънои онро надорад, ки онҳо ҳуқуқи ба фаъолияти хоҷагидории субъектҳои фаъолияти хоҷагӣ дахолат карданро надошта бошанд. Дар баробари ин мақомоти прокуратура ҳақ надоранд, вазифаи мақомоти тобеи идора ё мақомоти назоратро иваз намоянд[31, с.188].

Вазифаи назоратии прокуратура асосан аз назорати риояи Конституцсия ва иҷрои қонунҳо, назорат аз риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, назорат аз иҷрои қонунҳо дар мақомоте, ки тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ ва фаъолияти мақомоти оперативӣ-ҷустуҷӯиро амалӣ менамоянд, назорат аз иҷрои қонунҳо ҳангоми баровардани санадҳои судӣ, назорат дар соҳаи иҷрои ҷазохои ҷиноятиро дар бар мегирад[52, с.5-7]. Ба андешаи А.Х. Казарина дар доираи ваколатҳои прокуратура се самти назоратро аз болои иҷроиш муайян кардааст: 1) ҳатмӣ (назорат аз болои риояи қонуни меъёрии ҳуқуқӣ); 2) асосӣ (назорат ба қонуният дар фаъолияти давлат ва мақомоти мунисипалӣ); 3) ёрирасон (назорат аз болои иҷрои қонунҳо аз тарафи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ)[24].

Ҳуқуқтатбиққунӣ шарту воситаҳои муайянеро тақозо мекунад, ки назорати прокурорӣ ҳамчун воситаи муҳими шакли самараноки назорати олии давлатӣ аз болои нашр ва иҷрои қонунҳо ба ҳисоб меравад. Ҳеҷ кадоме аз мақомоти давлатӣ вазифаи пурраи назоратро амалӣ карда наметавонад. Онро танҳо низоми ягонаи мутамаркази мустақили мақомоти прокуратура иҷро карда метавонад[12, с.4].

Дар байни муҳаққиқони ватанӣ низ мақомоти прокуратура, назорати прокурорӣ ва дигар масъалаҳои роҷеъ ба он мавриди омӯзиш қарор гирифта, андешаҳои гуногун дар бораи нақш ва мақоми прокуратура ва вазифаҳои он вуҷуд дорад. З.Ҳ. Искандаров чунин иброз менамояд, ки яке аз воситаҳои муҳими таъмини қонуният назорати прокурорӣ мебошад, зеро таъйиноти таърихии иҷтимоии мақомоти прокуратура дар ибтидои ташкили он маҳз таъмини иҷрои қонунҳо буд[22, 68-75]. Дар мақолаи дигари худ, проофессор З.Ҳ. Искандаров таҳти мафҳуми назорати прокурорӣ соҳаи ҳуқуқро ҳисобида, иддао дорад, ки имрӯз ҳуқуқи прокурориро чун соҳаи мустақили ҳуқуқ арзёбӣ намудан, онро омӯхтану тадқиқ намудан ба манфиати кор аст[22, с.62-68].

Ба андешаи М.Р. Рустамзода назорати прокурорӣ ба маънои муайян як падидаи ҳуқуқии универсалӣ мебошад. Объекти он ҳама гуна соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии назорати прокурорӣ таъмини назорат аз болои риоя ва татбиқи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар асоси онҳо қабулшуда мебошад. Аз ин ҷост, ки вазифаи асосии мустаҳкам намудани қонуният дар мамлакат ба зиммаи мақомоти прокуратура меистад. Аммо бояд инро дар назар дошт, ки танҳо ҳамин мақомоти назоратӣ бояд вазъи қонуниятро дар давлат назорат кунад. Таъмин ва боз ҳам бештар мустаҳкам намудани қонуният маҷмӯи тадбирҳои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идоракунӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дарбар мегирад. Прокуратура дар тамоми ин низом ҳамчун мақоми ҳамоҳангсоз баромад мекунад[44]. Дар ҳақиқат, тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба риоя гардидани қонунҳо дар ҷомеа ва татбиқи ҳуқуқ иштирок мекунанд. Вале азбаски прокуратура ба мақоми ваколатдор дар самти риоя ва иҷрои якхелаи қонунҳо мебошад, ин мақомот бештар нақш ва таъсири ҳалкунанда дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дорад.

Қобили зикр аст, ки дар амалияи ҳуқуқӣ навъҳои гуногуни назорат аз ҷумла назорати парламентӣ, президентӣ, иҷроявӣ, идоравӣ ва ғ. вуҷуд дорад. Назорати прокурорӣ ба ҳама субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ паҳн гардида, дар ин раванд мақомоти прокуратура ҳамчун мақоми ваколатдор ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мустақилона раванди иҷрои қонунҳоро таъмин менамояд. Назорати прокурорӣ аз иҷрои қонунҳо фаъолияти махсус мебошад, ки мақомоти давлатӣ, яъне прокуратура аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад. Назорати прокурорӣ аз санҷиши дурустии риояи қонунҳои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда ва иҷрои Конституцсияи кишвар иборат аст. Ин фаъолият намуди мустақили фаъолияти давлатӣ мебошад, ба истиснои мақомоти прокуратура, ягон мақоми дигар ҳуқуқ надорад онро анҷом диҳад.

Нақш ва фаъолияти прокуратура дар низоми ҳуқуқтатбиққунӣ аз он иборат аст, ки он фаъолияти фарогирро анҷом дода, дар ҳамоҳангӣ бо дигар мақомоти давлатӣ татбиқи нишондодҳои ҳуқуқиро ба амал мебарорад.

Прокуратура, аз як тараф, аз болои иҷрои қонунҳо аз ҷониби чунин мақомот: ҳокимияти иҷроия ҳамчун вазорат, хадамот, идораҳо, мақомоти ҳокимияти намояндагӣ ва иҷроия назорати ҳамаҷониба анҷом дода, ба таҳкими волоияти қонун мусоидат мекунад, дар фаъолияти худ, аз тарафи дигар, дар маҷлисҳои судӣ ҳамчун иштирокчии раванди қабули қарорҳои судяҳо иштирок намуда, манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ҳимоя мекунад ва таҷрибаи кори судҳоро такмил медиҳанд[12, с.28-29]. Мақомоти прокуратура то андозае ошкоро амал намуда, маълумотро дар бораи вазъи қонуният ва чораҳои мустаҳкам карда шудани он дастраси аҳли ҷомеа мегардонад, ки агар ин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро халалдор накунад ва мухолифи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад[21, с.38-52]. Аз инҷо бармеояд, ки мақомоти прокуратура дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва самаранокии он бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, яъне мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва аҳолӣ ҳамкориро ба роҳ мемонад.

Низоми прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 13 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, прокуратураи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, прокуртураи шаҳрҳо, ноҳияҳо ва прокуратураҳои ба он баробаркардашуда таркиб ёфтааст.

Дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон Прокуратараи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши роҳбарикунанда дошта, дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ зерсохторҳои муайянро таъсис додааст. Зерсохторҳои он ҷиҳати ҳуқуқтатбиққунӣ ба навъҳои алоҳидаи назорати иҷрои қонунҳо таркиб ёфтаанд. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратаруи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[6] барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва назорати иҷрои қонунҳо чунин раёсату шуъбаҳо фаъолият мекунанд: раёсати назорати умумӣ, раёсати назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук, раёсати назорати иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон, Раёсати назорати иҷрои қонунгузорӣ оид ба андоз, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ, Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти корҳои дохилӣ ва назорати маводи нашъаовар, Раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, Раёсати назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои граждани, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ, Шуъбаи назорати иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

Ҳамчунин фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, назорати риоя ва иҷрои қонунҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарпрокуратураи ҳарбӣ, Прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Прокуратураи нақлиёти Тоҷикистон, Прокуратураи назорати иҷрои қонунҳо дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, прокуратураи шаҳру ноҳияҳо ва махсусгардонидашуда амалӣ менамоянд, ки дар сохтори худ раёсату шуъбаҳо махсус доранд.

Мувофиқи Низомнома дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон[5] Сарпрокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва прокуратураи ҳарбии гарнизонҳо ба сохтори ягонаи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буда, ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошанд. Муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Сарпрокурори ҳарбӣ дар доираи ваколатҳои худ риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудаанд, назорат мекунад. Ба Сарпрокуратараи ҳарбӣ ва воҳидҳои сохтории он ваколат ва салоҳиятҳои дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ва назорати иҷроиши қонунҳо пешбин шудааст.

Асосан ваколати Сарпрокуратараи ҳарбӣ ва воҳидҳои сохтории он аз назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо, оинномаҳои ҳарбӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сохторҳои ҳарбӣ қабул мешаванд, инчунин назорати риояи ҳуқуқу озодиҳои ходимони ҳарбӣ, санҷиши риояи қонунҳо аз рӯи аризаҳо ва дигар маълумот дар бораи вайрон кардани қонуният, назорат ба риояи қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни судҳои ҳарбӣ ва дигар

мақомоти салоҳиятнок, эътироз овардан ба ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд ва ғ. мебошад.

Дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти прокуратура вазифаҳои муайянро иҷро мекунад, ки онҳо тибқи қонунгузорӣ аз таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; асосҳои сохтори демократии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар сохторҳои ғайридавлатӣ иборат мебошад.

Дар байни мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда прокуратура бо мақомоти судӣ робитаи зич дорад, ки он ба як қатор омилҳо вобаста аст. Ба андешаи А.Ю. Улянов суд ва прокуратура бархе аз вазифаҳои шабеҳро иҷро мекунанд, ки аз барқарор ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон бармеоянд; ҳар ду мақом салоҳият дар соҳаи назорати меъёрӣ доранд; ниҳоят зарурати ҷонибдории прокурорҳо дар суд аз номи давлат мебошанд[52, с.77].

Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» самтҳои мақомоти прокуратураро муқаррар кардааст, онҳо ба фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ рабт доранд ва аксаран назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, назорат ба риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, эътироз, шикоят ва ариза овардан нисбати фармон, ҳалнома, ҳукм, таъинот ва қарорҳои судҳо, ки хилофи қонун мебошанд ва ғ.-ро ташкил медиҳанд.

Аз самтҳои зикршуда бармеояд, ки онҳо дар сатҳ ва субъектҳои алоҳида аз ҷониби мақомоти прокуратура таъмин карда мешаванд. Чунончӣ, самтҳои якум, дуюм ва сеюм ба татбиқи қонунҳо ва назорати онҳо дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, татбиқи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд, ашхоси аз озодӣ маҳрумшударо дар бар мегиранд. Мақсади назорати прокурорӣ дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аз таъмини волоияти қонун, ягонагӣ ва таҳкими қонуният, таъмини ҳимояи манфиатҳои қонунан ҳимояшавандаи ҷомеа ва давлат мебошад.

Дар самтҳои назорати иҷрои қонунҳо ба мақомоти прокуратура ваколати истифодаи аз усулҳои татбиқ ва танзими ҳуқуқӣ дода шудааст. Унсури тавсифи принсипи танзими муносибатҳои ҳуқуқии назорати прокурориро чораҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ва тартиби татбиқ намудани онҳо ташкил менамояд. Ин чораҳоро махсус ҳуқуқи прокурорӣ пешниҳод намудааст, ки рафтори муътадили иштирокчиёни муносибати назорати прокурориро таъмин намуда, аз дигар чораҳо аз рӯи характер, намуд ва тартиби татбиқи онҳо фарқ менамояд. Пеш аз ҳама ба тариқи фармоишӣ (императивӣ) чораҳои ҳуқуқии танзимиро қонунгузории прокурорӣ муқаррар намудааст. Масалан, ваколатҳои прокурор оид ба ошкор ва муайян намудани қонунвайронкунӣ, чораҳои эътиноии прокурорӣ нисбат ба он (м. 23 Қонуни конституцсионӣ), ҳатмӣ будани иҷрои талаботи прокурор, оқибати ҳуқуқии иҷро накардани он (м. 8 Қонуни конституцсионӣ) ва ғайра. Сифати фармоишии чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ характери эътиноӣ дошта, ба тариқи ҳатмӣ дида баромадани онро тақозо намуда, вале қонеъ намудани онро аз иродаи объекти назорат ва мақомоти босалоҳият вобаста менамояд[22, с.62-68].

Дар амалияи мақомоти прокуратура нишондодҳои ҳуқуқӣ бо роҳи назорат аз иҷрои қонунҳо ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ, инчунин бартарафсозии ихтилофот бо қонунҳо, ки ҳангоми содир гардидани фармон, ҳалнома, ҳукм, таъйинот ва қарорҳои судӣ рух медиҳанд, татбиқ мешаванд.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки фаъолияти мақомоти прокуратура дар раванди ҳуқуқтатбиқсозӣ ба назари мо ба мунтазам ва марҳилаи муайян тақсим мешаванд. Дар марҳилаи мунтазам, прокуратура ба таври доимӣ назорати риояи қонуҳо ва иҷрои онҳоро ба амалӣ менамояд. Инчунин дар даврахои муайян прокуратура ҳуқуқтатбиққуниро зимни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, таҳқиқу тафтишот ва мурофиаи судӣ амалӣ мегардонад.

Аз омор ва ҳисоботи мавҷуда мақомоти прокуратура назоратро аз болои қабули санадҳои иҷро ва ҳуқуқтатбиқсозии дигар мақомотҳо ҷоннок карда, аллакай чандин қарорҳои ғайриқонуниро бекор кардааст. Мувофиқи

ҳисоботҳои солонаи Прокурори генералӣ ба Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омор пешниҳод карда шудааст: соли 2019 - 73 (85) ҳолати ғайриқонунӣ ва бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 5 (13) ҳолати ғарйриқонунӣ дастгир намудан, 3(8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан ва 5 (8) ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон; соли 2020 - 48 ҳолати ғайриқонунию бармаҳал оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ, 10 ҳолати ғайриқонунӣ дастгир кардан, 6 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҳабс гирифтан, 12 ҳолати ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандон. Дар раванди назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ прокуророн бо 8658 (9886) парвандаи ҷиноятӣ айбдорунии давлатиро дастгири намуданд. Ҳамчунин ҷиҳати бекор ва ё ба қонун мутобиқ намудани санадҳои судӣ 407 эътироз (38 хусусӣ, 149 кассатсионӣ, 220 назоратӣ) оварда шуда, аз онҳо 271 адад қонеъ карда шуданд. Прокуророн ба 9886 парвандаи ҷиноятӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ намуда, ба санадҳои судӣ 368 (446) эътироз, аз ҷумла 24 (45) эътирози хусусӣ, 127 (154) эътирози кассатсионӣ ва 217 (247) эътирози назоратӣ оварданд, ки қонеъшавии онҳо мутаносибан 56, 81 ва 74 фоизро ташкил медиҳад. Бо эътирозҳои прокурорӣ дар маҷмӯъ 294 (267) санадҳои судӣ бекор ва тағйир дода шуданд[57; 58; 59; 60]. Мақомоти прокуратура, нисбати чунин қонунвайронкуниҳо чораҳои қатъии прокурорӣ андешида, ҳуқуқҳои поймолгардида барқарор гардидаанд.

Прокуратура дар пешбурди парванда ва мурофиаҳои судӣ бо мақсадҳои назорати иҷрои қонун, ҳуқуқтатбиққунӣ ва ҳуқуқҳифзкунӣ иштирок менамояд. Тибқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ айбдоркуниро аз номи давлат ба амал бароварда, дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро мутобиқи Кодекси мазкур таъмин менамояд. Прокурор назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ амалӣ менамояд.

Ба ақидаи И.Т. Маҳмудов дар шароити муосир бе иштироки прокурор мурофиаи судии ҷиноятиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Прокурор ягона иштирокчие ҳаст, ки метавонад дар тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ иштирок намуда, барои таъмини қонуният ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиа мусоидат намояд[32, с.254-264].

Дар раванди тафтишот ва пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор қонунгузор ҳуқуқу вазифаҳои муайянро додааст, ки мақсади асосӣ аз онҳо татбиқи бечунучарои меъёрҳои ҳуқуқ дар соҳаи мавҷуда мебошад. Тибқи Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] прокурор дар баробари дигар мақомоти ваколатдор дар раванди тафтишот чунин вазифаҳои мушаххас доранд: барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд; ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам ованд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд; дар доираи салоҳияти худ ҳангоми ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, барои муқаррар намудани ҳодисаи ҷиноят шахси онро содиркарда бояд чораҳои пешбининамудаи қонунро андешида, дар сурати мавҷуд будани далелҳои кофӣ маводи парвандаи ҷиноятиро ба баррасии суд пешниҳод намоянд; салоҳияти худро тибқи талаботи қонун ва қатъи назар аз ҳар гуна мақомот ва шахси мансабдор анҷом медиҳанд; ҳангоми мавҷуд будани асосҳои пешбинишуда, вазифадор аст аз иштирок дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ даст кашад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Зеро мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, рафти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ имконияти васеи маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои конституцсионии инсон ва шаҳрванд ҷой дорад[34, с.334].

Қонун ҳуқуқҳои прокурорро дар баробари таҳқиқбаранда, муфаттиш, суд барои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар раванди пешбурди парванди ҷиноятӣ ва мурофиа муайян кардааст:

сарфи назар аз мавқеи ҷабрдида, таъқиби ҷиноятиро оид ба айбдоркунии хусусӣ ва хусусӣ-умумӣ анҷом диҳад (моддаи 24); ҳангоми мавҷуд набудани аризаи ҷабрдида, агар парвандаи ҷиноятӣ маҳз тибқи аризаи ӯ оғоз гардад, ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 147 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба прокурор ҳуқуқ дода шудааст бе аризаи ҷабрдида парвандаи ҷиноятӣ оғоз намояд (моддаи 26); дар маҷлиси суд ҳуқуқи иштирок карданро доранд; дар доираи салоҳияти муқаррарнамуда оид ба бекор кардан ё тағйир додани санади қабулкардаи суд ба суди болоӣ эътироз оварад; бо асос ва тартиби пешбининамудаи қонун то лаҳзаи ба хонаи машвараті барои баровардани ҳукм даромадани суд аз таъқиби ҷиноятӣ ва айбдоркунӣ даст кашад; дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро аз пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ пурра ё қисман озод кунанд.

Ҳамчунин прокурор тибқи моддаи 150 КМҶ ҶТ назоратро ҷиҳати қонунӣ будани оғози парвандаи ҷиноятӣ амалӣ гардонида, муҳлати баррасии ариза ё итттилоотро дароз менамояд, қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфтатиш ё прокурорипоёниро дар хусуси рад намудан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор карда, маводро барои санҷиши иловагӣ ирсол менамояд.

Дар баробари дигар мақомоти давлатӣ муҳим будани иштироки прокурор дар мурофиаҳои ҷиноятӣ ва граждани ба омилҳои муайян вобастагӣ дорад. Ба андешаи И.Т. Маҳмудов омилҳои асосие, ки дар шароити кунунӣ ногузир иштироки прокурорро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯйи кор меоранд, инҳо хусусияти оммавӣ доштани мурофиаи ҷиноятӣ, зарурати таъмини қонуният дар мурофиаи ҷиноятӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои иштирокчиёни мурофиа ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи судӣ мебошанд. Бинобар ин иштироки прокурор дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳамеша аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти прокуратура боқӣ мемонад[32, с.54-264].

Тибқи қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои назорати риоя ва иҷрои қонунҳо ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ прокурор дар мурофиаи граждані иштирок намуда, ба қарору хулосаҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқиро талаб менамояд.

Тибқи талаботи моддаи моддаи 47 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, гурӯҳи номуайяни шахсон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ ё ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза муроҷиат кунад. Аризаро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон прокурор метавонад танҳо дар ҳолате пешниҳод намояд, ки агар шаҳрванд вобаста ба вазъи саломатӣ, синну сол, ғайри қобили амал будан ва дигар сабабҳои узрнок натавонад худаш ба суд муроҷиат кунад.

Прокуроре, ки ариза пешниҳод намудааст, аз тамоми ҳуқуқҳои мурофиавии даъвогар истифода бурда, ҳамаи уҳдадориҳои мурофиавии даъвогарро ба зимма дорад, ба истиснои ҳуқуқ барои бастани созиши оштӣ ва уҳдадориҳои пардохти хароҷоти судӣ. Дар сурати даст кашидани прокурор аз ариза, ки барои ҳифзи манфиатҳои қонунии дигар шахс пешниҳод шудааст, моҳиятан баррасӣ намудани парванда давом дода мешавад, агар ин шахс дар бораи даст кашидан аз даъво ариза пешниҳод накарда бошад. Дар ҳолати даст кашидани даъвогар аз даъво суд баррасии парвандаро қатъ менамояд.

Мувофиқи банди 3-юми моддаи 47 прокурор дар баррасии парвандаҳо вобаста ба манзил, замин, эътирофи ҳуқуқи моликият, барқарор намудан ба ҷои кори пештара, ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатӣ расонидашуда, муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқидошта, аз ҳабс озод намудани молу мулк, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонун ҳатман иштирок менамояд ва хулоса медиҳад. Ҳозир нашудани прокурор ба маҷлиси судӣ, ки аз вақту маҳалли баррасии парванда огоҳ карда шудааст, ба муҳокимаи парванда монеа шуда наметавонад.

Прокурор, муовини якум ва муовинони ӯ ҳуқуқ доранд, ки дар доираи ваколаташон парванда ё гурӯҳи парвандаҳоро, ки бо онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, бо мақсади таҳлил ва ҷамъбасти фаъолият дар самти таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз суд талаб карда гиранд. Дар сурати муайян намудани он, ки фармон, ҳалнома, таъинот ё қарори суд ғайриқонунӣ ё беасос аст, прокурор тадбирҳои дахлдорро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ менамояд

Аз ин ҷо бармеояд, ки қонунгузории мурофиавӣ барои прокурор ваколатҳо дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳам шаҳрвандон ва ҳам давлатро пешбинӣ кардааст.

Субъектони парвандаҳои граждани аз ҳисоби мақомоти прокуратура муайян шуда, дар асоси талаботи моддаи 375 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон агар прокурор ҳамчун шахси иштирокчии парванда бошад ва инчунин аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби назоратӣ эътироз пешниҳод гардида бошад, дар маҷлиси судӣ иштирок мекунанд: Прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, прокурорҳои вилоят, прокурори шаҳри Душанбе ва ё муовинони онҳо - мутаносибан дар Раёсати суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе; Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои оилавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар моддаи 365 бандҳои 3-4 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи ҳамаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои қарорҳои Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд. Прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо нисбат ба санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, ба истиснои қарорҳои раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, мувофиқан ба марҳилаи назоратии ин судҳо эътирози назоратӣ пешниҳод менамоянд. Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони онҳо метавонад парвандаро, ки санади судии аз рӯи он қабулшуда эътибори қонунӣ пайдо кардааст, бо мақсади баррасӣ намудани масъала оид ба пешниҳоди эътирози назоратӣ аз суди дахлдор талаб намояд[2].

Дар баробари иштирок дар марҳилаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, мақомоти прокуратура дар ҳамчуни барои татбиқ шудани ҳама тарафҳои парванда дар марҳилаи то судӣ низ иштирок мекунад. Чунин самти фаъолияти прокуратура барои назорати риояи меъёрҳои қонун ҳамчунин баровардани қарорҳои қонунӣ аз ҷониби дигар мақомоти тафтишотӣ равона мегардад. Чуноне, ки Сарвари давлат дар яке аз суханронҳои худ қайд мекунад: «...Мақомоти прокуратураро зарур аст, ки назорати риояи қонунро дар марҳилаҳои тосудӣ, алалхусус, ғайриқонунӣ оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ ва беасос ба ҷавобгарӣ кашидани одамон, сифати пасти тафтиши парвандаҳо ва риоя нагардидани муҳлати тафтиш боз ҳам пурзӯр карда, ҳолатҳои беасос кашол додани тафтиш ва аз ҷониби таҳқиқбарандагону муфаттишон бидуни зарурат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даъват кардани шаҳрвандонро пешгирӣ намояд»[48].

Мақомоти прокуратура фаъолияти ҳуқуқтабиққуниро дар чунин сатҳҳо ба роҳ меандозад: муқаррар кардани ҳолатҳои воқеии ба ҳуқуқтатбиққунӣ алоқаманд; интихоби меъёри ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳалли масъала; санҷиши қувваи ҳуқуқӣ ва шарҳи меъёри мазкур; баровардани санади ҳуқуқтатбиққунӣ; назорати иҷроиши санади ҳуқуқтатбиққунӣ. Дар марҳилаҳои зикршуда усулҳо, воситаҳо ва механизмҳои махсус барои ҳуқуқтатбиққунӣ аз ҷониби прокурорҳо ва шахсони мансабдори мақомоти прокуратура истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, мақомоти ҳуқуқтабиққунӣ намуди мақомоти давлатист, ки тавассути он муносибатҳои марбут ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа аз ҷониби субъектони ваколадор ба роҳ монда мешаванд. Аз рӯи таснифҳои зиёди илмӣ вобаста ба мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ҷудо карда мешаванд. Айни ҳол тибқи мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, аз ҷумла мақомоти судӣ, прокуратура, ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсони мансабдори онҳо ҳамчун мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда маҳсуб меёбанд.

Прокуратура миёни мақомотҳои давлатӣ ҳамчун институти асосӣ ва марказии ҳуқуқтатбиққунанда ба шумор рафта, фаъолияти асосии он ба назорати иҷрои меъёрҳои қонун равона карда шудааст. Дар баробари ҳуқуқтатбиққунӣ прокуратура инчунин вазифаҳои ҳуқуқҳифзкунӣ ва ҳуқуқэҷодкуниро ба амал мебарорад, ки объекти омӯзиши таҳқиқоти алоҳида мебошанд. Дар самти ҳуқуқҳифзкунӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки вазифаи онро назорати иҷрои ҳуқуқи шаҳрвандон ба заминистифодабарӣ, назорати иҷрои ҳуқуқи шаҳврндон ба ҳимоя аз тероризм ва ифротгароӣ, мубориза алайҳи табодули ғайриқонуни маводи нашъаовар ва ғ. ташкил медиҳад.

Татбиқи пурраи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо аз ҷониби давлат ба танҳоӣ имконнопазир аст. Дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ ва амалигардонии дигар вазифаҳои худ прокуратура ҳамкориро бо мақомоти давлатӣ ва сохторҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад. Барои беҳтар намудани татбиқи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳз ҳамкории байналмилалии прокуратура зарур аст.

Дар таҳқиқоти таҳлилгарон оид ба масъалаи ҳамкории байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ки аз ҷониби Прокуратураи генералии ИДМ ягон созишнома дар бораи додани ҳуқуқ ба прокурорҳои давлатҳои аъзо оид ба ҳамкории мутақобила дар бораи татбиқи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз руи тобеият баста шавад. Фармони Прокуратураи генералӣ, ки ҳуқуқи иҷрои Созишномаро оид ба муқаррар намудани робитаҳои бевоситаи корӣ бо прокуратураҳои дахлдори давлатҳои аъзои ИДМ медиҳад, қабул карда шавад[55, с.59-62].

Мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳуқуқтатбиққунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калон дошта, бевосита дар ин раванд иштирок менамояд. Тибқи қонунгузорӣ ба мақомоти прокуратура ваколат ва доираи васеи муносибатҳо дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ дода шудааст. Зимни таҳлили фаъолият ва самтҳои мақомоти прокуратура он аз рӯи чунин нишонаҳо ҳамчуни мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ба шумор меравад:

1. Мақомоти прокуратура ягона мақомоти давлатӣ аст, ки функсияи назорати иҷроиши дақиқи қонунҳоро амалӣ менамояд. Фаъолияти назорати мақомоти прокуратура дар се самти зерин амал менамояд: назорати риоя ва иҷрои қонунҳо дар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ ва ғайридавлатӣ; назорати иҷрои қонунҳо дар раванди мурофиаи судӣ; бартарафсозии мухолифатҳо ба қонунгузорӣ, ки дар асоси санадҳои судӣ ва дигар санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасанд.

2. Мақомоти прокуратура дар фаъолияти худ мустақил буда, тобеъи ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ намебошад. Дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ низ фаъолияти худро бе дахолати мақомоти дигари давлатӣ амалӣ мегардонад.

3. Мақомоти прокуратура санҷиши мунтазамро оид ба предмети қонунияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегузаронад, ки ба масъалаҳои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд алоқаманданд.

4. Санадҳои эътиноии мақомоти прокуратура раванди ҳуқуқтатбиққуниро танзим менамоянд.

5. Мақомоти прокуратура вазифаи пешгирикуниро дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ амалӣ менамояд. Аз ҷумла, санадҳои беасос ва ғайриҳуқуқиро мақомоти прокуратура бекор менамояд, қонуншиканӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳоро дар мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ пешгирӣ намояд. Санадҳои ҳуқуқии ғайриқонунӣ ба давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон зарари калон оварда, ба халалдорсозии ҳуқуқтатбиққунӣ оварда мерасонанд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва воҳидҳои марзӣ маъмуриро поймол мекунанд. Дар ин раванд, мақомоти прокуратура бояд вобаста ба бекорсозии чунин санадҳои ҳуқуқӣ тадбирҳо андешида, фавран чорабӯӣ намояд. Дар бисёр мавридҳо бо ворид гардидани муроҷиат ё аризаҳо прокурор ва дигар мақомоти назоратӣ амал мекунанд. Вале барои пешгирӣ аз чунин ҳолатҳо аз ҷумла, содир кардани санадҳои ғайриҳуқуқӣ, сохтакориҳо ва дигар ҳолатҳое, ки ба татбиқи ҳуқуқ монеъ мегарданд, прокуратура бояд мустақиман ва фавран амал кунад.

6. Мақомоти прокуратура вазифаҳои иттилоотӣ ва тарбиявиро амалӣ мегардонад, ки он низ ба татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Он ба воситаи иттилоотонӣ мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ҳамчунин аҳолиро дар хусуси ҳолати қонуният огоҳ намуда, баромадҳо тариқи ВАО,

ҳамкорӣ бо институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаббусҳо вобаста ба маърифати ҳуқуқӣ ва фаҳмондадиҳии қонунгузориро ба роҳ мемонад.

7. Барои самаранок гардидани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ бо мақомоти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ҳамкорӣ менамояд. Дастрасӣ ба маълумот, гузаронидани таҳлилҳо ва ғайра василаҳое мебошанд, ки имконияти бештар дар раванди ҳуқуқтатбиққунӣ ба прокуратура фароҳам меоваранд.

8. Дар раванди фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти прокуратура ваколатҳои васеъ дорад, ки он аз назорати иҷрои қонунҳо ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ҳамаи сатҳҳои давлатӣ ва ҷамъитӣ иборат аст.

Барои рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии мақомоти прокуратура зарур аст, ки мақомоти прокуратура назорати иҷрои қонунҳо ва ҳуқуқтатбиқуниро пурра дар се шохаи ҳокимияти давлатӣ ва институтҳои ғайридавлатӣ таъмин намояд, ба мақомоти прокуратура «назорати олӣ» ҳамчун нишонаи асосии фарққунандаи он аз дигар мақомоти давлатии назоратӣ эътироф шавад, мустақилияти қонунии мақомоти прокуратура ва принсипи «марказонидашуда» таъмин гардад ва ниҳоят ҳамкорӣ ва ҳамгироии мақомоти прокуртура дар самти ҳуқуқтатбиққунӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ бахусус бо мақомоти судӣ ба роҳ монда шавад.

Мукарриз: д.и.ҳ., профессор Нематов А.Р.

ОРГАНЫ ПРОКУРАТУРЫ В ПРАВОПРИМЕНИТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ключевые слова: прокуратура; Республика Таджикистан; правоприменение; теории; законодательство; государственная власть; субъект; прокурорский контроль.

Аннотация: Правоприменительная деятельность – это вид государственно-правовой деятельности, которая осуществляется уполномоченными органами. Вопрос о правоохранительных органах или субъектах является предметом научных дискуссий, и до сих пор отечественными и зарубежными учеными высказывались разные мнения и классификации. В данной статье рассмотрены различные научные теории отечественных и зарубежных ученых о понятии, сущности и признаках правоприменения. Также автор проанализировал роль и влияние прокуратуры в правоприменительной системе Республики Таджикистан и доказал, что прокуратура является одним из основных субъектов правоприменения и реализует правоприменительный процесс в различных сферах своей деятельности.

Набизода Наби Мирзонаим - соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. E-mail: nabi.nabizoda1974@mail.ru, Тел.: (+992) 935-40-50-05.

PROSECUTOR AUTHORITIES IN THE LAW IMPLEMENTATION SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Keywords: prosecutor; Republic of Tajikistan; law enforcement; theories; legislation, state power, subject, prosecutorial control.

Annotation: Law implementation is a type of state and legal activity that is carried out by authorized bodies. The issue of law implementation authorities or subjects is the subject of scientific debate, and so far different opinions and classifications have been expressed by domestic and foreign scientists. In this article, various scientific theories of domestic and foreign scientists about the concept, essence, and signs of law implementation have been discussed. Also, the author analyzed the role and influence of the prosecutor's office in the law enforcement system of the Republic of Tajikistan and proved that the prosecutor's office is one of the main subjects of law implementation and implements the law implementation process in various areas of its activity.

Nabizoda Nabi Mirzonaim - applicant of the Institute of philosophy, political science and law named after A.Bakhovaddinov of the National Academy of sciences of Tajikistan. E-mail: nabi.nabizoda1974@mail.ru, Tel.: (+992) 935-40-50-05.

Рӯйхати адабиёт:

1. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйироту иловаҳо аз 22 майи соли 2016. – Душанбе: Ганҷ. 2016. – 126 с.;

2. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314;

3. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ((Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012, №4, мод. 259, №7, мод. 714, №8, мод. 815, №12, қ.1, мод. 1020, мод. 1025; с. 2013, №7, мод. 510, мод. 511; с. 2014, №3, мод. 142, №11, мод. 643; с. 2015, №11, мод. 950; с. 2016, №3, мод. 128, №5, мод. 357, №7, мод. 610, мод. 611; с. 2017, №1-2, мод. 4; с. 2018, №5, мод. 267; с. 2019, №1, мод. 3; с. 2020, №7-9, мод. 602, мод. 608; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2021, №1755);

4. Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 398; с. 2006, №3, мод. 141; с. 2007, №5, мод. 350. №7, мод. 652; с. 2008, №12, қ. 1, мод. 981; с. 2009, №5, мод. 314; с. 2011. №3, мод. 150, №6, мод. 428; с. 2012, №8, мод. 810; с. 2013, №7, мод. 497, мод. 498,№12, мод. 876; с. 2014, №3, мод. 139, №12, мод. 820; с. 2016, №3, мод. 125; с. 2017, №5, к.1, мод. 267; с. 2019, №6, мод. 308);

5. Низомнома дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008 таҳти №543 тасдиқ шудааст. Захираи электронӣ: Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии «Адлия». Санаи мурочиат: 27.03.2023;

6. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 августи соли 2015, № 539. Захираи электронӣ: Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии «Адлия». Санаи мурочиат: 27.03.2023;

7. Агутин А.В. Консепсия ва мақсадҳои назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо ҳангоми боздоштан ва барқарор намудани тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқ // Масъалаҳои актуалии тафтишоти пешакӣ: назария ва амалия. – М.: Москва. Донишгоҳи Вазорати корҳои дохилии Русия ба номи. В.Я. Кикотя, 2019;

8. Байдина, О.Ю.Намудҳои баҳсҳои интихоботӣ [Матн] / О.Ю.Байдина, В.Г.Бессарабов // Масъалаҳои иқтисод ва ҳуқуқ. – 2013. – № 4. – С.12–16;

9. Бобохонов Б., Исоев М. Прокуратура дар давраи истиклолияти давлатӣ. – Душанбе, 2007;

10. Буризода И.Б. Баъзе проблемахои муайян кардани мафхум ва субъектхои фаъолияти хифзи хукук (назария дар асоси мисоли амалияи Точикистони пеш аз шуравй) // Самаранокй татбики хуукук хамчун омили такими коуният ва тартиби хукуки. Конфронси Маводхои илмию назарияви (ш. Душанбе, 14 июни 2022). Академики Зери таҳрир Фарҳод Раҳимӣ, президенти Академияи Миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2022;

11. Веркиенко Л.В. Татбиқи қонун аз ҷониби мақомоти иҷроияи Федератсияи Русия. Diss. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Москва, 2002. – 163 с.;

12. Винокуров А.Ю. Назорати прокурорӣ: китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – М.: Олӣ, 2005. – 460 с.;

13. Волколупов Е.В. Назорати прокурорӣ ҳамчун кафолати таъмини қонунияти санадҳои ҳуқуқӣ. Рисолаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Саратов, 2003. – 183 с.;

14. Гайниев Л.С. Институти татбиқи қонун дар системаи адлияи муосири Русия (ҷанбаҳои умумии назариявӣ, техникӣ ва ҳуқуқӣ). Тезис. – Қазон – 2019. – 193 с.;

15. Герасимова Н.П. Муайян намудани ҳолатҳои воқеии парванда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ. Diss. Доктори фанхо қонунӣ Илм. – М.: РСЛ, 2003. – 196 с.;

16. Григонис П.Г. Органхои хифзи хукук. – Петербург: Пётр, 2001. – С.126. Амирбеков Қ.И. Ҳамкории Прокуратураи Федератсияи Россия бо институтҳои ҳукумат ва ҷомеа // Адлияи Русия. – 2018. – № 8. – С. 4-7.;

17. Диноршо А.М. Асосҳои конституцсионии тақсимоти ваколатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007;

18. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2007;

19. Изместиева Е. М. Субъектҳои фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар шароити ғайримарказикунонии танзими ҳуқуқӣ дар Русия. Рисолаи номзадӣ қонунӣ Илм. – Саратов – 2015;

20. Искандаров З. Прокуратура ва хифзи давлатии хукуку озодихои инсон ва шахрванд дар мурофиаи чиноятї // Давлат ва хукук. – Душанбе, 2005. – № 2. — С. 38-52;

21. Искандаров З.Х.Прокуратура ва хифзи давлатии хукуку озодихои инсон ва шахрванд // Давлат ва хукук. – Душанбе: 2005, № 3. - с. 68-75;

22. Искандаров З.Ҳ. Ҳуқуқи прокурорӣ чун соҳаи ҳуқуқ: матлаб ва усули батанзимдарории он // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – №2 (10) 2018. ISSN 2414 9217. – С. 62-68;

23. Таърихи пайдоиш ва инкишофи прокуратураи Точикистон. Манбаи электрон: https://prokuratura.tj/ru/history-2.html. Санаи муродиат: 25.03.2023;

24. Казарина А.Х. Проблемахои назариявї ва амалии назорати прокурорї ба ичрои конунхои иктисодї: дис. ...доктори илми ҳуқуқ. Илмҳо: 12.00.11. – М., 2009;

